# Илм ва Ҷомеа

**Маҷаллаи академии илмию оммавӣ**

**№1 (5), 2017**

Маҷалла 17 декабри соли 2015 аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст ва дар як сол чор маротиба нашр мешавад.

**Муассис:** Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Сармуҳаррир:** Нозим Нурзода
**Котиби масъул:** Фирдавс Ниёзӣ

**Ҳайати мушовара:** Фарҳод Раҳимӣ, Абдуҷаббор Раҳмонзода, Талбак Назаров, Мӯсо Диноршоев, Саидмурод Фаттоҳзода, Собит Неъматуллоев, Пӯлод Бобоҷонов, Комил Бекзода, Ёрмаҳмад Ниёзов.

www.ravshanfikr.tj

# ФЕҲРИСТИ МАВЗӮЪҲО


## ФАРҲАНГИ НАВРӮЗӢ ВА ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ

**Шерзот Абдуллозода.** *Ҷашни Наврӯз чӣ гуна бояд бошад?*................ 4

**Нозим Нурзода.** *Наврӯзи Ҷамшедӣ - ҷашни ҳувиятсозӣ*.................... 14

**Меҳр Собириён.** *Чаҳоршанбесӯрӣ-маросими наврӯзӣ*........................ 24

## ОЯНДАШИНОСИИ РАВАНДҲО ВА ХАТАРҲОИ ҶАҲОНИ МУОСИР

**Искандар Асадуллаев.** *Не априорное знание, а знание-вера. Мир по Канту и мир по Гегелю*...................................................................... 29

**Ёрмуҳаммад Ниёзӣ.** *Муҳтавои бархӯрди тамаддунҳо ва таъсири он ба ҷомеаи тоҷик*........................................................................... 38

**Нуриддин Шаҳобиддинов.** *Нафс ва огоҳӣ* (ҷавоб ба мақолаи М.Шарифов “Нафс ва Истиқлол” //Озодагон №50 (455) 28 декабри соли 2016; №01 (456) 05 январи соли 2017).......................... 49

## ҶАҲОН АЗ НИГОҲИ ДИГАР

**Ҷаҳон аз нигоҳи равшанфикрӣ** (*мусоҳиба бо файласуфи муосири тоҷик, устод* **Комил Бекзода**)......................................................... 88

## МАОРИФПАРВАРӢ ВА ҶАҲОНБИНИИ АЛТЕРНАТИВӢ

**Олимҷон Хоҷамуродов.** *Мaориф - ҷузъи таркибии фарҳанги миллӣ (гузориши масъала)*.................................................................... 100

**Тоҷиддин Мардонӣ.** *Хуҷанд ва Камоли Хуҷандӣ аз назари Абдурраҳмони Ҷомӣ*....................................................................... 107

**Ҳафиз Бобоёров.** *Шинохти образҳои бадеӣ ва маънои фалсафии онҳо дар “Чунин гуфт Зардушт”-и Фридрих Нитше*....................... 116

**Фирдавс Мирзоёров.** *Жанрҳои нутқ дар таълими забони модарӣ*...... 133

*Таърихи андешаи Худопарастӣ аз нигоҳи як равшанфикр* (таҳиягар ва омодасоз **Исомиддин Шарифзода.**)............................................. 144

## БОЗЁФТҲОИ ҶАВОНОН

**Номвар Қурбонов.** *Макотиби илмии пасазистиқлолии физика*.......... 176

**Қурбониён Меҳрдод.** *Қуввати мағриб аз илму фан аст*..................... 183

**Дидавар Бекзода.** *Чаро инсон худкушӣ мекунад?*.............................. 189

**Иброҳимов А.А., Раҳматуллоева Ф.Ҷ.** *Тақвими муосир ва хатогии он.* 195

## АДАБ ВА ҲУНАР

**Саидзода Ҷамолиддин**. *Шоҳномахонӣ ва шоҳномадонӣ*..................... 200

**Маҳина Ниёзова.** *Абӯалӣ Ибни Сино – соҳир ё донишманд дар нақлу ривоятҳои мардумӣ*............................................................. 210

**Комил Бекзода.** *Ҳамёни бесоҳиб (Ҳикояи фалсафӣ)*........................ 220

# ФАРҲАНГИ НАВРӮЗӢ ВА ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ



*Шерзот Абдуллозода* / *исломшинос*

## ҶАШНИ НАВРӮЗ ЧӢ ГУНА БОЯД БОШАД?

Ҷанши Наврӯз дар таърихи фарҳангу давлати мо, дар гузашта ва имрӯз низ, мақому мавқеи ниҳоят баланд дорад ва яке аз рукнҳои ҳувияти миллӣ ва шуури таърихии мо мебошад.

Наврӯзи Аҷам аз ҷумлаи қадимтарин иду ҷашнҳои башар мебошад. Идҳо яке аз муҳимтарин падидаҳои фарҳангӣ мебошанд, ки ҷиҳати таҷлили падидаҳо, рӯйдодҳо, санаҳо ва рӯз ё рӯзҳои муҳими таърихӣ ё фарҳангии муайяне вобаста ба ин ё он муносибат аз тарафи мардум, гузаштагони ин ё он халқу миллат қабул ва таъйин шудаанд. Идҳо дар заминаи ниёзҳои иҷтимоии муайян ба вуҷуд омада, дар ҷомеа нақшу вазифаи мушаххасе доранд ва аксаран унсури муҳими шуури таърихии миллатро ташкил медиҳанд. Аз лиҳози пайдоиши худ идҳо таърихи хеле қадим дошта, бо ин ё он устура, сеҳру асрор, дин ё фаъолиятҳои истеҳсолӣ, ҷаҳонбинӣ ва тарзи зиндагии одамон вобастаанд.

Аз ин нуктаи назар иди Наврӯз яке аз ҳаётитарин ва воқеитарин идҳо ва маросимҳо дар тамаддуни башар аст, чун вобастагии бевосита ба зиндагии воқеӣ, яъне ивазшавии мавсими сол ва дақиқтарин тақвими башарӣ, тақвими шамсӣ ва табиитарин ангезаи равонии инсон шодиву сурур аз оғози баҳори хуррам, эҳёи табиат, мавсими зебоиву навҷавонии табиатро дорад.

Моҳиятан, идҳо вазифаи таъмини эҳтиёҷоти эстетикию маънавӣ, омили шодиву хурсандӣ, лаҳзаҳои истироҳату фароғат ва ҷиҳатҳои тарбияи маънавию ахлоқиро доранд, ки дар ин маврид низ Иди Наврӯз ҷавобгӯ ба ҳамаи ин ниёзҳои башар аст.

Маҳз аз ҳамин ҷиҳат инсоният дар ҳама фарҳангҳо ва ҳама миллатҳо ҳангоми тадорукоти баргузорӣ ва омодагӣ ба идҳо диққату таваҷҷуҳи хоса доштаанд. Барои таҷлили бошукӯҳи идҳо пеш аз ҳама кӯшиш мешавад, ки ҷиҳатҳои эстетикӣ-зебо ва зебоиписанд, эҳсоснавозӣ ва эҳсоспарварии онҳо дар madди назар бошад ва ин хусусиёти идҳо зимни маросимҳо зоҳир мегарданд. Барои ба даст овардани ин мақсад шаклҳои гуногуни санъату ҳунарро метавон истифода кард. Маросимҳои наврӯзӣ бояд диданӣ, дорои таассуроти амиқи равонэҳсосӣ, омехта бо аносири намоишҳои саҳнавӣ-карнавалӣ ва ҷорачӯиҳои хурсандиовар ва фараҳбахш, ҳамроҳ бо истироҳату фароғат бошад, то дар хотироти мардум дер гоҳе бимонад.

Тоҷикистон кишвари соҳибистиқлол гардид. Мо дар қатори миллатҳову давлатҳои ҷаҳон ҳамчун як миллати дорои тамаддуни куҳан дохил шудем ва ҷойгоҳ пайдо намудем. Ин вазъу мақоми волои ҷаҳоние, ки кишвари мо касб карда аст, моро водор мекунад, ки ба ҷаҳониён ғановати фарҳангии худро нишон диҳем ва фарҳанге ҳампояи фарҳанги дигарон дошта бошем. Ин пуштувонаи ифтихор ва сарбаландии мо дар байни миллатҳо ва давлатҳои дигар хоҳад буд. Асли ифтихори ҳар миллат анъанот ва суннатҳои асили милливу фарҳангии ӯст. Суннат ва унсурҳои фарҳанги воридотӣ, аслан бегона ба фарҳанги миллӣ буда, нишондиҳандаи асолати миллии ҳеҷ миллате шуда наметавонад.

Мутаассифона, мо дар асри гузашта як давраи азхудбегонагӣ, ҳолати наздик ба ассимиларо аз сар гузаронидем, ки ҳанӯз ҳам асари он пурра аз байн нарафтааст ва боқимондаҳои он дар замони пас аз истиқлол низ ба равшанӣ мушоҳида мешавад. Баъзан он шӯру ҳаяҷон ва хушҳоливу фараҳе, ки дар идҳои воридотии динӣ ва шаҳрвандӣ аз замони пеш аз истеъмор ва истеъмор боқимонда дорем, дар иду ҷашнҳои миллии худӣ надорем. Ҳанӯз давраи тӯлоние раҳоӣ аз афсуни истеъмор баромадан (ба истилоҳи худашон деколонизатсия)-ро бояд гузашт, то аз хумори он ба ҳуш оем. Аммо ин маънии онро надорад, ки иду маросимҳои нав дар зиндагии мо набошанд, баргузории ҷашну хурсандӣ ва вуҷуди ҳаргуна иде хуш аст. Чунон ки мардуми мо мегӯянд: «Худовандо!, ҳар қадар тавонӣ шодиро бидеҳ, ғаму андӯҳ надеҳ!». Табиист, ки баъзе идҳо дар ҳафтод соли таърихи гузаштаи мо дар зиндагии мо васеъ роҳ

ёфтан ва ҷорӣ шуданд ва аз ин тариқ миллати мо ба фарҳанги васеътаре пайваст, ки ҷуз хубӣ ва манфиат зараре надорад. Яке аз чунин ҷашнҳо ҷашни Соли Нав, ҷашни Рӯзи байналмилалии занон (ё Рузи Модар) ва ғайра ба тақвими мелодӣ мебошад. Бигзор ин ҷашн низ ба ҳамон сатҳе, ки ҳаст бошад. Аммо манзур аз oнчи гуфтем ин аст, ки дар баробари ин ва пеш аз ҳама ба таҷлилу ҷалол бахшидани иду суннатҳои миллӣ ва шаҳрвандии худ низ бикӯшем, чунки онҳо беҳтарин нишонаҳои миллияти мо ҳастанд ва симои воқеии фарҳанги моро равшан мекунанд.

Ҳадафи ин мақола, қабл аз ҳама таваҷҷуҳи дастгоҳи ҳокимият ва сипас ташкилотҳои ғайридавлатии ҷамъиятӣ ва пасон мардумро ба аҳамияти ин масъала ҷалб карда аст.

Аввалан, мавриди сипосу шукргузорӣ аст, ки дастгоҳи ҳокимият ва ҳатто ҷомеаи ҷаҳонӣ дар симои ЮНЕСКО Иди Наврӯзро расман ҳамчун рукни муҳими тамаддуни башарӣ дар қатори идҳои дигар эътироф намуданд ва чунон ки таърихан ҳам будааст, онро ҳамчун ба як рукни муҳими тамаддуни давлатдорӣ ва нишонаи миллият қабул доранд. Аз ин рӯ, омодагӣ ва таҷлили ҳарсолаи онро ҳамчун яке аз барномаҳо ва корҳои давлатӣ ба нақша гиранд ва аксар аз ин дар фикри ғановату тозаги бахшидан ба он мебошанд.

Ҳар насле таърихан муваззаф аст, ба он чи ниёгон мерос гузоштаанд. чизе биафзояд ва ҳар ҷо ки лозим аст, такмил диҳад. Аз ин рӯ давлати тозабунёди тоҷик баъди ҳазор сол, бо таваҷҷуҳ ба вазъи имрӯзааш, қодир ва мувазаф аст, барои шукӯҳу ҷалоли бештар бахшидан ба Иди Наврӯз, ин иди соф миллию ориёии худ ва аксар аз ин иди халқҳои дар қаламрави Тоҷикистони таърихӣ сукунат дошта, бикӯшад, ки ба он ғановату зебоӣ ва шукӯҳу сурури бештаре бахшад.

Ҳар насл ба тарзи табиӣ дар заминаи суннатҳои ниёгон ба воя мерасад ва рушду камол меёбад, вале чунин нест, ки суннатҳо доиман билотағйир боқӣ бимонанд, балки ҳар насле ба он чизе зам мекунад ё такмил медиҳад. Мо имрӯз, назар ба наслҳои гузашта, дастрасӣ ва имконоти фаровон ба тамаддуни ҷаҳонӣ ва шиносоӣ бо фарҳангу тамаддуни ҳар як хулқу миллати дунёи мутамаддини имрӯза ва тамаддунҳои гузаштаро дорем. Тамаддуни иттилоотии муосир фосилаҳоро кӯтоҳ, марзу сарҳадотро аз байн мебардорад ва ба тадриҷ тамоми кураи Заминро ба як деҳаи калоне табдил шудан дорад, ки ҳар субҳи

содиқ ҳар як аҳли ин деҳа ҳамоно аз хоб баланд шуд, имкон дорад бидонад, ки дар нуқоти гуногуни дурдасту наздики он чи ҳодиса аст ва чи мегузарад. Мо натанҳо мешунавем, балки мебинем, ки масалан, халқу миллатҳои дигар чи гуна соли нави худро ҷашн мегиранд, чигуна ифтихор доранд, чигуна шаҳрҳои худро дар ин рӯзҳо оро медиҳанд, чӣ маросимҳое тадорук дидаанд ва зимни ин дидор худро бо мардуми Шарқу Ғарб муқоиса мекунем. Масалан, мебинем, ки мардуми Ҳинду Чин, Африқову Аврупо чигуна соли нави худро таҷлил мекунанд, чигуна мардуми ин кишварҳо суннатҳои худро дӯст доранд.

Таъсирбардорӣ ва таъсирпазирии созанда ҳамеша гарави пешрафти миллатҳо будааст ва маъруфтарин шахсиятҳои фарҳанги навини башар ин амалро тавсия кардаанд. Масалан, пешоҳанг ва сардафтари илму фалсафаи навини Аврупо Фрэнсис Бэкон дар яке аз асарҳои худ бо номи «Атлантидаи нав» ҷомеаи ормонии худро дар ҷазираи дурафтодае тасвир карда аст. Дар ин ҷазира яке аз корҳои ибратбахш он мебошад, ки олимон ва ё расулони ин ҷазира дар тамоми гӯшаву канори кишварҳои маъруфи он замон сафар карда, маълумоти муфиди илмию фарҳангӣ гирдоварӣ мекунанду ба кишвари худ меоаранд. Онҳо тиллову нуқра не балки илму фарҳангро бар ивази тиллову нуқрае, ки аз ин ҷазира-«мадинаи фозила» мебаранд, ба даст меоранд ва ба кишвари худ интиқол медиҳанд. Воқеан пайравӣ аз ҳамин тавсияҳои Ф.Бэкон, сардафтари илми Аврупо буд, ки аврупоиён ба ин ҳама дастовардҳои илмию техникӣ ва технологӣ даст ёфтанд ва илмро чунон ки Бекон даъват карда буд ба қудрат табдил доданд.

Ин нуктаро барои он таъкид намудам, ки аввалан, дар ҷашнгирии Иди Наврӯз ҳанӯз бисёр маросиму анъанаҳо ҳастанд, ки мо онҳоро дар солҳои мамнуъияти он фаромӯш кардем ва имрӯз зарурат ба омӯзиши илмии таърих ва анъаноти наврӯз зиёд аст. Дар кори зинда кардани анъанаҳои фаромӯшуда омӯзиши таҷрибаи кишварҳои ҳамсоя ва халқҳои ҳамфарҳанг низ барои мо аз аҳмият холӣ нахоҳад буд.

Аммо дар амри пурҷилову мӯҳтаво, зеботару ҷаззобтар кардани он омӯзиши таҷрибаи миллатҳои дигар, шиносоӣ бо донишҳои мароисимороӣ лозим аст. Боз ҳам таъкид мекунам, чунин кӯшишҳо барои он лозиманд, ки ғановати фарҳангии ин ҷашн, ки аз ҷашнҳои муҳими кишвари соҳибистиқлол аст, бештар таъмин гардад.

Вобаста ба ин ҳама, ки гуфта шуд ва сатҳи фарҳангии муосири миллат Иди Наврӯз як миқдори қобили таваҷҷуҳе такмилу навоварӣ аз лиҳози афзудани рамзҳо ва расму русуми тозаву муфиде аз нигоҳи фарҳангӣ ва зебоиписандӣ эҳтиёҷ дорад. Махсусан, коркарди унсур (атрибут)-ҳои ороишӣ, саҳнасозӣ ва ташкили намоишномаҳои дастаҷамъӣ, ки ахиран дар ҷашнҳои дигари мо ворид шуда истодааст лозим аст.

Ҷашнҳо ба ғайр аз аҳамияти маънавию равонӣ, манфиати иқтисодӣ низ доранд. Масалан, таваҷҷуҳ кунед, ки чи миқдор корхонаҳо барои сохтани ороишоти соли нави масеҳӣ, истеҳсоли тӯҳфаҳои гуногун, арчаҳои сунъӣ, арӯсакҳо ва ғайра кор мекунанд ва дар арафаи ид ин корхонаҳо ва соҳаҳои дигари тиҷорат чӣ миқдор фоида мебинад. Ҳамаи ин манфиати иқтисодии идҳо мебошад. Моро низ зарур аст, ки ҷашнгирии Иди Наврӯз ва идҳои дигарро ба пояи санъатӣ гузорем. Ба кор андохтани хаёлоту фантазияи миллат дар ин мавирид, гарави амалӣ гардидани ин амр аст.

Аммо гарави асосии дастёбӣ ба ингуна ҳадафҳо дар он аст, ки то чӣ андоза дастгоҳи сиёсӣ ва ҳукумати кишвар ба барпо кардани ин қабил ҷашну маросимҳои миллӣ аҳмият медиҳад. Ҷашни Наврӯз чун Ҷашни Истиқлолият бояд аз ҷашнҳои асосии кишвар гардад ва мақому мартабаи баландро дошта бошанд. Ин ду ид бояд дар як сатҳ ҷашн гирифта шавад, ки мо қаблан дар ҷузвияи худ бо номи ***«Ҷашни Наврӯз: Дастуруламал ва тавсияҳо барои баргузор намудани иди Наврӯз» Душанбе: «Ирфон»***2005 баъзе чунин пешниҳодоти худро дар ин мавврид иброз карда будем, КИ ХУЛОСАИ ОН ЧУНИН АСТ.

Наврӯзи ҷаҳонафрӯз, чунон ки гуфтем, таърихан аз ҷумлаи ҷашнҳои умумимиллӣ ва давлатӣ будааст ва ҳамчун яке аз рукнҳои давлатдорӣ назди шоҳони эронзамин мақоми баланд дошта. Шӯҳраташ вобаста ба он будааст, ки шоҳон дар баргузории он фаъол иштирок доштаанд ва дар ин рӯзҳо вохӯрии шоҳу раият аз наздик сурат мегирифта, эътои ҳадя ба шоҳон ва шоҳон ба раият аз суннатҳои ин ҷашн бу шумор мерафта. [1]

Бо таваҷҷуҳ ба ин суннати таърихӣ баргузории ин ҷашнро чунин бояд тадорук дид, ки он шукуҳи гузаштаи Наврӯзро бақарор кунем, барои ин лозим аст, ки:

---

[1] Ниг.Абурайҳон Берунӣ. Осор-ул-боқия» –Ирфон-1990. С.235-236.

1- ин ҷашн бо иштироки васеи сарвар ва дастгоҳи раҳбарияи кишвар аз сайр (парад)-и умумии мардум, шаҳрвандон, заҳматкашон дар маёдони марказии пойтахт (масалан, чун Иди 1-май дар собиқ давлати Шӯравӣ) бо карнавал (ки таҷрибаашро дар ҷашни 80-солагии Душанбе доштем)[2] ва баромади табрику таҳниятии сарвари давлат оғоз гардида, дар тамоми шаҳру вилоятҳо ба ҳамин сатҳ истиқбол шавад. Агар дар рафти ин сайли умумӣ вохӯрии бевоситаи сарвари давлат бо мардум, қабули дастовардҳои меҳнатӣ ва тӯҳфаҳои рамзӣ ва воқеии вилоятҳо, ноҳияҳо, муассисот дар ин майдон ба сарвари давлат ташкил ва ба яке аз маросимҳои ин ид табдил дода шавад, ин худ эҳёи суннати наврӯзӣ ба пояи нав хоҳад буд.

***Тавзеҳ.*** *дар ҳамаи сарчашмаҳо омадааст, ки ҳангоми ин ид шоҳон ба истилоҳ бор-иҷозати дидор бо худро медодаанд. Абурайҳон Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» менависад, ки зарфи панҷ рӯз, то рӯзи шашум, ки Наврӯзи Бузург номида мешуд, шоҳ табақоти гуногунро дар дарбори худ қабул мекард ва рӯзи шашумро ба худ нисбат медод ва ҳадяҳоро медид ва он чизеро меписандид ба худ мегузошт бақияро ба ниёзмандон тақсим мекард. (Ниг.Абурайҳон Берунӣ. Осор-ул-боқия» –Ирфон-1990. С.235-236) Сарвари давлат-раиси ҷумҳур низ метавонад чунин як расмеро зинда кунад ва дар он рӯзи рижаравии (парад) мардум дар майдони марказӣ аз он ҳадоё ки гуфтем, қисман барои ниёзмандону барҷомондагон ва қисман барои осорхонаҳои кишвар гузорад. Ин суннат дар даврони Шӯравӣ низ буда. Ман дар осорхони Сталин дар шаҳри Гори (Гурҷистон) бисёр тӯҳфаҳо ва ҳадоёро дидаам, ки аз коргарон гирифта то сарони давлатҳо ба муносибатҳои гуногун ба ӯ додаанд.*

*2-Яке аз масъалаҳое, ки барои шукӯҳ бахшидани Иди Наврӯз. ҳалли сареи худро металабад, таъйини шумори рӯзҳои ид мебошад. Хуб мешуд рӯзҳои таътилии наврӯзӣ ҳадди ақал то як рӯз баъди Наврӯзи Бузург, яъне ҳафт рӯз (ин худ рамзист) ҳадди аксар то баъди сенздаҳбадар, яъне-чаҳордаҳ рӯз (масалан, барои хонандагон ва донишҷуён) бошад.*

---

[2] Карновал яке аз атрибутҳои муҳими чунин ҷашнҳои солинавӣ дар тамоми нуқоти дунё мебошад

*Дар робита бо ҳамин масъала, ҳатман таътили баҳории хонандагонро дар рӯзҳои аввали Наврӯз бояд муқаррар кард. Таътили зимистониро бо иди Сада мувофиқ кардан лозим аст.*

3- Ҷиҳати шукӯҳи бештар бахшидан ба ҷашни наврӯзӣ, ҳукумат ва вазоратхонаҳо, алалхусус вазорати фарҳанг, вазорати маориф, кумитаи родиву телевизион, вазорати кашоварзӣ ва ғ-ра бояд барномаҳои худро чунин танзим кунанд, ки *рӯзҳои ҷамъбаст ва мукофотонидани фестивалҳои гуногун, озмунҳои ҳунарӣ, санъатӣ, илмӣ ва ғ-ра ба рӯзҳои ид рост ояд*.

4- ***Ҷиҳати пуршукӯҳу зебо сохтани Иди Наврӯз, чунон ки дар муқаддима гуфтем, ба масъалаи ба пояи саноатӣ бардоштани ҷашнгирии он кӯшиш кардан лозим аст.***

Барои ин назди вазорати саноат, матбуот, вазорати фарҳанг, корхонаҳои шахсӣ ва хориҷӣ дар мавриди коркарди атрибутҳо ва воситаҳои ороишии умумишаҳрӣ, шахсӣ-хонаводагӣ вазифа гузоштан лозим аст, ки бозорро аз чунин молҳо пур кунанд.

Масалан, рамзи асосии Наврӯзи навбаҳорон сабзиву гул аст. Дар заминаи ин фантазияро ба кор бурда садҳо навъи гуногуни ороиш сохтан мумкин аст. Дар майдони марказии шаҳр сохтани як синӣ (табақ)-и калони зебое бо ҳафт табақча(дар атрофаш) дар болои ҳафт поя ва дар арафаи наврӯз коштани гандуму ҷав ва ҳафт навъ зироат ва сабзонидани он худ як ороиш ва рамзи ҷолиб аст.[3] Танҳо ҳунармандонро ба ин кор ҷалб намудан, ҳар сол такмил кардан ин чунин атрибути зебоеро ба расмият даровардан мумкин аст. Баъдан модели хурдтари онро ҳамчун зарфҳо барои рӯёндани сабзаи хонагии наврӯзӣ ва ҳафтсини наврӯзӣ (рӯёндани ҳафт навъи сабзӣ, худ ҳафт син аст), истеҳсол ва ба фурӯш баровардан, мумкин аст.[4]

---

[3] Берунӣ навишта, ки «Пас ин расм дар эрониён пойдор монд, ки рӯзи Наврӯз дар канори хона ҳафт хел ғалла ба ҳафт табақ бикоранд. Ва аз рӯидани ин ғалла ба хубӣю бадии зироат ва ҳосили солиёнро пешгӯӣ кунанд» (Осор-ул- боқия. С.236)

[4] Дар қадимтарин ахбори сарчашмаҳои арабӣ оид ба ҷашнгирии Наврӯз дар замони сосониён. ки К.И, Иностранцев овардааст гуфта мешавад: «Ва бисту панҷ рӯз пеш аз Наврӯз дар боргоҳи шоҳон дувоздаҳ сутун аз хишти хои мебароваранд ва ба он ғалла мекоштанд: дар яке аз ин-гандум ва дигаре-ҷав ва баъдӣ шолӣ ва дигаре наск, ва дигаре боқило ва дигаре заъфарон ва дигаре лӯбиё ва динаре нахӯд ва дигаре кунчит....»- Ниг Мирбобо Мирраҳимов Ҷашни Наврӯз ва ҷаҳоншиносӣ. Душанбе,1992. Ин ҳам яке аз суннатҳои наврӯзист, ки фаромӯш шудааст ва метавонад аз рамзҳои ин ҷашн бошад. Ҳафтпоя ё дувоздаҳпоя (фикр мекунам ҳафтпояаш бо ҳафт табақча ва табақи бузурге дар мобайн хубтар аст, чун бо рамзи ҳафтситораи парчами мо мувофиқат дорад)

Худи сабзиро дар шаклҳои гуногун, ҳатто ҳамчун порча, матоъ барои дӯхтани либосҳои ҷашнию сахнагии наврӯзӣ имкон дорад. Бояд гуфт, ки сабзи (навъҳои гуногунаш)-ро дар Эрон дар шаклҳои гуногун, масалан, дар бадани кӯза мерӯёнанд ва дар рӯзҳои наврӯзӣ то сездаҳбадар ҳамчун ороиши дастурхон ё хонаҳо нигаҳ медоранд.

Ҳамчунин ба роҳ мондани истеҳсоли аквариумҳои хурди рӯи мизӣ ё калонтар ва ва ё супориш кардан ба ягон корхонаи хориҷӣ ва парвариши моҳии аквариумӣ метавонад. оҳиста оҳиста ин рамзи наврӯзиро низ аз нав зинда кунанд. Таъмини расм

Гузаронидани конкурсҳо дар мавзӯъҳои беҳтарин минитураҳо ва корҳои тасвири сурудҳо, саҳнаҳо, гузаронидани конкурси маликаи наврӯзӣ (маликаи сол).

Танзими мусобиқаҳои спортӣ-варзишӣ аз тарафи комитети спорти ҷумҳурӣ ба назардошти иди Наврӯз.

Дар намоишгоҳи хоҷагии қишлоқ ё дар макони дигар ҳар сол дар арафаи наврӯз ва рӯзҳои Наврӯзӣ ташкил кардани бозори тухмиҳои зироат, ниҳолу гул, кӯчатҳо ва ғайра; дар тарафи дигари он намоиши беҳтарин зоти чорвои хурд ва калон, бузу гӯсфанд, аспу гов ва ғайра. Зимнан маслиҳатҳо ва роҳнамоиҳо барои тарбияи чунин чорво; бозори парандаҳо. Ҷиҳати хушгузаронӣ ташкили бозиҳо: ҷанги кабку хурӯс, бедона ва ғайра. Ҳамаи ин одатҳо ва бозиҳои халқӣ мебошанд.

4- Дар сарчашмаҳо аз ҷумла дар “Осор-ул-боқия” омадааст *“мулуки Хуросон... дар ин мавсим ба сипоҳиёни худ либоси баҳорӣ”* медодаанд. Хуб мешуд ин суннат низ эҳё гардад ва дар Меҳргон либоси зимистонӣ ва дар Наврӯз либоси баҳорӣ ба сарбозон дода шавад, ки муҷиби хурсандӣ ва рӯҳияи хуби онҳо мегардид.

5- Дар арафаи Иди Наврӯз тадорук ва гузаронидани чораҷӯии зерин мувофиқи мақсад аст:

- гузаронидани вохӯрии Сарвари давлат бо зиёиён ва пешсафони истеҳсолот дар арафа ё рафти рӯзҳои иди наврӯз;
- супориши ҳамасола ба муассисоти ниҳолпарварӣ барои парваридан ва ба фурӯш баровардани ниҳолҳо дар арафаи ид;
- Ташкил кардани хоҷагиҳое, ки парваридани навъҳои гуногуни сабзии баҳории наврӯзӣ, чунонки дар боло гуфтем ба ухда дошта бошанд;
- ба расмият даровардани парвариши моҳиҳои тиллоӣ ва корхонаи истеҳсоли аквариумҳои наврӯзӣ;

- ташкил додани муассисаи махсусе ҷиҳати коркарди ороишҳои наврӯзии шаҳр;
- ташкил додани муассисаи махсуси ҷиҳати коркард ва нашри плакатҳо ва табрикномаҳои наврӯзӣ

***<u>Корҳо ва маросимҳою омодагии пеш аз идӣ ё арафаи идӣ дар маҳалҳо</u>***

Маросимҳо ва корҳои омодагии арафаи Иди Наврӯз:

- аз охири тирамоҳ то арафаи иди Наврӯз (аз иди Меҳргон то иди Наврӯз) барномарезӣ кардани рафти корҳои омодагӣ ба ҷашни оғози сол корҳои ободонӣ ва ниҳолу гулшинонӣ; (атрибути асосии наврӯз зебоӣ ва зебопарастӣ бояд бошад)
- роҳбарӣ ва омодагӣ барои гузаронидани иди гулҳо (бойчечак)
- зинда кардан ва ба расмият даровардани чоршанбесурӣ (агар имконият ва зарурат бошад. Ин масъаларо ба муҳокима мондан лозим)
- гузаронидани маросими тули мол
- роҳбарӣ ва омодагӣ ба гузаронидани маросими ҷуфтбаророн (ин маросим низ аз маросимҳои омодагӣ ва сароғози иди наврӯз бояд гардад, чунки мавсими ҷуфту шудгор дар ҷумҳурӣ хеле барвақтар аз 21 март оғоз мешавад.
- гузаронидани ҳафтаи ободонӣ ва имрони деҳот пеш аз ҷашни Наврӯз, ки дар он ба ободонии кӯчаҳо, маҳалли баргузории наврӯз, қабристон, ниҳолшинонӣ, хонатакконӣ ва мардумро сафарбар ва ин амалро ба анъанаи доимӣ ҳарсолаи суннати Наврӯз табдил додан лозим
- Тайёрии пешакӣ барои гузаронидани намоиши ҳунарҳои дастӣ ва маҳаллӣ дар ҳар деҳу ноҳия дар рӯзҳои наврӯзӣ
- омодагии пешакӣ барои гузаронидани ҳунарҳои худфаъолияти санъати мусиқӣ, овозхонӣ, шеърхонӣ, ҳазлу шӯхӣ ва базмгӯӣ;
- омодагӣ барои гузаронидани конкурси интихоби арӯси наврӯзӣ;

- гузаронидани конкурсҳои ҳазлу шӯхӣ (юмор) тарғиб барои гузаронидани ҷашнҳои арӯсӣ дар рӯзҳои ҷашни Наврӯз;

- дар маҳалҳои марзӣ, ташкили маъракаҳои наврӯзӣ бо аҳли ҷамоатчигӣ ва мардуми кишварҳои ҳаммарз.

Корҳои фарҳангӣ

1. Таҳияи филмҳои мустанад дар бораи Наврӯз ва маросимоти наврӯзӣ, ҳамчунин баргузор намудани намоишгоҳои фӯруши маҳсулот дар арафаи ҷашн;
2. Ташкили мусобиқаҳо барои беҳтарин шеъри наврӯзӣ, саҳнаҳои театрӣ, маросимҳо ва ғайра;
3. Дар наврӯзгоҳи шаҳри Душанбе ташкили мусобиқа бо туҳфаҳои наврӯзӣ;
4. Даъват аз ҳунарпешагон ва фарҳангиёни кишварҳои ҳамҷавор ва наздик дар ҷашни Наврӯз;



*Нозим Нурзода* / *фарҳангшинос*

## НАВРӮЗИ ҶАМШЕДӢ – ҶАШНИ ҲУВИЯТСОЗӢ

Наврӯз дар таърихи ҷашну маросимҳои мардуми иронитабор, минҷумла тоҷикон мақоми калидӣ дорад. Мардуми мо дар паҳно ва дарозои таърихи мавҷудияти хеш, вобаста ба замон ва шароит ҷашнҳои зиёдеро бофта, мавриди таҷлил қарор додааст, ки рамзу розҳои гуногун доштанд, вале ҳамаи онҳо дар як маънӣ тамаркуз пайдо мекарданд ва он, бешубҳа, инсонсолорӣ ва ҳувиятсозӣ будааст. Дар ин робита, Наврӯз, беш аз пеш, мунъакискунандаи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ буда, рӯҳи зинда ва суннати зиндаро дар худ таҷасум намудааст(Турсон Акбар. Наврӯз – оинаи тамаддуни Аҷам. //Суханшиносӣ 2012, №2. –С.9) ва дар паҳнои таърихи фарҳанги бумӣ ба сифати ҷашни бостонитарин ва инсонсолортарин мавқеъ ва мақоми аввалиндараҷа дорад. Фаротар аз ин, Наврӯз пойдевори фаҳмиши илмии замонӣ ва тақвимӣ дар густураи фарҳанги миллӣ маҳсуб ёфта (ниг.:Шаҳобиддинов Н. Нитше ва Зардушти таърихӣ(Тарҳрезии бунёдҳои фарҳанги навин).-Душанбе: Дониш, 2015. –С.17-18), бузургтарин ҷашни фарҳангии ҷаҳонист, ки ҷуғрофиёи васеъро фаро гирифта, на танҳо ба як қавм, як миллат, як нажод мунҳасир мешавад (ниг.:Шаъбонӣ Ризо. Одоб ва русуми Наврӯз. –Душанбе: Пайванд, 2008. –С.5), балки бо қолабу шеваҳои гуногун дар зиндагии маросимии ақвоми мухталифи башарӣ ва дар маҷмӯъ, инсоният ҷойгоҳи устувор пайдо кардааст.

Мусаллам аст, ки дар доираи фарҳанги бумӣ, бо назардошти махсусиятҳои табиат ва иҷтимоъ дар гузаштаи дури мо ҷашнҳои мардумии Наврӯз, Тиргон, Меҳргон ва Сада барои танзими

барномаҳои зиндагии инсонӣ бофта ва пардохта шудаанд (Рӯҳуламинӣ Маҳмуд. Ойинҳо ва ҷашнҳои куҳан дар Ирони имрӯз. Теҳрон, чопи аввал, 1376. –С.15). Умри ҷашнҳои бостонии миллӣ, ба назари донишманди шаҳири иронӣ Ҳошим Разӣ, ба умри миллату халқ баробар аст (Разӣ Ҳошим. Гоҳшуморӣ ва ҷашнҳои Ирони бостон. Техрон: Беҳҷат, 1380. -С.17). Аз ин силсилаҷашнҳо Наврӯз бузургтарин ҷашни фарҳангии ҷаҳонист, ки на танҳо ба як қавм, як миллат, як нажод мунҳасир мешавад (Шаъбонӣ Ризо. Одоб ва русуми Наврӯз. –Душанбе: Пайванд, 2008. –С.11), балки бо қолабу шеваҳои гуногун дар зиндагии маросимии ақвоми мухталифи башарӣ маҳбубият пайдо намудааст.

Вақте ки дар бораи Наврӯз сухан дармеояд, бешубҳа, номи шаҳриёри устуравӣ ва маҳбуби иронитаборон Ҷамшед пеши назар ҷилвагар мешавад. Ҷамшед, воқеан, шоҳ ва шаҳриёри фарзона ва донишмандест, ки мардуми форсу тоҷик дар домани хаёлоту тафаккураш бофта ва офаридааст. Беҷо нест, ки Наврӯз бо номи ин шаҳриёри устуравӣ ва маҳбуби ақвоми иронӣ амиқ бастагӣ дорад. Ба сухани дигар, Наврӯзро бе Ҷамшед ва мутаносибан, Ҷамшедро бидуни Наврӯз тасаввур кардан имконнопазир буда, ӯ симои марказӣ дар ташкили аввалин ҷашни Наврӯз маҳсуб меёбад. (ниг.: Ҳазратқулов М. Наврӯзи оламафрӯз ва дигар идҳои суннатии сол. –Душанбе: «Эр-граф», 2012. –С.28).

Акнун бо тақозои мавзӯъ ва матлаб, нахуст ба кушудани мафҳуми ҳувият, ки дар сарлавҳаи навиштаи мо ифода ёфтааст, мепардозем. **Ҳувият** калимаи арабӣ буда, дар луғату фарҳангномаҳо ба маъноҳои гуногун омадааст. Масалан, вожаи **ҳувият** маъноҳои шахсият ва ҳақиқати чиз (нигаред: Малуф Луиз. Фарҳанги донишгоҳии арабӣ ба форсӣ. Тарҷумаи Аҳмад Сайёҳ. Теҳрон, 1379. -С. 908), ҳақиқати шайъ ё шахс, ки муштамил бар сифоти ҷавҳарии ӯ бошад, ҳамчунин маънои шахсият, зот, ҳастӣ ва вуҷудро далолат мекунад (таваҷҷуҳ кунед ба: Амид Ҳасан. Фарҳанги Амид. Ҷилди севум. Теҳрон: Амири Кабир, 1381. -С. 2513). Вале ҳамаи маъноҳои овардашударо метавон дар як маънои умумикунанда ҷамъбаст кард ва он маънои умумикунанда **шахсият** аст. Шахсият дар луғат ба маънои зоти ҳар шахс, хулқу хӯйи махсуси ҳар кас, ки ӯро аз дигарон мутамоиз созад, далолат карда, дар маҷмӯъ, маънои шарофат ва бузургвориро дорад (Амид Ҳасан. Фарҳанги Амид. Ҷилди дувум. Теҳрон: Амири Кабир, 1381. -С. 1542). Шахсият ботин ва сиришти инсон аст, ки

ҷаҳони андешаи ӯро таъин карда, бинишашро дар робита ба инсон ва олами вуҷуд ифода мекунад. Ба ин тартиб, ҳувият ва шахсият, аз лиҳози маъноӣ ба ҳам тавъам буда, ҷаҳони бинишу дониши инсонро мунъакис месозанд.

Ҷамшед аз зумраи нахустин ва умдатарин шаҳриёри фарҳангу сиёсати иронитаборон аст, ки бо шахсияти вижаи худ ба майдони сиёсату фарҳанги ҷаҳонӣ гом мебардорад ва дар тарозуи ақлу хирад сохтани ҷаҳони навро барои насли инсонӣ шурӯъ мекунад. Ҷамшед, ба қавли муҳаққиқон, нахустин инсон ва аввалин шаҳриёри донишманди ориёист, ки мушкилоти рӯзафзуни зиндагиро дар тарозуи хирад баркашида, дар ҳалли масоили муҳиму мубрам аз ақлу хирад мадад ҷустааст (Ҷамолӣ М. Сиёҳмашкҳои рӯзонаи як файласуф. Бахши дуввум. – Ландан: Курмалӣ, 1995. -С. 15-16). Ин шаҳриёри устуравӣ танҳо бо хираду фарҳанг дигаргун кардани ҷомеаи инсониро имконпазир медонист. Ҷамшед ба хотири хушбахт намудани мардум ва аз ҷаҳлу залолат наҷот додани инсоният саъю талош мекард. Ин инсони ормонии ориёӣ бо ақлу хирад тасмими сохтани биҳиштро дар замин гирифта, рӯзи ба итмом расонидани ин нияти некаш – сохтмони хулди барин (биҳишти рӯйи замин) - ро Наврӯз меномад (Ҷамолӣ М. Шоҳнома ва мо. Дафтари нахуст. – Ландан, бидуни соли нашр. -С. 24).

Дар фарҳанги ҷамшедӣ, ки орӣ аз ҷаҳолату залолат аст, меҳр, хирад ва фарҳанг аз меъёрҳои асосӣ дар шинохти инсону ҷаҳон маҳсуб мешаванд ва маҳз меҳрварзӣ ва хирадпарварӣ дар ҷаҳонбинии ҷамшедӣ аслҳои ҳувиятсозанд. Бо такя бар аслҳои мазкур инсон ҷаҳонро фарҳангӣ месозад ва бар ҷаҳлу ҷаҳолат пирӯз мегардад (Ҷамолӣ М. Густохӣ дар гусастан. - Ландан: Курмалӣ, 1996. -С. 49-50). Дар асотири бостонии форсу тоҷик умри ҷаҳон 12 ҳазор сол муқаррар шуда (Ниберг С. Динҳои Ирони бостон. – Теҳрон, 1359. -С. 386), ки 8 ҳазори он ба таърихи инсонӣ марбут аст ва бо ҳазораи Ҷамшед оғоз мeёбад (Ҷомӣ Муҳаммад Маҳдӣ. Адаби паҳлавонӣ. – Теҳрон, 1379. -С. 18). Ҳазораи Ҷамшед ҳазораи меҳр, хирад, фарҳанг ва билохира ҳувиятсозӣ аст. Маҳз ҳамин ҳазора дар қаламрави фарҳанги ақвоми иронитабор (мардуми форсу тоҷик) ҳазораи Наврӯз, яъне ҳазораи таҷдиди фикрӣ, навандешӣ, навсозӣ, навофаринӣ ва рӯшангарӣ будааст.

Ҷамшед бо Хуршед, дақиқтараш бо нуру рӯшноӣ иртиботи ногусастанӣ доштааст, то он ҷо ки ӯро «Писари Хуршед» донистаанд (Кристенсен А. Нахустин инсон ва нахустин шаҳриёр. Тарҷума ва таҳқиқи Аҳмади Тафаззулӣ ва Жолаи Омӯзгор. – Теҳрон, 1368. -С. 342). Ҷамшед (Писари Хуршед) бо нуру рӯшноӣ, ки аз меҳру хирад сотеъ мешавад, ҷаҳон – заминро мунаввар месозад ва тухми торикию зулматро аз замин барканда мекунад. Муаррихи асримиёнагии форсу тоҷик Ибни Балхӣ Ҷамшедро марди қавипайкар, некӯрӯй ва бузургманиш тасвир намуда, пайвастагии доимиашро бо меҳру офтоб таъкид сохтааст (Ибни Балхӣ. Форснома. – Теҳрон, 1363. -С. 127). Меҳр ба сифати мафҳуми калидӣ дар таърихи фарҳанги ориёӣ мавқеъ ва мақоми арҷманд дорад. Устурашинос ва донишманди варзидаи иронӣ Меҳрдоди Баҳор дар робита бо ин калидвожа (Меҳр) таъкид мекунад, ки меҳр дар давраи куҳани тамаддуни Ҳинду Ирон маънои нигаҳдори паймону дӯстиро далолат карда, мардуми ориёӣ ӯро мазҳари пайванду равобити мутақобили афроди қабила, тоифа, хонадон ва хонавода донистаанд (Баҳор Меҳрдод. Аз устура то таърих. Гирдоваранда ва виростор Абулқосим Исмоилпур. Теҳрон, 1384. -С. 30).

Дар фарҳанги ҷамшедӣ ҳар кӯшише, ки бо хирадварзӣ робита дошт ва алорағми ҷаҳлу залолат равона шуда буд, ба пирӯзӣ расида, он пирӯзиро Наврӯз мегуфтанд ва ҳамагон бо шодию сурур таҷлил мекарданд. Дар мушкилтарин вазъият, ки ҷаҳолат бар хирад ва разолат бар адолат чангол задан мехост, Ҷамшед падид меомад ва торикӣ (ҷаҳолат)-ро бо рӯшноӣ (хирад) рафъ мекард. Ҳаким Фирдавсӣ дар «Шоҳнома», ки беҳтарин бозгӯкунандаи фарҳанги қадимаи иронитабарон аст, ба устураи Ҷамшед таваҷҷуҳ намуда, аз тахти бо нерӯи хирад сохтаи он шаҳриёри овозадор чунин ёдоварӣ мекунад:

*Ба фарри каёнӣ яке тахт сохт,*
*Чӣ моя бад-ӯ гавҳар андаршохт.*
*Ки чун хостӣ дев бардоштӣ,*
*Зи ҳомун ба гардун барафроштӣ.*
*Чу хуршеди тобон миёни ҳаво,*
*Нишаста бад-ӯ шоҳи фармонраво.*
*Ҷаҳон анҷуман шуд бар тахти ӯ,*
*Шигифтӣ фурӯ монда аз бахти ӯ…*

(«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ҷилди аввал. Теҳрон: Интишороти Корвон, 1387. –С.55)

Мардум Ҷамшедро, ки бо нури меҳру хирад партовафшонӣ менамуд, таҳсин карданд ва бо шодмонӣ он рӯзро Наврӯз эълом дошта, ҷашн гирифтанд. Фирдавсӣ ин лаҳзаи муҳимро, ки дар таърихи фарҳанги форсу тоҷик бо хатҳои зарин навишта шудааст, бо иштиёқи тамом ба тасвир мекашад:

*Ба Ҷамшед бар гавҳар афшонданд,*
*Мар он рӯзро рӯзи нав хонданд.*
*Сари соли нав Ҳурмузи фарвадин,*
*Баросуда аз ранҷ рӯйи замин.*
*Бузургон ба шодӣ биёростанд,*
*Маю ҷому ромишгарон хостанд.*
*Чунин ҷашни фаррух аз он рӯзгор,*
*Ба мо монд аз он хусравон ёдгор.*

(«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ҷилди аввал. Теҳрон: Интишороти Корвон, 1387. –С.55-56)

Дар ҳазораи Ҷамшед, ки Наврӯз бо он даврон тавъам аст, дарду газанд, хорию забунӣ, ҷаҳлу ҷалолат, сардию хунукӣ, беморию марг ва бадбахтию беадолатӣ аз авроқи зиндагии инсонӣ барканда шуданд ва ин нуктаро дар китоби динии «Минуи хирад» таври зайл мехонем: «Аз Ҷамшеди хубрамма писари Вивангаҳон ин судҳо буд, ки шашсад сол барои ҳамаи офарандагони Урмузд бемаргӣ фароҳам овард ва ононро орӣ аз дарду пирӣ ва офат кард» (Минуи хирад. Тарҷумаи Аҳмади Тафаззулӣ. – Теҳрон, 1364. -С. 43). Дар китоби «Вандидод» (фаргарди дувум, бахши якум, банди 5), ки ба достони Ҷам ихтисос ёфтааст, Ҷамшед дар посух ба пурсиши Аҳуромаздо муфтахирона гуфтааст: «Ман ҷаҳони туро фароҳӣ бахшам. Ман ҷаҳони туро биболонам ва ба нигаҳдории (ҷаҳониён) солору нигаҳбони он бошам. Ба шаҳриёрии ман на боди сард бошад, на (боди) гарм, на беморию на марг» (Вандидод, ҷилди аввал, фаргардҳои 1-8. Тарҷума ва пажӯҳиши Ҳошим Разӣ. Теҳрон, 1385. -С. 425).

Ҳазораи Ҷамшед ҳазораи хирадварзӣ ва меҳрофарии мардуми иронинажод маҳсуб мешавад. Зимистон ва сардӣ дар фарҳанги ориёӣ рамзи торикӣ, ҷаҳолат ва бадбахтӣ буда, тибқи ривоёти бостонӣ, Ҷамшед барои раҳоии мардум аз сардии даҳшатнок диже

месозад ва бад-ин тариқа, инсониятро аз бадбахтӣ ва балои аҳриманӣ наҷот медиҳад (Баҳор Меҳрдод. Пажӯҳише дар асотири Ирон. – Теҳрон, 1362. -С. 165-169). Тибқи иттилои устурашиносон, яхбандӣ ва сардӣ то 33 дараҷа расида, зиндагии мардумӣ ҳоли табоҳию вайрониро мегирад (таваҷҷуҳ шавад ба китоби Толеъ Ҳушанг. Таърихи тамаддун ва фарҳанги Ирони куҳан. Теҳрон, 1386. -С.156) ва Ҷамшед бо истифода аз ақлу хирад ва ҳувият мардумро аз ин ҳолати ногувор наҷот мебахшад. Ҷашни Наврӯз, назар ба қавли муҳаққиқон, реша дар поён гирифтани яхбандон ё «зимистони девофарида» (дар фаргарди нахусти «Вандидод» аз мушаххасоти он ёд шудааст) дар даврони Ҷамшед дорад. Бо поён ёфтани яхбандон ва дар ҳақиқат, даврони «варнишинӣ» - и иҷборӣ, ориёиҳо фарҷоми зимистонро ҷашн гирифтанд. Сипас, бар асари дастёбӣ ба дониши ахтаршиносӣ ва натиҷатан, илми гоҳшуморӣ, Наврӯзи ҷамшедӣ дар рӯзи поёни зимистон ва ё оғози баҳор қарор гирифт (Толеъ Ҳушанг. Таърихи тамаддун ва фарҳанги Ирони куҳан. Теҳрон, 1386. -С.161).

Ин шаҳриёри устуравӣ тавонист, ки бо меҳр, хирад ва дод мардумро ба ҳувиятсозӣ мутамоил намояд. Ба қавли донишмандон, дар даврони Ҷамшед ва айёми наврӯзӣ мардум ба шукуфоии иқтисодӣ ва рифоҳи молӣ мерасанд, хонаҳои бошукӯҳ барпо мекунанд, гармобаҳо месозанд, ҷавоҳирот дуруст карда, атр ба кор мебаранд ва саранҷом дар нозу неъмат ғарқ мешаванд (Толеъ Ҳушанг. Таърихи тамаддун ва фарҳанги Ирони куҳан. Теҳрон, 1386. -С.156). Ҷомеаи давраи Ҷамшед зарфи сесад сол чунон дар рифоҳу осоиш ғарқ мешавад, ки ранҷу дард, зулму бадӣ, заъфу нотавонӣ ва пирию беморӣ ва маргу нестиро аз ёд мебарорад ва дар фазои ромишу тараб умр ба сар мебарад. Фирдавсӣ он давраи пуршукӯҳро таври зайл ба риштаи тасвир кашидааст:

*Чунин сол сесад ҳамерафт кор,*
*Надиданд марг андар он рӯзгор.*
*Зи ранҷу зи бадшон набуд огаҳӣ,*
*Миён баста девон ба сони раҳӣ.*
*Ба фармон-ш мардум ниҳода ду гӯш,*
*Зи ромиш ҷаҳон буд пуровозу нӯш.*

(«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ҷилди аввал. Теҳрон: Интишороти Корвон, 1387. –С.56)

Нахустин бунёдгузори фарҳанг ва ҳукумат Ҷамшед Наврӯзро бо зиндагии сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии мардум пайванд дода, ҳикмати табақотӣ (синфӣ)-ро таҳия месозад, ки тибқи он ҳар кас, мувофиқи донишу биниш ва ҳунару фаросаташ ба коре ҷалб карда мешавад. Ба ин тарз, дар ҳукумати ҳувиятсози ҷамшедӣ ҳар кас муносиби ақлу заковат ва ҳунару касбияташ сазовори кору амале муфид мешавад.

*Ки то ҳар кас андозаи хешро*
*Бубинад, бидонад каму бешро.*

(«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ҷилди аввал. Теҳрон: Интишороти Корвон, 1387. –С.55)

Шаҳриёри хирадманд, меҳрварз ва додвар ҷашни Наврӯзро бо шукӯҳу шаҳомати хос таҷлил мекард, зеро ки ин ҷашн, ҷашни тантанаи меҳр, хирад, адолат, озодӣ, накӯӣ ва билохира ҳувиятсозӣ буд. Тибқи маълумоти маъхазҳо, Ҷамшед рӯзҳои моҳро бахш карда, 5 рӯзи нахустро барои бузургон, 5 рӯзи дувумро Наврӯзи подшоҳ қарор дод, ки дар он ҳадяҳо медод ва инъомҳо мегирифт, 5 рӯзи севумро барои коргузорони шоҳ ниҳод, 5 рӯзи чорумро барои вижагони шоҳ гузошт, 5 рӯзи панҷумро барои сипоҳиён ниҳод ва 5 рӯзи шашумро барои раъоё гузошт, ки маҷмӯан, 30 рӯзро ташкил медод ва муддати моҳ Наврӯз таҷлил мешуд (Ҷоҳиз Абӯусмон. Наврӯзи бостонӣ. – Теҳрон, 1384. -С. 14). Ба таъбири дигар, Ҷамшед тӯли як моҳ бо тамоми ақшори ҷомеа Наврӯзро таҷлил мекард. Ҳама табақоти сиёсӣ ва иҷтимоӣ Наврӯзи фархундаро мутобиқи дастури ҷамшедӣ муддати 5 рӯз ҷашн мегирифтанд.

Ҷамшед рӯзи барбастани раҳи дӯзах, пирӣ, беморӣ, марг ва ранҷу зиёнро Наврӯз номид ва ба шарафи ин иқдоми ҷуръатмандона ҷашни басо дилафрӯз барпо кард, ки тасвираш чунин аст:

*Мар он рӯзро ном Наврӯз кард,*
*Яке ҷашн бас беҳ дилафрӯз кард.*
*Раҳи дӯзах он рӯз Ҷамшед баст,*
*Ба шодӣ бар он тахти заррин нишаст.*
*Набуд маргу пирию ранҷу зиён,*
*Набуд кинаю кибрашон дар миён.*

(Кристенсен А. Нахустин инсон ва нахустин шаҳриёр. Тарҷума ва таҳқиқи Аҳмади Тафаззулӣ ва Жолаи Омӯзгор. –

Теҳрон, 1368. -С. 375). Ҷамшед аз ҷониби Заҳҳок кушта мешавад ва тӯли ҳазор сол ҷаҳолату беҳувиятӣ дар сарзамини ориёӣ тасаллут пайдо мекунад ва мардумро ба коми даҳшатбори хеш дармекашад. Фаридун, ки аз тухмаи Ҷамшед буд, дар ҳазораи сеюм ба майдон омада, Заҳҳокро нобуд мекунад ва то андозае ҷараёни ҳувиятсозии ҷамшедиро идома медиҳад.

Воқеан, чаро Наврӯзро ба Ҷамшед нисбат додаанд? Ба ин пурсиш устурашиноси забардасти иронӣ Меҳрдоди Баҳор посухи хеле ҷолиб додааст, ки овардани он аз аҳамияти холӣ нахоҳад буд: «Ҷамшед маҳбубтарин чеҳраи пеш аз ислом аст. Аммо Фаридун ва на ҳеҷ кас дигар аз подшоҳон маҳбубияти Ҷамшедро надоштанд. Хеле чизҳоро ба Ҷамшед нисбат додаанд. Масалан, дар «Вандидод» омада, ки бузург шудани ҷаҳон ба хотири Ҷамшед буд. Ҷамшед ҳатто иддаои худойӣ мекунад… Дар давраи ӯ на марг буд, на пирию на дард. Давраи бисёр зебое буд ва хотираи хуше бар азҳони мардум аз он замон бозмонда буд. Ҳатто чиниҳо ҳам Ҷамшедро ба наҳве ситоиш мекунанд. Чиниҳо ба ӯ Ям мегӯянд ва муҷассамаҳое барояш сохтаанд. Муҷассамаҳои азиме аз Ҷамшед ё Ям дар маъобиди чинӣ ва будоӣ ҳаст. Бинобар ин, Ҷамшед як шахсияти худойӣ, асил ва шигифтовар аст. Шахсияти хеле трожик аст. Хеле моилам достоне дар борааш бинависам» (Баҳор Меҳрдод. Аз устура то таърих. Гирдоваранда ва виростор Абулқосим Исмоилпур. Теҳрон, 1384. -С. 359-360). Ҳадаф аз овардани ин иқтибоси то андозае тӯлонӣ аз он иборат аст, ки чеҳраи худойгуна, шахсияти асил ва ҳувиятсози Ҷамшед -- ин шаҳриёри маҳбуби ориёиро аз диди як донишманди устурашиноси шинохтаю варзида, ки умри гаронмояашро сарфи пажӯҳишҳои амиқи илмӣ дар робита бо асотири иронитаборон кардааст, бубинед ва худ қазоват намоед.

Асотири асримиёнаи паҳлавӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки Ҷамшед на фарраи паёмбарӣ, балки фарраи шаҳриёриро ихтиёр намуда, дар ин дунё лаззат бурдан ва онро ободу зебо сохтанро меъёр ва шеваи зиндагии худ донистааст (Баҳор Меҳрдод. Аз устура то таърих. Гирдоваранда ва виростор Абулқосим Исмоилпур. Теҳрон, 1384. -С. 360). Ин амал ва қарорест, ки дар таърихи сиёсату фарҳанги ҷаҳонӣ камназир буда, шаҳриёре, бад-он ҷуръатмандӣ, ҳатто дар қолаби устуравӣ дар баробари Ҷамшед пайдо намудан мушкил аст.

Наврӯз дар мурури асрҳою солҳои мутамодӣ ба сифати як ҷашни худогоҳию ҳувиятсозӣ дар меҳвари зиндагии мардуми

форсу тоҷик қарор гирифт. Ба гувоҳии «Шоҳнома» бузургони иронӣ Наврӯзро ба ҳадде муқаддас ва мавриди эҳтиром медонистанд, ки ҳатто ба номи он савганд мехӯрданд:

*Ба Яздону номи ту, эй шаҳриёр,*
*Ба Наврӯзу Меҳру ба хуррам баҳор.*

(ниг.:Фасоӣ Мансур Растагор. Бахти ту пирӯз бод. //Паёми андеша, соли аввал, шумораи чаҳорум, марти 1998. –С.6)

Душманони мардуми иронитабор доимо ба таври мустақим ва ғайримустақим ба ойинҳои пешинаи миллию мардумӣ, хоссатан Наврӯзу Меҳргон ва Сада мубориза мебурданд. Аз назари бузургон, ба хатар афтодани Наврӯз маънои ба хатар мувоҷеҳ гардидани Иронзаминро дошт. Масалан, вақте ки Баҳроми Чӯбин аз хатари воруди лашкари Совашоҳи турк сухан дар миён меорад, ба мардум бонги изтироб мезанад:

*Кунад бо замин рост оташкада,*
*На Наврӯз монад, на ҷашни Сада.*

(«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ҷилди нуҳум. Теҳрон: Интишороти Корвон, 1387. –С.34)

Ё ин ки:

*Гар эдун, ки гӯйӣ, ки пирӯз нест,*
*Аз он пас варо низ Наврӯз нест.*

(«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ҷилди нуҳум. Теҳрон: Интишороти Корвон, 1387. –С.76)

Дар ҷойи дигар Фирдавсӣ аз забони сипаҳсолори ботадбир пирӯзии адувони иронииро пешгӯйӣ карда, ҳушдор медиҳад, ки лашкари душман ҳувияту аслият ва ҷавҳари моро, ки дар батни Наврӯзу Сада нуҳуфтаанд, аз байн мебарад:

*Аз ин зогсорони беобу ранг,*
*На ҳушу на дониш, на ному на нанг.*
*Ҳам оташ бимирад ба оташкада,*
*Шавад тира Наврӯзу ҷашни Сада.*

(«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ҷилди нуҳум. Теҳрон: Интишороти Корвон, 1387. –С.274)

Бесабаб нест, ки Фирдавсӣ эҳтирому арҷгузорӣ ва нигаҳдорию ҳифзи ойини наврӯзиро нишони мардуми нек дониста, қаҳрамонони ватаниро бо дуои пирӯзӣ ҳидоят намуда, ба эшон наврӯзрӯзӣ таманно кардааст:

*Або фарру бо бурзу пирӯз бод,*
*Ҳама рӯзгорон-ш Наврӯз бод.*

(«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ҷилди нуҳум. Теҳрон: Интишороти Корвон, 1387. –С.172)

Илова бар ин, Фирдавсӣ эҳтирому арҷгузорӣ ва нигаҳдорию ҳифзи ойину ҷашнҳои миллии Наврӯзу Садаро аз мушаххасоти умдаи шахсияти инсонӣ талаққӣ кардааст:

*Нигаҳ дорад ойини ҷашни Сада,*
*Ҳамон фарри Наврӯзу оташкада.*

(ниг.: Фасоӣ Мансур Растагор. Бахти ту пирӯз бод. //Паёми андеша, соли аввал, шумораи чаҳорум, марти 1998. –С.5)

Воқеан, ҳувият худшавӣ ва худбошӣ аст ва худбошӣ озоду мустақил, фориғ аз банду басти хурофоту таассуби фарҳангӣ ва динию идеологӣ буданро ифода мекунад. Ба ин маъно, агар аз домани асотиру боварҳо бадар оем ва ба ҳақиқату воқеияти зиндагӣ бипайвандем, нек дармеёб ем, ки офарандагони асотири наврӯзи ҷамшедӣ бад-он кӯшидаанд, то ҷашнеро ба ҷаҳониён пешкаш созанд, ки бар пояи меҳру садоқат ва хираду заковат бунёд шуда бошад ва ҳамагонро, новобаста аз нажоду миллият, мазҳабу диният ва табақоту халқият ба оғуши гарми худ бикашад ва дар гаҳвораи маросимоташ, бидуни ҳеҷ қасду ғараз, самимона навозишу парвариш диҳад. Дар шароити кунунӣ маҳз ҷанбаи ҳувиятсозии Наврӯзи ҷамшедиро, ки асрҳост ҷомеаи форсу тоҷик камбуди онро дар тамоми бурду бохтҳои таърихиаш, ба таври худогоҳ ва нохудогоҳ эҳсос мекунад, бояд ҳамасола дар раванди таҷлили саросарии ин иди фархундаи миллӣ таҳкиму тақвият бахшем.

Ба андешаи мо, сохтани тадриҷии шахсияти вораста аз банду қайдҳои гуногуни иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ бар пояи Наврӯзи ҳувиятсози ҷамшедӣ метавонад ҷавшану сипари мустаҳками фарҳангию идеологие бошад, ки ҷомеаи моро аз тирборони хатарзои раванди ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди тамаддунҳо дифоъ намояд.



*Меҳр Собириён* / *иқтисодшинос*

# ЧАҲОРШАНБЕСӮРӢ - МАРОСИМИ НАВРӮЗӢ

Наврӯз бузургтарин, қадимтарин ва мардумитарин ҷашни миллии тоҷикон мебошад. Яке аз нишонаҳои бузургии Наврӯзи оламафрӯз ҳамин аст, ки аз Чаҳоршанбесӯрӣ сар карда, то Сенздаҳбадар чандин ҷашну маросимро дарбар мегирад. Маҷмӯаи ҷашнҳои наврӯзӣ вобаста ба замону макони муайян каму беш фарқ мекунад. Яке аз ҷашнҳое, ки дар ҳар замону макон дар арафаи Наврӯз ҷашн гирифта мешавад, Чаҳоршанбесӯрӣ мебошад. Ин ҷашн қариб ба ҳама гӯшаҳои Эронвиҷ роҳ ёфтааст. Ҳарчанд имрӯз дар баъзе минтақаҳо ҷашн гирифта намешавад, аммо дар дигар минтақаҳо бо тобишҳои гуногун таҷлил мешавад. Дар гузашта ҳам чунин буд, агар дар як гӯшаи Эронвиҷ идеологияи мазҳабӣ густариш меёфт, ин ҷашни мардумӣ зери фишор қарор гирифта, камранг мегашт. Ва баръакси ин дар дигар минтақа идеологияи мазҳабӣ камранг гашта, ин ҷашни мардумӣ бошукӯҳ ҷашн гирифта мешуд. Ҳама фишору мушкилотро пушти сар карда, то ба имрӯз расидани Чаҳоршанбесӯрӣ далели мардумӣ будани ин ҷашни миллӣ аст.

Чаҳоршанбесӯрӣ нахустин ҷашн аз доираи ҷашнҳои наврӯзӣ буда, дар охирин чаҳоршанбеи сол (дар шоми сешанбе) баргузор мегардад. Номи ин ҷашн аз ду вожа, чаҳоршанбе- рӯзи ҳафта ва сӯрӣ-ба маънои ҷашну шодӣ ё сурх сохта шудааст. Дар баъзе минтақаҳои Эронвиҷ ин ҷашнро “Аловпарак” “Чоршанбеохирон”, “Чоршанбеи сурх” ва “Ҷашни чаҳоршанбеи охири сол” ҳам меноманд. Сарчашмаҳои таърихӣ дақиқан нишон намедиҳанд, ки ин ҷашни миллии тоҷикон ин номро аз куҷо гирифтааст. Аммо бо такя бар он, ки то чирагии аъроб ва густариши фарҳанги сомӣ дар Эронвиҷ расми рӯзшумории ҳафтавӣ вуҷуд надошт ва тоҷикони

қадим ҳар рӯзи моҳро дар алоҳидагӣ номгузорӣ мекарданд, гуфтан мумкин аст номи “Чаҳоршанбесӯрӣ”-ро ин ҷашн баъди омадани аъроб гирифтааст.

Дар “Таърихи Бухоро” омадааст: “Чун Амир Саид Мансур бини Нуҳ ба мулк нишаст, ҳанӯз сол тамом нашуда буд, ки дар шаби сӯрӣ, чунон ки одати қадим аст, оташе азим афрӯхтанд”. Аз ин бармеояд, ки ҳатто баъди қариб се қарни чирагии аъроб бар ватани мо, номи ин ҷашн бо яке аз рӯзҳои ҳафта пайваста набудааст. Гуфта мешавад сабаби номи чоршанберо ба ин ҷашн пайвастан ва онро маҳз дар шоми чоршанбе ҷашн гирифтан, боз ҳам чирагии фарҳанги сомӣ бар Эронвич аст. Дар фарҳанги сомӣ рӯзи чоршанбе рӯзи наҳс шуморида мешавад ва ин рӯзро бояд бо сӯру базм гузаронд, то аз балоҳо эмин бошӣ. Тоҷикони дурандеш ба хотири аз шарри мазҳабиён нигоҳ доштани ин ойини миллӣ онро ба ин рӯзи ҳафта мутобиқ кардаанд ва ин ҷашни сирф миллӣ то ба имрӯз омада расид.

Чаҳоршанбесӯрӣ дар воқеъ аз ҷашнҳои миллӣ буда, вобастаи ягон дину бовар нест. Чун Наврӯзи фархундарай ин ҷашн ҳам ҷашни мардумӣ мебошад ва дар арафаи Наврӯз ҷашн гирифта мешавад. Дар ойини Зардушт оташ унсури муқаддас аст ва аз болои он паридан қобили қабул набудааст. Бинобар ин, ин ҷашнро ба дини Зардуштӣ пайваст кардан хатост ва касе онро одати мазҳабӣ меномад ё нодон аст ё аз руйи кина мегӯяд. Дуруст аст, ки зардуштиён пеш аз Наврӯз шомгоҳон дар бому ҳавлиҳояшон гулхан меафрӯхтанд. Ин гулхан ба доираи чорабиниҳои пешазнаврӯзӣ дохил мешуд, ки даҳ рӯз давом мекарданд ва ба онҳо аз ҷумла гулханафрӯзӣ ва хонатаконӣ дохил мешуд. Ҳамаи ин барои хушнуд кардани арвоҳи гузаштагон сурат мегирифт. Онҳо бовар доштанд, ки пеш аз Наврӯз руҳи ҳама гузаштагони оила ба хона бармегарданд, ҳатто аз ҳайвоноти хонагӣ ҳам. Хонатаконӣ ба хотири он буд, ки меҳмонон ба хонаи тоза дароянд ва гулханафрузӣ барои он буд, ки барои руҳи гузаштагон ҳамчун раҳнамо хизмат кунад. Аммо мақсад аз ин гулханафрӯзӣ, ки ба хотири гузаштагон буд бо мақсад аз гулханафрузии Чаҳоршанбесӯрӣ, ки барои хушнудии зиндабудагон аст, баробар нест. Ҳамин тариқ ин ҷашн ба ислом ҳам пайвандӣ надорад ва номи яке аз рӯзҳои ҳафтаро доштанаш

ҳадафи нобуд нашуданро дошт. Албатта мазҳабиёни исломии ифротӣ дар ҳама давру замон зидди ин ҷашн садо баланд мекарданд, аммо азбаски ҷашни мардумӣ буд, пурра аз байн нарафт. Имрӯз ҳам агар дар як гӯшаи Эронвич ҷашн гирифта нашавад дар гӯшаи дигараш ҳатман бо шӯру шавқ ҷашн гирифта мешавад. Барои мисол то пайдо шудани идеологияи ваҳобӣ дар Тоҷикистон ҷашн гирифта мешуд, аммо баъд хеле маҳдуд шуд. Имрӯзҳо дар Ирон ин ҷашн аз нав ҷойгоҳи махсус пайдо кардаст ва бо як шукуҳу шаҳомат мардум онро ҷашн мегиранд. Доираҳои мазҳабии ин кишвар бошанд, пайваста онро маҳкум мекунанд, аммо ин ҷашни мардумӣ дорад густариш меёбад ва ҳар сол шумораи ҷашнгирандагонаш зиёд мешавад.

Расми асосӣ дар Чаҳоршанбесӯрӣ дар шоми рӯзи сешанбеи вопасини сол пеш аз Наврӯз афрӯхтани оташ ва аз болои он паридан мебошад. Ҳангоми паридан аз болои оташ “зардии ман аз туву сурхии ту аз ман” мегӯянд. Зиёфати хӯрокҳои сабук ва рақсу бозӣ кардан ҳам ба ин илова мегардад. Як саҳнаи зебо аз ин вақтхушии Чаҳоршанбесӯрӣ дар филми “Ҳасани аробакаш” ҳаст, ки хеле хуб воқеияти ин ҷашни мардумиро инъикос мекунад. Рақси пойкубии мардуми курд ҳам, ки дар интернет бисёр дида мешавад аз ҷумлаи зебоиҳои ин ҷашн аст. Албатта дар ҳар минтақа расмҳои иловагии хоси худро ба ин ҷашн дохил мекарданд, аммо аз болои оташ ҷаҳидан, зиёфати махсус ва рақсу бозӣ унсурҳои асосии ин ҷашни миллии эронинажодон аст. Яке аз чунин расмҳои иловагиро метавон ба ҷойи мисол овард ва он қошуқзанӣ ном дорад, ки шабеҳи Ҳеловини мардуми муқимии Амрико аст. Дар шоми Чаҳоршанбесӯрӣ кӯдакон косаву қошуқро бо ҳам зада, дар ба дари хонаҳо мегаштанд ва ширинӣ тӯҳфа мегирифтанд.

Муаллифони китоби “Футурология (Асри 21. Бемаргӣ ё фоҷеаи чаҳонӣ)”, Алексей Турчин ва Михаил Батин вақтхуширо яке аз панҷ арзиши асосии ояндаро муайян кардаанд, ки дар оянда бартарӣ ёфта, дар тасмимгириҳо таъсиргузор мешаванд. Дар замони нав бештари мардум дар шаҳрҳо зиндагонӣ мекунанд ва ин тарзи зиндагӣ ба саломатии ҷисмонӣ ва равонии инсон таъсири манфӣ мерасонад. Маълум аст, ки бо давидан ва машқҳо дар марказҳои варзишӣ хастагии ҷисмониро бартараф

карда мешавад. Аммо хастагии равонӣ ё худ стресс бо вақтхушиҳо бартараф карда мешавад. Алаккай то имрӯз дар шаҳрҳои бузурги ҷаҳон садҳо намуди вақтхушиҳо вуҷуд доранд, ки мардум баъди кор ба онҳо машғул шуда, руҳу равони худро ором месозанд. Дар кишвари мо камтар аст ва Чаҳоршанбесурӣ метавонад шумораи онҳоро зиёд кунад. Яъне ин ҷашн ҷашни гузашта ва куҳнаи корношоям набуда, ҷавобгӯи имрӯзу фардо мебошад.

Чаҳоршанбесӯрӣ ҷашнест, ки иҷрои расмҳои он ҳам манфиати ҷисмонӣ мерасонад ва ҳам манфиати равонӣ. Давидану паридан ва рақсу бозӣ ҳам ба ҷисми одам таъсири хуб мерасонад ва ҳам табъи ӯро болида мегардонад. Бо дарназардошти ин ва арзиши таъсиргузор шудани вақтхушӣ дар оянда, Чаҳоршанбесурӣ, ин ҷашни миллии тоҷикон, ба эҳтимоли зиёд густариш хоҳад ёфт. Ин оғози карнавали наврӯзӣ гардида, метавонад шумораи сайёҳонро ба кишвари мо зиёд карда, манфиатҳои иқтисодӣ ба бор оварад.

*Эй аз туам сад илтимос*
*Эй аз туам сад илтиҷо*
*Сурхии рӯятро бидеҳ*
*Зардии рӯямро бигир*
*Гармии рӯятро бидеҳ*
*Сардии рӯямро бигир*
*(Аз шеъри "Сурхии рӯятро бидеҳ"-и Бозор Собир)*

Албатта дар асри 21, асри иттилоотӣ, дониши мардум дар сатҳе нест, ки аз оташ интизории шафоат дошта бошанд. Аммо ин ойини инсонсози наврӯзӣ фикри мушкилоти ҷориро то муддате аз сар дур карда, руҳу равони инсонро нисбатан ором карда, стрессро бартараф месозад. Ҳадафи асосии ҷашни Чаҳоршанбесӯрӣ ҳам пок кардани руҳу равон ва омода шудан ба соли нав мебошад. Дар соли нав бояд кинаву адоват аз дилҳо дур гардад ва ноумедиҳо аз миён раванд ва бо як руҳияи баланд ва иродаи матин соли наврo истиқбол кунанд. Наврӯз ҷашни пирӯзии равшанӣ бар зулмат, некӣ бар бадӣ ва дӯстиву рафоқат бар кинаву адоват аст. Дар ин ҷашн

ноумедиҳо ба боварӣ бар фардои нек, душманиҳо ба дустиву рафоқат ва дуриву ҳиҷрон ба наздикиву ҳамкорӣ кардан мубаддал мегардад. Наврӯз оғози ҳаёту зиндагии нав, муносибатҳои неки нав, донишу огоҳиҳои нав ва корнамоиҳои нав мебошад. Ин ҷашни миллии тоҷикон омеду орзуҳои инсонро қувват бахшида, барои мубориза бо бадиҳо, хушунатҳо ва ноумедиҳо омода месозад. Чаҳоршанбесурӣ оғози ин ҳама рафтору пиндору гуфтори нек буда, ноумедиҳо, кинаву адоватҳо ва хастагиҳои равони инсонро дар оташи пок сузонда, рӯзи нав ва соли навро бо бовариву умед, ишқу дӯстӣ ва руҳияти баланд пешвоз мегиранд. Бошад ки ҳар рӯзи мо Наврӯз бошад. Ҳар рӯзатон Наврӯз бод, Наврӯзатон пирӯз бод!

## Сарчашмаҳо


1. Чаҳоршанбесӯрӣ. (https://fa.wikipedia.org/wiki/%DA%86%D9%87%D8%A7%D8%B1%D8%B4%D9%86%D8%A8%D9%87%E2%80%8C%D8%B3%D9%88%D8%B1%DB%8C)
2. Торихчаи Чаҳоршанбесӯрӣ. (http://www.fardanews.com/fa/news/252468/%D8%AA%D8%A7%D8%B1%DB%8C%D8%AE%DA%86%D9%87-%DA%86%D9%87%D8%A7%D8%B1% D8%B4%D9%86%D8%A8%D9%87-%D8%B3%D9%88%D8%B1%DB% 8C)
3. Iranian Traditions and Celebrations. Chaharshanbe soori. The fire festival of Iranian people. (**http://www.cais-soas.com/CAIS/Celebrations/fire_festival.htm**)
4. Iranian culture- Chaharshanbe soori. (http://www.iranvisitor.com/iran-culture/chaharshanbe )
5. Аз гули хор то симхор. Бозор Собир.

*ОЯНДАШИНОСИИ РАВАНДҲО ВА ХАТАРҲОИ ҶАҲОНИ МУОСИР*



***Искандар Асадуллаев / доктор философских наук***

# НЕ АПРИОРНОЕ ЗНАНИЕ, А ЗНАНИЕ-ВЕРА. МИР ПО КАНТУ И МИР ПО ГЕГЕЛЮ

Темная материя и темная энергия в последнее время вызывают противоречивые суждения, но в целом оставляют главное – невозможность попыток обнаружения явлений и сути новой области объективной реальности. При первом взгляде на эту дилемму напрашивается деление Вселенной на виды материи, принципиально познаваемые, и на виды материи, которые остаются непознаваемыми (возможно пока?). Все попытки пока тщетны, вещь в себе не становится вещью для нас. То есть эти виды материи в одном случае развернуты по Гегелю как мир всеобщей связи и познаваемости, в другом случае как кантовская вещь в себе.

Об этом говорит и то, что каждый из этих миров (видимая Вселенная и темная материя и темная энергия) имеет присущую ему единую для себя определенность, свое единое качество. Эти определенности с громадным перепадом качества, не обнаруживают друг друга.

Оптимисты не стали бы так скоро решать вопрос в пользу Канта, но наука не должна отказываться от рассмотрения и этих аспектов. Важным суждением Канта является различие между познанием локальной реальности, доступной опыту, и всеобщими понятиями априорного знания.

Материи нет, есть только вера в существование материи, которая исходит из якобы подобия или тождественности материи ее проявлениям. Идея тождественности «одного» «другому» великолепно выражена в ее абсолютной форме у Гегеля: «Все разумное действительно, все действительное

разумно». В нашем случае: проявления материи тождественны или подобны самой материи, или, лучше сказать, по проявлениям материи можно познать самое материю. В этом принцип познаваемости мира. Однако мы не отрицаем принципа познаваемости мира, но подвергаем сомнению существующие формы познаваемости, когда проявления материи якобы прямо материю отражают. Мы видим стены, дома, деревья, город, людей, звезды, небо и что угодно, но это не материя, а ее проявления. В таком подходе не следует видеть берклианство или необерклианство, мы не отказываемся от естественнонаучного материализма, весь вопрос заключается в выяснении проблемы, которая возникает в связи с поисками места научной веры в процессе познания. В нашем подходе по отношению к нашей Вселенной нет и кантианства – вещи в себе, так как мы признаем познаваемость мира как всеобъемлющий принцип. Мы не отказываемся от не что за пределами нашего сознания и наших чувств. Однако материю никто нигде не видел, видят только ее проявления. По свойствам проявлений материи, по многим их отношениям и на основе их изучения мы судим о материи. Утверждаем, например, существование единства мира на основе единства проявлений материи. Но разве не может быть разорванности материи до моментов ее проявлений в системе внешних связей. Примером может послужить существование нашей Вселенной и темной материи и темной энергии. Качественный перепад между мирами может быть абсолютным, и контакт между ними невозможным. Когда мы говорим «материи нет», то не отказываемся от веры или признания существования нечто за пределами наших чувств и сознания, но не в том виде, какое сложилось в традиционной философии. Материя может быть разорвана в бесконечных мирах, проявляя единство в определенности какого-либо отдельного мира. В определенности отдельного мира, отдельной Вселенной может и проявляется целостность и единство, но этого, может быть, нет в бесконечности. Пытаясь охватить бесконечность верой в эту бесконечность, человек пытается «раздвинуть бесконечность» своего мира. Вырываясь из локального в бесконечность, но только на основе научной веры он строит понятие материи.

Удивляешься необыкновенной прозорливости и гениальности Аристотеля, который уже на заре античной философии обратил

внимание на субъективность истины, без которой она не может притязать на объективность. Дано это было в его время в зародыше проблемы. Простите за каламбур, объективность изначально субъективна, притом не только формой.

В данной статье не ставится задача исследования историографии проблемы, но надо отметить, что уже у Аристотеля проявлялись контуры понятий и решения научной задачи. Например, в «Метафизике» Аристотель обращает внимание на важные аспекты понятия веры: «Но с мнением связана вера (в самом деле, не может тот, кто имеет мнение, не верить этому мнению), между тем, ни одному из животных вера не свойственна, воображение же – многим. Далее, всякому мнению сопутствует вера, а вере – убеждение, убеждению же – разумное основание (logos)» [1, с. 431]. Для Аристотеля, на наш взгляд, существенным является признание истинным мнения – вера-знание в истинность мнения. Википедия говорит о понятии веры следующее: «Вера — признание чего-нибудь истинным без опоры на факты или логику, лишь на основании внутренней (субъективной) уверенности, которая не нуждается в доказательствах, хотя иногда и подыскивает их...» [2]. Данное понятие формулируется неточно: вера подчас нуждается в доказательствах и логике, вплоть до границы, где действует тезис: верую, ибо нелепо.

Когда человек знает что-либо, то он верит, убежден в том, что то, что он знает, является действительным, истинным. Он может думать о ложности какого-либо знания, но и в этом случае он верит в эту ложность знания. Разум основан на вере, а вера основана на разуме.

Доказать это просто. Например, возьмем кусочек хлеба. Человек, прежде чем откусить его и прожевать, видит и осязает его, но не полностью. Человеку никогда не дано что-либо полностью знать. Полностью увидеть то из чего состоит весь кусочек хлеба, он не может принципиально. Но процесс приема пищи требует от него доверия своим чувствам и разуму, которые говорят ему, что это нормальный хлеб и его можно прожевать и съесть. Человек должен, опираясь на разум и чувства, верить в съедобность пищи. Без этой веры не может быть осуществления жизни. И так на каждом шагу.

В естественных науках используется понятие вероятности наступления события. Это единство определенного и неопределенного в наступлении событий. У человека в его повседневной жизни оно построено на единстве знания и веры. Как мы уже говорили, человеку не дано полностью знать о предмете своего внимания, это дает основу для веры с целью получения большей субъективной определенности для принятия решения. Человек принимает решение, имея неполные знания и веру, неполные знания становятся основой уверенности в успешность его действий или деятельности.

Для принятия решений достраивание знаний верой субъективно, так как опирается на веру человека, но оно и объективно, потому что связано с объективной вероятностью. Веером возможностей, у которых различная вероятность.

В связи с развитием позиции Аристотеля становится ясным, что самым первым знанием-верой является вера в истинность своего мнения. Если обострить вопрос, то можно его довести до кажущегося абсурдным тезиса. Может показаться, что чтобы не высказывал человек, веря в свое мнение, он высказывает истину в первой инстанции. Человек под этим углом зрения может утверждать атеизм или веру в бога, дуализм или плюрализм бытия, или еще что-либо, но он в каждом отдельном случае может верить в истинность того, что высказывает. На этом этапе все эти различные противоречивые мнения равносильны и равнозначны. Даже если какое-либо из них опирается на опыт – практику. Сама практика подвержена субъективизму, так как основывается на вере в истинность практики как критерия истины. То есть любое мнение, обоснованное логически или опытно, или построенное на других аргументах и основаниях, не может быть абсолютно объективным и абсолютно истинным. Между человеком и объективной или абсолютной истиной лежит субъективность. То есть возникает вопрос: не являются ли наши знания, любые истины в основе своей релятивными, относительными?

Это по-новому высвечивает наши знания о материи, которые «странным» образом дополняются верой в ее существование. Важным в этом аспекте является истина: материи нет, но мы верим в существование материи. Все что мы видим, это всегда и везде проявления материи, но самой материи никто никогда не видел без проявлений, ее нет в чистом виде, есть только ее

бесконечные проявления во всей Вселенной. Материю как целостность никто не видел и не ощущал. Мы верим, что все, что мы видим везде, это всего лишь проявления нечто, в которое мы верим как в существующую материю. Однако и сама эта истина по логике наших суждений несет в себе момент субъективности. Отсюда следует: абсолютной истины не существует: мы верим в абсолютность или объективность истины, без этой субъективности не может быть ни одного суждения человека.

Мы не только не можем видеть материю без проявлений, но обречены верить в ее существование. Мы на основе простых и сложнейших логических операций, суждений, часто основывающихся на практике и опыте, заключаем о существовании материи, которая от нас скрыта «под» своими проявлениями, никогда не обнаруживаясь в чистом виде. Мы можем только верить, что материя существует, потому что мы верим в это ее существование. Интерес представляют суждения Дж. Бруно, хотя и в несколько ином аспекте, мы приведем их с целью более рельефного прояснения нашего вопроса. На наш взгляд, справедливо суждение Дж. Бруно, отмечавшего, что «Никто не может помешать вам пользоваться названием материи по вашему способу, как, равным образом, у многих школ она имела разнообразные значения» [3, с. 1996]. Дж. Бруно для другого аспекта, опираясь на доводы Аристотеля, говорит следующее: «Итак, подобно тому как в искусстве, при бесконечном изменении (если бы это было возможно) форм, под ними всегда сохраняется одна и та же материя… так же и в природе, при бесконечном изменении и следовании друг за другом различных форм, всегда имеется одна и та же материя» [4, с. 1996]. Другими словами, какую бы вещь мы не взяли «под» ней «имеется одна и та же материя». Но обнаружить ее как таковую органами чувств невозможно.

В. Гейзенберг, анализируя идеи И. Канта, подчеркивает: «Опыт никогда не придает нашим суждениям всеобщность. Например, предложение "Солнце всходит каждое утро" означает, что мы не знаем на основании прошлого никакого исключения из этого правила и потому верим, что это повторится и в будущем. Однако можно предположить исключение из этого правила. Если суждение имеет всеобщий характер, то есть если нельзя представить себе исключение, то оно должно быть

априорным» [5, с. 47]. Мы не будем вдаваться в подробности кантовской теории, но отметим важную для нас мысль о том, что всякое понятие, имеющее всеобщий характер, основывается в аспекте нашего исследования не на априорное знание, а на вере в эту всеобщность. Всеобщий характер определенных знаний, в отличие от Канта, возникает не на основе априорных знаний, а на основе веры во всеобщий характер понятий.

Обратимся к аспекту, на который обращал внимание И. Кант, вводя априорные знания: невозможности понимания всеобщности на основе опыта. На деле речь должна идти не о них, а о вере в то, что не может охватить разум на основе опыта. Есть знания на основе опыта, практики, и есть знания на основе веры. Они взаимосвязаны.

Материя как всеобщее понятие возникает не только на основе опыта, но, прежде всего, на основе веры в ее всеобщность. Между тем многое говорит о том, что материя разорвана на миры или вселенные, контакт между которыми невозможен в виду абсолютного перепада их качеств и определенностей [6,].

В связи с этим мы вводили в научный оборот категории участия и неучастия [7]. Разорванные миры, из которых возможно состоит материя, не участвуют в процессах друг друга, у них нет взаимодействия. В этом смысле неучастие по отношению друг к другу тождественно небытию. Небытие в одном мире есть бытие другого мира, определенность одного мира не обнаруживает определенности другого мира.

Каждый шаг от локального опыта к всеобщности есть причина возникновения новых знаний на основе веры как восполнения опытного знания.

С другой стороны, мы можем применять принцип познаваемости мира в ограниченных пределах нашей Вселенной, но никак не по отношению к материи за пределами ее. Признание существования других миров, не участвующих в процессах нашей Вселенной, равносильно отрицанию их бытия, отрицанию принципа познаваемости мира за пределами нашей Вселенной. Разорванность материи приводит к тому, что в одном случае принцип познаваемости реален, но в других частях материи, применяя понятие И. Канта, не действует, уступая место вещи в себе. Наша Вселенная это вещь в себе, становящаяся вещью для нас, но только в нашей Вселенной.

Тезис будет опровергнут успешными поисками определенности, например, темной материи и темной энергии, обнаружением их определенности определенностью нашего мира. Каждый мир имеет свою определенность, взаимодействие говорит о том, что определенности доступны для обнаружения.

Исследования И. Канта получают новое звучание. Категории участия и неучастия действуют везде в нашем мире, в каждой вещи. В нашей Вселенной нет вещей в себе. Во взаимодействиях, почти всегда не полностью охватывающих предметы, есть то, что участвует в них, и то, что не участвует. Из этого следует, что часть процессов, не участвующие во взаимодействии, проявляют себя как небытие вещи для другой вещи, вступившей во взаимодействие. Вещь не только представляет собой тождество бытия и небытия по Гегелю, но разделенность процессов на те, которые для другой вещи суть бытие и другие являются небытием как не участвующие во взаимодействии.

Возникает вопрос: не проще ли отказаться от признания существования других миров, если они проявляются как вещи в себе, тождественные небытию?

Однако пример темной материи и темной энергии говорит о том, что подобные миры существуют, об этом свидетельствуют ученые-естествоиспытатели. Если иметь в виду бытие и небытие одной вещи для другой вещи во взаимодействии, то это еще один аспект подвижного противоречия бытия и небытия в вещах с динамическими гранями. Вещь, воздействующая на другую вещь, вызывает своеобразное подвижное соотношение бытия и небытия в ней.

«Материи нет» – это не метафора для более рельефного выражения веры во всеобщее понятие, которого без веры не может охватить разум. Материи нет в чистом виде, как нечто существующего в основе основ. Есть противоположный тезис: проявления материи это и есть материя. Тогда материя не лежит в основе основ, а воплощена в бесконечных проявлениях. Однако на протяжении тысячелетий тезис Аристотеля был ведущей мыслью философских исследований, и следовало бы понять материю как всеобщность, в которую надлежало и надлежит верить. Опыт не может без веры помочь разуму перейти к пониманию всеобщности.

Одновременно следует сказать, что неучастие других миров в процессах нашей Вселенной, других частей разорванной материи в виде множества других миров вне контакта с нашим миром говорит о том, что материя и есть, и нет ее как бытия. Она представляет собой не только в гегелевском смысле тождественность бытия и небытия в одном и том же, но и как разорванные части бытия, которые друг для друга являются небытием.

Такое происходит потому что определенность одного мира не обнаруживает определенность другого мира. Между мирами может быть бесконечный перепад качества.

**Библиография**


1. Аристотель. Метафизика. Сочинения в четырех томах. Том 1. // Москва: «Мысль». - С. 431.
2. ru.wikipedia.org/wiki/
3. Бруно Д. М., 1940 / Мир философии: Книга для чтения. В 2-х ч. Ч. 1. Исходные филос. Проблемы, понятия и принципы. – М.: Политиздат, 1991. – С. 1996.
4. Там же.
5. Гейзенберг В. Физика и философия, М., Наука, 1989.
6. Гиндилис Л.М. Множественность обитаемых миров. Методологические аспекты / Вселенная, астрономия, философия // Издательство МГУ, 1988.
7. Асадуллаев И.К. Бытие – симфония диссонанса / Душанбе: Эр-граф, 2014. – С. 104-115,242-253. Интернет, Асадуллаев И.К. Бытие – симфония диссонанса: http://nbpublish.com/book_26315.html
8. Бытие и небытие множества вселенных. О новых философских категориях участия и неучастия // Журнал ВАК «Политика и общество» №9, 2011. Институт социально-политических исследований Российской Академии Наук. Российский журнал по вопросам социальной политики. Стр. 82-87.
9. Интернет: Темная энергия, Опубликовано admin в пт., 2006-12-22 03:00; (интервью главного научного сотрудника Института ядерных исследований РАН, академика РАН Валерия Рубакова)
10. Абу Али Ибн Сина. Сочинения. Том первый // Душанбе: Дониш, 2005. – С. 183.

11. Асадуллаев И. Свобода дает надежду // «Бизнес и политика», 15 августа 2006.
12. Аристотель. Сочинения в четырех томах. Москва: «Мысль», Т. 3, 1981. – С. 391.
13. Кузнецов Б.Г. Эйнштейн. Жизнь. Смерть. Бессмертие / Москва: «Наука», 1972. – С. 133.
14. http://www.centrasia.ru/newsA.php?st=1312833900
15. Аристотель 1976 - Аристотель. Сочинения в четырех томах. М., 1976.
16. Абу Бакр Ар-Рази 1990 – Абу Бакр Ар-Рази. Духовная медицина / Предисловие. Душанбе: Ирфон, 1990.
17. Абу Али Ибн Сина (Авиценна) 2005 - Абу Али Ибн Сина (Авиценна) Сочинения. Душанбе: Дониш, 2005.
18. Гейзенберг 1990 - Гейзенберг В. Физика и философия. Часть и целое: Пер. с нем. Москва: Наука. Гл. ред. Физ.-мат. лит., 1990.
19. Аристотель 1976 - Аристотель. Сочинения в четырех томах. Москва: Мысль, 1976
20. Бертран Рассел. Мудрость Запада / М.: Издательство «Республика», 1998. – С. 226.
21. Пригожин И., Стенгерс И. Порядок из хаоса: Новый диалог человека с природой: Пер. с англ./ Общ. ред. В. И. Аршинова, Ю. Л. Климонтовича и Ю. В. Сачкова. — М.: Прогресс, 1986. —432 с.
22. Единство материального и идеального и экспансия подобия (универсальный закон встречной соразмерной активности) / Журнал ВАК «Политика и общество» №3, 2011. Институт социально-политических исследований Российской Академии Наук. Российский журнал по вопросам социальной политики.
23. Ильенков Э.В. «Диалектическая логика». - Политиздат, 1984. – С. 165.
24. Ибн Сина. Избранные философские произведения / Москва: «Наука», 1980. – С. 152.



*Ёрмаҳмад Ниёзӣ* / *файласуф*

# МУҲТАВОИ БАРХӮРДИ ТАМАДДУНҲО ВА ТАЪСИРИ ОН БА ҶОМЕАИ ТОҶИК

Имрӯз, ба таври куллӣ, ҷомеаи тоҷик ва бештари манотиқи ҷаҳон ба сохтани ҳувияти динӣ машғул аст. Оё ин раванд як зарурат ва талаботи воқеии ҷомеаҳо аст? Донишмандон ва чеҳраҳои рӯҳонии кишвар, оё ин равандро огоҳона пайгирӣ мекунанд ё ноогоҳона? Чаро тӯли 70 соли Шӯравӣ, ки гӯё ҷомеаи бединӣ буд ва донишмандони он атеизм мехонданд, яку якбора ба дин рӯ оварда, имрӯз яке аз мақомоти меҳварии ҳувиятсози динии ҷомеа шудаанд? Суоли охир ин аст, ки ин раванд худҷӯш аст ё дар паси ин раванд манфиатҳои геосиёсии кишварҳои хориҷӣ нуҳуфтааст ва ё ин чеҳраҳо танҳо дар дохил фазосозӣ мекунанд?

Барои ҷавоби қонеъкунанда пайдо кардан ба ин пурсишҳои ботинии худ ба сарчашмаҳои илмию оммавӣ рӯ меорем. Гарчанде ба ин пурсишҳо ҷавоби дуруст пайдо накардаем ва ин пурсишу ковишҳо идома доранд, ба таври муқаддима ва оғоз бахшидани ин баҳс ба як мақолаи Самуэл Ҳантингтон бо номи «Бархӯрди тамаддунҳо» (Посухи Осиё ба назарияи бархӯрди тамаддунҳо. Маҷмӯаи мақолот. Теҳрон: Интишороти хуршедофарин,1843. -271с.) таваҷҷуҳ мекунем[5]. Зеро баъзе аз донишмандони тоҷик консепсияи ӯро муқобил ба консепсияи идеологиясозии миллӣ қарор дода, идеологияи миллиро дар баробари ҳавзаҳои тамаддунҳое, ки бар асоси ҳувиятҳои динӣ сохта шудаанд, як кори беарзише меҳисобанд. Самуэл

[5] Самуэл Ҳантингтон. «Бархӯрди тамаддунҳо» (Посухи Осиё ба назарияи бархӯрди тамаддунҳо. Маҷмӯаи мақолот. Теҳрон: Интишороти хуршедофарин, 1843. -271с.)

Ҳантингтон тақсимоти нави ҷаҳонро, на бар асоси идеологияҳо, балки ба асоси тамаддунҳо баррасӣ месозад.

Ин раванди идеологиясозии давлат – миллатҳо аз кашмакашҳои қабилавӣ шурӯъ шуда, то бархӯрди шоҳзодагон, императорҳо, ҳукуматҳои худкома ва ҳукуматҳои машрута (конститутсионӣ) дар бар мегирифт, то ин ки девонсолории худро густариш диҳанд.

Сиёсати ҷаҳонӣ дар оянда, аз назари С. Хантингтон, идеологиясозии ҳамаи давлат - миллатҳоро сарфи назар хоҳад кард. Аммо натиҷаи ин сиёсатҳои ҷаҳонӣ ИМА-ро ба яккақутбӣ оварда расонид. Ин ҷо суоле пеш меояд, ки аз кадом роҳ ба ин натиҷа расид ва дар сатҳи ҷаҳонӣ чӣ воқеотеро ба вуҷуд овард?

Дар идома, аз назари ӯ, дар сиёсатҳои ҷаҳон дигар на байни идеологияҳо, балки байни фарҳангҳо бархӯрд сурат мегирад. Сиёсатҳои ҷаҳонӣ пайгири бархӯрди тамаддунҳоанд.

Дар таърих, чи хеле ки зикр гардид, аввалин бархӯрдҳо дар Ғарб низ байни шоҳзодагон, императорҳо, ҳукуматҳои худкома, ҳукуматҳои машрута мегузашт.

Инқилоби Фаронса сабаби эҷоди давлат- миллатҳо шуд ва соли 1893 ҷанги миллатҳо оғоз шуда, то анҷоми Ҷанги Якуми Ҷаҳонӣ идома пайдо кард.

Бархӯрди байни миллатҳо дар натиҷаи инқилоби Россия ва вокунишҳое, ки алайҳи он ба вуҷуд омад, бархӯрди байни миллатҳо, ба бархӯрди идеологҳо табдил шуд. Ва оқибат ба бархӯрди коммунизм (Иттиҳоди Шуравӣ) ва либерал-демократия оварда расонид.

Дар поёни ҷанги сард оғози равобити Ғарб ва тамаддунҳои ғайриғарбӣ шурӯъ гардид. Дар даврони ҷанги сард тақсими дунё ба ҷаҳони якум, дуюм ва сеюм сурат мегирифт, аммо баъди ҷанги сард бошад, на бар асоси низомҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, балки дар асоси фарҳангҳо ва тамаддунҳо ҷаҳон гурӯҳбандӣ шуда, бархӯрдҳо шурӯъ шуда, ҷангҳо роҳандозӣ мешаванд, зеро тамаддунҳо сатҳи ҳувияти фарҳангии густурдатарро дорад. **Тамаддун аз унсурҳои айнии муштарак аз қабили забон, таърих, мазҳаб, русум ва ниҳодҳояш таъриф мешавад.** Сатҳи ҳувияти инсон дар асоси ин тамаддунҳо шакл мегирад. Инсонҳо метавонанд дар таъйини ҳувияти худ таҷдиди назар кунанд ва ин корро ҳам мекунанд. Ана ҳамин далел аст, ки таркиб ва марзҳои

тамаддунӣ тағйир мекунад. Тамаддун метавонад якчанд давлатҳоро дар бар гирад ё як кишварро. Мисли тамаддуни ғарбӣ, ғайриғарбӣ ва тамаддуни амрикоӣ, шимолӣ, тамаддуни исломӣ (арабӣ, туркӣ, малайзиёӣ). Тамаддунҳо авҷ мегиранд ё сукут мекунанд, шоха- шоха мешаванд ва дарҳам мепечанд.

Арнолд Тойинбӣ, пажӯҳишгари таърих тамаддунро ба XXI қисм мерасонад, ки аз миёни онҳо шаш тамаддун вуҷуд дорад. Тамаддуни ғарбӣ, конфусионӣ, жопонӣ, исломӣ, ҳиндӣ, славянӣ, ортодоксӣ, Амрикои лотинӣ ва эҳтимолан, африқоӣ. Фарқияти асосии ин тамаддунҳо мазҳаб (дин) ва баъдан забон, фарҳанг, суннат ва таърих аст.

Мардум дар асоси тамаддунҳои мухталиф дидгоҳҳои мутафовит дар мавриди робитаи байни худо ва инсон, фард ва ҷомеа, шаҳрванд ва давлат, волидайн ва фарзандон, зан ва шавҳар ва дидгоҳҳои муҳим нисбати ҳуқуқ ва масъулиятҳо, озодӣ ва ихтиёр, баробарӣ ва силсиламаротиб пайдо мекунанд. Раванди муҳоҷират бошад, ихтилофи тамаддунҳоро ба вуҷуд меоварад ва тамоюли байни онҳоро афзоиш медиҳад.

Раванди фарояндҳои навсозии иқтисодӣ, технологӣ ва тағйироти иҷтимоӣ дар ҷаҳон инсонҳоро аз ҳувиятҳои бумии деринаашон ҷудо мекунад ва ҳувияти давлату миллатҳоро заиф месозад ва мазҳаб ин халои миллӣ – идеологиро пур мекунад. Аммо ҷунбишҳои бунёдгароии масеҳияти ғарбӣ, ойинҳои яҳудӣ, буддоию ҳинду ва ислом ташаккул ёфта, даст ба тамоми нооромиҳо ва ҷиноятҳо мезананд. Фаъолони ин ҷунбишҳо донишҷуён, коршиносони фаннӣ, табақаи мутавассит, соҳибони машғили гуногун ва тоҷирон мебошанд.

Ғайридунявӣ шудани ҷаҳон яке аз воқеаҳои барҷастаи иҷтимоӣ дар охири қарни 20-ум аст. Таҷдиди ҳаёти мазҳабӣ раванди фаъоли ҷаҳонӣ аст ва ҷомеаҳоро осебпазир месозад. Фарҳанг ва мазҳаб, ҳамчунин асоси созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ аст. Ҳувият бар асоси мазҳаб ва қавмият ташаккул меёбад.

Бархӯрди тамаддунҳо дар ду самт сурат мегирад:

1) Дар сатҳи хурд, гурӯҳҳои наздик ба ҳам дар имтидоди хутути гусели тамаддунӣ барои назорати минтақа ва маҳори якдигар вориди низоъҳои ағлаб хушунутомез мешаванд.

2) Дар сатҳи калон давлатҳои мутаалиқ ба тамаддунҳои мухталиф барои ба даст овардани қудрати низомӣ ва иқтисодӣ ба рақобат мепардозанд ва барои контроли ниҳодҳои

байналмилалӣ мубориза мекунанд ва ба гунае рақобатҷӯёна арзишҳои хоси сиёсӣ ва мазҳабии худро тарвиҷ мекунанд.[6]

Бо аз байн рафтани тақсимбандии идеологӣ дар Аврупо бори дигар Урупоро аз лиҳози фарҳанги масеҳӣ – ғарбӣ, аз як сӯ ва масеҳияти ортодоксӣ ва ислом, аз сӯйи дигар, тақсим кардааст.

Гусели байни тамаддунҳо мафҳумест, ки дар мақолаи худ муҳаққиқ зиёд истифода кардааст ва маънояш он аст, ки нуқоти ҳассоси бузурги буҳрон ва хунрезӣ ҷонишини марзҳои сиёсӣ ва идеологӣ мешаванд[7] .

Мисли ҷангҳои дар Украина, Ховари Миёна ва дигар манотиқи ҷаҳон имрӯзу оянда ба вуқӯъ хоҳанд омад, инчунин даргирӣ дар имтидоди хутут(хатҳо)-и гусели байни тамаддунҳои ғарбӣ ва исломӣ низ собиқаи 1300- сола доштааст.

Имрӯз низ кишварҳои арабӣ бар зидди демократияи ғарбӣ ва неруҳои сиёсии ғарбиситезиро дар шакли ҳаракатҳои тундрав ва ифротии динӣ месозад. Муҳоҷироти арабҳо (африкоӣ) ва туркҳо боиси нажодпарастии урупоиҳо аст. Ин тамоюл бархӯрд миёни ислом ва Ғарбро метезонад ва дигар кишварҳои мусулмонии ғайриарабиро низ ба чолиш мекашад[8].

Бархӯрди дигари ҷаҳони исломӣ бо кофирон ва бутпарастон. Бархӯрди дигар байни мусулмонон ва ортодоксҳо дар марзҳои шимолии ислом аст. Сербу албанҳо, булғорҳо ва ақаллияти турк, ассетинҳо ва ингушҳо, озарҳо ва арманҳо, русҳо ва мусулмонони Осиёи Марказӣ, эъзоми (азми) қувваи русӣ ба Қафқоз ва Осиёи Марказӣ барои ҳифозат аз манофеи Россия, даргириҳои таърихии русҳо ва туркҳо, мусулмонҳо ва ҳиндуҳо, низоъҳои шадиди мазҳабии байни худи ҳиндуҳо, ихтилофи марзии Чин бо ҳамсоягонаш, сиёсати бераҳмонаи Чин нисбат ба Буддоиён ва чунин

---

[6] Самуэл Ҳантингтон. «Бархӯрди тамаддунҳо» (Посухи Осиё ба назарияи бархӯрди тамаддунҳо. Маҷмӯаи мақолот. Теҳрон: Интишороти хуршедофарин, 1843. -271с.) –С. 31.

[7] Самуэл Ҳантингтон. «Бархӯрди тамаддунҳо» (Посухи Осиё ба назарияи бархӯрди тамаддунҳо. Маҷмӯаи мақолот. Теҳрон: Интишороти хуршедофарин, 1843. -271с.). -С. 32.

[8] Самуэл Ҳантингтон. «Бархӯрди тамаддунҳо» (Посухи Осиё ба назарияи бархӯрди тамаддунҳо. Маҷмӯаи мақолот. Теҳрон: Интишороти хуршедофарин, 1843. -271с.). -С 34.

бархӯрд бо ақаллиятҳои туркӣ - мусалмонӣ низ баъд аз ҷанги сард пеш гирифтааст ва ихтилофоти байни Чин ва ИМА дар заминаҳои ҳуқуқи башар, тиҷорат ва густариши таслиҳот(силоҳ)ҷанги сарди ҷадиди ҷаҳонро интизор аст[9]. Ихтилофҳои байни Японияву Амрико ва ҷанги иқтисодии байни Африқову Урупо ва Япония[10] дар ин замина мисол шуда метавонанд.

Яъне иттиҳоди тамаддунӣ модели дигарест, ки С. Ҳантингтон пешниҳод мекунад. Гурӯҳҳо ё давлатҳои як тамаддун, ҳангоме ки мардуме аз тамаддуни дигар даргири ҷанг мешаванд, табиатан саъй доранд, то ҳимояти дигар аъзои тамаддуни худро ба даст оваранд. Иштирокоти тамаддунӣ ҷойгузини идеологияи сиёсӣ шуд. Масалан, арабҳо ва эрониён ҷанги алайҳи Амрико ва Урупоро ҷиҳод мекунад ва ҳар касе дар ин роҳ кушта шавад, шаҳид аст[11]. Оятуллоҳ Сайид Алии Хоманаӣ мегӯяд: «Мубориза бо таҷовуз, мутомеъ(тамаъкориҳо), тарҳҳо ва сиёсатҳои Амрико дар ҳукми ҷиҳод аст ва ҳар кас дар ин роҳ кушта шавад, шаҳид аст». Малик Ҳусайн подшоҳи Урдун эълон кард, ки ин ҷанг фақат алайҳи Ироқ нест, балки ҷангест алайҳи араб ва тамоми мусулмонон[12].

Бархӯрди тамаддунҳо меъёрҳои дугона доранд, яъне барои кишварҳои хешовандонаш як меъёр ва барои кишварҳои дигар меъёрҳои дигар. Хулосаи С.Хантингтон он аст, ки агар «ҷанги ҷаҳонии дигаре вуҷуд дошта бошад, ҷанге байни тамаддунҳо хоҳад буд». Сарчашмаи даргирии байни Ғарб ва дигар кишварҳо мизони қудрати мубориза барои касби бартарии низомӣ, иқтисодӣ ва қудрати ниҳодӣ аст.

---

[9] Самуэл Ҳантингтон. «Бархӯрди тамаддунҳо» (Посухи Осиё ба назарияи бархӯрди тамаддунҳо. Маҷмӯаи мақолот. Теҳрон: Интишороти хуршедофарин, 1843. -271с.). -С. 37.

[10] Самуэл Ҳантингтон. «Бархӯрди тамаддунҳо» (Посухи Осиё ба назарияи бархӯрди тамаддунҳо. Маҷмӯаи мақолот. Теҳрон: Интишороти хуршедофарин, 1843. -271с.). –С. 38.

[11] Самуэл Ҳантингтон. «Бархӯрди тамаддунҳо» (Посухи Осиё ба назарияи бархӯрди тамаддунҳо. Маҷмӯаи мақолот. Теҳрон: Интишороти хуршедофарин, 1843. -271с.). –С. 40.

[12] Самуэл Ҳантингтон. «Бархӯрди тамаддунҳо» (Посухи Осиё ба назарияи бархӯрди тамаддунҳо. Маҷмӯаи мақолот. Теҳрон: Интишороти хуршедофарин, 1843. -271с.). –С. 40.

Дигар сарчашмаи тамаддун, яъне тафовутҳои фарҳангист, ки шомили боварҳо ва арзишҳои асосӣ мешавад.

Тамаддуни Ғарбӣ, гарчанде барои тамоми башар муносиб ва ошност, ба гуфтаи Хантингтон, фардгароӣ, либерализм, машрутият, ҳуқуқи башар, баробарӣ, озодӣ, ҳокимияти қонунӣ, демократия, бозори озод, ҷудоии давлат аз калисо барои фарҳангҳои исломӣ, конфусианӣ, японӣ, ҳиндӣ, буддоӣ ва ортодоксӣ бозтоби чандоне надоранд. Зиддияти байни ин арзишҳо бунёдгароии мазҳабиро ба вуҷуд меоварад. Дар оянда меҳвари аслии сиёсатҳои ҷаҳонӣ бархӯрди Ғарб бо бақияи кишварҳои ғайриғарбӣ дар баробари арзишҳо ва қудрати Ғарб аст.

Ин вокунишҳо дар се шакл зуҳур мекунанд: 1) дар шакли ифротӣ (Ховари Миёна ва Эрон); 2) Кишварҳое, ки пайвастан ба Ғарб ва пазириши арзишҳо ва ниҳодҳои ғарбӣ доранд; 3) Барқарории мувозинат аз тариқи тақвияти қудрати низомӣ, иқтисодӣ ва ҳамкорӣ бо дигар ҷавомеи ғайри- ғарбӣ алайҳи Ғарб, аз як сӯ ва ҳифзи ниҳодҳо ва арзишҳои бумӣ (ватанӣ), аз сӯи дигар ва мудерн шудан, аммо ғайриғарбӣ боқӣ мондан аст.

Чун инсонҳо ба воситаи тамаддунашон аз якдигар ҷудо мешаванд, дар оянда кишварҳое чун Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ ва Югославия, ки мардуми зиёде аз тамаддунҳои мухталифро дар худ ҷой додаанд, ногузир таҷзия хоҳанд шуд ва чунин ҳам шуданд, яъне ин идея воқеияти худро дар амал татбиқ намуд.

Масъалаи дигар, Туркия аст, ки аввалан, кӯшиш кард бо Аврупо ҳампаймон шавад, аммо баъдан аз ҳувияти динии худ кор гирифта, худро мусулмон ва ғарбиёнро масеҳӣ пиндошта, аз Урупо фосила гирифт. Баъди пошхӯрии Шӯравӣ таваҷҷуҳи худро ба Осиёи Марказӣ нигаронидааст, то вокуниши тамаддуниро дар баробари Ғарб ба вуҷуд оварад.

Дар Русия низ ҳувияти мазҳабӣ идеологияи коммунизмро шикаст дода, арзишҳои дунявияти ғарбиро бо ҳувияти динии худ омезиш дод ва ба шароити худ мутобиқ сохт ва ҳоло дар муқобили Ғарб қарор гирифтааст.

Дар мавриди идеологияи Россия бинишҳои гуногун аст, ки гӯё он як тамаддуни урупой ва осиёӣ сохтааст[13]. Миллигароёнаш бошад, бештар зидди арзишҳои ғарбӣ ва зиддисомӣ (исломӣ) буда, Россияро такя ба тақвияти бунияи низоми худ ва эҷоди равобити наздиктар бо Чин ва кишварҳои мусулмон фаро мехонанд. Назарияи Россия низ мисли мардумонаш мухталиф аст.

Кишварҳои гусехта истилоҳи дигаре аз назари Ҳантингтон мебошад, ки як кишвар бо як тамаддун хайрухуш карда, тамаддуни дигареро истиқбол мекунад, ки се вижагӣ дорад:

1. Нухбагони иқтисодӣ ва сиёсии он кишвар бояд ба таври куллӣ ҳомӣ ва муштоқи таърифе нав аз ҳувияти тамаддунии он бошанд.
2. Мардуми он кишвар ба ин раванд тан диҳанд.
3. Гурӯҳи ҳоким дар тамаддуни пазиранда, баъд аз ин тағйир ва таҳаввул истиқбол кунад[14].

Хулосаи Ҳантингтон дар мавриди Россия ин аст, ки агар русҳо дар баробари канор гузоштани рафторҳои марксистӣ, рафторҳои либералӣ – демократиро низ канор бигзоранд ва танҳо бихоҳанд русӣ, на ғарбӣ амал кунанд, иртибот байни Ғарб ва Русия боз ҳам метавонад сард ва пурбархӯрд бошад, зеро, аслан русҳо як натсионалист, худкома ва суннатӣ ҳастанд.

Ба назари С.Ҳантингтон, монеаҳои зиёде барои пайвастан ба тамаддуни Ғарб аз тарафи кишварҳои ортодоксии собиқ Шуравӣ ҳастанд, зеро ҷомеаҳои исломӣ, конфусианӣ, ҳиндуӣ, буддоӣ ва японӣ, ки нимғарбӣ ва нимшарқӣ ҳастанд, тамаддуни мунҳасир ба фарди урупоиро намепазиранд. Кишварҳое ҳастанд, ки бо Ғарб дар муқобила буда, раванди пешрафтҳои дохилиро доранд, мисли кишварҳои чинӣ ва исломӣ.

Дар ҷаҳон баъд аз ҷанги сард, ҳадафи аслӣ контроли таслиҳот(мусаллаҳшавӣ) ва ҷилвагарӣ аз густариши имконоти

---

[13] Самуэл Ҳантингтон. «Бархӯрди тамаддунҳо» (Посухи Осиё ба назарияи бархӯрди тамаддунҳо. Маҷмӯаи мақолот. Теҳрон: Интишороти хуршедофарин, 1843. -271с.). -С. 51.
[14] Самуэл Ҳантингтон. «Бархӯрди тамаддунҳо» (Посухи Осиё ба назарияи бархӯрди тамаддунҳо. Маҷмӯаи мақолот. Теҳрон: Интишороти хуршедофарин, 1843. -271с.). –С.51.

низомии ҷавомеи ғайриғарбӣ, ки метавонад манофеи Ғарбро таҳдид кунанд. Ғарб саъй дорад ин муҳимиятро аз тариқи мувофиқатномаҳои байналмиллалӣ, фишори иқтисодӣ ва эъмолӣ контрол намуда, дар интиқоли силлоҳҳо ва технологияи силоҳсозӣ анҷом диҳад.

Хулоса С. Ҳантингтон ба он бовар аст, ки гарчанде ҳувияти тамаддунӣ ҷойгузини соири ҳувиятҳо намешавад, то давлат – миллатҳоро аз байн барад, аммо ҳар тамаддун ба як ҳувияти мунсаҷими сиёсӣ табдил мешавад ва мумкин аст гурӯҳи тамаддунҳо бо ҳам ихтилоф пайдо мекунанд ё меҷанганд, ё баръакс. Аммо ин мақола унвон мекунад, ки тафовути байни тамаддунҳо, воқеан, муҳим аст. Огоҳии тамаддунӣ рӯ ба афзоиш ҳаст, бархӯрди тамаддунҳо ба масобаи шакли мусаллаҳоти бархӯрд, ҷонишини бархӯрди идеологӣ ва дигар анвои даргириҳои ҷаҳонӣ хоҳад шуд. Равобити байналмилалие, ки дар тӯли таърих бозии сиёсатҳо буд ва дар даруни тамаддуни Ғарбӣ сурат мегирифт, акнун ба гунаи рӯзафзун, ғайриғарбӣ мешавад ва ба бозие табдил мегардад, ки дар он тамаддунҳои ғайриғарбӣ дигар васила нестанд, балки бозингаранд, ниҳодҳои муваффақи сиёсӣ, амниятӣ ва иқтисодӣ - байналмилалӣ бештар дар даруни тамаддунҳо тавсеа меёбанд, то байни тамаддунҳо, бархӯрди байни гурӯҳҳои мутааллиқ ба тамаддунҳои мутавофит, мутадовил (ҳаррӯза) беист ва хашинтар аз даргириҳои байни гурӯҳҳои мутааллиқ ба як тамаддуни воҳид хоҳад буд. Кашмакашиҳои хушунатбор байни гурӯҳҳои мутааллиқи тамаддунӣ аз эҳтимолитарин ва хатарноктарин манофеи афзоиши низоъҳо аст, ки метавонад ба ҷанги ҷаҳонӣ бианҷомад ва меҳвари аслии сиёсатҳои ҷаҳонии равобити байни Ғарб ва бақияи ҷаҳон хоҳад буд. Нухбагони бархе аз кишварҳои гусехтаи ғайриғарбӣ талош хоҳанд кард, то кишвари худро ба бахше аз Ғарб табдил кунанд, аммо дар ағлаби маврид бо монеаҳое дар ин роҳ рӯ ба рӯ хоҳанд шуд. Қонуни аслии бархӯрд дар ояндаи бисёр наздик дар чандин кишварҳои исломӣ конфусионӣ ба вуқӯъ хоҳад омад.

Ин танҳо фарзияҳоеанд, ки матраҳ мешаванд ва агар, воқеан, амалӣ шаванд, чӣ паёмадҳое дар ояндаи наздик ва дур хоҳанд дошт, то Ғарб онро ба назар гирад. Дар ояндаи қобили пешбинӣ

ҳеҷ тамаддуни ҷаҳонӣ вуҷуд нахоҳад дошт, балки ҷаҳон пур ва саршор(мамлу) аз тамаддунҳои мутафовит ва гуногуне хоҳад буд, ки ҳар як ногузир аст, ҳамзистӣ бо дигар тамаддунҳоро биёмӯзад.

Аммо ин раванд ва шаклгирии воқеаҳо дар Тоҷикистони пасошӯравӣ ё имрӯза ба чӣ анҷом ёфт?

Яъне баъди анҷоми Ҷанги Дуюми Ҷаҳон ва шурӯи ҷанги сард абарқудратон нақшаи аз нав тақсим кардани ҷаҳонро матраҳ карданд. Барои амалӣ сохтани ин нақша бояд аз кадом ниҳодҳои иҷтимоӣ кор мегирифтанд, то роҳат ва бо ҳазинаи кам ин нақшаро амалӣ созанд.

Ба таври мушаххас, он чи С. Ҳантингтон дар асоси нақшаи бархӯрди тамаддунҳо сиёсати хориҷии Амрикоро матраҳ сохт, барои амалисозии ин нақшаи худ дар тамоми ҷаҳон бояд аз зафъи қутби муқобили худ - лагери сотсиалистӣ истифода мекард ва ҷойи пой пайдо мекард. Ин зафъ ва ҷойи пой эҳсоси мазҳабии тамоми кишварҳои собиқ шӯравӣ ва баъзе кишварҳои Ғарб ва лагери сотсиалистӣ буд.

Қадами ӯ, махсусан дар Шарқи исломӣ, аввалан, тақвият додани ҳамкориҳо барои коркарди нефт ва сохтмону коркарди он буд ва ҳамзамон дастгирӣ кардан ва тақвият додани низомҳои теократӣ ва ба вуҷуд овардани ихтилофҳои мазҳабӣ ва ҷараёнҳои нав дар ислом, то ин ихтилоф ҳарчи тундтар ва ҳарчи ихтилофбарангезтар бошад. Ба ин кор муваффақ гардид ва натиҷааш имрӯз чолишҳои Ховари Миёна, пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ, Афғонистон, Покистон ва Осиёи Марказӣ маҳсуб меёбанд.

Махсусан, ин нақша дар Тоҷикистон низ дар ду самт амалӣ гашт:

Яке, аз роҳи шарқшиносон ворид кардани китобҳои гуногуни динӣ, мисли ҷараёнҳои «Ихвон-ул-муслимин» ва дигар ҷараёнҳои он.

Дигар, тақвият додани таълимоти фиқҳии ислом, ки баъдан ҲНИТ шуд ва бевосита яке аз қутбҳои муқобили ҳизби коммунистии вақт қарор гирифт. Гарчанде ки ин ҳизб ба пайравони ҲНИТ гузаштҳои зиёде карда буд ва махсусан, инро Давлат Усмон дар мусоҳибаҳояш борҳо гуфтааст, лекин ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, даст ба ҷангу ноорромии кишвар зада, онро нобуд сохт, зеро рисолати воқеиашон ҳамин буд.

Ва хусусияти фитрии динҳо дар асоси омӯзишҳои маърифатшиносӣ ва инсоншиносӣ моҳияти револютсионӣ доранд, яъне муъҷизаҳо яку якбора бе далелҳои мантиқӣ зуҳур мекунанд (Қуръон, шамсу қамар, нубувват ва ғайраҳо). Аз ин рӯ, истифодаи динҳо дар ҷаҳони муосир барои дар хаос нигоҳ доштан ва аз роҳи инқилоб қувваи системаи пурзӯр системаи заиф (монанд ба энтропия дар термодинамика)-ро аз байн бурда, ҷойгузини он мешавад.

Душманон, махсусан аз ин усул хеле осон ва роҳат нақшаҳои худро роҳандозӣ мекунанд. Махсусан, ин нақша дар Осиёи Марказӣ дар оянда низ аз тарафи абарқудратҳо бо истифода аз моделҳои исломӣ кор гирифта мешавад. Ин метод дар даврони Иттиҳоди Шӯравӣ истифода шуда буд, зеро эҳсоси динӣ яке аз заъфҳои замони Шӯравӣ буд. Аз ин рӯ, мехоҳем моделҳои гуногуни исломро, ки аз тарафи мушовири сиёсати хориҷии ИМА Самуэл Ҳантингтон дар назарияи бархӯрди тамаддунҳояш исломро ба навъҳои зерин ҷудо мекунад, бори дигар ёдовар мешавем: исломи арабӣ, туркӣ ва ҷанубу осиёӣ.

Барои Осиёи Марказӣ абарқудратҳо аз ин силсиламоделҳо, сараввал аз исломи арабӣ (дар ҳиҷоби ваҳҳобия ва салафия) ва баъдан аз исломи туркӣ (ирфон ва тасаввуфӣ) кор гирифтанд, ки ин нақша амалӣ гашт ва идома дорад ва аз ибтидо то ба имрӯз ин ҷараёнҳо (салафия, ирфони таҳаммулпазир) имрӯз низ фаъоланд.

Чаро дар Тоҷикистон имрӯз бештар аз исломи туркӣ истифода мешавад ва дар оянда хатари он дар Тоҷикистон кадом аст? Ин савол метавонад чунин ҷавоб дошта бошад:

а) ба ҷойи ҳувияти миллӣ ҳувияти туркиро дар пардаи ислом роҳандозӣ мекунад, ки он дар чанд самт амалӣ мешавад (масалан, барои таҳсилкардаи мактабу донишгоҳҳои туркӣ арзишҳои пешазисломии тоҷик маъное надорад).

б) аз роҳи фарҳангӣ бошад, фарҳанги таҳаммулпазири ирфонии Фатҳулло Гулен, дар ҳоле ки аз тарафи додгоҳи Москва ин созмон ҳаракати экстремистӣ эълон шудааст;

в) аз роҳи модели сиёсӣ бошад, пайравӣ кардани ниҳодҳои мазҳабии мо (ҲНИТ ва баъзе аз донишмандони тоҷик).

Хулоса, ин ҷараёнҳои ҳувиятсози динии ба ном муътадил ҷомеаи тоҷикро ба кадом самт мебаранд ва оянда ба куҷо хоҳем расид?

Яъне, такомули ин ҷараёнҳое, ки танҳо ба сохтани ҳувияти динӣ равона карда мешаванд, зиддият ва осебпазирии ҷомеаи

тоҷикро зиёд месозанд ва дини исломро ҳамчун омили нооромкунандаи ҷомеаи тоҷик барои бозиҳои сиёсии худ нигоҳ медоранд. Ин зиддиятсозиҳо аз кадом роҳ амалӣ хоҳанд шуд:

1.Кофир гуфтан ва бадбиниро ба вуҷуд овардан нисбати фарҳангиёни тоҷик ва фарҳанги илму фанноварии Ғарб. Дар Тоҷикистон мо набояд, мисли донишмандони арабӣ эҳсоси зиддиғарбиро бедор ва тунд созем, зеро ҳувияти миллии таърихии мо бевосита ба тамаддуни ғарбӣ робита дошта, аз як баданаи ҳинду урупоӣ сарчашма мегирад.

2. Зидди меъёрҳои конститутсионӣ будани баъзе мавъизаҳои исломӣ.

3. Сӯйистифода аз эҳсосоти динии исломӣ.

4. Беарзиш ва бадном кардани илм, олим ва муаллиму духтур тариқи ошкору пинҳон аз тарафи баъзе аз чеҳраҳои рӯҳонии кишвар.

5. Мубориза бурдан бо арзишҳои мусбии даврони Шӯравӣ ва бадном кардани онҳо.

Дар охир чанд мулоҳизаро дар қолаби пешниҳод ироа медорем:

1. Андеша ва илм аз дин ҷудо ҳастанд ва ҷудо хоҳанд монд, зеро бояд андеша истиқлолият дошта бошад, то тамоми маҳдудиятҳоро шиканад ва арзиши нав офарад. Сабаби ҷудоии илм аз дин дар он аст, ки моҳияти илм тағйирёбанда буда, догмаҳои динӣ бетағайир мебошанд. Аз ин сабаб, мухолифати байни илм ва дин метавонад нофаҳмиҳоро дар ҷомеа ба вуҷуд оварад.

2. Илму сиёсат набояд яке бошанд, зеро дар ин ҳол хатарҳо ва камбудиҳои назарияҳо пинҳон хоҳанд монд, ки ин иштибоҳи Иттиҳоди Шӯравӣ низ буд.

3. Сиёсату дин бояд яке набошанд, зеро ҷомеаҳо осебпазир хоҳанд шуд ва роҳандозӣ кардани инқилобҳову нооромиҳо осонтар ба даст меояд. Ҳизбҳои сиёсии динӣ дар ҷомеаи тоҷик боиси чолишҳои фикрӣ ва ақидатӣ хоҳанд шуд ва лидерони созмонҳои сиёсии динӣ-мазҳабӣ хоҳ-нохоҳ аз эътиқодоти мардум сӯйистифода мекунанд.

5. Бояд эътиқодот ва рамзҳои динӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва корхонаҳову муассисаҳо таблиғ ва паҳн нашаванд, зеро эътиқод ин боварии шахсӣ аст ва онро наметавон исбот кард (масалан, вуҷудияти Худо, малоика ва ғайраҳо).



*Шаҳобиддинов Нуриддин* / *файласуф*

## НАФС ВА ОГОҲӢ

(ҷавоб ба мақолаи М.Шарифов “Нафс ва Истиқлол” //Озодагон №50 (455) 28 декабри соли 2016; №01 (456) 05 январи соли 2017)

Идеяи озодӣ ва инқилоб бо маънавиёти мо бегона аст. Чунин бегонагӣ на фақат хоси ахлоқи рӯзмарра ва ё афкори сиёсӣ, балки дар ҳадди олии он ин адами озодандешӣ низ мебошад. Фаротар аз ҳадди эътиқоди омиёна фикр кардан, азнаварзишгузории арзишҳои мавҷуда, танқиду инкор, шаккокият нисбати боварҳо ва ҳатто шӯхӣ кардан ҳамчун амали куфромез фаҳмида мешавад. Вақте фаротар аз қолаби муайяншуда амал ва андеша кардан ҳамчун нишонаи беодобӣ ва ё нафси бетарбия дониста мешавад, ин маънии худнамоии падидори тарсро дорад. Дар маҳдуда ва боварҳои таҳмилшуда боқӣ мондан ҳамчун як амри табии ва хилофи он амал кардан тасаввурношуданӣ дониста мешавад, ки инро мо метавонем дар фалсафа, илм, сиёсат, иқтисод, муносиботи рӯзмарра низ мушоҳида намоем. Моҳияти бунёдии моро падидори тарс ташкил менамояд, ҳаёт ва ҷаҳон дар мо ин трансендатсияи тарс мебошад.

Аммо ин як ҳолати табиии ҷаҳонбинии мо намебошад, ин ҳолатро маҷбуран барои мо таҳмил кардаанд.Таҳмилкунандаи ин шеваи ҷаҳонбинӣ маҳз фалсафаи Калом ва шохаи Ашъарияи он мебошад. Азбаски ашъариҳо бар ҳамаи ҳарифони худ пирӯз омаданд ва таълимоти алтернативие, ки тавонад дар баробари Ашъария биистад ва ё онро инкор кунад, ба вуҷуд наомадааст, мо чунин фарзия дорем, ки ҳамаи мо ҳанӯз ҳам ашъарӣ ҳастем ва метавон онро ҳамчун неоашъаризм ва ё ашъариягароии нав номид.

Ашъариягароёни фаъол, ки яке аз намудҳои ашъариягароии нав мебошад боз ҳамон мафҳум ва шеваҳои илмиеро бедор карда истодаанд, ки хоси ашъариҳои классикӣ буд ва маҳз ҳамон

мафҳумҳо ва шеваи бархӯрд фарҳангро ҳазорсолаҳо замингир намуд. Падидори куфр дар фарҳанги мо, ки василаи асосии ашъариҳо барои нобудкунии ҳарифони худ буд, оғози ҳамаи анҷомҳо аз қабили анҷоми, озодандешӣ, фалсафа, илм, эътиқод ба худ ва мисли инҳо гардид. Ҳанӯз дар матраҳ гардонидани куфр каме истиҳола карда истодаанд, аммо модуси нарм ва беозори он аллакай бедор гардидааст, ки номи он "беодобӣ" ва ё "нафси беодоб" мебошад. Вобаста ба ҳамин масъалаҳои матраҳгардида мақолаи зерин аз ду бахш иборат мебошад, дар бахши авал мо кӯшиш мекунем як тезисро исбот намоем: мо ашъариягаро ҳастем, на зоҳиран, балки зеҳнан. Бахши дувум аз ду қисмат иборат аст ва дар он мо мехоҳем, ки нодурустии ду тезисро исбот намоем: 1. Масъалаи нафс дар фалсафаи Ибни Сино як масъалаи ахлоқӣ нест. 2. Буҳрони фалсафаи ғарбӣ, он гуна ки Ҳуссерел нишон медиҳад, бо масъалаи ахлоқ алоқамандӣ надорад. Аммо исботи мо ба тариқи ғайримустақим сурат мегирад, яъне мо мехоҳем дурустии антитезиси ин тезисҳоро нишон диҳем, яъне исбот менамоем, ки: 1. Нафс дар фалсафаи Ибни Сино як мафҳуми бунёдии эпистемологӣ ва равонӣ бо решаҳои метафизикӣ мебошад; 2. Буҳрони фалсафаи ғарбӣ он буд, ки байни забони илм ва ҳаёт фосила вуҷуд дошт ва Ҳуссерел ва ҳамақидаҳои ӯ мехостанд, ки забони илмро бо забони фалсафаи ҳаёт пайванд созанд.

Зоҳиран миёни ин ду бахши мақола умумият вуҷуд надорад, аммо дар асл, миёни онҳо пайванди қавӣ вуҷуд дорад. Ба тариқи умумӣ баён намудани масъала, вонамуд кардан ба доштани дониши амиқ нисбати ин ё он соҳаи илм бидуни қонеъ сохтани хонанда, пайгирӣ накардани далеловарӣ барои исботи тезиси матраҳгардида, асоснок накардани пайдоиши масъалаи асосӣ, ки бояд мавриди омӯзиш қарор гирад, машғул доштани зеҳни хонанда бо як ҳарфи ботили хеш ва мисли инҳо аз хусусиятҳои илми асил дар фаҳмиши имрӯза нестанд. Инҳо нуқсонҳое ҳастанд, ки дар шеваи фалсафаронии ашъариёни нав ба мушоҳида мерасад. Равиши илми асил бояд аз равишҳои илми хурофотӣ ва мазҳабӣ фарқ намояд. Ашъариёни нави фаъол аз шеваҳое бархӯрдор ҳастанд, ки мехоҳанд бо овардани як ишора, як иқтибоси подарҳаво ва ё танҳо зикри масъалае назари худро

исботшуда нишон диҳанд. Ин нишонаи бархӯрдорӣ аз шеваи илмӣ нест. Матраҳи масъалаи нафс дар фалсафаи Сино ва воқеияти назари Ҳуссерел дар қадами аввал ба хотири ислоҳи ақоиди ашъариёни нав мебошад ва танҳо дар қадами дувум чигунагии ин масъалаҳо дар худии худ.

## I

### *Мо ашъаригароёни нав ҳастем*

А. *Чаро ашъарӣ?* Дар марҳалаи исломӣ шохаҳои гуногуни фалсафа ба вуҷуд омаданд, ки вобаста ба тамоил ба дигар фарҳангҳо ва шеваи фалсафаронии худ аз ҳамдигар фарқ менамуданд. Баъзеи ин мактабҳо, масалан, пайравони мактаби Асҳоби Ҳаюло, ҳам аз илм ва ҳам аз озодандешӣ пуштибонӣ менамуданд ва ҳама чизро ба боди масхара, шакку шубҳа ва инкор гирифта буданд, мутаассифона, ин мактаб дар ҳамон замон мавриди инкор қарор мегирад; намояндагони мактаби Машшоия аз илм пуштибонӣ мекарданд, аммо аз озодандешӣ пуштибонӣ намекарданд, ки онҳо низ муваффақ нагардиданд ва ба як мактаби хоси мазҳаби шиъа табдил ёфтанд; мактаби савум, ин фалсафаи Калом буд, ки на аз озодандешӣ, на аз илм ва на аз фалсафаҳои бегона пуштибонӣ мекард. Аммо он тавонист муваффақ гардад ва ягона фалсафаи фарогири минтақаи мо, албатта, бо шохаҳои гуногун, ки баъзеи онҳо натавонистанд худро тавсеа диҳанд ва дар маҳдудаи минтақаҳои маҳдуд боқӣ монданд, ба ҳастии худ идома диҳад.

Фалсафаи Калом бо фаъолияти муътазилиҳо оғоз меёбад, ки дар худ то андозае дорои ҷанбаҳои озодандешӣ буданд ва аз дигар фалсафаҳо низ истиқбол менамуданд. Мунаққидони муътазилиҳо онҳоро мазаммат менамуданд, ки онҳо пинҳонӣ аз афкори фарҳангҳои дигар пуштибонӣ менамоянд. Масалан, бо вуҷуди он ки дар сояи таълимоти Қуръон буд, онҳо ҷонибдори озодии инсон буданд. Азбаски онҳо танҳо ҷанбаи шиъаро ташкил медоданд ва маълум аст, ки аз ҷиҳати сиёсӣ қудратро бохта буданд ва ҳамчунин ақаллиятро ташкил мекарданд, ноумедӣ дар онҳо қавитар буд ва наметавонистанд, ки афкори худро қотеона пуштибонӣ намоянд. Пас аз Муътазила Ашъария арзи вуҷуд намуд, ки афкори муътазилиёнро мавриди танқид ва инкор қарор дод ва аз ҷумла баҳси озодии инсонро инкор ва

баръакс, ҷабрӣ будани инсонро пуштибонӣ намуд. Ягона мактаби пирӯзи асрҳои миёна, ки ҳатто Муътазила бо он баробар шуда наметавонист, ин Ашъария буд.

Ҷараёнҳои дигари фалсафаи исломӣ, аз қабили Машшоия, Ишроқ, Асҳоби Ҳаюло ва ғайра кайҳо ба таърихи фалсафа дохил шудаанд ва танҳо ба гузашта тааллуқ доранд, аммо фалсафаи Калом, бахусус шохаи Ашъарии он, таҷрибаи баръакси онҳоро аз сар гузаронидааст. Ашъария дар баробари баҳсҳои зеҳнӣ, ки дар мактабҳои дигари  фалсафаи исломӣ ва фалсафаи Юнон реша доранд, ҷанбаи амалии худро тақвият дода тавонист, ки нахуст арзишҳои ахлоқиро ба хостаи худ шакл диҳад ва пасон дар шаклгирии шеваи зиндагӣ ва андешаи мардумони минтақаи зери нуфузи худ саҳми асосии худро гузорад. Ашъария, ки бо аҳли суннат ва ҷамоат қаробати наздик дошт ва дар ниҳоят низ бо он айният ёфт, зиракона амал намуд. Акнун он воъизин ва имомҳое, ки ҳазорон нафарро зери таъсири худ қарор медоданд, ҳама ашъарӣ буданд. Дар тамоми асрҳои миёна хеле кам иттифоқ меафтад, ки аз аз инсони оддӣ сар карда то ба файласуф, олим ва ё аҳли тасаввуф аз Сино ё Закариёи Розӣ ҷонибдорӣ намояд, ҳама ҷонибдори Ғаззолӣ буданд, имрӯз вазъият на беҳтар аз асрҳои миёна мебошад.

Мактабҳои дигари фалсафаи исломӣ, ҳатто тасаввуфи исломӣ, ки  ба дур аз омма ва гироиши оммавӣ буданд, ягона мактабе, ки идораи зеҳнияти мардумро ҳадаф қарор дод, ин Ашъария буд, аз ин ҷиҳат ин мактаб аз дигар мактабҳо фарқ менамояд. Ашъариҳо тавонистанд бевосита ба зеҳниёти мардум таъсиргузор шаванд, аммо ҳеҷ як амали шиносоии ин воқеияти таърихӣ ва шустушуи зеҳнӣ сурат нагирифтааст.

Б. *Хостаҳои асосии ашъариҳо*. Ашъариҳо танҳо ба як хотир вуҷуд доштанд: пуштибонӣ аз дини Ислом ва китоби муқаддаси он. Аз чӣ пуштибонӣ менамуданд? Аз ҳар гуна огоҳие, ки решаи исломӣ надошт. Омилҳои хатар дар он рӯзгор фалсафаи Юнон, фалсафаи бостонии Эрон ва Ҳинд, илмҳое, ки инсонро ба огоҳӣ мерасонад ва ҳолати шак ва шубҳаро дар онҳо ба вуҷуд меоварад, бахусус риёзиёт ва мисли инҳо. Ба тариқи умумӣ, онҳо муқобили дониш ва огоҳии густурда буданд ва  шарти наҷоти дини мубинро дар тафаккури ноогоҳ ва догматикӣ медиданд. Албатта, дар

ҷаҳонбинии исломӣ ҷумлаҳои зебое дар мавриди ҷонибдорӣ аз илм вуҷуд дорад, аммо он чизе, ки тарғиб мегардид ва дар зеҳнияти ҳазорон нафар дар тӯли ҳазор сол тарғиб ва талқин мегардид, маҳз ҳамон хостаҳои таъассубомези ашъариён буд.

Дар муқоиса бо таҷрибаи фарҳангҳои дурахшони башарият ин таҷриба як нанг ва шармандагӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамаи фарҳангҳои тавоно ҳамеша аз фарҳангҳои пешрафтаи пешинаи худ истиқбол намудаанд. Ҳатто ҷараёнҳои дигари худи фарҳанги исломӣ низ аз фарҳангҳои дигар истиқбол намудаанд, аммо таълимоти хусуматомез ва тираандеши Ашъария бо вуҷуди амалкарди ворунаи худ муваффақияти таърихӣ ба даст овард.

Дар баробари оммавигардонии бинишҳои ашъариҳо раванди тавлид ва густариши тарси маънавӣ, ки минбаъд ба воқеияти алоҳида табдил меёбад, ба вуҷуд меояд. Ба умеди он ки имон ва эътиқод аз даст наравад, мо аз ҳама арзишҳои волои башарӣ: озодӣ, огоҳӣ, дониш, инкор, офарандагӣ ва мисли инҳо рӯй гардонидем. Дар оғоз тарғиби шеваи тарсу бим танҳо як методи ашъариҳо буд, аммо он тадриҷан аз асли худ дур шуда, ба моҳияти биниши мо нисбати воқеият табдил гардид. Маҳз ҳамин ҷавҳари суфтаи ашъариҳо дар зеҳнияти мо буд, ки мо асоратҳои берун аз тасаввури таърихиро тоқат кардаем, худи гузашти айём он асоратҳоро аз сари мо дур намуд, аммо мо муҳаббат ба ҷабрӣ буданро аз даст надодем ва ҳамин тавр, бегонагӣ нисбат ба идеяи инқилоб, озодихоҳӣ таҷдидхоҳӣ ва навандеширо ҳифз намудем. Ягона таълимоте, ки маҳз ҳамин гуна зеҳният ва бархӯрд бо ҳодисоти рӯзгорро тарғиб менамуд, ҳамин Ашъария мебошад.

Ҳадаф аз таълим ва тарбия барои ашъариҳо на додани огоҳӣ, балки бедорсозии эҳсоси тарс аз огоҳӣ ва дар як қолаби муайян ҷойгир намудани зеҳни инсон буд. Ахлоқе, ки мутакаллимони ашъарӣ ба вуҷуд оварданд, як ахлоқи масъулиятшиносии инсон дар баробари худ набуд, балки гурез аз воқеият ва масъулияти инсонӣ ва заминӣ ва эътиқод ба боварҳои фарозаминӣ буд, ки тарбияи нафс яке аз арзишҳои он ба ҳисоб мерафт. Фазилатҳои ахлоқӣ на дар асоси зидмаъноӣ бо разилат, балки ба хотири мутеъсозӣ дар нисбати таълимот ва воқеияти ҳукмрон ба вуҷуд меомаданд. Мавриди суол қарор додани он арзишҳои ахлоқӣ, ки

оё онҳо арзандаи як зиндагии шарофатмандона ҳастанд ё на, вобаста ба принсипи ашъариягарӣ ғайриимкон буд.

Агар бихоҳем ва бидонем, ки даҳшат ва мусибати ҳақиқӣ чист, кифоя аст, ки ба зеҳнияти бавуҷудовардаи ашъариҳо назар афканем.

В. *Чаро мо ашъарӣ ҳастем?* Ашъария ва ашъариҳо кайҳост, ки дигар вуҷуд надоранд ва бевосита таъсиргузор нестанд, аммо тавонистанд зеҳният ва шеваи андешаеро ба вуҷуд оваранд, ки ҳанӯз зинда аст. Бояд дуруст фаҳмида шавад, шояд мо бо Ашъария аслан робитае надорем ва баръакс, бо фалсафаи Юнон, фалсафаи имрӯзаи Урупо, тасаввуф, фалсафаи Маркс, улуми сиёсӣ, илмҳои дақиқ ва мисли инҳо машғул ҳастем, аммо шеваи бархӯрд, таҳлил ва баррасиҳои мо ҳамон гуна аст, ки замоне хоси ашъариён буд, яъне бо зеҳни догматикӣ. Аз ҳамин ҷиҳат, мо ашъарии нав ҳастем. Сухан танҳо сари зеҳният ва шеваи андеша меравад.

Ҷаҳонбинии бунёдии мо аз он ҷаҳонбиние, ки ашъариёни классик доштанд, ба ҷуз аз тағйироти кӯчаке, ки бо таъсири ҳаводиси таърихӣ ба вуҷуд омадааст, фарқ намекунад. Аммо, аз он ки мо дорои мактабҳои таҳлилӣ ва маърифатӣ нестем, равандҳои маънаӣ ва фикрӣ, сабаб ва мақсади онҳо дар мо ҳамеша ношинохта боқӣ мемонанд. Дар вазъияти имрӯза ду шеваи ашъариягарой дар ҷомеаи мо ҳукмрон аст: шеваи пассив ва шеваи фаъол. Шеваи пассив дар рӯҳияи фоизи аксари рӯшанфикрони мо вуҷуд дорад. Дар фаъолияти онҳо озодӣ, таҷдиди назар, инкор кардани воқеияти бемори ҳукмрон, азнавофаридан ва шакл додани воқеият ҳеҷ гуна арзиш надорад. Бо ҳар шевае худро ба ҳар гуна вазъият мутобиқ мегардонанд ва агар назари танқидӣ ё розе дошта бошанд, “дар гӯши ҳамдигар бо пичиррос баён месозанд”.

Сабаби асосие, ки Ашъарияро ба пирӯзӣ расонид, ин ҳамбастагии онҳо бо сиёсат ва сиёсатмадорони таъсиргузори замон буд. Аз як тараф, онҳо бо сиёсатмадорон ҳамбастагӣ ба вуҷуд оварданд ва аз дигар тараф, бо аҳли суннат ва ҷамоа. Ашъариёни имрӯза низ бо шеваҳои гуногун аз ҳамин шева истифода мебаранд. Дар баробари сиёсати замон эҳтиёткорона ва эҳтиромона рафтор менамоянд ва ҳамин тавр, бо рӯҳияи ашъариягароёнаи худ ҳаётро сипарӣ менамоянд. Шеваи асосии

мутакаллимон он буд, ки онҳо ба хотири наҷоти арзишҳои исломӣ ҳама гуна таълимоти дигар, аз қабили фалсафаи Юнон, фалсафаи Ҳинд, фалсафаи пешазисломии тоҷикӣ ва ҳамин гуна илми решаи дининадоштаро инкор ва ба муқобили он мубориза мебурданд. Дар ин ҷо набояд гумон намуд, ки мутакаллимони ашъарӣ камдониш ва ё дорои дониши сатҳӣ буданд, балки онҳо аз фалсафаи Юнон ба хубӣ огоҳ буданд ва барои исботи ақидаҳои худ аз илми мантиқи юнонӣ ба хубӣ истифода менамуданд. Барои онҳо тасаввури илм ва фалсафа берун аз доираи имон ғайриимкон буд, бунёди андешаи онҳоро на ақл, на риёзиёт ва ё ҳамулса, балки танҳо имон ташкил медод. Имрӯз фоизи аксари рӯшанфикрони мо на танҳо файласуфон, балки донишманди илмҳои дақиқ, донишҷӯ, сиёсатмадор, шоирон, устодони донишгоҳ ва ғайра танҳо дар маҳдудаи ҳамин боварӣ андеша меронанд. Донишманди илми дақиқи мо ҳанӯз ба тасаввури он нарасидааст, ки имон ва илми дақиқ ду чизи аз ҳам мутафовит ҳастанд ва он ҷаҳонбинии илмие, ки ӯ дорад, бо имони ӯ ҳеҷ рабте надорад. Аммо таҳтушшуури ашъарии ӯ асолати илмии ӯро хунсо мегардонад ва ӯ худро дар баробари ҳар як сухани омиёнаи динӣ оҷиз меёбад. Дар ин ҷо фақат як нозукӣ вуҷуд дорад, ашъариҳои классик илм ва фалсафаи бегонаро билкул инкор мекарданд, ашъариҳои нав бошад ин амалро ғайримустақим анҷом медиҳанд, яъне ҳамагуна дастоварди илмӣ ва ҳатто ҳама гуна таълимоти фалсафиро аллакай дар китоби муқаддаси мусулмонон вуҷуддошта тасаввур менамоянд ва ҳамин тавр, ҳар чизи навро беаҳамият ва инкор мегардонанд.

Ба он хотир, ки илм ва фалсафа аз ҳудуди муайянкардаи дин берун наравад, мутакаллимон зиракона ва дурандешона домани олим ва файласуфро бо арзишҳое аз қабили одоб, тарбия, куфр ва мисли инҳо пайванд заданд, яъне рисолати аввалини донишмандонро аз итоат аз омма, хостаҳои омма ва арзишҳои хоси омма донистанд. Баамалдарории фалсафаи куфр дар фарҳанги мо баробари чандин ҳуҷуми муғул хисорот дохил кардааст. Мувофиқи ин фалсафа ҳама чиз қаблан таъин ва ба анҷом расидааст ва ҳақиқат ҳамон чизест, ки барои рӯҳониён ва омма маълум аст. Дар ҳадди олӣ фаъолияти донишманд танҳо аз тафсир иборат аст, донишманд, пеш аз ҳама, бояд дорои

зеҳнияти фалаҷгардида бошад, то ин ки натавонад фаъолияти эҷодгарона ва офарандагӣ нишон диҳад ва нисбати догмаҳои ҳукмрони динӣ шубҳа ва ё эътироз ба вуҷуд биёварад. Бунёдгузори чунин шеваи муносибат, ки хусусияти имрӯзаи донишманди моро ташкил медиҳад, аз ҷониби мутакаллимон бунёдгузорӣ шудааст. Донишманди арзанда ин на оне, ки дорои маърифати махсус нисбати ягон соҳаи илм аст ва дар ин самт навгониҳое нишон додааст ва аз ҷониби ҳампешагони худ эътироф гардидааст, балки касест, ки беш аз ҳама ба омма наздик, дар амри маъруф ҳозир ва ба истилоҳ "боодоб" мебошад. Маҳаки асосие, ки асолати як донишмандро дар минтақаи мо нишон медиҳад, ин он мақоме, ки ӯ дар масҷид, байни рӯҳониён, аҳолии маҳалла ва мисли инҳо дорад, мебошанд. Агар чунин намебуд, имрӯз устодон унвони ҳоҷӣ буданро аз унвони устодӣ бартар намедонистанд ва барои ҳоҷӣ гардидан талоше намекарданд. Айнан, ба мисли ашъариёни классик ашъариёни нави пассив низ ҳамон сегонаи байни донишманд, сиёсати ҳукмрон ва рӯҳониёнро ба вуҷуд овардаанд.

*Г. <u>Догматизм ва ё андешидан дар маҳдуда</u>.* Фалсафаи куфр, ки василаи асосии ашъариҳо буд, дар рӯзгори мо зеҳниятеро ба вуҷуд овард, ки бояд танҳо дар маҳдудаҳои аллакай таъиншуда андеша ронда шавад. Ин масъала амиқтар аз масъалаи теологизатсигардонии фалсафа мебошад. Азбаски устод Султон Наврӯзов нисбат ба фалсафа ҳассосияти бештар нишон медоданд, назари худро танҳо нисбати воқеияти фалсафаи тоҷик маҳдуд сохта буданд, ҳоло он ки шохаҳои дигари илм, аз қабили сиёсатшиносӣ, забоншиносӣ ва ҳатто илмҳои дақикро наметавон теологизатсия кард, аммо онҳо шояд вазъиятеро доранд, ки аз вазъияти фалсафа бадтар бошад. Догматизатсия ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, аз ҷумла илмро фаро гирифтааст. Догматизатсияи фалсафа тавассути теологизатсия сурат гирифтааст, аммо соҳаҳои дигар бо шеваҳои дигар раванди догматизатсияро аз сар мегузаронанд ва ё аллакай аз сар гузаронидаанд, ки мутаассифона ҳанӯз ношинохта боқӣ мондаанд. Аз ин рӯ, мушкилии аслиро на фақат дар руҳияи динӣ доштани донишманди мо, балки дар он бояд ҷӯст, ки ӯ аз тафаккури синтетикӣ ва эҷодкорона маҳрум аст. Ашъариҳо

шеваи тафаккуреро ба вуҷуд оварданд, ки тарзи илмии тафаккурро ва пасон худи илмро аз байн бурд. Ба ибораи дигар, бо тафаккури ғайриилмӣ ба илм машғул гардидан ва фаротар аз он, бо тафаккури зиддиҳаётӣ ба зиндагӣ пардохтан оммавӣ гардонида шуд. Агар дар минтақаи мо пас аз асрҳои 12 -13 илмҳои дақиқ аз қабили математика, геометрия, физика ва мисли инҳо ба андозаи чашмрас инкишоф наёфтанд, ин на таъсири тохтутози турку муғулҳо, балки таъсири таълимоти ашъариҳо буд. Барои зеҳни солим ҳамаи маъниҳои вуҷуддошта, ҳатто худи ҷаҳон маҳсули фаъолияти худи зеҳн аст, аммо зеҳн ва андешаи бемор дар маҳдудаи чизҳои қаблан додашуда мечархад, ки инро дар фалсафа догматизм меноманд ва оқибмондатарин шеваи фалсафаронӣ ҳамин шева ҳаст.

Ин шеваи бедоркардаи ашъариҳо дар илми замони шӯравӣ низ ҳукмрон буд, шояд истисноҳое бошад, ки бо таъсири илми пешқадами шӯравӣ ба вуҷуд омада буд. Илм ин тафсир, таҳлил ё худро ба таҷриба маҳдуд сохтан нест, балки ин нерӯи фаъол ва созандаи тафаккур аст, ки аз бавуҷудовардан, асоснок гардонидан ва офаридан аз арзиши оддӣ сар карда то фарзия ва назарияҳои универсалиро дар бар мегирад. Тамоили имрӯзаи илми тоҷик бошад, барқарории ҳамон қолаби классикии мутакаллимон муайянкарда мебошад. Ин чунин маънӣ дорад, ки мо сириштан афзал мешуморем дар ҳолати догматикӣ вуҷуд дошта бошем ва зеҳнияти мо ҳеҷ гуна фаъолияти эҷодӣ аз худ нишон надиҳад. Масалан, мо падидаи маҳалгароиро мебинем ва аз он ба баъдро мехоҳем, ба тариқи худ таҳлил намоем, аммо тавони онро надорем, ки сабаби ба вуҷуд омадани маҳалгароиро асоснок гардонем. Тамаллуқкорӣ, чоплусӣ, хушомадзанӣ, шахспарастӣ ва разилатҳои дигареро мушоҳида менамоем, аммо тавони асоснокгардонии сабаби ба вуҷуд омадани онҳо ва дар чунин намуд шаклгирии рӯҳияи инсонҳои ҷомеаро надорем. То замоне ки чунин муросокорӣ ва созишкории мутакаллимона зеҳнияти моро ташкил медиҳад, мо на ҷомеаи солим ба вуҷуд оварда метавонем ва на дар ҳеҷ як аз бахшҳои илм муваффақ мегардем. Ҳар муваффақияте, ки дар илмҳои дақиқ доштем, ба замони шӯравӣ рост меояд, зеро шуравӣ зеҳнияти донишмандонро то андозае аз бутҳои хурофотӣ озод сохта буд.

Ҳоло бошад, вазъият баръакс аст ва воқеияти ашъариягароии мо ба тариқи нохудогоҳ ҳамаи муҳитҳои иҷтимоӣ: фарҳангӣ, илмӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва ғайраро фаро гирифта истодааст. Идеологияи коммунистӣ дар таъсиргузории зеҳнӣ то ба он андоза амиқ рафта натавонист, ки ашъариҳо рафта буданд. Пас аз шӯравӣ даъвии "ба асли худ баргаштан"-и мо дар воқеият "ба асли ашъариягароии худ баргаштан"-ро дошт. Албатта, Ашъария дар воқеияти асримиёнагии он вуҷуд надорад, аммо маҳз асароти он тору пуди вуҷуди имрӯзаи моро ташкил медиҳад.

Он гуна ки дар боло зикр намуда будем, акнун ба шарҳи намуди фаъоли ашъариягароӣ мепардозем. Ин хусусияти ашъариягароиро бошад, мо дар фаъолияти он рӯшанфикроне мушоҳида менамоем, ки асосҳои бинишашонро мазҳаб ташкил медиҳад. Онҳо аз ақидаҳои заиф, пешипоафтода ва вопасгароёна бо ҳарорати баланд пуштибонӣ менамоянд ва ин ҳамон шеваи ашъариҳои классик буд. Аз халоъи маънавӣ ва ноогоҳии мавҷудбуда истифода бурда дигарбора тавассути фазосозиҳо амали вопасгароёнаи худро ривоҷ медиҳанд. Ашъарияи классикӣ ҳамон мактаби фалсафиест, ки таълимоти худро танҳо дар доираи китоби Қуръон маҳдуд месохт ва аз ҳеҷ як фарҳанги дигар истиқбол намекард ва баръакс, ба муқобили онҳо мубориза мебурд. Дар фаъолияти ашъариягароёни нав як фарқияти нозук вуҷуд дорад: ашъариягароҳои нав муқобили фарҳангҳои дигар, масалан, урупоӣ нестанд, балки аз он тавре истифода мебаранд, ки гӯё он, аслан бо табиати фалсафаи динии асримиёнагӣ муқобил нест ва пас аз зиёдаравиҳо ва раҳгумзаниҳо он боз ба фалсафаи динии мо айният пайдо менамояд. Вақте ки дар таҳтушшуури мо чунин шакли ҷаҳонбинӣ амал мекунад, интизори ҳеҷ гуна таҳаввул ва тағйири воқеиро интизор шудан мумкин нест, ҳамаи кӯшишҳои ислоҳотхоҳӣ ва навхоҳӣ танҳо дар сатҳи болоии огоҳии мо сурат мегиранд, на дар он сатҳе, ки арзишҳои ашъариягароии мо нақш бастанд ва амал мекунанд.

Имрӯз ду воқеияти маънавӣ вуҷуд дорад, якум, ин ҳамон маънавиёти ашъариягароии мо аст, ки тору пуди илм, фалсафа, адабиёт, мусиқӣ, сиёсат ва ё ахлоқи моро фаро гирифтааст ва дар умум, як догматизми мутлақро ташкил медиҳад; дувум, ин бо

ҳамон руҳияи ашъариягарӣ танқид намудани воқеияти ҳукмрон ва барои он роҳи наҷот ҷустуҷӯ намудан, ки дар фаъолияти ашъариягароёни фаъол ба мушоҳида мерасад. Ашъариҳои фаъол баръакси ашъариҳои пассив бо воқеияти мавҷуда созиш ва мувофиқат намекунанд, зеро идеали онҳо ин барқарории ҳамон маънавиёте мебошад, ки хоси ашъариҳои классик буд. Танҳо кунҷковии зираконае бас аст, ки ин ҳадафи онҳоро кашф намоем. Бубинед, ашъариҳои фаъол дар ниқоби рӯшанфикр воқеиятҳои беморгунаи соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоиро нишон медиҳанд ва аз набудани эҷод, навандешӣ ва мисли инҳо шикоят менамоянд. Ин хуб аст ва мо ҷавонмардона аз он ҷонибдорӣ менамоем. Аммо дар як вақт онҳо навандешӣ, озодандешӣ ва дигарандешии рӯшанфикрони ангуштшуморро низ интиқод менамоянд. Оё дар амали онҳо зиддияти мантиқӣ ба назар намерасад? Оё дар як лаҳза онҳо худ худро инкор намекунанд?

Онҳо дигарбора мехоҳанд фаъолияти фалсафӣ ва илмиро бо шеваҳои бисёр зиракона ва ё фақат аз рӯи ноогоҳӣ дар маҳдудаи дин ва суннат, ки ҳамон шеваи ашъариёни классик буд, ҷойгир созанд ва ҳар гуна амали озодандешонаро натиҷаи “нафси бетарбия” муаррифӣ намоянд. Ҳадафи мо аз ин тафсир маҳз зуҳури истилоҳи “нафси бетарбия” дар матбуоти даврӣ мебошад, ки дар худ дар баробари дигар хусусиятҳо, ки шояд воқеан ҳам, дуруст шинохта шудааст ва қобили эътироф аст, бори чандум аст, ки фаъолияти файласуфони навандеш ва озодандешро низ ифода мекунад. Ягона хусусияти бунёдии мутакаллимон, ки дар тӯли мавҷудияти худ аз он даст накашиданд, ин мубориза бо фалсафа ва озодандешӣ буд. Ин одати дерина имрӯз низ аз ҷониби мутакаллимони нав ба ҳукми одат даромадааст. Имрӯз низ ҳар андешаи берун аз қолаби дин ва анъанаи фалсафагароии вуҷуддошта нишони бетарбиягӣ дониста мешавад.

Вақте ки бо воқеиятҳои илмӣ, фалсафӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ё иқтисодии ҷомеа мувофиқ нестем ва дар умум, онро ҳамчун як ҷомеаи бемор меҳисобем, ҳанӯз ин тамоми масъала нест. Чунин бардошт метавонад на ҷанбаи илмӣ, балки танҳо аз сари бадбинӣ ва хусумат низ ба вуҷуд биёяд. Чунин норизоиятиҳо, аксаран ба натиҷаи дилхоҳ намерасанд ва ҳатто бо тағйири низомҳои сиёсӣ низ хусусиятҳои беморгуна ба ҳастии худ идома медиҳанд. Аммо

имкони бархӯрди созанда ба ҳолати беморгунаи ҷомеа вуҷуд дорад ва он ҳам танҳо замоне, ки асл ва решаҳои ин бемори шинохта ва муҳимтар аз он, ин бемори дуруст ташхис дода шавад. Бисёр вақт мешавад, ки ба ҷои ба рафъи бемори мусоидат намудан, ҳолати бемор вахимтар гардонида мешавад. Дар ин маврид ду масъала ба миён меояд: якум, ин решаҳои бемории як ҷомеа ва дувум, ин реша ва асли бемории он нафаре, ки ба хотири наҷот ва солим гардонидани ҷомеа онро ба ҳолати бадтар мерасонад. Лекин ин имкон вуҷуд дорад, ки табиб худ ба ҳамон бемории гирифтор аст, ки ҷомеа низ ба он гирифтор аст, аммо огоҳии сатҳии ӯ ӯро дар нисбати худ фиреб додааст. Матраҳсозии масъалаи нафс ба сифати роҳи наҷоти инсон ва ҷомеа худ далели бемортар будани табиб нисбат ба беморро мемонад.

Ғ. *Симптомҳои хуросонии илм*. Ашъариягарои як раванди зинда аст, на дар ҳолати догма боқимонда, он дар ҳар марҳала ба худ хосиятҳои навро қабул мекунад ва ба таҳаввул дучор мегардад. Ашъариягароии замони мо дорои хусусиятҳои худ мебошад ва хусусиятҳои нави касбкардаи онро мо дар ифодаи "симптомҳои хуросонии илм" умумият додаем. Минтақаи мо маҳз ба шарофати идораи зеҳнияти мардумро ба ихтиёри худ гирифтани мутакаллимон аз анъанаи амиқ ва тӯлонии илмӣ маҳдуд гардид. Ҳама гуна кӯшишҳо барои зинда гардонидани анъанаҳои илмӣ дар тули таърих ҳанӯз дар ҳолати ибтидоии он аз байн бурда шудаанд. Ба ҷои ҳамбастагӣ бо илм ва донишмандон мутакаллимон бо рӯҳониён ҳамбастагиро ба вуҷуд оварданд ва дар фаъолияти онҳо худро фано намуданд, ки ин боиси пирӯзии таърихии онҳо гардид. Дар ин минтақа бардошти махсус аз илм вуҷуд дорад, ки он ҳамон илми динӣ мебошад.

Дар ин ҷо мо аз таҳлили нисбатан абстарктии зеҳнияти ашъариягароидошта ба матраҳи равандҳои воқеие мегузарем, ки илми моро фаро гирифтааст ва онҳо дар ниҳоят барои рушди зеҳнияти ашъариягароии мо мусоидат менамоянд.Инҳо:

1. Конфоронс ва семинарҳои илмӣ, ки олимон аз дастовардҳои ҳамдигар ошно шаванд ва дар ҳамбастагӣ фазои воқеии илмиро ба вуҷуд биёваранд, ташкил карда намешаванд. Агар чунин конференсияҳо ташкил шаванд ҳам, танҳо хусусияти формалӣ дошта, барои ҳисобот додан ташкил мекунанд. Дар

донишгоҳҳо системаҳоеро пиёда месозанд, ки донишмандон ба ҷуз аз таълим ба фаъолияти илмӣ, аслан вақт наёбанд. Он маҷаллаҳои илмие, ки ба вуҷуд меоваранд, хусусияти формалӣ дорад, фарзия, назария ва идеяҳои илмие, ки сари онҳо бояд баҳсҳои илмӣ сурат гиранд, матраҳ намегарданд.

2. Донишгоҳҳо анқариб барои харидани китобҳои актуалии илмӣ, тарҷумаи онҳо маблағ ҷудо намекунанд. Ба маҷаллаҳои эътирофшудаи илмӣ обуна намешаванд ва ҳамин гуна иқдомҳои дигар низ пуштибонӣ намеёбад ва устодон дар ҳолати бехабарӣ ва ноогоҳӣ аз илми пешрафтаи ҷаҳонӣ боқӣ мемонанд. Шояд умри баъзе лексияҳое, ки хонда мешавад, аз умри худи устодон дароз бошад.

3. Гумон месозанд, ки илм ин тавассути муъҷиза ба вуҷуд меояд. Барои фаъолияти илмии донишманд на вақт пешбинӣ менамоянд ва на маблағ, аммо интизори онро доранд, ки донишманд ҳатман ба дастовардҳои илмӣ сазовор мегардад.

4. Барои донишманд маоши зарурӣ таъин наменамоянд, донишмандон роҳҳои ғайриқонуниро барои таъмини зиндагии худ ҷустуҷӯ менамоянд ва ҳама вонамуд мекунанд, ки “ҳама чиз ба хубӣ пеш меравад”.

5. Мутахассисон барои ояндаи илм на дар асоси лаёқати шахсии донишҷӯён, балки дар асоси маҳал ва ё садоқате, ки донишҷӯ ба роҳбар нишон медиҳад, интихоб карда мешавад.

6. Ҳадди аксари донишмандон ҳатто аз ҳисоби профессорон ва докторон ҳатман дорои “пир”-и худ мебошанд. Виҷдони онҳоро маҳз он чиз ором мебахшад, ки агар дар байни рӯҳониёни маҳалла мавриди писанд бошанд ва аз пири худ ҳар дам дуои нек гирифта истанд.

Чунин фазои бавуҷудовардашуда имкони ба шеваи дигар инкишофи илмро намедиҳад ва бунбасте, ки дар ин муносибат ба вуҷуд меояд, илмро водор месозад, ки ба дин наздикӣ гирад ва донишманд бошад, ҳам аз ҷиҳати равонӣ ва ҳам дар зиндагии иҷтимоӣ ба рӯҳонӣ қаробат пайдо намояд. Ин таҷрибаи нав нест, балки ҳамон таҷрибае аст, ки дар асрҳои миёна мо аз сар гузаронидаем, яъне бояд ба аҳли суннат махлут гардем ва бо онҳо айният пайдо намоем. Мо на танҳо зеҳнан ашъарӣ ҳастем, балки фазоеро ба вуҷуд меоварем, ки ба ҷуз аз ашъариягароӣ

интихоби роҳи дигареро ба мо намедиҳад. Дар ин росто донишманди мо бо чунин хусусиятҳо ба фаъолият мепардозад:

а). такаббур ва дурӯғ. Такаббури ӯ аз таълими динии дар кӯдакӣ гирифтаи ӯ, ки ҷавҳари зеҳнияти ӯро барои ҳамеша шакл медиҳад, сарчашма мегирад. Дар асл, ҳамон муллоеро мемонад, ки мехоҳад ҳукмаш ба муридонаш ҳамеша раво бошад ва ташнаи навозиш ва ситоиши ҳамагонӣ, аммо ӯ бо ин асли худ вориди фалсафа ва дигар шохаҳои илм мегардад ва тавассути худро фавқулодда вонамуд намудан, ба инкору танқид мепардозад ва ҳамин тавр ба такаббур ва худхоҳии худ умри ҷовидонагӣ медиҳад. Дӯруғ бошад, нишонаи камдонишӣ ва ё дониши сатҳии ӯ мебошад. Бо андаке огоҳӣ пайдо намудан, бидуни каме амиқтар рафтан ба васваса ва худнамоишдиҳӣ мепардозад ва дар ин вонамудкуниҳо дурӯғҳои ӯ ба ҷилва медароянд;

б) имон ба гумони ботил. Ақидаҳои бунёдии худро онҳо на дар раванди маърифат ва таҳқиқ ба вуҷуд меоваранд, балки онҳо қаблан вуҷуд доранд ва азбаски дар заминаи боварӣ ва имони кӯр ба вуҷуд омадаанд, онҳоро ба ҷуз аз гумони ботил наметавон бо мафҳуми дигаре ифода намуд. Масалан, ҳамин ки дар Урупо фалсафае нисбатан муваффақият пайдо намояд, ашъариҳои нав дар гумони он меафтанд, ки ин фалсафа аллакай дар фалсафа ё тасаввуфи исломӣ вуҷуд дорад, аммо дониши ноқис ва заъфи иродии онҳо имкон намедиҳанд, ки ин гумони ботил ба воқеияти илман асоснок табдил ёбад, ё баръакс инкор гардад ва ҳамин тавр ин гумон барои ҳамеша муаллақ боқӣ мемонад;

в) сайидзодагӣ дар фалсафа. Ботинан, бар он боваранд, ки онҳо фи нафса дурустандеш ва ҳақиқат аз азал мутааллиқи онҳост. Масалан, агар калимаи бухронро дар нисбати фалсафаи Урупоӣ шунаванд, боз ба мисли сайидзодаҳо, ки азалан ҳақиқатро бо худ ҳамроҳ медонанд, эҳсоси хурсандӣ менамоянд ва мехоҳанд бигӯянд, ки роҳи дуруст аз аввал насиби онҳо буд ва фалсафаҳои дигар роҳгумзада мебошанд;

г) таҳаввуъ ва бадбинӣ. Ҷавҳари андешаашонро на принсипи холиси илмӣ, балки таҳаввуъ ва бадбинӣ ташкил медиҳанд: як ниҳодро ба он хотир, ки беҳосил аст ва аз зарфияти илмӣ маҳрум аст танқид менамоянд ва ин амали онҳо воқеан, ҳам қобили истиқбол аст, аммо дар як вақт гурӯҳи дигарро фақат ба хотири

озодандешӣ, навандешӣ ва дигарандешӣ мавриди мазаммат қарор медиҳанд, ки ин шубҳаро дар нисбати солимии зеҳнияти худи онҳо ба вуҷуд меоварад. Вуҷуди озодандешон ва дигарандешон ин виҷдони нооромн онҳо мебошад, хусумати онҳо нисбати онҳо аз он аст, ки ашъариҳои нав ботинан мехоҳанд унвони озодандеш ва дигарандешро ба исми худашон рақам зананд.

Д. Вопасгароӣ ва оянданигарӣ - *ду тамоили бо ҳам зид.* Ин аҷиб аст, ки равандҳо дар мо баръакс сурат мегиранд, ба ҷои он ки ашъариягароии нав таълимоти кӯҳнашуда шинохта шавад, баръакс, навандешӣ ва озодандешӣ ҳамчун як амали манфӣ ва хилофи одоб шинохта мешавад. Ба тариқи нав андешаронӣ ва фалсафаронӣ кардан, яъне кӯшиши бо чашми худ дидани ҷаҳонро дорад. Чаро мо бояд ҷаҳонро танҳо бо чашми исломӣ ва ё коммунистӣ ва ё мутакаллимона бубинем, вале одати бо чашми худамон диданро надошта бошем? Чаро мо ҳатто аз кӯшиши бо чашми худ дидани ҷаҳон бадамон ояд ва ба он тамғаи амали “нафси бетарбия”-ро занем? Бигзор, каҷ бубинем, бигзор хато бубинем, аммо бояд бо чашми худ диданро биёмӯзем. Бо ҳазору як нуқсон оне, ки бо чашми худ ҷаҳонро мебинад ва бо ақли худ онро мешиносад, нисбат ба оне, ки бо чашми мазҳабӣ ба ҷаҳон менигарад, зеботар ва бошаҳоматтар аст. Фарҳанги исломӣ ва коммунистӣ ба мо имон доштан, эътиқод кардан, таҳаммул кардан, чашм пӯшиданро омӯзониданд, аммо аз бо чашми худ дидани ҷаҳон маҳрумамон карданд. Ин тарси таърихии мо аст, ки маърифати ҷаҳонро анҷомшуда мепиндорем ва ба ҷуз аз қабули ҳар чизи таҳмилшуда намехоҳем, ки зеҳнияти мо фаъолияти кӯчакеро аз худ нишон диҳад. Ҷаҳони мо ин ҷаҳони астуманд нест, балки он аст, ки дар ҳар замоне андешамандон аз ҳастӣ, ҳаёт ва таърих чӣ бардоште кардаанд ва ҳамин гуна ҷаҳонҳо ҳамеша нав мешаванд. Агар мепиндорем, ки ягона ҳақиқат ҳамон биниши мазҳабӣ аст, пас маънаван мо дорои ҷаҳони худ нестем. Чунин тангназариҳо нишонаи харобии фарҳангӣ мебошад. Ин мутакаллимон буданд, ки фарҳанги моро чунин хароб ва беобуранг ва маҳрум аз навгонӣ гардониданд ва ашъариёни нав мехоҳанд аз беасолатии рӯшанфикрони имрӯза истифода бурда, анъанаи асримиёнагиро дубора зинда гардонанд.

Мо ҳеҷ вақт дар маънии танги калима тарғибгари фарҳанги дигар нестем, аммо ҷонибдори онем, ки ҳамеша бо чашми ибрат

фарҳангҳои дигарро бояд мавриди омӯзиш қарор дод. Ҳамсояи зирак ҳатман аз ҳамсояи худ барои худ панд мегирад. Ин ҷо як чизро мавриди муқоиса қарор медиҳем: дар тӯли садсолаҳои охир мо ду чизро таҷриба кардаем: дар муддати дарози таърихӣ танҳо фалсафаи исломӣ, адабиёти исломӣ, мусиқии исломӣ, ахлоқи исломӣ ва дар муддати кӯтоҳи таърихӣ бошад, танҳо фалсафаи коммунистӣ, адабиёти коммунистӣ, мусиқии коммунистӣ ва ё ахлоқи коммунистӣ. Дар марҳалаи аввал ба мо талқин намуданд, ки ислом ин ҳамон ҳақиқат, ҳаёт, зебоӣ ва ё ахлоқ мебошад. Дар марҳалаи дувум бошад, ба мо талқин намуданд, ки баръакс, ин коммунизм аст, ки бо ҳақиқат, ҳаёт, зебоӣ ва ё ахлоқ айният дорад. Догматизм то ба андозае вазнин ва аз ҷиҳати замонӣ тӯлонӣ буд, ки як зеҳнияти ноқис ва беморгуна ба вуҷуд омад ва имрӯз мо, на ин ки назароти мустақилона дар мавриди ҳақиқат, ҳаёт, чӣ будани зебоӣ ва ё чӣ будани ахлоқ надорем, балки аз онҳое, ки ҷасорат карда дар ин самт иқдомҳое менамоянд, бадамон меояд ва нисбати онҳо назари хусуматомез дорем. Ҳама гуна навгонӣ на аз нафси ботарбия ва ё нафси комил, балки аз иқдоми бо огоҳӣ омехта оғоз меёбад. Агар фарҳанги мо дар асоси маҳдудиятсозиҳо ташаккул намеёфт имрӯз худ зарфияти онро дошт, ки дар оғӯши худ ҳама гуна гуногунии андеша, таълимот ва бинишҳои инсониро ҷой диҳад ва ба ташаккули минбаъдаи онҳо мусоидат намояд.

Дар фарҳанги ғарбӣ як қатор хусусиятҳои бунёдие вуҷуд доранд, ки худ ба тариқи табиӣ ба догматизм, мутлақгароӣ ва ё вопасгароӣ имконият намедиҳанд. Дар маҳдудаи фарҳангӣ биниши ҳеҷангорона имконият намедиҳад, ки ҳеҷ як арзиш ва ё боварӣ ҷовидона бошад, ҳамаи онҳо дар худ хусусияти нисбӣ доранд ва ба тариқи табиӣ ҳама чиз беарзиш ва арзиши нав ба вуҷуд оварда мешавад. Бахусус, плюрализм худ ҳама гуна мутлақиятро аз байн мебарад. Биниши диалектикӣ ва таълимоти Иродаи қудрат низ, ба андешаи мо, тафсире аз ҳамон диалектика мебошад ва ҷомеа, фалсафа ва инсони урупоиро водор ба таҳаввули ҳамешагӣ менамояд. Дар ин ҷо тасаввури пояндагӣ, устуворӣ ва ё ҷовидонагии як таълимот ва ё тарзи биниш ғайриимкон аст. Чизи бадтар аз он, яъне боварӣ ба он, ки ҳақиқат дар гузашта вуҷуд дорад, вуҷуд надорад. Тамоми таълимоти динӣ, фалсафӣ ва ё сиёсӣ танҳо тафсирҳое аз ҳаёт ҳастанд, на худи ҳаёт ва ҳаёт низ бар сари

ҳеҷ кадоме аз ин таълимот қарор намегирад. Чунин тарзи биниш ба доираи илми урупой низ кашонида мешавад. Карл Поппер биниши диалектикиро вориди илм месозад ва ба назарияи *фалсификатсия* асос мегузорад. Ба хотири пеши роҳи инкишофи илмро кушодан ва ба пешрафти он мусоидат намудан, Поппер чунин мешуморад, ки бояд тамоми назарияҳои мавҷудаи илмӣ мавриди инкор ва танқид қарор гиранд. Ӯ он таълимотеро, ки ба мисли таълимоти динӣ имкони нақд ва танқиди худро намедиҳад, ноқис ва заъфдор мешуморад. Албатта, ин назар худ бисёр радикалӣ мебошад, аммо садоқати як рӯшанфикр ба хотири инкишоф ва таҳаввули илм қобили таҳсин ва ибрат мебошад.

Мутаассифона, дар мо хилофи иқдоми Поппер ба назар мерасад. Ӯ мехоҳад, ки ба хотириояндаи илм таълимоти мавҷудаи илмӣ мавриди фалсификатсия қарор гиранд, аммо вопасгароҳои мо мехоҳанд ба хотири гузаштаи ба гумони худашон идеалӣ, ҳама гуна навандешӣ ва озодандешӣ мавриди инкор қарор гирад. Дар фарҳанги мо бо назари танқид ба як таълимот, як арзиш ё як мутафаккир нигоҳ кардан, нишонаи беодобӣ ва гунаҳкорӣ дониста мешавад, зеро фарҳанг танҳо дар асоси идеали динӣ ташаккул ёфтааст ва догмаҳои динӣ ва хурофотӣ ҳастанд, ки онро пойбарҷо нигоҳ медоранд.

Дуруст мегӯянд, ки агар назарияи офтобмеҳварии Коперник ба вуҷуд намеомад, ҳеҷ кас бовар намекард, ки назарияи заминмеҳварии Птоломей хато мебошад. Азбаски фалсафа ва фарҳанги алтернативие, ки тавонад маънии воқеии ҳаёт ва асолати инсонро дар новобастагӣ ва асолати худ таҷассум намояд, ба вуҷуд оварда нашуд, барои мо гумони ҳақиқати мутлақ будани он бинише, ки мутакаллимон дар мағзи андеша ва фарҳанги мо ҷой намуданд, пирӯз аст. Фарҳанги нав бо бедор сохтани мафҳумҳои асримиёнагӣ аз қабили нафс ба вуҷуд намеояд, балки ин огоҳӣ аст, ки оғози ҳар оғоз мебошад. Ин офарандагӣ аст, ки огоҳиро дар воқеият татбиқ мегардонад.

Е. <u>*Тарбия ва нафс дар худии худ чӣ маънӣ доранд?*</u> Ин танҳо як бардошти мазҳабӣ аст, ки ҳадаф аз тарбияро фақат одоб медонад. Арзишҳои ахлоқӣ ҳатман натиҷаи тарбия ҳастанд, аммо тарбия бо арзишҳои ахлоқӣ маҳдуд намешавад ва маънии фаротар аз онро дорад. Дар фарҳанге, ки худомеҳвар аст, мафҳуми тарбия

сатҳӣ ва танҳо дар маънии азхудкунии одоб фаҳмида мешавад. Мақсад аз одобро бошад, ин маҳдудсозии инсон дар маҳдудаи муқаррароти қаблан шаклгирифта ташкил медиҳад. Мафҳуми тарбия замоне дорои аҳамият гардид, ки фарҳанги инсонмеҳвар ҷойгузини фарҳанги худомеҳвар гардид, ахлоқ ва мазҳаб ҷойи худро ба зебоӣ, ҳунар ва офарандагӣ дод. Пас аз ин дигар мафҳуми инсони ботарбия наметавонад бо мафҳуми инсони ахлоқӣ баробарвазн бошад. Ин мафҳумҳо шояд танҳо дар муҳитҳои сарбастаи асримиёнагӣ ба хотири аз ҷиҳати ахлоқӣ ва танҳо дар доираи расму русуми анъанавӣ нигоҳ доштани инсонҳо баробарвазн дониста мешуданд. Дигар фаҳмиши он, ки ботарбият будан ҳамон маънии ахлоқӣ будан ва он ҳам танҳо дар фаҳмиши анъанавии он, кӯҳна шудааст. Ҳадаф аз тарбия ин ахлоқӣ сохтани инсонҳо нест, балки фарҳангӣ сохтани онҳо мебошад ва ҳадаф аз фарҳангӣ сохтан ин аз байн бурдани ҳамаи он чизе буд, ки дар роҳи ба камолоти маънавӣ расидани инсонҳо монеа эҷод менамуданд. Аммо чунин имкон вуҷуд дорад, ки ҳамаи он арзишҳои манфӣ, ки барои ба камолот расидани инсон монеа эҷод месозанд, ҳамчун "арзишҳои ахлоқи накӯ" мавриди писанд ва тарғиби таълимоти ахлоқӣ бошанд. Бахусус, агар сарчашмаи фазоили ахлоқӣ одат ва анъана бошанд, ки онҳо хоси тарбияи мазҳабӣ мебошанд. Дар фарҳанги динӣ инсони ахлоқӣ худ масъули аъмоли худ нест, ҳатман ғояти ин фазилатҳои ахлоқиро аҳдофи фарозаминӣ, фароинсонӣ ташкил медиҳанд. Дар ин фарҳанг инсон танҳо дар назди арзишҳои фарозаминӣ масъулиятшинос аст, на дар баробари худ. Аз ҳамин сабаб, миёни гуфтор ва амали рӯҳониён ҳеҷ вақт мувофиқат ба вуҷуд наомадааст. Имрӯз дигар *инсони боодоб* бо *инсони ботарбия* ҳаммаъно шуда наметавонад, балки ин *инсони огоҳ* аст, ки метавонад дар худ маънии инсони ботарбияро ғунҷонад.

Нафс, ки дар бахши дувум ба он мепардозем, як мафҳуми фалсафаи арастуӣ ва асримиёнагӣ аст. Он наметавонад дар шинохти инсон бунёдитарин бошад. Ин нафс нест, ки инсонро ба худогоҳӣ мерасонад, балки ин худогоҳӣ аст, ки инсонро аз ҳама чиз ҷудо месозад. Мафҳуми *огоҳӣ* метавонад дар худ истилоҳи "нафси ботарбия"-ро ғунҷоиш диҳад. Набояд қолабшиканиҳо ва дигарандешиҳоро ҳамчун натиҷаи нафси бетарбия донист ва

ҳамин тавр, бо печу тоб додани сухан як лаҳза аз оянда сухан гуфт ва дар дигар лаҳза андешаи бедорро дигарбора қурбонии тасаввуротҳои асримиёнагӣ гардонид.

Яке аз симптомҳои хуросонии илм ин вонамудсозии холӣ, яъне адами дақиқият ва адами равшаният дар масъалагузорӣ мебошад. Вақте ки як мафҳуми бунёдӣ нахустин маротиба зикр мегардад ва ё номи як мутафаккир оварда мешавад, он барои зеҳни хонанда як аломат мебошад ва муаллифро зарур аст, ки нахуст онро то андозае, ки хонандаро қонеъ мегардонад, ба он рӯшанӣ андозад ва пасон батадриҷ ва қадам ба қадам ҳудуди таҳлилро вобаста ба ҷанбаҳои боаҳамияти масъала васеъ намояд. Мутаассифона, ин камбудии ҳамагонии мо мебошад, ки навиштаҳо аз методҳои илмӣ кам бархурдор ҳастанд. Навиштаҳои мо бояд дарвоқеъ, аз диди имрӯз илмӣ бошад, на аз диди ашъариягароҳо. Ҳар чизи илмӣ бояд аз як низом, мураттабият, пайдарпайии фикр, асосноккунии ҳар мафҳум ва андеша аз муқаддима сар карда то ба хулосаро дар бар гирад.

## II

### 1. Назарияи Нафс дар фалсафаи Ибни Сино

Мафҳуми Нафс ҳам дар фалсафаи Сино, ҳам дар Қуръон ва ҳам ҳар таълимоти дигари хоси фарҳанги исломии мо аз фалсафаи юнонӣ гузаштааст, аммо вобаста ба сарчашмаи худ, он дорои ду тамоил мебошад: якум, фаҳмиши илмии он, ки бевосита аз фалсафаи Арасту сарчашма мегирад ва фаҳмиши ирфонӣ ва динии он, ки ҳанӯз дар фалсафаи Афлотун дучор мегардем ва асосан, аз фалсафаи навафлотуния ва баъзе таълимоти шарқӣ сарчашма мегирад. Дар тамоми давраи асрҳои миёна мафҳуми нафс барои ҳамаи ҷараёнҳои фикрӣ, чи тасаввуф, чи фалсафаи калом ва чи адабиёти асримиёнагӣ ошно буд ва истифода мешуд. Ба мисли имрӯза ҳама дар бораи тарбия ва ба камол расонидани нафс сухан мегуфтанд аммо, азбаски мақсад аз тарбияи нафс ва ба камол расонидани он ғайривоқеӣ, осмонӣ ва ғайризаминӣ буд, ба ҳеҷ муваффақияте нарасиданд. Тасаввурот дар бораи нафс ин як раҳгумзании бузурге буд, ки тамоми маънавиёти асримиёнагиро аз шинохт ва дарки воқеият маҳрум гардонид ва онро ба таълимоти бо зиндагии воқеӣ беиртибот ва афсонавӣ табдил дод. Ҳамаи ҳадафҳо аз тарбияи нафс ҷанбаи осмонӣ доштанд, на

иҷтимоӣ ва заминӣ. Ҳадафи ниҳоӣ аз тарбияи нафс бо нафси инсонӣ тамом намешавад, балки нафси малакӣ ва болотар аз нафси малакӣ зинаҳо вуҷуд доранд. Масалан, Мавлоно ҳадди ниҳоии нафсро чунин ифода мекунад: “Бори дигар аз малак қурбон шавам, он чи андар ваҳм н-ояд, он шавам” ва худ аз худ маълум аст, ки дар ин ҷо ҳадаф на ҷомеа ва мушкилоти иҷтимоӣ, балки гурез аз чунин масъулиятҳо мебошад.

Агар сабаби дорои аҳамият гардидани мафҳуми нафсро донистан хоҳем, бешак, бо як ҳақиқат мувоҷеҳ мегардем: ин мафҳум дар шароитҳое инкишоф ёфтааст, ки аз ободӣ, пешравӣ, саодати инсонӣ хабаре набуд ва шароити тоқатфарсои пур аз разилат ҳукмронӣ мекард. Масъалаи нафс дар ин марҳала ба наҷоти касоне омад, ки мехостанд мусибати фарогири иҷтимоиро фаромӯш кунанд ва дар ин шароит ба саодати фардӣ дастрасӣ пайдо намоянд. Ин равиш, аслан хоси фарҳангиёни исломӣ набуда, балки аз замони таназзули фалсафаи юнонӣ сарчашма мегирад.

Дар ин маврид мо овардани назари Рассел, ки раванди ғайритабиии гардидани шеваи файласуфони юнонӣ ва натиҷаи онро ба фоидаи худ ҳал намудани масеҳиятро шарҳ додааст, муфид медонем. Рассел менависад: “Ҳангоме ки қудрати сиёсӣ ба дасти мақдуниён афтод, фалосифаи Юнон, чуноне ки табиӣ буд, аз сиёсат рӯй гардониданд, ваҳм ва ғами худро масрафи таҳсили фазилат ва растагории фардӣ сохтанд. Дигар напурсиданд, ки чӣ гуна метавон давлати хуб ба вуҷуд овард. Балки пурсиданд: чигуна метавон дар ҷаҳони разилат ба фазилат роҳ ёфт, ё ба саодат расид. ...Ҷаҳонбинии касоне, ки фикр ва эҳсоси ҷиддӣ доштанд рӯз ба рӯз зеҳнитар ва инфиродитар шуд, то он ки саранҷом масеҳият аз ин ҷаҳонбинӣ китобе мубтанӣ бар растагории фардӣ фароҳам овард ва ин китоб илҳомдиҳандаи мубаллиғони динӣ ва падидоварандаи калисо шуд” (Бертранд Рассел, Таърихи фалсафаи Ғарб, Ҷ.1. (тарҷумаи форсӣ), Теҳрон 1353/1975: С. 433 ба баъд). Ин назари Рассел аз муносибати мақдуниҳо ва юнониҳо дида бештар ба муносибати халқи мо бо ҷаҳони офаридаи турку муғулҳо сидқ мекунад. Он даҳшатҳое, ки туркону муғулон дар минтақаи мо ба вуҷуд оварда буданд, мақдуниҳо ба сари юнониҳо наовардаанд. Агар файласуфони

юнонӣ огоҳона худро аз воқеияти пурмусибати замони худ канора гирифтанд, пас дар минтақаи мо чунин канорагирӣ ба як амри нохудогоҳ ва боварӣ, ки фарҳанг ҳамин канорагирӣ аз ҷомеа ва ба домани тахаюл ва мавҳумот печидан мебошад, табдил ёфта буд. Агар масъалаи нафсро дар саросари фалсафа, ирфон ва ҳунари исломӣ ҷустуҷӯ намоем, ба ҷуз аз ҳамон "растагории фардӣ" ҳадаф ва мақсади дигареро дар баробари ҷомеа ва оянда пайдо карда наметавонем.

Асоситарин маъние, ки дар ин дунёбезорӣ ба аҳли фазл кумак мекард ин ҳамон растагории нафс буд, ки ниёз ба тарбия дошт. Дар фарҳанги урупоӣ чунин "фазилат ва растагории фардӣ", ки бо зуҳури мақдуниҳо ва ташаккули масеҳият ба вуҷуд омада буд, то асри 14 идома ёфт ва дар ин давра чунин маънавиёт ва шеваи офариниш ҳамчун асри зулмот мавриди инкор қарор гирифт. Ҳама чиз дигарбора дар нособастагӣ аз дин ва анъана арзишгузорӣ карда шуд. Рӯшанфикрон аз ин ба баъд дигарбора нисбати ҷаҳон, табиат,давлат, иҷтимоъ назарҳои равшани худро ба вуҷуд меоварданд.

Оё вазъияти кунунии мо шабеҳи вазъияти юнониҳои асири мақдуниҳо ё урупои зери асорати масеҳият аст? Танҳо дар ин мавридҳо метавон масъалаи нафс ва "растагории фардӣ"-ро матраҳ гардонид. Нафс як мафҳуми метафизикӣ мебошад ва бедор сохтани он дар зеҳният ҳатман зеҳнияти моро ба сӯи худ мекашад, яъне моро водор месозад, ки воқеиятро нодида бигирем ва аз он рӯ бигардонем. Аммо ҳадафи ин ки ҷомеаро маҳз тавассути тарбияи нафс метавон сомон дод ё тавассути тарбияи нафс метавон инсони дар шароити имрӯза дархӯрро ба вуҷуд овард, як фикри хом ва бемаънӣ мебошад. Масъалаи нафс на ин ки роҳи наҷот, балки сарчашмаи ба нокомӣ ва мусибат гирифтор гардидани ҳар ҷомеа мегардад, зеро боварӣ ба он ва бунёди метафизикӣ ва осмонии он инсонҳоро аз масъулияти заминӣ, инсонӣ ва иҷтимоӣ маҳрум месозад.

Аз ин ба баъд мехоҳем ба масъалаи нафс дар фалсафаи Ибни Сино пардозем ва бидуни умумиятгуӣ ҳақиқати маънии онро маълум намоем. Шояд нафс масъалае бошад, ки Сино беш аз ҳар чизи дигар сари он андешидааст. Маҳз аз ҳамин сабаб муҳаққиқон дар фалсафаи Сино ба он бештар таваҷҷуҳ менамоянд. Дигар ин

масъала як муаммо нест, балки тамоми ҷанбаҳои он мавриди шиносоӣ қарор гирифтааст. Нафс дар фалсафаи Сино як масъалаи сирф маърифатӣ ва эпистемологӣ мебошад, ки сарчашмаи метафизикӣ дорад ва дар бахши Табииёт (Физика)-и осори худ онро матраҳ гардонидааст. Нафс бо масъалаи Огоҳӣ ва ҳамин тавр, Худогоҳӣ алоқамандии ногусастанӣ дорад ва ин масъалаҳоро наметавон бидуни ҳамдигар мавриди баррасӣ қарор дод. Аксари муҳаққиқон низ масъалаи нафсро дар алоқамандӣ бо мафҳумҳои огоҳӣ ва худогоҳӣ таҳлил намудаанд. Инро бояд дар назар дошт, ки Сино дар ҳамаи китобҳои худ, аз қабили “Шифо”, “Наҷот”, “Донишнома”, “Ишорот ва Танбеҳот”, “Фалсафаи машриқия” қисматҳои алоҳидаро ба масъалаи нафс бахшидааст ва ба ғайр аз он, ӯ боз 23 рисолаи дигар дар мавриди нафс навиштааст (ниг. Забеҳуллоҳ Сафо, *Ибни Сино,* Теҳрон 2005, С. 77 ба баъд). Масъалаи нафс барои Сино то андозае боаҳамият аст, ки аслан номи пурраи китобҳои Сино “Шифои нафс” ва ё “Наҷоти нафс” мебошад, аз ин рӯ, Сино ҳамеша дар баробари шинохт ва маърифати нафс, мақсади тарбия ва ба камол расонидани онро низ дар назар дорад.

Аввалин маротиба ба масъалаи нафси Сино Ландауер таваҷҷуҳ менамояд ва соли 1875 яке аз рисолаҳои Сино бо номи “Мақола филн-нафс ало суннат ал-ихтиёр”-ро тарҷума ва дар “Маҷаллаи ҷамъияти дӯстдоронии шарқи Олмон” нашр менамояд. Минбаъд паҳлуҳои гуногуни ин масъала аз ҷониби Бургер Кристоф, В. Таксон, Р. Моревич, Ҳ. Девидсон, Т. Друарт, Г. Штроҳмайер, Д. Блек, П. Ҳет ва ғайра мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Таълимотҳои эътирофгардида дар мавриди назарияи нафси Сино инҳо мебошанд: М. Мармура “, Инсони муаллақ-и Сино дар Контекст” (дар: Монист (маҷалла) 69 (1989): С. 383-393). Мармура дар ин мақола се масъаларо мавриди баррасӣ қарор медиҳад: а). баҳси Сино ва мутакаллимон дар мавриди чӣ гуна ҷавҳар будани нафс, ки Сино дар ин маврид бар ҷавҳари ғайриҷисмонӣ будани нафс таъкид менамояд (С. 384); б). танҳо нафс метавонад ба ҷисм маънии ягона бахшад ва истеъдоди ақли абстрактӣ наметавонад, ки ҷавҳари ҷисмонӣ бошад (С. 389); в). умумитарин ва бунёдитарин маънии ҳастии инсон аз назари Сино ин худии инсон мебошад (С.391). Бояд

зикр кард, ки Мармура тарҷумони асари “Шифо”-и Сино ба забони англисӣ буда, шояд ягона сермаҳсултарин муҳаққиқ дар соҳаи Синошиносӣ бошад.

Адабиёти муҳими дигар дар ин мавврид пажӯҳиши ниҳоят муфассали Николас Ҳассе “ Назарияи нафси Сино дар ғарби лотинӣ, Шаклгирии назарияи машшоии нафс, 1160-1300” (Лондон/ Турин, 2000) мебошад. Ҷанбаҳои таваҷҷуҳкардаи Ҳассе инҳо мебошанд: а). фарқият ва муносибати байниҳамдигарии мафҳумҳои моҳият, худӣ ва вуҷуд; б). мағз ва системаи асаби инсон ҷанбаҳои нафсро ташкил медиҳанд ва Сино дар ин маврид аз физикдонони мактаби Искандарияи асри 3-и пеш аз мелод таъсир гирифтааст; в). сино дар инкишофи назарияҳои фалсафӣ дар мавриди мафҳумҳои ҳадс, тарс ва умед саҳми арзанда гузоштааст. Нафс метавонад неруманд ва заиф бошад, нафси неруманд ба дигар нафсҳо таъсир мерасонад ва он ду намуд мешавад: хоси пайғамбарон, ки дар роҳи хайр истифода мешавад ва хоси ҷодугарон, ки дар роҳи шарр истифода мешавад.

Ҷавҳари назарияи нафси Синоро Саид Ҳусайни Наср ба равшанӣ нишон додааст ва онҳое, ки ба мафҳуми нафс умед мебанданд, бояд бори дигар биандешанд, ки мехоҳанд ҷомеаро беҳбуд бахшанд ва ё ба осмонҳо парвоз намоянд. Наср бар он бовар аст, ки Сино дар масъалаи нафс на ба Арасту, балки ба Афлотун ва таълимоти Эрони Бостон таваҷҷуҳ намудааст ва Сино дар ҳукми табибест, ки мехоҳад нафсро шифо бахшад ва аз зиндони ҷисмонию заминӣ раҳо бахшад (С. Ҳ.Наср, Се ҳакими мусулмон. Теҳрон, 1382/2004:С. 48).

Файласуфи эронӣ Ғуломҳусайн Иброҳими Динонӣ бар он ақида аст, ки Сино рамзи парранда ё кабутарро ҳамчун ифодакунандаи нафси инсонӣ аз адабиёти санскритӣ гирифтааст, зеро дар ин адабиёт рамзи “мурғи сухангӯй” вуҷуд дорад, ки он низ барои ифодаи нафси инсонӣ истифода мешавад (Ғ. И. Динонӣ, Дафтари ақл ва ояти ишқ, Қисмати 1, Теҳрон 1382/2011, С. 153).

Шояд фарогиртарин назарияи нафс дар фалсафаи исломӣ ин ҳамон назарияи нафси Сино бошад. Аммо як қатор омилҳо аз қабили муносибати нафс бо ҷисм, сарчашмаи нафс ва ҳадафи ниҳоии Сино аз он нишон медиҳад, ки фалсафаи нафси Сино, новобаста аз ҷанбаҳои мусбии илмии худ, аз диди имрӯза як

назарияи ақибмонда ва ба дарди ҷомеа нахӯранда мебошад. Агар мо бихоҳем, ки дар сохтани технологияи худӣ аз назарияи нафси Сино ва дигар мактабҳои асримиёнагӣ истифода барем, пас бояд бори дигар ҷаҳони воқеиро пушти по бизанем ва дар умеди саодати метафизикӣ интизор бинишинем.

Масъалаи нафс ба ғайр аз рисолаҳои хурд, ки Сино баъзеи онҳоро бо забони истиораю маҷоз навиштааст, дар ҳамаи осори асосии ӯ дар қисмати Табииёт матраҳ гардидааст. Бояд иқрор шуд, ки масъалагузорӣ ва табақабандии он бисёр печида, аммо бисёр кӯтоҳ ва равшан мебошад. Хонандаи баҳавсала метавонад бевосита қадам ба қадам онро мутолеа намояд ва фаҳмиши дақиқи Синоро барои худ маълум намояд. Барои мо як таҳлили бунёдӣ ва фарогири масъалаи нафс дар ин ҷо ғайриимкон аст, аммо имкони онро дорем, ки бо овардани ҷанбаҳои асосии мафҳуми нафс дар фалсафаи Сино мақсади ниҳоии ӯро аз ин мафҳум ошкор намоем ва дар як вақт арзишгузории онро намоем, ки оё ақидаи Сино дар воқеият ҳам ба дарди мо мехӯрад ва ё на.

Нафс барои Сино, як ҷавҳари ғайриҷисмонӣ мебошад ва дар ҳамин маврид ӯ назари мутакаллимонро, ки нафсро як ҷавҳари ҷисмонӣ медонистанд, инкор менамояд. Бояд иқрор шуд, ки дар ин маврид мутакаллимон нисбати Сино пешқадамтар будаанд. Аз метафизикаи Сино барои мо маълум аст, ки нафс як мафҳуми мобайнии миёни ақл ва ҷисмро ташкил медиҳад. Ақл ин абстрактсияи маҳз аст ва ба ҷисм иртибот надорад, ҷисм бошад, билкул бо ақл ноошност ва бо он иртиботе надорад. Омиле, ки ин ду мафҳумро бо ҳам меоварад, маҳз нафс мебошад. Нафс баҳаракатоварандаи ҷисм аст, аммо ҷавҳари ҷисмонӣ нест, баҳаракатоварандаи нафс бошад, ақл аст. Дар яке аз баҳсҳои дигар Сино нишон медиҳад, ки нафс на Қуво ва на Шакл, балки Камолот аст, зеро маҳз он ба ҷинс ягонагӣ мебахшад. Яке аз камбудиҳо ва заъфҳои назарияи нафси Сино маҳз дар матраҳсозии масъалаи нафс бо ҷисм ба назар мерасад. Бо вуҷуди он ки бидуни ҷисм вуҷуди нафс тасаввурношуданист, боз ҳам Сино ҷисмро ҳамчун унсури беаҳамият дар муносибат бо нафс нишон медиҳад. Нафс ҷисмро ба ҳаракат медарорад, танҳо тавассути узвҳои ҳиссӣ, ки мансуби ҷисм ҳастанд, оламро идрок менамояд, аммо бо вуҷуди ин ҷисм субъекти нафс ба ҳисоб

намеравад. Ҷисм барои нафс танҳо васила мебошад, ки танҳо замони муайяне ба хотири ба мақсади худ расидан нафс аз он истифода мекунад. Мақсади нафс чист ва вақте ки он ба хотири мақсади худ ягона омили мавҷудияти худро инкор менамояд, пас чӣ чизи муфидро метавон аз он интизор дошт? Бидуни ҷисм нафс як маҷмӯаи холӣ мебошад, аммо гумони он ки ҳама маънӣ маҳз дар мақсади нафс нуҳуфтааст, садсолаҳо моро фирефтааст ва имрӯз низ дар умеди нафси ботарбия ҳастем.

Аз нигоҳи, мо беаҳамиятии ҷисм нисбат ба нафс нуқсони бунёдии фалсафаи нафси Сино мебошад ва мо ба ин масъала ҳангоми баҳси эпистемологӣ дигарбора бармегардем. Дар идома мо ду мотивро дунболагирӣ менамоем, ки маънии воқеии нафсро дар алоқамандӣ бо масъалаи огоҳӣ ва худогоҳӣ равшан месозад. Якум, ин таҳлили систематикии масъалаи нафс. Назарияи нафси Сино, ки аз назарияи нафси Арасту таъсир гирифтааст, аз унсурҳои табиӣ оғоз меёбад ва бо олитарин саодат, ки ҳамон кашфи Худо дар худ мебошад, ба анҷом мерасад. Ҳамаи ҷузъиёти масъала ба дараҷаи олӣ дар алоқамандии танготанг бо ҳамдигар қарор доранд ва ҳамаи комбинатсияҳо, ки дар байни тавоноиҳои нафсонӣ вуҷуд доранд, аз ҳамдигар вобаста мебошанд. Дувум, ин баназаргирии ҷанбаи ирфонии масъала мебошад, ки бидуни он назари воқеии Сино дар мавриди нафсро фаҳмидан ғайриимкон аст. Мутаассифона муҳаққиқон, асосан ҳамон ҷанбаи масъаларо ба эътибор гирифтаанд, ки Сино дар таъсирпазирӣ аз Арасту навиштааст.

А. *<u>Нафси ҳайвонӣ ва нуқтаи гузариш ба нафси инсонӣ</u>*. Сино ҳамон назарияи нафси Арастуро, ки нафсро ба нафси наботӣ, ҳайвонӣ ва инсонӣ тақсим менамояд, пазируфтааст. Нафс ин камолот аст ва ҳар намуди нафс дорои тавоноии махсус мебошад. Нафсе, ки дар зинаи болотар қарор дорад тавоноиҳои нафси поёнтар аз худро доро мебошад. Масалан, нафси ҳайвонӣ он хусусиятҳое, ки хоси нафси наботӣ аст, доро мебошад ва ҳамин тавр, нафси инсонӣ низ тавоноиҳои нафси ҳайвонӣ ва наботиро доро мебошад.

Мо хусусиятҳои нафси ҳайвониро дар назарияи нафси Сино мухтасаран нишон медиҳем. Аҳамиятнокии он дар он аст, ки нафси ҳайвонӣ он камолотест, ки дар худ аллакай хусусиёти нафси наботиро дорад ва нафси инсонӣ ҳамаи хусусиятҳои онро

ифода менамояд. Тавоноиҳои нафси ҳайвонӣ ин ҳаракати иродавӣ, ки аз нафси наботӣ ба нафси ҳайвонӣ гузаштааст ва тавоноии идрок намудан мебошад. Дар ин бахш Сино узвҳои ҳиссиро ба беруна ва даруна тақсим менамояд, вазифаҳои ҳар кадоми онҳоро шарҳ медиҳад ва дар кадом минтақаи мағзи сар ҷойгир будани маркази ин узвҳои ҳиссиро нишон медиҳад.

Чизи ҷолиб дар ин маврид он аст, ки Сино узвҳои ҳиссиро аз 5 ба 8-то мерасонад. Ӯ панҷ узви ҳисси беруна аз қабили бӯйидан, дидан, шунидан, чашидан ва ламс карданро эътироф дорад, аммо бар он ақида аст, ки ломиса ин қобилияти ягона нест, балки чаҳор навъи ломиса вуҷуд дорад: ламс кардан бо чашм, ламс кардан бо гӯш, ламс кардан бо бӯйидан ва ламс кардан бо чашидан. Дар баробари он 5 узви ҳиссии дохила вуҷуд доранд, ки онҳо ҳисси муштарак, қуввати мусаввира, қуввати тахайюлу фикр, қуввати ваҳм ва қуввати ёддошт мебошанд.

Дар бахши минбаъдаи худ аз тафсили нафси ҳайвонӣ Сино намуд ва шеваҳои идроки узвҳои ҳиссии дохиларо муайян менамояд, ки он чунин мебошад: Идрокро Сино ба ду намуд тақсим менамояд: идроки бо феъл ва ё бо амал ва идроки холӣ ва бидуни амал. Якумӣ ҳангоми идроки шакл рух медиҳад ва ҳадаф аз феъл ё амал он аст, ки дар раванди идрок амалиётҳои синтез ва анализ рух медиҳанд. Дувумӣ, ҳангоми идроки мазмун рух медиҳад, ки дар ин маврид ҳоҷат ба синтез ва анализ нест.

Бахши асосӣ ва ниҳоии баҳси Сино дар мавриди нафси ҳайвониро ин муайянсозии марҳалаҳои идрок ва ё дараҷаҳои абстраксиякунонӣ ташкил медиҳад. Сино идрокро ба чаҳор марҳала тақсим менамояд: марҳалаи авалро идроки ҳиссӣ ташкил медиҳад, ки дар ин марҳала шакли чизҳо ҳанӯз дар модда ва хусусиятҳои моддӣ қарор дорад; марҳалаи дувумро тахайюл ташкил медиҳад, ки дар он шакл аз модда ҷудо карда мешавад, аммо хусусиёти моддӣ бошад, ҳанӯз дар шакл боқӣ мемонанд; марҳалаи савумро ваҳм ташкил медиҳад, ки дар ин марҳала фақат шаклҳои ҷузъӣ аз хусусиёти моддӣ ҷудо ва абстраксия карда мешавад. Мо метавонем дар ин ҷо сагро мисол оварем, ки метавонад соҳиби худ ё шахси бегонаро шиносад, аммо дар бораи мафҳуми умумии инсон наметавонад, ки тасаввур дошта бошад; чаҳорум ин андеша мебошад, ки дар он

шаклҳои куллӣ аз модда ва хусусиёти моддӣ ҷудо ва умумият дода мешаванд. Охирин марҳалаи дарк ба хусусияти нафси инсонӣ дохил мешавад ва аз ин рӯ, он нуқтаи гузариш аз нафси ҳайвонӣ ба инсониро ташкил медиҳад.

Қувва ё тавоноие, ки хоси нафси инсонӣ буда, онро аз нафси ҳайвонӣ фарқ менамояд, ин ақл мебошад, ки барои камолоти ин намуди нафс мусоидат менамояд. Дар аввалин тақсимбандии худ Сино тавоноии нафси инсониро ба "ақли амалӣ" ва "ақли назарӣ" тақсим менамояд ва дар заминаи ақли амалӣ фалсафаи ахлоқи худ ва дар заминаи ақли назарӣ назарияи маърифати худро инкишоф медиҳад.

Нафси инсонӣ ба хотири комилгардонии ҷисми худ ба ақли амалӣ ниёз дорад. Баръакси ақли назарӣ, ақли амалӣ сарчашмаи амал ва фаъолият буда, ба ҷисми инсон ва ҷаҳони воқеӣ таъсиррасон мебошад. Он бо нафси ҳайвонӣ ва худии худ дар алоқамандӣ қарор дошта, дар заминаи ҳамин алоқамандӣ ҳолатҳое аз қабили шарм, хандидан, гиря кардан ва ҳамчунин боварҳое аз қабили "Дурӯғ гуфтан бад аст" ва мисли инҳо ба вуҷуд меоянд.

Ба ақидаи Сино, нафси инсон ба хотири ба камол расонидани моҳияти худ ба ақли назарӣ ниёз дорад. Ақли назарӣ шаклҳои универсалӣ ва абстрактиро қабул мекунад, аммо чунин пазириш боз ба ду роҳ, ба тариқи билқувва ва ба тариқи билфеъл сурат мегирад. Дар ҳамин муносибат Сино ақли назариро боз чунин табақабандӣ менамояд:

A. Ақли билқувва, ки боз ба се навъ тақсим мешавад ва B. Ақли билфеъл, ки Сино онро ба тариқи истиоравӣ нисбатан муфассал шарҳ додааст. Масалан, дар "Наҷот" ин маъниро дар мисоли кӯдак ва навиштан ва дар "Ишорот ва Танбеҳот" бошад, дар мисоли нур ва чароғ шарҳ медиҳад.

Дар муносибат ба ақли назарӣ Сино масъалаи ҳадс ва ё интуитсияро низ матраҳ мегардонад. Ба ақидаи ӯ, инсонҳо дар дарки шакл дорои истеъдодҳои гуногун мебошанд. Баъзеҳо, аслан дорои ягон қобилият нестанд, аммо баъзеҳо дорои қобилияти қавӣ ҳастанд. Дар асоси димерсионҳои (буъдҳои) замон ва ҳаракат Сино ҳадсро аз андеша фарқ месозад. Ҳадс дорои бартарияти сифатӣ мебошад ва андеша, бошад дорои

бартарияти миқдорӣ, яъне мутолеа ва огоҳии бисёр ба вуҷуд меояд. Дар алоқамандӣ бо ҳамин масъала Сино мафҳуми “ақли муқаддас”-ро матраҳ месозад, ки он ҳамчун олитарин зинаи ақл мебошад, ки фақат хоси авлиёҳо ва пайғамбарон мебошад.

Ба ҷуз аз шарҳи дар боло овардашуда, ки дар оғоз дар зери таъсири Арасту ва пасон зери таъсири навафлотуния ба вуҷуд омадааст, дар дигар баҳсҳо, ки Сино дар мавриди нафс матраҳ месозад, ҳеҷ гуна воқеияти инсонӣ ва заминиро ба эътибор намегирад, балки ҳамаи кӯшиши худро ба он равона месозад, ки сарчашмаи ғайривоқеӣ, осмонӣ ва муқаддас доштани нафс, беарзиш будани ҷисм дар баробари нафс ва тавассути инкори олами моддӣ нерумандсозии нафсро матраҳ месозад.

Б. <u>*Алоқаи байниҳамдигарии нафс ва ҷисм*</u>. Он гуна ки дар оғози баҳс нақл намудем, нафси инсонӣ ҷавҳари ҷисмонӣ нест, аммо ҳам қобилиятҳои беруна ва ҳам қобилиятҳои дохилаи идрок ҷисмонӣ ҳастанд ва аз ин ҷиҳат нафс аз ҷисми инсонӣ вобаста мебошад. Узвҳои ҳиссӣ барои нафс ҳамчун васила ҳастанд, аммо нафс танҳо то дараҷаи муайяне ба онҳо ниёз дорад. Ҳамин ки нафс дараҷаи ниҳоии худро ба даст меоварад, камолоти ӯ дигар узвҳои ҳиссиро қабул намекунад. Чизи ҷолиб он аст, ки ба ақидаи Сино, нафс пеш аз ҷисм вуҷуд надорад ва ӯ чунин далел меоварад: агар пеш аз ҷисми инсон нафс вуҷуд медошт, онгоҳ ё ҳамаи нафсҳои инсонӣ дорои моҳияти ягона буданд ва ё худи ҳамин нафс дар шакли бисёрӣ вуҷуд дошт. Азбаски ин ғайримумкин аст, пас нафси инсонӣ баробари ҷисми ӯ ба вуҷуд меояд. Худи ҳамин натиҷагирии Сино кифоя аст, ки ба ҷисм аҳамияти бештар қоил гардем, ё ин ки лоақал онҳоро баробарвазн бидонем. Ба он хотир, ки худро аз вазъияти ногувор раҳо созад ва ҷовидонагии нафсро пас аз марги ҷисм таъмин намояд, ҷисмро на сабаби моҳиятии вуҷуди нафс, балки сабаби аразии он медонад. Ҷисм ва нафс ба навъҳои гуногуни ҷавҳар дохил мешаванд, ҷисм ҷавҳари ҷисмонӣ аст ва нафс ҷавҳари ғайриҷисмонӣ, чӣ гуна ҷисм, ки сабаби моҳиятии нафс нест, сабаби марги ӯ мегардад? Чунин суол мегузорад Сино. Новобаста аз чунин далеловарӣ Сино хонандаро қонеъ карда наметавонад. Ӯ натавонистааст, ки ба саволҳои асосӣ ҷавоб диҳад, ки онҳо чунин мебошанд: чӣ гуна ҷисм сабаби вуҷуди нафс мешудааст, аммо сабаби марги ӯ намешудааст? Агар ҷисм танҳо сабабӣ аразии

вуҷуди нафс аст, пас чаро сабаби асосии нафс қудрати дорои вуҷуд гардонидани нафсро бидуни ҷисм надорад?

В. *Сарчашмаи нафс*. Акнун барои онҳое, ки гумон мекунанд рӯй овардан ба мафҳуми нафс омили наҷот мебошад, назари асосии Синоро оид ба сарчашма ва ҳақиқати заминии он шарҳ медиҳем. Дар фалсафаи ӯ нафс сароғози ақлонӣ, руҳонӣ ва сирф муқаддас дорад ва он ҳеҷ вақт дар замин ба саодати олии худ расида наметавонад, баръакс, олами моддӣ барои ӯ фақат монеа эҷод мекунад. Нафс ба шифоёбӣ ва наҷотёбӣ ниёз дорад, то ин ки дигарбора ба ватани руҳонии худ баргардад ва ё олитарин саъодатро дар вуҷуди худ кашф намояд. Сино ба чунин олитарин дараҷаи камоли нафс бовар дорад ва қисмати асосии назарияи нафси ӯро шинохти монеаҳо барои камолоти нафс ва шеваҳои наҷот аз ин монеаҳо ташкил медиҳад. Ин биниши Синоро мо метавонем дар навиштаи ӯ дар бораи ирфон, ки дар “*Ишорот ва Танбеҳот*” омадааст ва дар рисолаҳои хурди ӯ матраҳ гардонем.

Ба он хотир ки Сино роҳро барои асли осмонӣ доштани нафс ҳамвор созад, мафҳуми нафсро бо масъалаи *лаззат* ва *лаззати ақлонӣ* пайванд медиҳад ва хонандаи зирак дарҳол дармеёбад, ки ин масъала аз фалсафаи Афлотун сарчашма мегирад. Лаззат аз назари ӯ чунин аст, ки барои идроккунанда *камол* ва *хайр* мебошад. Асоситарин назари ӯ чунин аст, ки лаззатҳои ақлонӣ, ё ботинӣ нисбат ба лаззатҳои ҳиссӣ қавитар мебошанд ва инро метавон ҳанӯз дар амали ҳайвонҳо мушоҳида намуд. Мисоли Сино рафтори саги шикорӣ мебошад. Бо вуҷуди он ки саги шикорӣ худ гурусна мебошад, аммо он сайдро намехурад ва ба соҳибаш оварда мерасонад. Зеро лаззате, ки саги шикорӣ аз розигии соҳибаш нисбат ба худ бармедорад, нисбат ба лаззати хурдани сайд қавитар мебошад. Розигии соҳиби саг барои саг ин лаззати маънавӣ аст, аммо хурдани сайд бошад лаззати ҳиссӣ. Бо ҳамин мисол Сино мехоҳад исбот намояд, ки лаззати ақлонӣ ва маънавӣ нисбат ба лаззатҳои дигар олӣ мебошанд. Ингуна лаззатҳо доимӣ, беҳудуд ва ботинӣ мебошанд ва дар муқобили лаззатҳои ҳиссӣ меистанд, ки лаҳзаина, маҳдуд ва зоҳирӣ мебошанд.

Ба хотири расидан ба лаззати ақлонӣ Сино мисолҳои воқеан илмӣ меоварад. Ба андешаи ӯ қувваҳои ҳиссии инсон ҳамдигарро ба сӯи худ мекашанд, масалан, агар ғазаб қавӣ гардад шаҳват

заъиф мегардад ва баръакс. Агар эҳсосҳои беруна қавӣ гарданд, нафс ба ҷониби онҳо майл мекунад ва бо андеша сару кор намегирад. Аммо баръакс агар нерӯҳои ақлонӣ қавӣ гарданд, нафс аз тавоноиҳои ҷисмонӣ ва лаззатҳои ҳиссӣ канора мегиранд. Онгуна ки аллакай зикр намудем, нафс ба ҷисм таъсир дорад, масалан тарс ва ваҳм боис мегарданд, ки шаҳват ва амали хурокҳазмкунӣ фаъолияти худро қатъ гардонанд. Ин ташбеҳдиҳӣ барои Сино барои он даркор аст, ки ба таъсири баръакси он, яъне тавассути нерумандсозии тавоноии ақлонии нафс вазифаҳои ҷисмонии инсонро заъиф гардонад. Ягона роҳе, ки нафс метавонад чизҳои ҷисмонӣ ва моддиро паси сар гузорад ҳамин аст.

Нишонаи олии нафси қавӣ он аст, ки он на фақат ба ҷисми ба худаш тааллуқдошта, балки ба ҷисмҳои дигар низ таъсир мерасонад ва онро аз як тараф дар пайғамбарон ва аз дигар тараф дар ҷодугарон мушоҳида намудан мумкин аст.

Ба он хотир, ки назари Синоро дар мавриди сарчашмаи осмонӣ доштани нафс, ҷамъбаст намоем, ҷанбаи дигари муҳимро низ зикр менамоем. Сино дар ин маврид бо забони мафҳумӣ қонеъ нагардида, кӯшиш намудааст, ки тавассути забони маҷозу истиора маънии воқеии нафсро шарҳ диҳад. Забони маҷозу истиораро Сино асосан дар рисолаҳои кӯчаки худ, ки дар онҳо ӯ асосан нафси инсонро шарҳ додааст, истифода кардааст. Ин рисолаҳо “Ҳай ибни Яқзон”, “Саломон ва Абсол”, “Ат-Тайр”, “Айния” ва ғайра мебошанд. Мотиви бунёдии ҳамаи ин рисолаҳо ба камол расонидани нафси инсонӣ мебошад. Аммо ҷанбаи фарққунанда он аст. ки дар “Ҳай ибни Яқзон” Сино он мафҳумҳоеро, ки барои ифодаи нафс истифода кардааст, фаромӯш накардааст. Дар ин ҷо низ сухан аз тавоноиҳои ҳиссӣ ва ақлонӣ меравад, аммо на бо забони мафҳумӣ, балки бо забони истиораву маҷоз. Аммо дар мавридҳои дигар нафси инсон ба парранда (дар рисолаи “Ат-тайр”) ва кабутар (дар рисолаи “Айния”) ташбеҳ дода шудааст.

Агар нафс аз олами осмонӣ омадааст ва дар ҷисми инсон дар ҳукми зиндонӣ аст ва олами моддӣ дар расидан ба камолоти ӯ монеа ҳастанд, пас чи аҳамияте дорад, ки мо дигарбора ба он рӯ оварем ва дар фикри тарбияти он гардем? Ҳадафи мо ободии ҷаҳони воқеии перомуни мост ва ё саъодати нафс, ки осмонӣ ва

ғайривоқеӣ мебошад? Боаҳамиятии онро дигарбора идеалӣ намудан ё аз кӯшиши огоҳонаи ба раҳгумӣ задани дигарон дарак медиҳад ва ё аз ноогоҳии муаллиф аз асли масъала.

Г. *Нафс ва масъалаи Худогоҳӣ дар фалсафаи Сино*. Назари бисёр шинохтаи Сино дар мавриди нафс ва худшиносӣ дар тасвири шоиронаи ӯ бо номи "инсони муаллақ" тасвир шудааст. Аммо инсони муаллақ фақат нуқтаи кулминатсионии биниши Синоро ифода менамояд, дар ин муносибат ӯ ҳолатҳои дигари инсонро низ мавриди таҳлил қарор медиҳад. Саволи асосие, ки Сино матраҳ мекунад чунин аст: оё инсон дар ягон лаҳзае аз ҳаёти худ худии худро фаромӯш месозад ва ё на?

Ҷавоби ӯ чунин аст, ки инсон дар баъзе ҳолатҳо вуҷуди баъзе узвҳои беруна ва ботинии ҳиссиро исбот карда наметавонад, аммо дар ҳеҷ ҳолат ӯ огоҳиро нисбати ҳастии худ фаромӯш карда наметавонад. Сино барои исботи ин тезиси худ масъаларо чунин матраҳ мегардонад: дар ҳолати бедорӣ, яъне замоне ки ҳам узвҳои идроки беруна ва ҳам ботинӣ фаъол мебошанд; дувум, дар ҳолати хоб, вақте ки узвҳои ҳиссии беруна фаъол нестанд, аммо неруҳои ботинӣ фаъол ҳастанд; савум, дар ҳолати мастӣ, яъне замоне, ки ҳам узвҳои ҳиссии беруна ва ҳам ботинӣ солим нестанд ва ниҳоят дар ҳолати муаллақиятӣ: вақте, ки инсон худро дар ҳолати парвоз дар як халоъ, ё ҳаво меёбад, аммо ҳаво ҳеҷгуна таъсир ба узвҳои ҳиссии ӯ надорад, чашмони ӯ ашёҳоро мушоҳида карда наметавонанд ва узвҳои ҳиссии дигар низ ба ҳамдигар таъсир намерасонанд. Ҳатто дар ҳамин ҳолат низ инсон метавонад нисбати ҳастии худ огоҳӣ дошта бошад. Аммо чунин худогоҳӣ хусусияти асосӣ ва модарзодии нафси инсонӣ мебошад ва он аз он огоҳие, ки инсон тавассути рефлексияи узвҳои ҳиссӣ ба даст меоварад фарқ мекунад.

Ин назари Сино аз назарияи огоҳии Арасту, ки дар натиҷаи рефлексияи узвҳои ҳиссӣ бо муҳити атроф ба вуҷуд меояд, фарқ менамояд ва ҳатто бо он дар муқобил меистад. Новобаста аз он ин биниши Сино бо таълимоти худ (ego), ки хоси фалсафаи вуҷудгароӣ мебошад шабоҳат дорад. Ҳамчунин он бо биниши Гегел, ки маънии ниҳоии субъективиятро худогоҳӣ медонад ва назари Ҳайдеггер, ки чунин худогоҳиро асли худии инсон медонад, шабоҳат дорад. Аммо назарияи худогоҳии Сино чун як

таълимоти сарбаста дар фалсафаи ӯ боқӣ мемонад. Мантиқан бояд фалсафаи Сино маҳз дар асоси ҳамин принсип инкишоф меёфт ва бархурди худшиносии инсон бо воқеият ва ё ҷаҳон дунболагирӣ карда мешуд, аммо он дар ҳукми як назарияи муаллақ боқӣ монд. Таҷаллии ин назари Сино дар ҳеҷ бахше аз фалсафаи ӯ ба назар намерасад. Сабаби ин дар он аст, ки назари Сино метафизикӣ буд на ҳаётӣ ва дар бунёди фалсафаи ӯ худо қарор дорад, на инсон. Боварӣ ба сарчашмаи ғайриинсонӣ ва осмонии худогоҳии инсон фалсафаи ӯро дар бунбаст қарор дод ва ӯ имкони онро наёфт, ки фалсафаи худро маҳз аз масъалаи огоҳӣ оғоз намояд. Танҳо худи идеяи худогоҳӣ кифоя буд, ки Сино инсонро аз дигар мавҷудот, яъне олами имконулвуҷуд ҷудо созад ва ба маънии воқеӣ фалсафаи вуҷудгароиро матраҳ гардонад. Аммо ӯ баръакс худоро аз доираи ҷаҳон берун намуд ва ба ӯ мақоми алоҳидаро қоил гардид ва инсон новобаста аз он ки дорои худогоҳӣ аст, дар қатори дигар мавҷудот дар оғуши имконулвуҷуд нодида гирифта шуд. Амиқтар аз он асолати табибии Сино низ метавонист ӯро барои ба вуҷуд овардани як фалсафаи ғайриметафизикӣ водор созад, аммо қавӣ будани имони ӯ нисбат ба боварҳои осмонӣ фалсафаи ӯро дар доираи фалсафаҳое, ки аз онҳо таъсир гирифтааст, нигаҳ дошт.

Дар мавриди назарияи нафси
Сино метавон чунин натиҷагириҳо намуд:

1. Эҳтимоли он ки ӯ дар мавриди нафс чизи бисёр ҷиддие илова карда бошад бисёр кам аст. Назарияи нафси ӯ таҷаллии назариёти Афлотун, Арасту, муфассирони Арасту (Искандари Афродисӣ, Филопонос, Симпликиос ва ғайра) ва навафлотуния мебошад.
2. Ҳадафи Сино аз нафси инсонӣ он аст, ки инсон ба тариқи абстрактӣ андеша карда метавонад ва бо ҳамин хусусият нафси инсонӣ аз нафси ҳайвонӣ, ки аз андешаи абстрактӣ маҳрум аст, фарқ мекунад.
3. Нафс ва ҳамин тавр огоҳии инсон сарчашмаи осмонӣ дорад. Ҳама чизи заминӣ ва ҷисмонӣ барои нафс монеа ҳастанд ва он дар ҳукми зиндонӣ аст. Нафс бояд ба камол расад ва ба саодати осмонии худ баргардад.

4. Дар фалсафаи Сино ҳадаф аз тарбияи нафс ба хотири ободӣ ва пешрафти ҷомеа ва ҷаҳон вуҷуд надорад.

Албатта нафс ин як мафҳуми шартӣ дар масъалаи маърифат буд, ки хоси фалсафа ва илми асримиёнагӣ мебошад ва дар фалсафаи нав барои ифодаи ҳамин маънӣ мафҳуми огоҳӣ истифода мешавад. Чизи асосӣ он аст, ки баръакси Сино мафҳуми огоҳӣ дар фалсафаи муосир сарчашмаи осмонӣ надорад, балки дар заминаи рефлексияи узвҳои ҳиссӣ ба вуҷуд меояд, яъне дар заминаи хатти Арасту инкишоф ёфтааст. Чизи муҳими дигар он аст, ки дар ин ҷо низ “одоб” ҳадафи асосӣ нест. Дар бахши минбаъда мо маҳз масъалаи огоҳӣ дар фалсафаи навро матраҳ мегардонем.

**2. Ҳақиқати маънии “бухрон” ва аҳамияти маънии “огоҳӣ” дар Падидоршиносӣ**

Падидоршиносӣ дар як марҳалае ба вуҷуд омадааст, ки фалсафаи ғарбӣ дар вазъияти таҳаввул ва дигаргунӣ қарор дошт. Ин марҳала, яъне оғози асри бистумро ҳамчун марҳалаи анҷоми фалсафаи метафизикӣ ва ҷойи онро гирифтани илм ва фалсафаи ҳаёт низ номидан мумкин аст. Шояд дар ҳеҷ марҳалаи таърихии дигаре ингуна ҷараёнҳои гуногуни фалсафӣ ба вуҷуд наомадаанд, ки дар ин давра. Ҳамаи ҷараёнҳои нав дорои ду хусусияти асосӣ буданд: якум, кӯшиши шикастани фалсафаи метафизикӣ ва мантиқи шаклӣ, ки забони асосии ин фалсафа буд. Масалан, шиори асосии мусбигароён (позитивистҳо) ин аз доираи фалсафа берун кардани мафҳуми *моҳият* буд, ки мусбигароҳо дар он ҳеҷгуна асоси илмиро намедиданд. Рассел, ҳамчун намояндаи ин ҷараён, мегӯяд, ки вақте аз Арасту сар карда то Кант ва Гегел дар мавриди Категория (мақула) сухан мегӯянд, ман намедонам онҳо чиро дар назар доранд. Ҳамингуна ӯ бемаънӣ будани фаҳмиши ҷавҳар ва алоқамандии он бо фаҳмиши араз ва болотар аз ҳама мантиқи арастуиро таъкид менамояд. Амалгароҳо (Прагматистҳо) бошанд бемаънигии баҳси матерализм ва идеализм ва гузашта аз он фаҳмиши классикии ҳақиқатро, ки аз замони Афлотун ва Арасту дар фалсафа ҳукмрон буд, инкор менамуданд; дувум, ҷараёнҳои зиёде фалсафаи ҳаётро инкишоф медиҳанд ва акнун бинишҳои

фалсафӣ дар заминаи илмҳои зистшиносӣ асоснок гардонида мешаванд. Азбаски ин ҷараёнҳо то андозае мутлақгароӣ менамуданд, байни фалсафа, ки ҳоло фалсафаи ҳаёт дар назар дошта мешуд ва илм, ё худ забони илм ноошноӣ ба вуҷуд меояд.

Падидоршиносӣ низ маҳз дар ҳамин марҳала ба вуҷуд меояд, аммо падидоршиносон, баръакси позивистҳо мафҳумҳои асосии фалсафаи метафизикиро инкор наменамоянд. Масалан, Ҳайдеггер ҳамаи мафҳумҳои бунёдии фалсафаи метафизикиро аз қабили моҳият, ҷавҳар, категория ва мисли инҳоро ҳифз менамояд, аммо ба онҳо маънии нав медиҳад. Яке аз сабабҳои чунин муҳофизакорӣ он аст, ки баръакси Рассел, ки аз қаламрави илм вориди фалсафа шудааст, Ҳайдеггер аз қаламрави илоҳиётшиносӣ вориди фалсафа гардидааст, сабаби дигар ин қаробати наздики Падидоршиносӣ бо метафизика мебошад. Барои Ҳайдеггер метафизика ин ҳамон онтология ва феноменология бошад фақат методи илмии онтология мебошад. Ӯ худ иқрор мекунад, ки Падидоршиносӣ як зуҳури нав набуда, балки аз оғози фалсафаи ғарбӣ вуҷуд дошт. Чизи бисёр ҷолиб он аст, ки бо вуҷуди он ки падидоршиносҳо мафҳумҳои бунёдии метафизикиро инкор намекунанд, онҳо ба мафҳуми нафс аслан таваҷҷуҳ накардаанд.

Бояд қаблан дар назар дошт, ки вақте сухан аз Падидоршиносӣ ва Вуҷудгароӣ меравад, пеш аз ҳама мафҳуми *огоҳӣ* дар назар дошта шавад. Дар ин фалсафаҳо ҳадаф аз инсон, аз вуҷуд, ё ҳастӣ, ҳамчунин ҳадаф аз нестӣ низ маҳз огоҳӣ мебошад. Дар ин марҳала дигар мафҳуми нафс наметавонист ба хостаҳои инсон ва фалсафа ҷавобгӯ бошад. Огоҳӣ маҳз дар натиҷаи худро аз ҷаҳон ҷудо кардани инсон ба вуҷуд меояд, ва ин ҷудоӣ дигар ба хотири ҷаҳони мовароӣ нест, балки ба хотири шинохт, таъсиррасонӣ ва дигаргун сохтани ҷаҳони воқеӣ ба вуҷуд меояд. Пеш аз оне, ки бевосита ба масъалаи огоҳӣ баргардем, мебояд, ки мухтасаран ҳадафи аслии падидоршиносон аз калимаи “буҳрон”-ро низ шарҳ диҳем.

Дар байни забони илм ва фалсафаи метафизикӣ ҷудоӣ вуҷуд надошт, зеро ҳарду дорои забони абстрактӣ буданд ва бевосита худи физика ва математика дар бунёди метафизика қарор доштанд. Аммо замоне, ки фалсафаи ҳаёт ҷойгузини фалсафаи

метафизикӣ мегардад, ҷудоии миёни забони фалсафаи ҳаёт ва забони абстрактии илм ба хубӣ мушоҳида мегардад. Ин як масъала ва ё ҳамон бухрон мебошад. Намояндагони фалсафаи ҳаёт, падидоршиносӣ ва вуҷудгароҳо бар он бовар ҳастанд, ки ҷаҳони илм аз ҷаҳони ҳаёт ҷудо гардидааст ва илм бояд вориди ҳаёт гардонида шавад. Масалан, дар ҷаҳони илм, ки бунёдгузори он Галилей мебошад ва иборат аст аз мафҳумҳои вазн, суръат, дарозӣ, ҷозиба ва мисли инҳо, ҷойе барои мафҳуми зебоӣ, тароват, отифа, ғам,умед ва мисли инҳо нест. Миёни воқеияте, ки бевосита ба ҳаёти мо таалуқ дорад ва ҳақиқатҳои хоси улуми табиатшиносӣ фарқияти калон вуҷуд дорад ва ҳеҷ як ҳақиқати ҳаётӣ наметавонад тавассути қонун ва ё формулаҳои табии кашф гардад. Ҳуссерел бар он ақида аст, ки мавзӯҳои улуми ахлоқӣ ва равоншиносӣ аз улуми табии фарқ менамоянд ва аз ин рӯ набояд методҳои таҳқиқотии улуми ахлоқӣ ва равоншиносӣ аз улуми табии гирифта шаванд. Табиат на дар худии худ, балки аз ҷониби донишмандон шинохта шудааст ва имкон дорад, ки ҳамаи ҳақиқатҳои мавҷуда мавриди шубҳа қарор гиранд, ҳатто ваҳдатеро, ки хоси табиат медонанд, шояд танҳо як фарзияе бошаду бас. Дилтей чунин ноҳамоҳангиро чунин ифода кардааст: “Ҷуз дар сояи истидлолҳое, ки додаҳои таҷрибиро ба мадади таркиб ва таълифи фарзиёт ба ҳам мепайвандад, ҳеҷгуна маҷмуаи мунсаҷиме аз табиат дар улуми физикӣ ва табии вуҷуд надорад. Баръакс, дар улуми ахлоқӣ кулли ҳаёти равонӣ ҳамвора додаи аввалия ва асосиро ташкил медиҳад. Мо табиатро табиин мекунем ва ҳаёти равониро мефаҳмем” (Муқ. кунед: А. Дортинг, “Падидоршиносӣ чист?” Теҳрон 1389, С. 13 ). Аз ин рӯ ҳеҷ як воқеияти табии барои ҳақиқатҳои ахлоқӣ ва равонӣ намуна шуда наметавонанд. Худи ҳақиқат низ на дар табиат ва ё чизи дигари берун аз зеҳнияти инсон, балки дар зеҳни инсон вуҷуд дорад, ки ҳамеша дар фаъолият ва таҳаввул қарор дорад, таҷрибаҳои мавҷуда метавонанд тавассути таҷрибаҳои нав, ки тавассути фаъолияти зеҳнии инсон сурат мегиранд, метавонанд инкор гарданд. Ҳадаф аз бухрон маҳз фарқияти бунёдӣ миёни падидаҳои равонӣ ва ахлоқӣ аз ҳақиқатҳои табии, аммо истифодаи методҳои табии ба хотири шинохти ҳақиқатҳои ҳаётӣ мебошад.

Ба он хотир, ки ин бухрон “роҳи ҳалли худро биёбад”, ба ақидаи Ҳуссерел фалсафа бояд на ҳамчун як ҷаҳонбинӣ, балки

ҳамчун илми дақиқ шинохта шавад. Падидоршиносӣ ин ҳамон илми дақиқ мебошад, ки ҳадафи он ба ҷои баҳсҳои назарӣ ва далеловариҳо "баргашт ба худи ашёҳо" мебошад. Баҳси ашёҳо ва ё моҳиятҳо ба баҳси огоҳӣ мерасонад. Аслан баҳси моҳиятҳо на аз ҷониби Ҳуссерел, балки Афлотун матраҳ гардида буд, аммо фарқияти бунёдӣ дар он аст, ки макони моҳият, ё зотҳо дар фалсафаи Афлотун олами малакутӣ, аммо дар феноменология макони моҳиятҳо ин огоҳии инсон мебошад. Огоҳӣ ба худии худ вуҷуд надорад, он ҳамеша огоҳӣ аз чизе мебошад, ки тавассути таваҷҷуҳ ба буҷуд меояд. Дар ин ҷо бояд иқрор гардид, ки назари Ҳуссерел бо назари Сино мувофиқ аст, барои Сино низ ҳастӣ ҳамон ҳастӣ дар зеҳн мебошад.

Огоҳӣ мафҳуми бунёдии фалсафаи Падидоршиносӣ ва Вуҷудгаройӣ мебошад, аммо он каме пештар, яъне ҳанӯз дар фалсафаи танқидӣ ҳамчун мафҳуми бунёдӣ шинохта шуда буд. Ҳайдеггер дар асари худ "Бунёдҳои феноменология" сарчашма ва таҳаввули он дар фалсафаи Кантро ба тариқи зер матраҳ мегардонад: бардошти Кант аз мафҳуми "ман" ин оғози падидори огоҳӣ ва худогоҳӣ дар фалсафаи нав мебошад. "Ман" ин ҳамон Субъект мебошад, ки дар навбати худ бо Объект алоқамандӣ дорад. Ман ҳамчун мубтадо ҳамеша аз предикат ва ё объекти худ огоҳӣ дорад. "Ман"-ро Кант ба се намуд, ё се намуди шахсият тақсим менамояд: шахсияти трансендантӣ, яъне чизе, ки меандешад ва ё эҳсос мекунад; шахсияти таҷрибӣ, яъне мане, ки дар асоси таҷриба ба вуҷуд меояд ва мани таҷрибӣ, бар хилофи мани трансендантӣ, ки Субъект мебошад, Объект мебошад; ва шахсияти ахлоқӣ. Ду шахсияти авалӣ ҳанӯз наметавонанд маънии асили субъективиятро дар худ ифода намоянд. Маънии аслии субъективият бошад ин худогоҳӣ мебошад ва мафҳуми бунёдии дигар, ки субъективиятро комил мегардонад ин масъулият ва эҳтиром ба худ мебошад. Ба ақидаи Кант танҳо дар эҳтиром ва ё рафтори ахлоқӣ инсон нисбат ба худ огоҳӣ пайдо менамояд. Ҳадаф аз инсони ахлоқӣ ин масъулиятшиносии инсон мебошад, ӯ бо худро вобастаи қонун гардонидан худ ҳам ғулом ва ҳам шоҳи худ мебошад. Дар ҳар як амал инсон бояд чунон рафтор намояд, ки он рафтор ифодакунандаи маънии кулли "инсоният" бошад ва ҳеҷгуна

тобиши дигареро ифода нанамояд. Баръакси тамоми мавҷудоти дигар, ки восита мебошанд, инсон дар ҳеҷ маврид восита нест, балки худ барои худ ҳадаф мебошад. Ҳатто дар назди Худо низ инсон васила нест, балки ҳадаф барои худ ва ё худҳадаф мебошад. Худогоҳӣ, масъулиятшиносӣ ва эҳтиром ба худ ва худ барои худ ҳадаф ва мақсад будан, ки дар умум сохтори мафҳуми шахсро ташкил медиҳанд, боис мегардад, ки Кант метафизикаро ба ду тақсим намояд: метафизикаи ҷисмҳо ва метафизикаи шахс, ё инсон. Ин ҷо мо биниши Сино ва Кантро дар ду маврид мухтасаран муқоиса менамоем: Ибни Сино низ метафизикаро ба ду бахш тақсим менамояд: метафизикаи Худо (Воҷиб-ул-вуҷуд) ва метафизикаи ҷаҳон (Имкон-ул-вуҷуд), бо вуҷуди он ки инсон дорои худогоҳӣ мебошад, азбаски ин огоҳӣ асли инсонӣ ва заминӣ надорад, инсон дар маҳдудаи имкон-ул-вуҷуд, яъне ҷаҳон боқӣ мемонад. Дар фалсафаи Кант инсон худ барои худ ҳадаф мебошад, зеро тавассути худогоҳӣ ӯ дорои озодӣ мебошад, аммо дар фалсафаи Сино инсон худ барои худ ҳадаф ва мақсад нест, балки ҳадаф ва мақсад ҳамеша ба хотири асоси ғайривоқеӣ доштани нафс ва огоҳӣ дорои маънии худоӣ мебошанд, на инсонӣ. Сино барои худ муносибати инсон бо ҷаҳонро дар мадди назар нагузоштааст, агар чунин масъала барои ӯ матраҳ мегардид, онгоҳ ҳатман баҳси воқеии огоҳӣ ва ҷудо кардани инсон аз ҷаҳон ба вуҷуд меомад.

Аз замони зуҳури фалсафаи нав масъалаи инсон ва ҷаҳон ва ё Субъект ва Объект барои файласуфон бунёдӣ мегардад. Кант бо тақсими метафизика ба метафизикаи инсон ва метафизикаи ашёҳо қаноат менамояд ва новобастагии Субъект ва Объектро нигаҳ медорад. Аммо маҳз масъалаи огоҳӣ сабаб мегардад, ки Ҳайдеггер ва Сартр дар мавриди муносибати инсон ва ҷаҳон таҳаввули назар ба вуҷуд оваранд Ин ҷо мо аз баҳси идеалистии огоҳӣ ба воқеияти он дар Падидоршиносӣ бармегардем. Ҳамон маъниеро, ки Кант ва ё Гегел "огоҳӣ" меномиданд, дар фалсафаи Ҳайдеггер номи "вуҷуд" ва ё "вуҷуди онҷоӣ (Dasein)"-ро мегирад. Бидуни огоҳӣ вуҷуди инсон дар ҳукми мавҷудоти дигар мебошад ва ин ҳамон худогоҳии инсон аст, ки аз худи ӯ берун меистад ва худро ба сӯйи Объект ва ё ҷаҳон равона мекунад ва дар баргашт аз тарафи Объект аст, ки Субъект аз вуҷуди худ

огоҳ мегардад. Ба ҷои Субъект ва Объект ва инсон ва ҷаҳон Ҳайдеггер сохтори дар-ҷаҳон-буданро матраҳ мегардонад, ки ифодакунандаи ваҳдати ин намуди дуализм ва ё хотимаи онҳо мегардад. Ҷаҳон барои Ҳайдеггер танҳо замоне вуҷуд дорад, ки вуҷуди инсонӣ вуҷуд дошта бошад ва табиат он чизест, ки вуҷуди инсонӣ дар он ҷо вуҷуд надорад.

Дар фалсафаи Сартр бошад ҳадаф аз огоҳӣ ин он ҳастие мебошад, ки дар худии худ вуҷуд надорад ва танҳо дар муносибат бо олам аст, ки он аз ҳастии худ дарак медиҳад. Аз ин рӯ, ҳадафи Сартр аз Нестӣ дар асари "Ҳастӣ ва Нестӣ" ҳамон огоҳии инсон мебошад, ки ба мисли дигар мавҷудот дар худии худ ва ё фи нафса вуҷуд надорад, балки танҳо дар нисбати дигар мавҷудот ба вуҷуд меояд ва дар худии худ он як нестии маҳз мебошад. Агар бо забони метафизикӣ баён намоем, ин чунин маънӣ дорад, ки ҳама чиз дорои моҳияти худ мебошад, аммо огоҳӣ дар худии худ дорои моҳият нест, он дар худии худ нестии маҳз аст. Танҳо дар огоҳӣ аз ашё аст, ки огоҳӣ нисбат ба худ огоҳӣ пайдо менамояд, дар ғайри он огоҳӣ вуҷуд надорад. Ба андешаи Сартр агар ҳама чиз танҳо аз ҳастии маҳз иборат мебуд, онгоҳ суол аз вуҷуд як кори бемаънӣ буд, ҳатман чизе бегона вориди вуҷуд мегардад ва аз вуҷуд суол мекунад ва ин ҳамон огоҳӣ аст, ки бегона аз вуҷуд, ё ҳамон нестӣ мебошад. Ҳамин тавр мувофиқи ин фалсафа нестӣ на пеш, на пас ва на дар канораҳои ҳастӣ, балки баробар бо ҳастӣ ва дар мағзи ҳастӣ қарор дорад (Ниг. ба А. Дортинг "Падидоршиносӣ чист?" Саҳ. 131).

Фалсафаи огоҳӣ баръакси фалсафаи нафс худро аз ҷаҳони воқеӣ ба хотири ҷаҳони мовароӣ комил намегардонад, балки ба фалсафаи амалӣ табдил меёбад. Беҳтарин падидорҳое, ки дар натиҷаи огоҳӣ ба вуҷуд меоянд ин озодӣ ва ҳунар мебошанд. Инсон дорои озодӣ ба хотири офаридани моҳияти худ мебошад. Инсон ба ҷӯз аз он чизе, ки худро худ меофарад дигар ҳеҷ чизи дигар нест ва ин офарандагии инсон ва ҷаҳон тавассути ҳунар сурат мегирад. Ин як амали ғайримантиқӣ мебошад, ки мафҳуми нафс, ки асли ғайривоқеӣ дорад, инсонро дар ҳамбастагӣ бо худ ва ҷаҳон нигаҳ дорад, балки баръакси ин қобили пешбинӣ мебошад, яъне бегона гардидан аз маънии инсонӣ ва инҷаҳонӣ дар бунёди фаҳмиши нафс қарор дорад. Ин як гумони

фиребанда аст, ки бо тарбияи нафс имкони фароҳамоварии пешрафт ва ободӣ имконпазир аст.

Он зеҳниятеро, ки ашъариҳо дар мо ба вуҷуд овардаанд, дар муқобили маънии огоҳӣ қарор дорад, зеро ҳадафи онҳо ин тарҳрезии як ноогоҳии бунёдӣ буд, ки мутаассифона, муваффақ низ буданд. Онҳо дар тӯли садсолаҳо ғаризатан ҳар таълимотеро, ки паёме аз огоҳӣ ва озодӣ меоварад, ба ҳар роҳ хунсо ва аз густариш маҳрум гардонидаанд ва баръакс, тавассути пиёда сохтани боварӣ, расму русум, анъана ва арзишҳои дигаре, ки ҳама гуна камолот ва асолатҳои бедорро, қурбони маъниҳои пешипоафтодаи оммавӣ мегардониданд, зеҳнияти моро саргарм доштаанд. То он замоне ки зеҳнияти ашъариягароии мо бедор аст, мо вопасгаро боқӣ мемонем ва гумон менамоем, ки рӯй овардан ба мафҳумҳое чун нафс кафолатгари саодати ояндаи мо мебошад. Агар мо нозуктар андеша кунем, дармеёбем, ки дар фарҳанги мо ду бардошт аз мафҳуми *нафс* вуҷуд дорад. Агар дар бардошти аввалӣ нафс асли моварой дошта бошад, онгоҳ дар бардошти дувум он баръакс асли заминӣ ва воқеӣ дорад ва он чандон мавриди писанди зеҳнияти ашъариягарои мо нест ва он ҳамеша мавриди инкор қарор мегирад. Албатта, дар ин мавридҳо ҳадаф аз нафс ҳар гуна бартарихоҳӣ, зиёдахоҳӣ, шикастани ҳудудҳои ба тариқи нохудогоҳ сохташуда ва хилофи интизороти ҳамагонӣ амал кардан мебошад. Барои мо ифодаи зебо, аммо бадномшудаи нафс ҳамчун “баднафс” вуҷуд дорад. Дар ин муносибат нафс ифодакунандаи ҳақиқати зиндагӣ мебошад ва як мафҳуми шартӣ мебошаду бас.

Дар мавриди ин мафҳумҳо наметавон дар алоҳидагӣ ҳукм намуд, бояд пазируфт, ки ҳазорон мафҳумҳое аз қабили “баднафс”, “нафси бетарбия” ва мисли он вуҷуд доранд, ки ҳама танҳо ба хотири инкори зиндагӣ, инкори огоҳӣ, инкори ҳақиқати инсонӣ, ки мехоҳанд берун аз доираи маҳдудаҳои таҳмилгардида амал ва андеша намоянд, ба вуҷуд омадаанд. Бояд огоҳии беқайду банд, яъне огоҳии сирф инсонӣ, на огоҳии идеологӣ ва огоҳии динӣ ба вуҷуд овард, то ин ки ҳама гуна арзишҳои дар тӯли садсолаҳо ба хотири инкори зиндагӣ ва огоҳӣ барои мо таҳмилшударо бозшиносӣ ва дубора арзишгузорӣ гарданд.

# ҶАҲОН АЗ НИГОҲИ ДИГАР



*Комил Бекзода* / *файласуф*

## ҶАҲОН АЗ НИГОҲИ РАВШАНФИКРӢ

(мусоҳиба бо файласуфи муосири тоҷик, устод Комил Бекзода)

Маҷаллаи «Илм ва Ҷомеа» дар доираи талаботу муқаррароти нашрия мусоҳибаи навбатиро бо файласуфи муосири миллӣ, устод Комил Бекзода ташкил намуд, ки мухтасари онро манзури шумо мегардонем.

**Комил Бекзода**:

Бо арзи салом барои ҳама, пешопеш мехоҳам таъкид намоям, ки дӯстон хостанд, ки дар ин навбат мусоҳибае пешкаш кунем, барои гӯшаи "Ҷаҳон аз нигоҳи дигар" ва ба ҳамин хулоса расидем, ки як таҷрибаи нав дар тарзи гузаронидани мусоҳибаро амалӣ кунем. Ба ин маъно, ки ман чанд нуктае дорам дар ҳамин мавзӯъ, ки қабл аз мусоҳиба мехоҳам манзур созам. Аввал нуктаҳоро як ба як мегӯям, шумо дар ҳар навбате, ки нисбати ин нуктаҳо, агар саволе дошта бошед ё эътирозе, ё танқиде, марҳамат, пешкаш кунед, ман ба эътирози шумо ҷавоб медиҳам. Ва ҳамин тарз ба нуктаҳои дуюм, сеюм, чорум, хуб, то ба нуктаи нуҳум мерасам.

Масъалаи доғи рӯз дар ҷаҳони мо ҳамин **масъалаи дин** аст, ки ман онро ба **нуктаи якум** шомил мекунам ва як назари хоссе дорам дар ҳамин масъала, ки дин чист? Ба фаҳмиши ман, дин ин хурофоти расмист ва хурофот дини ғайрирасмӣ аст. Ҷавҳари ҳар дуяшон иштибоҳ аст. Иштибоҳанд, лекин дин барои он машруият ва расмият пайдо мекунад, ки ҷомеа вайро тарафдорӣ мекунад ва пуштибонҳо дорад. Вале хурофот ба мисли дин пуштибонӣ намешавад ва ғайрирасмӣ боқӣ мемонад. Масалан,

диндорони расмӣ хурофотро таъқиб мекунанд. Барои намуна, ҷодугарӣ аз тарафи диндорони расмӣ маҳкум мешавад. Мегӯянд, ки ин аз дин нест. Ҳол он ки решаи дин ва хурофот якест. Дин хурофоти расмист ва хурофот дини ғайрирасмӣ мебошад. Хуб, дар нисбати дин ва хурофот назари ман ҳамин аст.

Агар саволе надошта бошед, ман **нуктаи дуюмро** мегӯям, ки дин, асосан як иштибоҳи фоиданок аст. Ман таъкид бар он мекунам, ки худам ба ин натиҷа расидаам. Чаро ки ман солҳои дароз дар масъалаи дину атеизм мутолиа кардам ва ба ин натиҷа расидам, ки дин як иштибоҳи фоиданок аст. Ба чӣ далел ба ин натиҷа расидам? Ба ин далел, ки инсонҳо дар зиндагӣ ҳазорҳо иштибоҳ мекунанд ва ҳамин ҳазорҳо иштибоҳро ислоҳ мекунанд. Лекин иштибоҳҳоти динро ислоҳ намекунанд. Чаро? Барои он ки иштибоҳи фоиданок аст. Ба кӣ фоида меорад? Ба ду гурӯҳ: ба рӯҳониён ва ба сиёсатмадорон. Чаро ки сиёсатмадор ва рӯҳонӣ аз пушти дин бизнес мекунанд. Онҳо ҳамаи иштибоҳҳоти динро мефаҳманд. Руҳонӣ ва сиёсатмадор иштибоҳи динҳоро мефаҳманд, вале ҳеҷ вақт аз пайи ислоҳ карданаш намераванд. Чунки ислоҳи дин ба бизнеси онҳо халал мерасонад. Чаро? Барои он ки диндор ва сиёсатмадор лидери авом ҳастанд ва авом ғарқшуда дар хурофоту дин аст. Инҳо (диндор ва сиёсатмадор) бисёр ба таври табиӣ якдигарро пуштибонӣ мекунанд. Аз ҳамин хотир, ман мегӯям, ки дин иштибоҳ аст ва метавонистанд, ки ин иштибоҳро ислоҳ кунанд. Лекин ислоҳ кардан намехоҳанд. Онҳо, агар ислоҳ кунанд, аз бизнес маҳрум мемонанд. Хуб, ҳамин аст нуктаи дуюм.

**Нуктаи сеюм** ин аст, ки дӯстони мо дар нашрияҳо ва матбуот сари ин мавзӯъ баҳс мекунанд, ки оё динро барҳам задан мумкин аст ё не? Хуб, албатта, ин хел назарот бисёр назарҳои шохдоранд, лекин воқеият ҳам доранд, мардум баҳс карда истодаанд. Назари ман ин аст, ки имкон дорад динро аз байн бурдан. Танҳо ба ин шарт ки, агар руҳонӣ ва сисатмадор бо ҳам ба ҳамин хулоса биёянд. Кадом дин буданаш, фарқ надорад. Ҳар динеро ки хоҳанд, бекораш мекунанд. Чунин имконият буда ва ҳаст. Ман дар китобҳои таърихӣ чандин мисол пайдо кардам, ки рӯҳониву сиёсатмадор кадом динеро ки хостанд, аз байн бурданд. Масалан, вақте ки Буддо дар асри 7-и пеш аз мелод дар

Ҳинд фаъолият оғоз кард, вай як атеист буд. Сад дар сад атеист буд. Ҳар ҳиллаву найранге, ки карданд, вайро харидан натавонистанд. Ба фоидаи худашон, ки истифода кардан натавонистанд, ӯро авлиё эълон карданд. Ин корро сиёсатмадору рӯҳонии ҳиндии асри 7-и пеш аз мелод анҷом доданд. Онҳо манфиатдор буданд, ки ҳамин Буддоро аз байн бардоранд. Чунки вай ба бизнеси онҳо халал ворид мекард. Ҳамин корро карда тавонистанд. Ин мисоли бисёр барҷаста аст. Ин бисёр таърихи дуру дароз дорад. Ман ба наздикӣ як китобро дар ҳамин мавзӯъ (дар бораи Буддо) хондам. Чун Буддо як шахсияти ҷаҳонӣ аст ва аз тарафи дигар, як диндори дараҷаи олӣ. Ин бисёр мисоли хуб аст барои исбот кардани ин ки динро барҳам задан мумкин аст. Ҳамин сиёсатмадору рӯҳонӣ, агар хоста бошанд, якҷоя мешаванд ва масъалаи будан ва набудани ин ё он динро ҳал мекунанд. Ва мардум эътироз кардан наметавонанд. Чунки мардум андеша надоранд, фикр надоранд, тафаккур надоранд ва як ҷаҳонбинии таҳлилӣ надоранд. Он марҷаъ ва мақоми олитарин барои авом назари сиёсатмадор ва рӯҳонии ҳамон қавми худаш аст. Ҳар чизе, ки онҳо гуфтанд, мардум ҳамонро қабул мекунад. Бе ягон фикру дудилагӣ. Агар розӣ набошад ҳам, аз тарс қабул мекунад. Хуб, ин назарест, дар робита бо он ки оё динро барҳам задан мумкин аст ё не? Албатта, имкон дорад. Вале рӯҳонӣ ва сиёсатмадор ба хотири манфиатҳои маҳдуди гурӯҳии худ динро барҳам намезананд.

**Ёрмуҳаммад Ниёзӣ:**

Мана, зардуштияро тонистанд барҳам задан. Ба воситаи дини ислом.

**Комил Бекзода:**

Дар ин ҷо як нозукӣ аст. Зардуштиҳо худашон худашонро барҳам заданд. Ҳамин рӯҳонияти зардуштӣ ба сиёсатмадорони зардуштӣ бо ҳам созгор наёмаданд. Ва оқибат дини худро барҳам заданд. Ҳамин барҳам задани дин ба ҳамон маъно аст, ки рӯҳонии зардуштӣ бо сиёсатмадори зардуштӣ ҷӯр наёмаданд. Ҳар ду ба гапи якдигар гӯш надоданд ва назару ақидаи якдигарро қабул накарданд. Мухолифат ки шуд, ба ҷои якдигарро нест кардан, дини худро аз байн бурданд. Ана, ин аст мисоли дигаре, ки ифодакунандаи ҳамин назар аст.

Хуб, **нуктаи чорум** ҷавоби ин савол аст, ки мақоми авом чист? Ин авом як баҳонаи хуб аст барои ҳукуматдорон. Барои ҳукуматдорон ва сиёсатмадорону рӯҳониён як баҳонаи хуб аст. Аввал мегӯянд, ки ҳаминро халқ мехоҳад, “народ” мехоҳад, ҳол он ки он халқ, аслан чӣ хостанашро дақиқ намедонад. Он талабгори як зиндагии одии содалавҳона аст. Лекин рӯҳонӣ ва сиёсатмадор аз номи авом васваса мекунанду дабдаба мекунанд, дағдаға мекунанду идеяҳое мебароранд, ки гӯё ин талаби авом бошад. Ҳол он ки ҳамин хел талабе вуҷуд надорад. Деҳқони бечора рӯзи дароз дар саҳро кор мекунад. Коргар дар завод кор мекунад, фурсати андеша кардану хондану таҳлилу эҷоди назарияҳоро надорад. Лекин онҳо ҳамаи инро ба гарданаш таҳмил мекунанду гӯё ки “народ” ҳаминро мехоҳад. Ин гапи ботил аст. Як умр аз пушти ҳамин иштибоҳ ҳам авомро хору зор мекунанду ҳам ақидаҳои ғаразноки худашонро аз нигоҳи динӣ ва ҳам аз нигоҳи сиёсӣ дар ҷомеа пиёда мекунанд.

Хуб, **нуктаи панҷум** ҷавоби ин савол аст, ки рисолати рафшанфикр чист? Рисолати равшанфикр бисёр маъсумона ва бетарафона аст. Ба ин маъно, ки танҳо ҳадафаш огоҳӣ додан ба мардум аст. Дигар аз ин зиёд нест. Ба ҳама мардум, ба маънои васеаш. **Ҳам барои** мардум ва ҳам барои зиёию равшанфикрони дигар як огоҳӣ медиҳад. Дигар аз ин зиёд не. Ҳеҷ вақт намехоҳад дахолат ё зиёдаравӣ кунад, ё мансабе бигирад ё аз пушти мансаб як кори худашро ба анҷом расонад. Ҳамин ҳадаф дар равшанфикр нест. Вай фақат мехоҳад, ки огоҳӣ диҳад. Дигар донишмандон ин рисолатро надоранд. Чунки рисолати равшанфикр огоҳӣ додан ба инсон ва ҷомеа аст. Донишмандони ихтисосманд, яке, барои мисол, дар бораи физика, дигарон дар бораи кӯҳу ҷангалу осмон ва ғайра баҳс мекунанд. Аслан, доираи баҳси онҳо мардумӣ нестанд. Намедонанд мардум дар чӣ ҳоланд. Масалан, геолог шабу рӯз дар бораи кӯҳҳо баҳс мекунад. Кӯҳҳои Ҳимолойу Зарафшону Бадахшонро тай мекунаду пас, орзу мекунад, ки коре мешуд, ки тезтар ба ҳамин Моҳтоб ё Миррих мерафтему кӯҳҳои Моҳтобро медидем,то бидонем, ки кӯҳҳои Моҳтоб аз кӯҳҳои мо чӣ фарқ доранд. Ана, ҳоли андешаи геологро бубин. Ин мисолест барои ҳар донишманди табиию ихтисосманд, ки доим аз пайи соҳаи маҳдуди худаш аст. Танҳо

равшанфикр аст, ки соҳаи таҳқиқаш сарнавишти инсонҳои зинда мебошад, ки акнун чӣ ҳол доранд ва оянда бояд чӣ шавад. Ин аст, ки равшанфикр ба майдон мебарояд ва як огоҳиро ба мардум пешкаш менамояд, ки эй мардум, шумо дар ҳамин ҳолат қарор доред. Баъд, ҳамин огоҳиро медиҳаду дигар ба он кордор намешавад, ки чи хел татбиқаш мекунанд. Хуб, каҷравиҳо ҳам дар кори равшанфикрӣ ҳаст. Баъзан равшанфикрон, масалан, аз қолаб мебароянду пешвои ҳизб мешаванду ё ягон чорабиниҳои ғайригражданӣ мекунанд. Ин, албатта, аз қонуну қоидаҳои равшанфикрӣ берун аст. **Нуктаи шашуми ман** ин аст, ки назари равшанфикрӣ аз назару ақидаи як шахси диндор ва аз нигоҳи як шахси сиёсатмадор ё як шахси мутахассиси илмҳои дақиқ, тамоман фарқ дорад. Чунки дурбини равшанфикр ҳамеша ба сӯи инсон ва зиндагии воқеии инсон нигаронида шудааст. Ҳол он ки дурбини шахсиятҳои худошиносу диндор, сиёсатмадор ва ғайраву ғайраҳо ҳастанд, ки танҳо ба як гӯшае аз зиндагӣ нигаронида шудааст. **Ва нуктаи ҳафтум**, ки мехоҳам бигӯям, дар масъалаи моҳияти низоми Шуравӣ аст. Хуб, дар бисёр китобҳое, ки хондам ба забонҳои арабӣ, форсӣ, русӣ ва тоҷикӣ ба ҳамин нукта расидам, ки ҳамин сохти Шӯравии мо, махсусан идеологияаш, аслан кори дасти мардуми Шӯравӣ, мардуми Россия ё ки мардуми Осиёи Миёна набуд. Ин низомро аз Урупо оварданд. Ҳамин идеологияеро, ки аз Урупо оварданд, ин кори дасти як мафияи ҷаҳонист. Ва ман ҳарчанд ҷустуҷӯ кардам, дар фарҳангномаҳову энсиклопедияҳо ҳеҷ нафаҳмидам, ки ин мафияи ҷаҳониаш кист, аз киҳо таркиб ёфтааст, чӣ ном доранд, дар куҷо зиндагӣ мекунанд, ному насабашон чист? Ин масъала то имрӯз барои ман норавшан аст. Лекин зоҳири масъала чунин аст, ки ҳамин низомро оварданд. Шахсиятҳояшро медонем. Асосгузорони ин идеология Марксу Энгелсу баъдтар Ленину Сталин буданд. Зоҳиран, ҳамин андоза мешиносем, ки ин шахсиятҳо шахсиятҳои урупоӣ буданд. Мо аз дурандешии урупоиҳо ин андоза огоҳӣ дорем, ки агар ҳамин идеяи коммунизм, ягон моҳияту ягон ҷавҳари илмӣ ва амалии ростин медошт, урупоиён ҳеҷ вақт инро ба мо намедоданд -- ба Осиёи Миёна ва Рассия. Худашон мегирифтанду татбиқаш мекарданд. Лекин ин идеологияро экспорт карданд. Идеяи коммунистиро аз

Урупо оварданду дар Рассия татбиқаш карданд. Ана ҳамин аст, ки ҳамин экспорти идеяи каммунизм аз Урупо ба Рассия як мавриди шубҳабарангез дар таърихаш аст ва барҳам задани Шӯравӣ ҳам далели он аст ки воқеан, ин тахмин дуруст буд. Як таҷрибае гузарониданд, ба охир расониданд ва лабораторияро бастанд. Гуфтанд, ки тамом, таҷриба ба охир расид. Аз ҳамин роҳ ин кор ба охир расид. Хуб, ин далелҳояш чӣ буд? Далели фалсафиаш ин буд, ки дар асри 19 ҳамаи қавмҳои дунё бедор шуда буданд. Баробарию адолату аз ин қабил чизҳо металабиданд. Ин сардамдорони ҷаҳон аз нигоҳи масалан, динию сиёсӣ фаҳмиданд, ки ҳамаи қавмҳо бедор шуданд ва оқибат ҳамин ҳукуматҳоро аз дасти мо мегиранд. Барои ҳамин як коре кардан даркор буд, ки ҳамин идеали мардумӣ, яъне сохтани коммунизм, баробарӣ, бародарӣ, адолат ва озодиро шарманда кунанд.То ин ки дигар мардум ба ҳамин коммунизму ба биҳишти рӯи Замин дигар бовар накунанд. Барои ҳамин коммунизмро сохтанду ба шакли бисёр мазҳакаомезу фоҷиабор оғозаш карданду оқибат анҷомаш доданд. Ба наздикӣ як китобе хондам дар ҳаҷми нуҳсаду ҳафтод саҳифа бо номи “Чёрный день коммунизма”. Китоб асари ҳафт нафар аз муҳаққиқони дараҷаи аввали Франсия аст. Ман тарҷумаи русиашро варақ задам. Дар ҳамин фаъолияти коммунизм дар сатҳи ҷаҳонӣ аз Шӯравӣ то Урупо ва ҳамаи ҷаҳон наваду панҷ миллион одам кушта шудааст. Ва ҳамин рақам дар пушти китоб навишта шудааст. Ин коммунизм дар фаъолият худ 95 миллион одам куштааст. Хуб, ана бубин, ин гапе, ки ман мегӯям, натиҷаи мутолиоти имрӯзаи ман аст. Ва то ҳол ба натиҷае нарасидаам, ки асли дурусти масъала чист. Лекин вазъи омӯшиши воқеии имрӯзаи ҷаҳон дар масъалаи коммунизму идеологияи коммунистӣ дар ҳамин ҳолат қарор дорад.

**Ёмуҳаммад Ниёзӣ:**

Яъне Шумо ба ақидаи коммунизм мувофиқ нестед?

**Комил Бекзода:**

Ман бисёр тарафдорам. Ин, аслан идеяи қавми мо буд. Аввалин андешаи биҳишти заминиро Ҷамшед пешниҳод кард. Ва дар асрҳои миёна ва дар асри 4 Маздак инро пешниҳод кард. Лекин ҳар дуи онҳо шикаст хӯрданд. Ҳар вақт ки шикаст мехӯрданд, мегуфтанд, ки идеяи коммунизм ғалат буд ва аз байн рафт. Вале аз байн нарафт, боз коммунизм дар асри 20 пайдо

шуд. Ман боварӣ дорам, ки ин ақида дар оянда ҳам боз дар ягон шакл зоҳир мешавад. Зеро ки орзую ормони ҳамаи инсоният аст. Мо мехоҳем як ҷомеаи инсонӣ дошта бошем, ки дар асоси ақлу донишу фарҳанг бошад. Барои ҳамин ин ақида кӯҳна нашудааст. Фақат ин идеяро барғалат татбиқ мекунанд. Идеяи коммунизмро ҳамеша аз давраи Ҷамшеду Маздак то Марксу Энгелс барғалат татбиқ карданд. Касоне, ки дар ин масъала дахолат кардаанд, боз рӯҳониён ҳастанд, боз сиёсатмадорон ҳастанд. Онҳо намехоҳанд, ки мардум ба бародарию ба баробариву адолат бирасанд. Чуноне ки мо гуфтем, баробарию бародарӣ, ки ба халқ муяссар шуд, бизнеси диндору сиёсатмадор аз байн меравад. Ана барои ҳамин таърифи динро як иштибоҳи фоидаовар гуфтам ва ҳаминро дар назар доштам. Мо садҳо иштибоҳ мекунему боз ислоҳашон мекунем. Лекин ҳамин як иштибоҳи хурофотии дин ҳазорсолаҳо давом дорад. Касе ҳаминро ислоҳ кардан намехоҳад. Ё мехоҳанду наметавонанд ё зӯрашон намерасад. Чаро ки рӯҳониву сиёсатмадор аксариятанд ва сарнавишти инсонро ҳамин ду гурӯҳ ҳал мекунанд. Барои ҳамин, зӯри як равшанфикр, як зиёӣ, як донишманд ба ин миллионҳо миллион авому рӯҳониву сиёсатмадор намерасад. Воқеан, зӯрашон намерасад, чун воқеият ҳамин аст.

Охирин нукта: бадном кардани коммунизм ба ин оварда расонд, ки инсоният ҳоло дар ҳолати ҷанги граждании ҷаҳонӣ қарор дорад. Барои он ки дигар идеал мавҷуд нест. Агар идеал мешуд, ҳамаи ин сӯъитафоҳуму бадфаҳмиҳоро сарфи назар мекардему аз пайи ҳамон идеали асосӣ мерафтем ва ҳамаи мардумро ҳам бо худ мебурдем. Ана инҳо бо ҳамин сохтани коммунизми мунҳариф ва музахраф ин идеяро бадном карданд. Акнун ҳозир ки ҳамаи дунёро ба майдони куштор табдил додаанд, дигар касе парво надорад. Барои чӣ? Барои он ки дигар идеал боқӣ намондаст, ормон боқӣ намондааст. Мегӯянд, ки ба хотири чӣ ман ба майдон бароям? Ба хотири сохтани давлат, ҳар кас, ба гуфтаи Сталин, “дар ҳамон хонаҳои танги миллии худашон маҳдуд шудаанду бо ҳамон идеалҳои дақёнусии пешинаи динию мазҳабии суннию шиа, католикию протестантӣ чун баҳона якдигарро кушта истодаанд. Агар идеали умумиҷаҳонӣ ва умумиинсонӣ мебуд, инсонҳо аз ин ҷанги

граждании ҷаҳонии имрӯза ҳатман даст мекашиданд. Лекин ҳамин бадном кардани низоми Шӯравӣ мардумро аз идеал маҳрум кард, аз ормон маҳрум кард. Барои ҳамин мо намедонем, ки дар ҳамин мушкилоте, ки дорем, ба кӣ муроҷиат кунем. Ба кадом як мабдаъ ва ё авторитет муроҷиат кунем, ки сабаби муттаҳидии ҳамаи мо шавад. Ҳоло чунин идеяро надорем. Барои ҳамин мо аз парешонии идеологӣ ранҷ мебарем. Аз моддиёт не, моддиёт басанда аст. Дар шароити имрӯза фақат аз надоштани идеали умумиинсонӣ ранҷ мекашем, ки ба як хулоса омада наметавонем. Барои ҳамин ҳам, ҳоло дар сатҳи ҷаҳонӣ ҷанги гражданӣ рафта истодааст. Ба маънои пуррааш. Ҷанги сеюми ҷаҳониро, ки чашмдор буледу хаёл кардед, ки кай мешавад, ҳоло рафта истодааст. Ҷангҳои ҷаҳонӣ ҳеҷ вақт дар як шакл такрор намешаванд. Ҳама вақт шаклҳояшон гуногун аст. Ҳозир ҷанги сеюми ҷаҳон дар шакли терроризм, ки мо ҳаррӯз дар рӯзномаҳо мехонем, ҳамин ҷанги ҷаҳонӣ аст, ки рафта истодааст.

Хуб, охирин нукта, **нуктаи нуҳум** аст. Дар ҷавоби ин савол, ки равшанфикр кист, мардум шарм медоранд, ки ошкоро ҷавоб гӯянд. Равшанфикр нафарест, ки аслан ба дину хурофоту ҳамин сиёсатҳои музахрафу бофтаи иҷтимоӣ билкул боварӣ надорад. Хоҳ вайро атеист мегӯед, мулҳидаш мегӯед, кофираш мегӯед ё зиндиқ, ҳарчи гуфта бошед, шарти якуми равшанфикрӣ ин аст, ки инсон бояд аз хурофотҳои динӣ озод бошад. Вақте ки ба таърих муроҷиат мекунед, масалан, ба таърихи дунёи қадим, мебинед, ки равшанфикрони барҷастаи ҷаҳон инҳоянд: Гераклит ба дин бовар надошт, Демокрит бовар надошт, Эпикур бовар надошт, Лукретсий бовар надошт, Нитше бовар надошт, Шопегауэр , Бертранд Рассел, Дюрант, Ошо, Маркс, Энгелс ҳамаи инҳо равшанфикрони дараҷаи аввaланд ва нишонаи асосиашон ин буд, ки ба дину хурофот билкул эътиқод надоштанд. Ба ҳамин маъно, имрӯз дар сатҳи ҷаҳонӣ арзише надорад, ки як равшанфикри тоҷик ба дин боварӣ дорад ё надорад. Равшанфикрони ҷаҳон билкул озодандеш буданд, равшанфикр буданд, аз хурофоту дин берун буданд. Ин аст, ки аз назари тибби муосир ва равоншиносӣ то аз хурофоти динӣ ва мазҳабӣ озод набошӣ, ту ба андешаи солим дастрасӣ надорӣ. Ҳамон мавҳумоти динӣ туро монеъ мешаванд, ки як масъаларо

аз назари илмӣ дуруст ва саҳеҳ баён кунӣ. Вақте ки пойбанди хурофот ҳастӣ, назари иҷтимоии ту, ё назари фалсафии ту ҳеҷ арзише надорад ё қудрате надорад, ки ба мардум таъсир бигузорад. Ё ягон кори ҷомеаро, масалан, ба субот расонад. Хуб, ин охирин нуктае буд, ки ман доштам, нуктаи нуҳум. Марҳамат, агар нисбати ҳамин нуҳ нукта Шумо саволе дошта бошед, ман омода ҳастам, ки аз назари худ дифоъ намоям.

**Меҳр Собириён:**

Чӣ бояд кард, ки миёни ҷавонон тафаккури таҳлилӣ рушд кунад?

**Комил Бекзода:**

Барномаҳои таълимии мактабҳои миёнаи умумӣ ва олии касбиро аз назари равшанфикрӣ таҳия бояд кард. Масалан, ин корро дар Канада анҷом додаанд. Волидайни хонандагон ба ҳукумати Канада нома ирсол намуда, хоҳиш карданд, ки барои фарзандонашон адабиёти озодандешӣ таҳия намоянд. Бо ин роҳ мо метавонем, тафаккури зиндаи таҳлилиро дар миёни насли ҷавони ҷомеа ташаккул ва рушд диҳем .

**Ёрмуҳаммад Ниёзӣ:**

Атеистонро ба гурӯҳи ифротиён дохил мекунанд. Онҳо динро билкул қабул надоранд. Дар ин маврид чӣ назар доред?

**Комил Бекзода:**

Дар ҷаҳон 8 млрд инсон зиндагӣ мекунад. Яке бо номи Рассел баромад ва 8 млрд мехоҳад, ки ба хотири андешааш ӯро аз байн баранд, чунки онҳо ба дини худ аз роҳи тарс бовар карданд. Расселро аз тарс мехоҳанд фишор биёваранд. 8 млрд аз як Рассел метарсад, бинобар ин ӯро фишор меоваранд. Аммо Рассел аз **8 млрд** наметарсад. Атеист далел дорад, ба гуфтааш аз назари илмӣ далел дорад.

Дар ҷомеа атеистҳо ҳеҷ гоҳ мақоми сиёсӣ надоштанд. Атеизми Шӯравӣ атеизми сиёсӣ буд, на илмӣ. Нафароне, ки атеизми ҷанговар мегӯянд, атеистони Шӯравиро дар назар доранд, ки илмӣ набуд, сиёсӣ буд. Атеистони Шӯравӣ ҷиддӣ набуданд, ба ҷаҳони берун робита надоштанд, мутолиаи ҷиддӣ надоштанд. Дар замони Шӯравӣ танҳо барои шарқшиносон иҷозаи оварадани як нусха аз қуръон буду бас. Овардани дигар адабиёти динӣ аз хориҷ манъ буд. Сиёсати шӯравӣ мисли дин буд. Хӯд дар муқобили динҳои дигар меистод.

**Ёрмуҳаммад Ниёзӣ:**

Оё дар ривоёти динӣ ягон фаҳмиши реалистӣ-воқеӣ вуҷуд дорад?

**Комил Бекзода:**

Дар ривоёти динӣ ҳодисаҳое воқеӣ буданд, вале шарҳашон ғалат буд. Мумкин даҳ-понздаҳ дар сад (ҳаводиси ҷузъиро мегирифтанд)-ро ровиёни динӣ мегирифтанд ва ҳаштод дар сад аз худ мебофтанд. Масалан, Асҳоби Каҳф шояд дар шакле будааст, вале ба он «рангу бӯ» бахшида, иловаҳои дурӯғ бофтаанд.

**Меҳр Собириён:**

Баробар кардани радикализми динӣ бо атеизми ҷанговар ва либерализм ва онро «секунҷаи бермудӣ» унвон кардан ва ба ҷомеа хатар доштани ин «секунаҷа» то кадом андоза дуруст аст?

**Комил Бекзода:**

Мо насли нави озодандеш ҳастем. Ҳадафи мо биниши универсалӣ ба ҷаҳон аст. Ҳоло атеизми ҷанговар нест, аз байн рафтааст, атеистонаш ҳам нестанд.

Ҷавҳари ислом радикалӣ аст, ба андешаи озод арҷ намегузорад. Аммо ҷомеаи ҷаҳонӣ (дар мисоли давлатҳои урупоӣ) ба онҳо (манзур исломиён) озодӣ дод. Онҳо бошанд, зидди андешаи озоду мустақиланд. Гузашта аз ин, давлатҳои Англия, Франсия, Германия низоми либерализм доранд ва исломгароён ин низоми либенралиро намехоҳанд.

**Меҳрдод Қурбониён:**

Дар ин раванд манфиати равшанфикрон дар чист?

**Комил Бекзода:**

Равшанфикрон ғарази гирифтани мансаб ё суистифода аз касе ё гурӯҳеро надоранд. Ҳадафашон танҳо додани огоҳӣ ва ба сӯйи саодат раҳнамун сохтани ҷомеа аст.

**Ёрмуҳаммад Ниёзӣ:**

Равшанфикр метавонад мансаб дошта бошад?

**Комил Бекзода:**

Равшанфикри воқеӣ барои он мансаб намегирад, ки мансаб вақти мутолиаашро зиёд мегирад ва ӯ наметавонад дар заминаи огоҳиҳо мутолиаи фарох дошта бошад. Аз ҳамаи донишмандон ҳам равшанфикр мебарояд, ба шарти он ки аз доираи мавзӯоти маҳдуди худ берун бароянд (яъне аз лаборатория берун бароянд)

ва дар миёни мардум ва ҷомеа ҷо бигиранд, бо онҳо робитаи зинда пайдо намоянд.

**Нозим Нурзода:**

Дар шароити мо идеология зарурат дорад ё на? Агар зарурат дошта бошад, бояд чӣ гуна идеология бошад?

**Комил Бекзода:**

Мо дар гузашта лидерони сиёсӣ ва мафкуравии миллӣ, аз қабили Ҷамшед, Маздак ва Фирдавсӣ доштем. Албатта, мо ба идеологияи созанда ва умумиинсонӣ ниёз дорем ва собиқаи мафкурасозии ҷамшедӣ ва маздакӣ дар роҳи сохтани идеологияи миллӣ кумакамон мекунад. Дар ҳоли ҳозир моро зарур аст, ки нахуст қавму қабилаҳои қаламрави ҷумҳуриро бо ҳам муттаҳид кунем ва аз тариқи сиёсати фарҳангӣ онҳоро ба ҳам биоварем, дар доираи илм ва тафаккури илмӣ-мантиқӣ китобҳои ҷиддӣ таълиф намоем.

Миллате, ки ҳадаф ва ғояи миллӣ надошта бошад, асалан, чӣ миллат аст?!

**Ёрмуҳаммад Ниёзӣ:**

Идеология дар ҷаҳони муосир, мисли ин ки бадном шудааст (бо намунаи исломӣ ва шӯравии он). Метавонем имрӯз ба ҷойи идеология фарҳангро ҷойгузин кунем. Тойинбӣ, Ҳангтингтон ба ин назаранд, ки дигар идеология насозем ва ба ҷойи он фарҳангро гузорем. Чунки ҷавҳари идеология сиёсат, зӯроварии ақидавӣ ва сиёсӣ аст. Аммо фарҳанг ҷавҳари инсонсозӣ дорад. Ҳамон фарҳанг устувор аст, ки дигар фарҳангҳоро эҳтиром мекунад ва дар табодули фарҳангӣ зиндагӣ менамояд.

**Комил Бекзода:**

Дар шароити имрӯза ҳадафи мо ноил шудан ба ваҳдати миллист. Мо бояд дар атрофи идеяи ваҳдати миллӣ муттаҳид шавем. Имрӯз, ки зарфиятҳои маҳдуди фикрӣ ва ақидатӣ дорем ва урфу одатҳои маҳаллӣ ҷавҳари фарҳанги маҳаллиро ташкил медиҳад, танҳо аз тариқи иттиҳоди фарҳангӣ ва ваҳдати миллӣ метавонем ба пеш биравем. Ва билохира вазъи имрӯза аз мо тақозо мекунад, ки таҳти ғояи ваҳдати миллӣ муттаҳид шавем.

Фарҳанг ҷузъи дин буд ва дар аҳди қадиму асрҳои миёна дин ҳамчун институти маданӣ дорои нуфузи бузург буд. Ин тафсирҳои имрӯзинанд, ки динро ҷузъи фарҳанг ё қисми таркибии фарҳанг нишон медиҳанд.

**Таҳмина Маҷидова:**

Устод, шумо чӣ алтернатива пешниҳод мекунед, ки ифодагари симои миллӣ бошад?

**Комил Бекзода:**

Алтернатива барои мо ҷаҳонбинии ҷамшедӣ аст. Аммо, мутаассифона, дар замонаш ӯро нашнохтанд, кори ӯро Маздак давом дод, вайро ҳам қабул накарда, оқибат куштанд (12 ҳазор маздакӣ кушта шуд). Маздак баробарии моликиятро мехост. Вай гуфта буд, ки занонро ҳам тақсим кунед, вале ин гуфтаи ӯро нодуруст тафсир карданд. Маздак мехост, ки занонро аз феодалон гирифта, ба нафароне диҳад, ки имкони хонадоршавиро надоштанд. Мусаллам аст, ки сарватмандон ва феодалон ҳарамсаро дошта дар он ҷо ҳазорон занро нигаҳдорӣ мекарданд. Аз ин рӯ, ҳадафи Маздак аз асорати рӯҳониву феодалон халос кардани занон ва ба касони ба зан эҳтиёҷманд додани онҳо буд. Маздак як марди донишманд буд, илмҳои гуногуни замонашро фаро гирифта буд. Охирин ихтисоси ӯ теология буд. Вай баробарии иҷтимоиро хоҳон буд. Аммо рӯҳониёни мутаассиб назарияи ӯро ғалат тафсир карда, бадномаш сохтанд.

Ҳамин тариқ, мо метавонем бо амалӣ кардани барномаҳои равшанфикрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ, муттаҳид кардани қабилаҳо, ноҳияҳо, вилоятҳо, роҳандозӣ намудани таҳсилу табобати ройгон, омӯхтан ва нашр кардани адабиёти озодандешии ватанию хориҷӣ ба ҳадафи миллӣ --- бунёди ҷомеаи навини миллии дунявӣ шарафёб гардем.

**Нозим Нурзода:**

Устоди гиромӣ, барои як мусоҳибаи ҷолиби ихтисосӣ изҳори сипос мекунем. Албатта, дар доираи як мусоҳиба мо наметавонем тамоми паҳлуҳои масъалаи равшанфикрӣ ва масоили марбут ба онро пайгирӣ ва баҳс намоем. Дар фурсатҳои баъдӣ ба ин масъала бармегардем ва мавзӯи равшанфикриро дунбол мекунем.

## МАОРИФПАРВАРӢ ВА ҶАҲОНБИНИИ АЛТЕРНАТИВӢ



*Олимҷон Хоҷамуродов* / *д.и.ф., профессор*

# МАОРИФ - ҶУЗЪИ ТАРКИБИИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ (ГУЗОРИШИ МАСЪАЛА)

Аз нигоҳи илми фарҳангшиносӣ, соҳаи таълиму тарбия ё ба истилоҳ, маориф дар низоми фарҳангии ҳар ҷомеа нақши муҳимеро иҷро мекунад. Аз ин ҷост, ки Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаи хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид доштанд: **«Ҳукумати мамлакат бо мақсади рушди босуботи соҳаи маориф ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ тамоми тадбирҳои зеринро амалӣ мекунад» [1,5].** Зеро дар моҳияти хеш, аз як нигоҳ, ҷараёни таълим ин худ раванди робитаи иҷтимоӣ- фарҳангист ва аз дигар ҷиҳат, метавон маорифро ҳамчун ниҳоди ҷудогонаи иҷтимоӣ – фарҳангие, ки раванди мазкурро таъмин мекунад, арзёбӣ намуд. Аз ин рӯ, низоми маорифро ҳамчун падидаи воҳиде бо тамоми шаклҳои гуногунаш бояд баррасӣ намуд, чунки шаклҳои таълимӣ метавонад гуногун бошад, ин ҳам таълими кӯдак дар оила, ҳам системаи ниҳодии таълим (мактаби миёна, муассисоти таҳсилоти олӣ) ва ҳам худомӯзӣ, ки дар шароити рушди инноватсионии иқтисод аҳамияти бештареро соҳиб аст, ба шумор меравад. Табиист, ки дар ин миён муҳимтарину самаронактаринии онҳо системаи ниҳодии таҳсилот (таълиму тарбия) маҳсуб мешавад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки низоми маориф муҳимтарин рукни иҷтимоӣ-фарҳангии рушди ҷомеа мебошад. Чунки хоҳу нохоҳ ба низоми омӯзиш тамоми табақаҳову қишрҳои мухталифи иҷтимоии аҳолӣ иртибот дорад. Меъёрҳо ва арзишҳои фарҳангӣ, шаклу тарзҳои тафаккури қолабии онҳо аз насле ба насле ва аз

гурӯҳи иҷтимоие ба гурӯҳи иҷтимоии дигаре ба воситаи таълиму тарбия интиқол дода мешаванд.

Албатта, низоми ниҳодии таҳсилот, яъне мактабу муасисаи таълимии олӣ, қабл аз ҳама, аз сатҳи рушди иқтисоду илму техникаи мавҷуда вобаста аст. Аммо, дар навбати худ, ба ҳеҷ ваҷҳ, маориф мунъакискунандаи воқеии он ҷомеа буда наметавонад. Гап дар сари он аст, ки системаи мазкур, на танҳо таҷрубаи иҷтимоӣ-фарҳангиро аз насле ба насле интиқол медиҳад ва дар рушди фарҳанги он ҷомеа давраҳои муайяни суботро ба миён меорад, балки ҳамчун ниҳоди таҷдидкунандаи фарҳанг низ амал мекунад. Зеро тағйири худи ҷараёни таълим дар рушди шуури одамон ва рафтори онҳо дар ҷомеа таъсири муайяне мерасонад.

Ин ҳолатро метавон дар ҷомеаи имрӯз ба мушоҳида гирифт. Чун ки низоми омӯзише, ки бар усули иҷтимоӣ-фарҳангии моделҳои таълимии муғоир бо маорифи суннатӣ бунёд шудааст, асосан ба ташаккули тафаккури нави фарҳангӣ ва амале, ки баштар ба корманди асри XXI хос аст, равона шудааст ва ин як тазодеро ба вуҷуд овардааст.

Агар ба таври хулоса гӯем, низоми маориф аз ду раванди ба ҳам алоқаманд ташкил шудааст: **Раванди аввал**, аз мудовиматӣ ё меросбарии унсурҳои муайяни фарҳанг вобаста буда, **раванди дувум,** ба навсозии (таҷдиди) худи низоми маориф иртибот дорад. Маҳз фаъолияти мутақобилаи ин ду раванд, таъсири чашмгиреро дар рӯшди имрӯзу ояндаи ҷомеа мерасонад.

Симои боризи фарҳанг, пеш аз ҳама, аз таносуб, робитаи мутақобила ва ҳамоҳангии ин ду раванди мутазод вобаста аст. Зеро, агар маорифи миллӣ доимо таҷдид нагардад, он ҷомеа оянда надорад. Манзур на танҳо рукуди дониш, ки бояд донишомӯз онро фаро гирад, балки рукуд дар меъёрҳои иҷтимоӣ-фарҳангии амалу тафаккур аст, ки ҷомеаро ба вартаи нестӣ мекашанд. Аз тарафи дигар, кӯшишҳои асрисозии (модернсозии) низоми маорифи кишвар бо истифода аз дастовардҳои инноватсионие, ки бо бофти фарҳангии ҷомеа ва шароити иқтисодии кишвар мутобиқ сохта нашудааст, боиси ноустуворӣ ва харобии ҳастаи фарҳанги он ҷомеа мегардад ва наслеро бидуни хотираи таърихӣ ва ифтихори миллӣ ба воя мерасанд. Барои ин ки умумигӯӣ накарда бошем, аз низоми маорифи кунунии худамон як мисол мезанем.

Ибитоди солҳои 2000-ум созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ чун «дояи аз модар дилсӯзтар», барои асрисозии низоми таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба меъёрҳои ҷаҳонӣ мутобиқсозии он барои ба низоми таҳсили кредитӣ (таҳсилоти раванди Болон) гузаштан сармоягӯзорӣ карданд. Тибқи барномаи эшон ду донишгоҳ – Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (тибқи низоми кредитии амрикоӣ) ва Донишгоҳи тиҷорати Тоҷикистон (тибқи низоми кредитии аврупоӣ) ҳамчун муассисаҳои пилотӣ (намунавӣ) интихоб шуданд. Инак, чанд сол аст, ки батадриҷ низоми кредитии таҳсил ва мутобиқи он таҳсили дузинаӣ бакалаврӣ (коршинос) ва магистрӣ (коршиноси аршад) дар тамоми макотиби олии ҷумҳуриамон ҷорӣ гардид.

Албатта, низоми кредитии таҳсил, низоми замонавӣ ва ҷавобгӯи ниёзҳои ҷомеаи пешрафта аст, ки Тоҷикистон низ барои расидан ба ин ҷомеа талош дорад. Аммо дар кишварҳои Ғарб ва фароиндустриалии ҷаҳон низоми кредитии таҳсил, пеш аз ҳама, аз мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ оғоз гардидааст. Бадин робита, дар барномаи таҳсилии низоми кредитии макотиби олӣ таваҷҷуҳи асосӣ ба фанҳои ихтисосӣ дода мешавад ва ба фанҳои гуманитраӣ, ки ташаккулдиҳандаи ҷаҳонбинӣ ва ҳувияти мелливу фарҳангии шахс аст, қариб ки ҷой нест. Тибқи низоми кредитии амрикоӣ аз 120 кредити давраи таҳсили бакалаврӣ, барои фанҳои гуманитарӣ танҳо 16 кредит ҷудо карда шудааст [2,39]. Зеро ин фанҳо, бавижа, таърихи кишвар, забони модарӣ ва адабиёт, ҷомеашиносӣ ва амсоли он дар синфҳои даҳу дувоздаҳ омӯзонда мешаванд, ки давраи ташаккули ҷаҳонбинӣ ва ҳуввияти мелливу фарҳангии наврасон аст.

Мутаассифона, давлатмардони мо ҳангоми пазириши ин барнома аз тарафи созмонҳои дилсӯзи байналмилалӣ чунин тафовути ба назар ҷузъӣ, аммо хело хатарнокро нодида гирифтанд. Зеро, имрӯз, дар ҳоле, ки фанҳои улуми башарӣ дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ дар сатҳи қобили қабул қарор надоранд ва донишҷӯ, ки мутахассиси оянда ва созандаи ҷомеаи кишвар аст, аз мероси фарҳангиву таърихии хеш беиттилоъ ва бидуни ҳисси ватанпарастиву ҳувияти миллӣ фориғуттаҳсил мегардад, магар хатаре барои касодии фарҳанги миллӣ ва хотираи таърихии миллат нест? Ҳоло он ки Президенти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста дар суханрониҳояшон таъкид меварзанд, ки **«ифтихори ватандорӣ аз донистани забон, таърих ва фарҳанги Ватан ибтидо мегирад» [3,45].**

Магар, тибқи барномаи низоми кредитии ҷоришуда, дар ду воҳиди дарсӣ (кредит), ки 32 соатро ташкил медиҳад, таърихи беш аз панҷҳазорсолаи халқи тоҷикро мешавад омӯзонд?

Гузашта аз ин, дар донишгоҳҳои ҷаҳон, ки мутобиқи низоми кредитӣ таҳсил мекунанд, 40% интихоби фанҳо ва омӯзгорони он аз ҷониби худи донишҷӯ сурат мегирад. Зеро донишҷӯ аз рӯзи аввал ҳадафмандона таҳсилашро роҳандозӣ мекунад. Ин равиш, яъне интихоби устоду фан, ҳам сифати таълими фанҳо ва ҳам як навъ рақобати солимро дар миёни устодони донишгоҳ ба вуҷуд меорад.

Донишҷӯи мо дар моҳҳои аввали таҳсил ҳатто камтарин иттилое аз низоми кредитии таҳсил ва аз пешаи интихобкардаи худ надорад, чӣ расад ба интихоби фанну омӯзгор.

Аз ин ҷост, ки то мутобиқсозии барномаҳои таҳсилии мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ бо макотиби олӣ як насл бехабар аз милокҳои ахлоқиву фарҳанги миллӣ зери таъсири фаровардҳои маънавии ҷаҳони Ғарб, ки селаи ҷаҳонишавӣ ба армуғон меорад, қарор мегирад. Президенти муҳтарам дар Паёми хеш бесабаб таъкид накарданд, ки **«вобаста ба равандҳои ҷаҳонишавӣ ва шиддат гирифтани муборизаҳои иттилоотӣ, ҳамчунин воридшавии мафкураи бегона… таҳқиқу таблиғи масъалаҳои худшиносиву худогоҳӣ, ҳифзи арзишҳои миллии таърихиву фарҳангӣ…» [1,4]** таваҷҷуҳи бештаро тақозо мекунад. Зеро ҳадафи барномаҳои «беғаразона» - и фарҳангӣ – маърифатии созмонҳои «дилсӯз»-и ҷаҳонӣ дар ҷумҳурӣ ба вуҷуд овардани насли «манкурт» аст, ки каъбааш фарҳанги оммаи (массовая культура)-и Ғарб ва ИМА мебошад. Имрӯз ҳар як омӯзгори макотиби олӣ тасдиқ мекунад, ки аксари ҷавонони донишҷӯ аз фарҳанг ва таърихи хеш иттилои ночиз доранд.

Салоҳ буд, ки дар ибтидо низоми омӯзишии мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ таҷдиди назар мегардид, то донишомӯз барои имтиҳоноти тестии вурудӣ ва таҳсили низоми кредитӣ дар муассисоти таҳсилоти олӣ омада мешуд. Ва тибқи ин барномаи занҷирӣ интихобу таълими фанҳои гуманитарӣ дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва олӣ робитаи мантиқӣ пайдо мекард, то ки мутахассиси огоҳу дорои ҳиссу ифтихори миллӣ ба воя расида Тоҷикистони азизро аз ҷомеаи масрафкунандаву аз ҷиҳати технологӣ вобаста ба ҷомеаи тавлидкунандаву пешқадам табдил диҳад.

Мутаассифона, дар айни замон аз макотиби олӣ талаб кардани тарбияи чунин мутахассис ғайриимкон аст. Барои

тарбияи чунин мутахассис бояд заминаҳои донишҳои башарӣ (гуманитарӣ) васеъ карда шавад, зеро бидуни донишҳои башарии муосир, ин амал ғайриимкон аст. Пеш аз ҳама, тадриси васеи фанҳои забону адабиёт ва таърихи халқи тоҷик барои ҳамаи ихтисосҳо бояд ба роҳ монда шавад. Омӯзиши забони тоҷикӣ бояд на бар асоси риштаи тахассуси донишҷӯ, балки бар пояи барномаи ҳадди ақал, ки як мутахассиси соҳаи кишоварзӣ ё муҳандиси сохтмон меъёри дурусти забони адабиро фаро гирифта, аз адабиёти пурғановати хеш иттилои кофӣ дошта бошад, ба роҳ монда шавад. Ин масъала барои як муҳандис ё байтори аврупоӣ матраҳ нест, чунки ӯ аз забону адабиёти модариаш ва ҳатто ҷаҳон андӯхтаи кофӣ дорад ва ҳангоми суханронӣ намегӯяд, ки мебахшед, ман филолог нестам, балки бо чандин забон такаллум мекунад.

Имрӯз дар донишгоҳҳо ва донишкадаҳои ғайригуманитарӣ, дарсҳои забони тоҷикӣ, асосан бар усули омӯзиши истилоҳоти фаннӣ-техникӣ мегузарад, ки аслан натиҷаи дилхоҳ намедиҳад. Аввалан, омӯзгори забони тоҷикӣ мутахассиси ин соҳа нест, то истилоҳро дақиқан аз нигоҳи моҳият ва маънояш тарҷума карда тавонад. Ин кори мутахассис аст. Вазифаи омӯзгори забони тоҷикӣ, пеш аз ҳама, ба донишҷӯ ёд додани меъёри забони адабии тоҷикӣ ва дарк карда тавонистани табиату рӯҳияи забони модарист. Вақте ки донишҷӯ мутахассиси хуби соҳаи хеш бо дарки хуби забони модариаш мешавад, худаш истилоҳи соҳаашро аз муаллими забонаш беҳтар тарҷума мекунад. Масалан, имрӯз истилоҳи фанни физикаро аз устод Саидҷафар Қодирӣ кӣ беҳтар тарҷума мекунад? Чунки устод дар баробари физики мумтоз будан, донандаи хуби табиати забони тоҷикии форсианд. Имрӯз истилоҳҳое, ки эшон ба тоҷикӣ тарҷума ё ихтироъ кардаанд, эрониҳо низ писандидаанд. Ва ё истилоҳҳои тиббие, ки имрӯз табибон ба тоҷикӣ истифода мекунанд, махсусан, дар Маркази бемориҳои дилии ҷумҳурӣ, худи табибони мутахассиси забони модариашонро хуб фаро гирифта тарҷума ва ё ихтироъ карданд, ки бисёр дақиқу тоҷикианд. Вақте мутахассис забони модаришро хуб фаро мегирад, худаш истилоҳотро ба шакли аҳсан дар қолабу табиати забони модариаш тарҷума мекунад ва забони илм низ ташаккулу тавсеа меёбад.

Аз ин рӯ, барои ин ки бихоҳем забони илм низ дар Тоҷикистон рушд кунад, тадриси забони тоҷикиро беҳтар ба роҳ

монем ва ҳамзамон ҳамчун дарсҳои факултативӣ омӯзиши алифбои ниёгонро ҷорӣ намоем.

Аз тарафи дигар мо набояд маорифро танҳо иҷрокунандаи вазифаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодии ҷомеа арзёбӣ намоем. Албатта, мактаб ба таври суннатӣ ҳамчун манбаи таълими неруи корӣ шинохта мешавад. Зеро аз мактаби ибтидоӣ сар карда, то муассисоти таҳсилоти олӣ низоми маориф, пеш аз ҳама, ба ҳайси низоми тарбияи кадрҳо шинохта шудааст. Аз ин ҷост, ки талабот ба донишомӯз ва донишу малака ва самтгирии ӯ аз ҳамин меъёр ташаккул меёбад. Аммо дар шароити имрӯз, ки ҳаёти иқтисодӣ ва фарҳангӣ – маънавии ҷомеа сареъан тағйир меёбанду буҳрони иҷтимоӣ – фарҳангӣ тамоми соҳаҳои зиндагии ҷомеаро фаро гирифтааст, зарурати ҳатмии интихоби модели иҷтимоӣ – фарҳангии маориф пеш омадааст. Зеро низоми маорифи муосир бояд посухгӯи он масоиле бошад, ки барои ҷомеаи замони нав, яъне ҷомеаи фароиндустриалӣ равона шудааст (талоши ҷомеаи Тоҷикистон низ ба ҷомеаи индустриалӣ ва фароиндустриалӣ бояд равона шавад, на ҷомеаи аграриву масрафкунанда).

Аммо ба таври умум, низоми маорифи мо, ҳамон низоми аврупоист, ки усули он аз тарафи Каменский, Песталотси ва амсоли эшон тарҳрезӣ шудааст. Дар ин низоми таҳсилӣ донишомӯз унсури ғайрифаъол ва омӯзгор унсури фаъол ба шумор меравад. Аз ин рӯ, вақте ки донишомӯз баъд аз хатми мактаб бо низоми тестӣ ва таҳсили кредитии мактаби олӣ бархурд мекунад, дар ибтидо онро дарк карда наметавонад. Зеро дар низоми кредитии таҳсил донишҷӯ ҷӯянда ва фаъол аст, яъне дар дарс 80% фаъолият аз донишҷӯст ва устод нақши роҳнамо ва ҳамоҳангсозро ифо мекунад, зеро устод ба фаъолияти донишҷӯ дар ҷараёни дарс хол мегузорад. Мутаассифона, чунин донишҷуёни пӯё ва фаъол дар ҳар як гурӯҳи академӣ ангуштшуморанд ва иллати онро мо бояд дар барнома ва низоми дарсии макотиби таҳсилоти ҳамагонӣ ҷустуҷӯ намоем.

Имрӯз дар ҷомеаи фароиндустриалӣ мутахассисе, ки дар рӯҳияи иҷрокунандаи ғайрифаъол тарбия ёфтааст, харидор надорад. Зеро дар иқтисоди муосир, маҳаки асосӣ барои як мутахассис мустақилона масъалагузорӣ карда тавонистан ва ёфтани роҳҳову тарзи ҳалли масъала мебошад. Аз инҷост, ки мутахассиси муосир бояд пайваста худомӯзӣ кунад, ба ҳаллу фасли ин ё он масъала ба таври эҷодкорона муносибат намуда,

манбаъҳои иттилоъро пайдо ва доимо дар ҷустуҷӯи навгониҳо бошад.

Дар чунин шароит зарурати консепсияи нави маориф ва ислоҳоти бунёдии мактабҳо ба миён меояд. **Асос ва пояи ин ислоҳотро ғояи рушду тарбияи инсони бофарҳанг ташкил медиҳад**. Зеро вазифаи асосии низоми маорифро ғояи созандагиву эҷодгарӣ ташкил медиҳад, ки ҳадафи аслии фарҳанг низ мебошад. Чунки инсони муосир бояд бо хислати умумиинсонии фарҳанги муосир ҳамоҳангӣ дошата бошад. Ин бад-ин маъност, ки фаъолияти истеҳсолии ӯ, на танҳо ба анҷоми вазифаҳои муайяни технологӣ (фановарӣ) вобаста аст, балки моҳияту аҳамияти иҷтимоиро низ дорост. Ин раванд бо ҷараёни ҷаҳонишавӣ ва экологикунонии иқтисод, сиёсат ва шуури инсон робитаи қавӣ дорад.

Ҳалли ҳамаҷонибаи мушкилот, ки иборат аз масоили технологӣ, ахлоқӣ, экологӣ ва иҷтимоист, барои як мутахассиси имрӯзӣ амри зарурӣ маҳсуб мешавад. Аз ин рӯ, маориф на фақат василаи фарогирии дониш, балки омили тағйирдиҳандаи муносибати инсон ба муҳити табиӣ ва рафтори ӯ дар муҳити иҷтимоӣ низ ҳаст. Зеро ба ақидаи аксари донишмандон, маориф на танҳо фарогирии малакаҳои муайяни ақлониву истеҳсолист, балки шароити фарҳангии зиндагиву фаъолияти фард, яъне наздикшавии шахс ба арзишҳои олии маънавию ақлонӣ низ маҳсуб мешавад [4,93]. **Паёми Президенти кишвар низ дар мавриди рушди маориф, ҳидоят ба самтгирӣ барои ноил шудан ба ин ҳадафи олӣ мебошад.**

**Пайнавишт:**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ. Шаҳри Душанбе. 23.01.2015с.// Омӯзгор №5 (11969). 30.01.2015.
2. Болонский процесс: информация к размышлению. Санкт-Петербург
3. Раҳмон Эмомалӣ. Фарҳанг ҳастии миллат. Душанбе: "Матбуот":2001.
4. Культурология в вопросах и ответах. Под редакцией доктора философских наук, профессора Г.В. Драча. Ростов на-Дону:"Феникс", 1999



*Тоҷиддин Мардонӣ* | *Институти забон ва адабиёт ба номи Рӯдакии АИ ҶТ*

# ХУҶАНД ВА КАМОЛИ ХУҶАНДӢ АЗ НАЗАРИ АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ

Дар адабиёти асрҳои миёнаи араб ва форсу тоҷик, хусусан дар шеър, бисёр ба ҳодисаҳои мадҳу тавсиф ё ҳаҷву мазаммати шаҳрҳои гуногун дучор меоем. Ба шаҳрҳои мухталифи Шарқ, аз ҷумла шаҳрҳои қадиму машҳуре, ки чун марказҳои бузурги тиҷорӣ, иқтисодӣ, илмию фарҳангӣ, адабӣ ва ғайра ном баровварда буданд, шоирон қасидаҳои алоҳида, пораҳои манзуми дарозу кӯтоҳ ва байтҳои пароканда мебахшиданд. Ба ин муносибат метавон абёти яке аз шоирони қадими дузабонаи форсу тоҷик Абулянбағиро[1] вазъи таассуфовари Самарқанди қандмандро дида таъкид намудааст, ки дар замонҳои пеш он аз Шош зеботар ва шукуфотар будааст [6,15; 11,56-69]. Устод Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ низ дар ҳама ҳолатҳо дил ва рӯ ба Бухоро ниҳода, онро гоҳ ба осмоне, ки амир бар симои моҳ сӯи он мешитобад ва гоҳо ба Бағдод ташбеҳ медиҳад [13,32-43-47-64 ва ғ.]. Шайх Саъдӣ ғайр аз ашъор дар васфи Шероз [19,726 ва ғ.] ду қасидаи пургудози худро, ки яке ба форсии тоҷикӣ ва дигаре ба арабӣ аст, ба тасвири Бағдод баъд аз ҳамлаи муғул бахшидааст [19,764-765, 766-769]. Шоири бузург Хоқонии Шервонӣ кохи Мадоинро дар қасидаи тӯлоние васф кардааст [20, I, 465-469] ва қасидаи дигаре ба мадҳи Исфаҳон бахшидааст[20, I, 424-431]. Шайх Баҳоуддин ал-Омилӣ шеъри дилчаспе дар бораи шаҳри Ҳирот ва зебоиҳои он эҷод намудааст [12,125-131]. Чунин мисолҳо хеле зиёданд, вале ин ҷо ниёз ба овардани ҳамаи онҳо нест. Шаҳри бостонии Хуҷанд ва фарзандони фозили он низ аз чунин тавсифоти шоирона бенасиб намондаанд, ки инро муҳаққиқи иронӣ Ризо Мустафавии Сабзаворӣ дар мақолаи худ бо унвони «Хуҷанд ва хуҷандиён дар оинаи адаби форсӣ» хеле барҷаста нишон додааст [14, 297-303]. Ҳамчунин шуҳрати

Хуҷандро дар адабиёти форсу тоҷик устод Абдулманнон Насриддин дар мақолаи хеле ҷолиби худ зери унвони «Хуҷанд дар қаламрави адабиёти форсу тоҷик» тасвир намудааст [2]. Устод А. Насриддин асари дигаре низ дорад, ки «Васфи Хуҷанд ва хуҷандиён дар шеъри форсӣ» ном дошта, дар он ашъори баъзе суханварони асрҳои миёнаро мавриди баррасӣ қарор додааст [3].

Мутаассифона, дар мақолаҳои номбурда сухане перомуни муносабати Абдурраҳмони Ҷомӣ ба Хуҷанд ва хуҷандиён, алалхусус Камоли Хуҷандӣ, нарафтааст.

Яке аз аввалин шеърҳое, ки дар он шаҳри Хуҷанд зикр ва тавсиф шудааст, шеъри шоири гумном ба забони арабӣ аст, ки онро муаррихи арабзабони асри Х Ибн ал-Фақиҳ ал-Ҳамадонӣ дар «Мухтасар китоб ал-булдон» ном асари худ овардааст. [7, 325; 10,33]. Ва он шеър чунин садо медиҳад:

و لم أرَ بلدة بإزاء شرق　　　و لا غربٍ بأترهَ من خجنده
هى الغرّاء تعجب من رآها　　　و هى بالفارسية دِلبَرَندَه

*Дар тамоми Шарқ ман шаҳреро надидаам,*
*Ва на дар Ғарб, ки зеботар аз Хуҷанд бошад.*
*Шаҳри нозанинест, ки ҳар бинандаро дар ҳайрат мегузорад,*
*Ва маънии номаш ҳам ба форсӣ «дилбаранда» аст.*

Яке аз аввалин шеърҳо ба забони форсии тоҷикӣ ба Хуҷанд бахшидашуда шеъри Асируддини Ахсикатӣ (ваф.570 ё 577/1175 ё 1182) мебошад, ки аз ин абёти дилчасп иборат аст [1,11]:

*Зиҳӣ ба ҷони ту ҷовид зинда мони Хуҷанд!*
*Чи соябахш ҳумоӣ зи ошёни Хуҷанд!*
*Хуҷандро маталаб дар саводи ҳафт иқлим,*
*Ки бартар аст зи ҳафт осмон макони Хуҷанд*[2].

Хоқонии Шервонӣ Хуҷанд ва хуҷандиёнро дар ашъораш ёд мекунад. Ӯ қасидае дорад бо ин матлаъ:

*Бас, бас, ай толеъи Хоқонӣ! Чанд,*
*Чанд чандаш ба боло дорӣ банд?*

Ва дар идома аз толеъи носозгори хуш шиква карда, ба он муроҷаат менамояд. [20, II, с. 886]:

*Мачашонам ба тамуз оби сақар,*
*Манишон бар сари оташ чу сипанд.*
*Фасли Боҳуро оҳанг ба Шом,*
*Васл бо ҳурон хуштар ба Хуҷанд.*
*Ҳам тавониш ба Табриз нишонд,*
*Ҳам тавониш ба Шервон барканд.*

Хоқонӣ натанҳо Хуҷандро зикр кардааст, балки фарзандони ин шаҳри қадимиро, ки бо ақлу заковат ва фарҳангу тафаккури худ фарқ мекарданд, тасвир намудааст. Ӯ Ҷалолуддин ном шахсияти воломақомеро, ки ба гумонам, аз хонадони хуҷандиёни Исфаҳон будааст, чунин мадҳ мегӯяд [20, II, 1195]:

*Ҳар куҷо аз хуҷандиён садрест,*
*З-оташи фикрат об мечакадаш.*
*Хосса садри ҳудо Ҷалолуддин,*
*К-аз сухан дурри ноб мечакадаш.*
*Оташи Мӯсо оядаш зи замир,*
*В-оби Хизр аз хитоб мечакадаш.*
*Фикру нутқаш чу накҳати лаби дӯст,*
*З-оташи тар гулоб мечакадаш…*

Қасида хеле тӯлонӣ аст ва бо як таваҷҷуҳу меҳру дилгармӣ нисбати мамдӯҳ офарида шудааст. Ба назар чунин менамояд, ки агар ба ҷои номи намояндаи хонадони хуҷандиён Ҷалолуддин дар қасида номи Камолуддин меомад, ягон иштибоҳе намешуд, чунки ҳамаи ташбиҳоту тавсифоти диловезеро, ки дар ин қасида мебинем, бе муболиға, метавон ба шахсияти шоир ва орифи тоҷик Камоли Хуҷандӣ мансуб донист.

Шуҳрати Камоли Хуҷандӣ миёни удабо ва шуарои арабизабони асрҳои миёна низ ба андозае буд, ки ҳатто Шайх Баҳоуддин ал-Омилӣ маълумотеро дар бораи ӯ ва намунаҳоеро аз ашъораш дар «Кашкул» ном асари худ, ки ба забони арабӣ таълиф карда буд, ҷой додааст [12, 269,649].

Ҳамин гуна меҳру муҳаббатро нисбат ба Камоли Хуҷандӣ олим, шоир ва мутафаккири фарзонаи тоҷик Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ зоҳир кардааст. Дар адабиётшиносии тоҷик назари Ҷомӣ ба Камол, мутаассифона, мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст, ва ҳол он, ки омӯзиши ин мавзӯъ бамаврид

аст, зеро на фақат муносибати ин ду бузургворро равшан месозад, балки як сафҳаи тозаи равобити адабии наслҳои гуногуни суханварони номии форсу тоҷикро дар адабиётшиносӣ боз менамояд. Масалан, интизор мерафт, ки дар китоби муҳаққиқи тоҷик Ҷамолиддин Саидзода «Ҷомӣ-шоири таъсирпазир ва таъсиргузор», ки дар хусуси робитаи Ҷомӣ ба якчанд суханвари номӣ баҳс доир шудааст, оиди равобити Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Камоли Хуҷандӣ чизе гуфта мешавад, аммо чунин нашуд [16]. На дар муқаддимаи девони Камоли Хуҷандӣ [8] ва на дар муқаддимаи «Мунтахаби ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ» [9,3-26] сухан дар ин маврид нарафтааст. Танҳо дар мақолаи муҳаққиқи иронӣ Боқир Садриниё, ки «Симои Камол дар оинаи тазкираҳо» ном дорад, ҷо-ҷо баъзе иқтибосот аз «Нафаҳот ал-унс мин ҳазарот ал-қудс» -и Ҷомӣ дар бораи Камоли Хуҷандӣ оварда шудааст [15, 78-98]. Ҳамин гуна ишораҳои Ҷомиро аз «Нафаҳот ал-унс» дар бораи Камол Забиҳуллоҳ Сафо дар «Ганҷинаи сухан» [17,73] ва низ дар «Таърихи адабиёт дар Ирон» [18, 1131-1137] ҷой додааст. Вале дар мақолоту расоили мазкур назари Ҷомӣ ба Хуҷанд ва Камоли Хуҷандӣ ба таври махсус баррасӣ нашудааст.

Бояд таъкид кард, ки маълумоти Ҷомӣ оиди Камол дар «Баҳористон» ва «Нафаҳот ал-унс» танҳо тарҷумаиҳолӣ нест, балки як навъ иттилооти суханшиносӣ мебошад, зеро дар он ба истеъдоду лаёқати шоирии ӯ баҳои хеле баланд дода мешавад. Масалан, Мавлоно Ҷомӣ дар «Баҳористон» навиштааст: «Вай дар латофати сухан ва диққати маъонӣ ба мартабаест, ки беш аз он мутасаввар нест» [22,145].

Ҷомӣ дар равзаи шашуми «Баҳористон» дар бораи лаёқати суханварии Камол чунин изҳор медорад: «Дар ироди амсол ва ихтиёри баҳрҳои сабук ба қофияҳо ва радифҳои ғариб, ки саҳли мумтаниънамост, татаббӯъ аз Ҳасани Деҳлавӣ мекунад, аммо он қадар маъонии латиф, ки дар ашъори вай ҳаст, дар ашъори Ҳасан нест» (Ниг. [18, 1134]).

Ҷомӣ дар «Нафаҳот ал-унс» баъзе лаҳзаҳои зиндагии Камолро ба қалам медиҳад, ки аз тавозӯъ, хоксорӣ, бурдборӣ, таҳаммул, донишмандӣ, фаросат, ақлу заковат, шарафмандӣ ва дигар хислатҳои наҷиби ӯ далолат мекарданд. Ҷомӣ, ки бо ақоиди орифона ва андешаҳои шоиронаи Камол тавассути мероси адабии ӯ ошно буд, ба чунин хулосае меояд: «Вай бисёр

бузург будааст ва иштиғоли вай ба шеър ва такаллуф дар он сатру талбисро буда бошад. Балки мешояд, ки барои он буда бошад, ки зоҳир мағлуби ботин нашавад ва аз риояти сурати убудият бознамонад» [23, 382].

Ҷомӣ ҳамчунин нақл мекунад, ки Камоли Хуҷандӣ ба муридону шогирдон дарс мегуфт, бо олимон ва шоирони муосираш баҳсу мунозараҳо мекард. Ҷомӣ, махсусан баҳси ӯро бо Мавлоно Муҳаммад Ширини Мағрибӣ[3] ёдрас мешавад.

Дар асоси маълумоти Абдурраҳмони Ҷомӣ ва баъзе муаллифони сарчашмаҳои дигар устод Забиҳуллоҳ Сафо хулоса мекунад, ки «баъзе орифон, ки ба суҳбати Шайх Камол ва Ҳофиз ҳарду расида буданд, чунин фармудаанд, ки суҳбати шайх беҳ аз шеъри вай, ва шеъри Ҳофиз беҳ аз суҳбати ӯ…». Аз ин рӯ З. Сафо изҳори ақида менамояд, ки «бо тамоми аҳвол Камол шахсан пешаи шоирӣ надошт, балки шеър дар назари ӯ, чунон ки дар назари ҳамаи орифон, василае барои баёни эҳсосот ва афкори вай ва низ дастовезе барои иршод ва тарбия буд. Ва ин байти маъруф, ки аз Камол нақл кардаанд, беҳтарин мубайини ҳамин маънӣ аст [18,1134]:

*Ин такаллуфҳои ман дар шеъри ман,*
*«Каллимини ё Ҳумайро»-и ман аст[4].*

Бояд зикр кард, ки дар ашъори Ҷомӣ шаҳри Хуҷанд ва умуман, хуҷандиён ба ҳар муносабат ёд шудаанд. Масалан, дар марсияи пурсӯзу гудозе дар суги шахсияти маъруфе чун Хоҷа Убайдуллоҳ, ки бо номи Хоҷа Аҳрори Валӣ низ шуҳрат дошт, Ҷомӣ яке аз бандҳояшро чунин оғоз менамояд [21,733]:

*Мотами ӯ рахна дар сури Самарқанд ӯ фиганд,*
*Гӯӣ имрӯз аз Бухоро рафт шоҳи нақшбанд.*
*Аз Самарқанду Бухоро баски сели ашк рафт,*
*Киштии хоразмиёнро рахт дар Ҷайҳун фиганд.*
*Дуди ин оташ ҳама атрофи Туркистон гирифт,*
*Шуд ҷаҳон торик бар бодомчашмони Хуҷанд.*
*Аҳли Тирмиз ҳар ҳисоре, к-аз сабурӣ доштанд,*
*Сел зад, ин сели андӯҳ он ҳисор аз бех канд.*

Абдурраҳмони Ҷомӣ дар ашъораш ба Хуҷанд ва Камоли Хуҷандӣ назари хушу мухлисона дорад. Масалан, дар ғазале, ки бо чунин матлаъ сар мешавад [21,278]:

*Қоматат найзаву рухсори ту, ай ишвaписанд,*
*Офтобест, ки гаштаст яке найза баланд.*

Ҷомӣ бо як эҳсоси неку дили гарм гӯё дар чаманҳои Хуҷанд сайругашт карда, ашъори Камолро замзама мекунад:

*Ҷомӣ аз лутфи тараннум ба ғазалҳои Камол,*
*Андалебест хушилҳон ба чаманҳои Хуҷанд.*

Ба назари банда, дар ин ҷо Абдурраҳмони Ҷомӣ ба байти зерини Камоли Хуҷандӣ ишора дорад, ки ин ба асарпазирии ӯ аз шеъри шайхи Хуҷанд далолати возеҳ менамояд:

*Гар ба сад қарн биҷӯянд, наёбанд, Камол,*
*Булбуле чун ту хушилҳон ба чаманҳои Хуҷанд.*

Сатри дуюми байти Ҷомӣ акси комили мисраи дуюми байти Камол, аст бо он фарқ, ки ба ҷои калимаи «булбул» Ҷомӣ муродифи арабии он, яъне «андалеб» -ро кор фармудааст.

Дар ғазали дигараш бо матлаъи зер:

*Чашми ту «сод» асту сари зулф «дол»,*
*Бо худ аз он ҳар ду маро сад хаёл.*

Ҷомӣ ин байтҳоро нигоштааст [21,467]:

*Ҷомӣ аз он лаб сухан огоз кард,*
*Шуд лақабаш тутии «ширинмақол».*
*Ёфт камоле суханаш то гирифт,*
*Чошние аз суханони Камол.*

Абдурраҳмони Ҷомӣ номҳои суханварони пешинро бо эҳтиром ба забон мегирад, табъи ваққоду қудрати шоирии онҳоро арзёбӣ мекунад ва дар ин муносабат худро ҳамчун марди босипосу қадршинос нишон медиҳад. Дар «Силсилат уз-заҳаб» -и худ Ҷомӣ дар қатори бузургони гузаштаи шеъру сухан, ба монанди Рӯдакӣ, Унсурӣ, Мӯиззӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ,

Низомӣ, Хоқонӣ, Саноӣ, Заҳири Форёбӣ, Салмони Соваҷӣ, Масъуди Саъди Салмон ва дигарон Камоли Хуҷандиро ном бурда, мегӯяд (Ниг. [21,32]):

*Аз Камолу гурӯҳи соъидиён,*
*Нест чизе ба ҷуз сухан ба миён.*

Аз ин байт бармеояд, ки Ҷомӣ мавқеъ ва манзалати баланди Камоли Хуҷандиро миёни суханварони номии гузашта медонист ва аз ҷараёни зиндагӣ ва аҳли тариқат будани ӯ хабар дошт. Беҳуда нест, ки дар «Нафаҳот ал-унс» ӯ чунин навиштааст: «Дар зовияе, ки дар Табриз дошта, хилвате будааст, ки шаб дар он ҷо ба сар мебурда, ва касе дигар он ҷо кам мерасида. Чун баъд аз вафоти вай онро диданд, ғайр аз бурёе, ки дар он ҷо менишаста ё мехуфта, ва санге, ки зери сар мениҳода, чизе дигар наёфтанд» [18,1131-1137; 23,382]. Аз ин ҷост, ки Ҷомӣ таъкид менамояд, ки аз Камолу ҳаммаслакони ӯ ба ҷуз сухани ваъзу панди орифона дигар чизе боқӣ намондааст.

Ҳамаи гуфтаҳои боло нишон медиҳанд, ки Абдурраҳмони Ҷомӣ дар осори худ Хуҷандро ҳамеша ба некӣ ёд мекарда ва фарзанди барӯманди он, Камоли Хуҷандиро на танҳо икрому эҳтиром намуд, балки бемуболаға, аз ӯ таъсир пазируфтааст.

**Тавзиҳот:**

1. Дар бораи Абулянбағӣ муфассалтар нигаред [11].

2. Муҳтавои ин шеър ба шеъри ба Ҳирот бахшидаи Муинуддини Исфизорӣ, ки дар китоби «Равзот ал-ҷаннот» -и ӯ оварда шудааст, ҳамоҳанг мебошад [14,94]:

*Гар касе пурсад зи ту, к-аз шаҳрҳо хуштар кадом,*
*Гар ҷавоби рост хоҳӣ дод, гӯӣ: «Ҳарӣ».*
*Ҳамчу баҳр аст ин ҷаҳон, дар вай Хуросон чун садаф,*
*Дар миёни ин садаф шаҳри Ҳарӣ чун гавҳарӣ.*

3. Дар бораи Мағрибӣ муфассалтар ниг. [18,1137-1142; 23,382-383].

4. Иборои маъруфи Пайғамбари ислом дар хитоб ба Оиша аст, ки шарҳи онро нис. [4,245]

Ин ибораро дар ашъори баъзе шоирони дигар низ дидан мумкин аст. Аз ҷумла, Ҷомӣ ҳам онро дар яке аз ғазалҳояш истифода бурдааст [21,465]:

*«Каллимини ё Ҳумайро» карда вирд,*
*Бо лаби ширини он ширинмақол.*

Барои дастрасӣ ба иттилои бештар дар ин мавзӯъ муроҷаат шавад ба мақолаи А. Шеърдӯст «Адаби форсӣ ва «Каллимини ё Ҳумайро!» [24, 145-150].

**Адабиёт**


1. Абдулманнон Насриддин. Тазкираи шуарои Хуҷанд. Ба кӯшиши Ф. Насриддинов. -Хуҷанд: Ношир, 2015. -495 с.
2. Абдулманнон Насриддин. Хуҷанд дар қаламрави адабиёти форсу тоҷик. // А. Насриддин. Куллиёти осор. Дар ҳафт ҷилд. Таҳия ва таснифи Ф. Насриддинов. -Хуҷанд: Ношир, 2013. -235-255 с.
3. Абдулманнон Насриддин. Васфи Хуҷанд ва хуҷандиён дар шеъри форсӣ. // А. Насриддин. Куллиёти осор. Дар ҳафт ҷилд. Таҳия ва таснифи Ф. Насриддинов. -Хуҷанд: Ношир, 2013. -445-448 с.
4. Абдулҷаббор Шоҳаҳмад (А.Суруш). Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ. -Хуҷанд: Хуросон, 2015. -730 с.
5. Алтунҷӣ, Муҳаммад. Баҳоуддин ал-Омилӣ адибан, шоиран, олиман. -Димишқ: Маншурот ал-мусташория ас-сақофия ли-л-ҷумҳурияти –л- исломияти-л- ирония, 1405/1985. -168с.
6. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. -Душанбе: Адиб, 2007. -480с.
7. Ибн ал-Фақиҳ ал-Ҳамадонӣ. Мухтасар «Китоб ал-булдон»-Лейден, 1303/1885. -330 с.
8. Камоли Хуҷандӣ. Девон. Тасҳиҳи Азизи Давлатободӣ. -Теҳрон: Нашри маҷмаъи бузургдошти Камоли Хуҷандӣ, 1375.
9. Камоли Хуҷандӣ. Мунтахаби ғазалиёт. Бо муқаддима, интихоб ва тавзиҳоти Б. Мақсудов. -Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008,-192 с.
10. Мардонӣ Т.Н. Арабско-таджикское двуязычие в поэзии IX-X вв.-Душанбе: Маориф, 1993. -165с.
11. Мардонӣ Т.Н. Об одном раннем двуязычном персидско-таджикском поэте//Т.Н. Мардонӣ. Арабско-таджикские литературные связи. История и современность (Сборник статей). - Душанбе: Ирфон,2006. - с.56-69.
12. Омилӣ, Баҳоуддин. Кашкул. Тарҷума ва таҳқиқи Азизуллоҳ Косиб. Чопи шашум. - Теҳрон: Интишороти Гулӣ,1379-711 с.

13. Рӯдакӣ. Девон. Таҳия, тасҳиҳ ва сарсухану ҳавошии Қодири Рустам. Таҳти назари Сафар Абдуллоҳ. -Душанбе: Бухоро, 2015-333 с.
14. Сабзаворӣ, Ризо Мустафавӣ. Хуҷанд ва хуҷандиён дар оинаи адаби форсӣ. //Мақолоти маҷмаъи бузургдошти Камоли Хуҷандӣ. Ҷилди аввал. -Табрез: Маҷмаъи бузургдошти Камоли Хуҷандӣ, 1375. -С.297-303.
15. Садриниё, Боқир. Симои Камол дар оинаи тазкираҳо // Ироншинохт. Номаи Анҷумани ироншиносони кишварҳои муштарак ал-манофиъ ва Қафқоз. Шумораи 12, баҳори соли 1378/1999. -с. 78-98.
16. Саидзода, Ҷамолуддин. Ҷомӣ-шоири таъсирпазир ва таъсиргузор. - Душанбе: Дониш, 2014. -170 с.
17. Сафо, Забиҳуллоҳ. Ганҷинаи сухан. Порсинависони бузург ва мунтахаби осори онон. Ба иҳтимоми доктор Сайид Муҳаммад Туробӣ. Ҷилди 6. Чопи дувум. - Теҳрон: Амири Кабир, 1370/1991. -158 с.
18. Сафо, Забиҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Ирон. Ҷилди 3, бахши 2. Чопи даҳум. - Теҳрон: Интишороти «Фирдавс», 1373. -1461 с.
19. Саъдии Шерозӣ. Куллиёт. Аз рӯи қадимтарин нусхаҳои мавҷуд. Ба иҳтимоми Муҳаммадалӣ Фурӯғӣ. Чопи дувум. - Теҳрон: Амири Кабир,2536 шоҳаншоҳӣ. -1042 с.
20. Хоқонӣ. Девон. Ҷилдҳои 1-2. Веростаи д-р Мир Ҷалолуддини Каззозӣ. Чопи дувум. -Теҳрон: Нашри «Марказ»,1387/2008.1406 с.
21. Ҷомӣ. Девон. Бо муқаддима ва тасҳиҳи Муҳаммад Равшан. - Теҳрон: Нигоҳ,1390. -840 с.
22. Ҷомӣ. Баҳористон. Ба тасҳиҳу муқаддимаи А. Афсаҳзод. - Москва: ГРВЛ, 1987. -С. 145.
23. Ҷомӣ. Нафаҳот ал-унс мин ҳазарот ал-қудс. Тасҳиҳи доктор Маҳмуд Обидӣ. -Теҳрон: Интишороти «Иттилоот», 1370.
24. Шеърдӯст, Алиасғар. Адаби форсӣ ва «Каллимини, ё Ҳумайро!»//Мақолоти маҷмаъи бузургдошти Камоли Хуҷандӣ. Ҷилди аввал. -Табрез: Маҷмаъи бузургдошти Камоли Хуҷандӣ, 1375. -С.145-150.



*Ҳафиз Бобоёров* / *файласуф*

# ШИНОХТИ ОБРАЗҲОИ БАДЕӢ ВА МАЪНОИ ФАЛСАФИИ ОНҲО ДАР “ЧУНИН ГУФТ ЗАРДУШТ”-И ФРИДРИХ НИТШЕ

## *Муқаддима*

*Бунёди тарҷума ва нашри адабиёти ҷаҳонӣ* иқдоми хуберо ба даст гирифтааст, ки ин навбат яке аз шоҳкориҳои адабиёт ва фалсафаи ҷаҳониро ба забони тоҷикӣ тарҷума ва ба хонандагон тақдим гардонад. Ин асар “Чунин гуфт Зардушт” ном дошта, ба файласуфи номдори олмонӣ Фридрих Нитше (1844-1900) тааллуқ дорад. Унвони китоб аҳамияти рамзӣ дорад, чун бо номи яке аз барҷастатарин шахсиятҳои ҷаҳонӣ – Зардушти Спитамон оғоз мегирад ва дар ҳар бахши он хотима меёбад. Бошад, ки тарҷума ва чопи асарҳои бузургони илму фалсафа ва адабиёту ҳунари ҷаҳонӣ ҳушу зеҳни маърифатпарвар ва ҳақиқатпазири тоҷиконро бедортар созад.

Бо ҳиммати бепоёниноширон, ин ҷо имкон даст дод, то мулоҳизаҳои муқаддимавии худро дар мавриди шинохти “Чунин гуфт Зардушт” иброз дорам. Ин асар дар сабки бадеӣ эҷод гардида, дар айни замон таълимоти куллии фалсафаи Нитшеро образнок баён мекунад. Он дар давраи камолоти эҷодӣ ва фалсафии муаллиф дар солҳои 1880-умтаълиф гардидааст, аз ин хотир, барои дарки системаноки нигоштаҳои дигари ӯ низ метавонад муҳим бошад. Бояд гуфт, ки матни баъзе бахшҳо содаю фаҳмо ва ошкор ва матни дигар бахшҳо пур аз образу ташбеҳ ватамсилу истиораҳои бадеӣ буда, ба фаҳм зуд намеғунҷанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар баробари баёни мухтасари таълимоти фалсафии Нитше, рамзу образҳои бадеиро низ ошкор намоем.

Саволи аввале, ки зимни мутолиаи ин асар ба миён меояд, ин аст, ки чаро унвони китоб ба номи Зардушт рабт дорад? Ин ҷо фақат бо ҳамин қаноат мекунем, ки Нитше худро дар ҳамин образ муаррифӣ намудааст. Аллакай, дар оғози асар мехонем, ки

марде ба Зардушт наздик мешавад ва мегӯяд аз ин шаҳр берун рав, ки хеле зиёд мардуме ба ту нафрат доранд, чун туро душмани тӯда меҳисобанд. Дар дигар бахшҳои асар ва ҳамчунин табқи дигар фаъолиятҳои эҷодии Нитше, ошкор мегардад, ки ӯ худро душмани сарсахти афкори тӯда меҳисобид. Дар ин ҷо зерсаволҳои образи Зардуштро баррасӣ намекунем, ки масалан: Чаро Нитше маҳз образи Зардуштро интихоб кардааст? Оё номгузорӣ ба шахсияти таърихии Зардушт рабте дорад? Чаро Нитше шахсияти худро дар образи шахсияти динӣ, яъне пайғамбари эронӣ ифода кардааст, гарчанде назари интиқодӣ ба эътиқодот ва шахсиятҳои динӣ дорад? Дар ин маврид таҳқиқоти илмии фаровон шудааст, ки хонандагон метавонанд ба намунаҳое аз онҳо, аз он ҷумла ба забони тоҷикӣ (ба монанди Н. Шаҳобиддинов, “Зардушти таърихӣ ва Зардушти Нитше”. Душанбе: Дониш, 2016) шинос шаванд.

Образҳои ғор, ҷангал, кӯҳ, Замин, кӯдак, оина, дев ва ғайра аз ҷумлаи дигар ифодаҳои бадеие мебошанд, ки аллакай дар оғози “Чунин гуфт Зардушт” дучор мешаванд. Дар мулоҳизаи ин асар зарур аст, ки ба чанд образи дигарниз таваҷҷуҳи хосса зоҳир кунем. Инҳо пирамарди қудсӣ, марде, ки аз хатар Зардуштро огоҳӣ дод, дорбоз, гӯрканҳои шаҳр, уқобу мори Зардушт, офтобу моҳ ва ғайра мебошанд.Бе шинохти маънои аслии ин образҳо шинохти минбаъдаи матни асар ғайриимкон мегардад. Зардушт се маротиба дар ғор, ҷангал ва кӯҳ танҳонишин мешавад. Бори нахуст ба сӯи мардум бармегардад, бори дуюм ба назди дӯстону шогирдон ва бори сеюм аз дӯстону шогирдон ҳам даст мекашад ва ба Замин бармегардад. Бо чунин бозгаштҳо аз танҳоӣ, ки дар рамзи ғор, ҷангал ва кӯҳ ифода гардидаанд, Нитше мегӯяд, ки инсон наметавонад муддати тӯлонӣ танҳо ва хомӯш бимонад. Бояд ба мардум, ба пайравону дӯстон ва ба худ баргашт, то барои онҳо ҳақиқатро ошкор кард. Нахуст Зардушт, яъне худи Нитше мехоҳад ҳақиқатро ба мардум бознамояд, аммо мардум дар бозор ҷамъ омада, машғули тамошои дорбоз аст, ки оқибат меафтад ва мемирад. Дар ин ҷо Нитше мехоҳад гуфтан, ки мардум ҳақиқатро, ки бознигарии арзишҳост, намепазирад, балки онҳо қаҳрамонҳоеро мепарастанд, ки арзишҳои гузаштаро ҳимоят мекунанд. Аз ҷумлаи ин қаҳрамонҳо сиёсатмадорон, рӯҳониён ва ҳакимони ахлоқгаро мебошанд, ки дар образи

дорбоз тасвир ёфтаанд. Зардушт аз мардум дур мешавад, вале як муддат дорбози мурдаро бо худ мегардонад. Образи рафиқи мурдаи Зардушт ин ҷустуҷӯи пайраву тарафдори ақидавӣ дар байни мардум аст.Зардушт дар кӯчаҳои торики шаҳр гӯрканҳоро дид, ки ӯро шинохтанд ва масхараю таҳқир карданд. Гӯрканҳо образи пешвоёни фикрӣ ва диние мебошад, ки барои мардум ахлоқу маънавият ва фарҳангу тамаддунеро меоранд, ки минбаъд дигар донишмандон пучу газоф будани онҳоро ошкор мекунанд. Нитше мегӯяд, ки ақлҳои содаи мардум ин гуна донишмандонро хfamiliar харобкор медонанд. Аз ин рӯ, дар “Чунин гуфт Зардушт” онҳо бо образҳои авбош, вайронкор ва гург ташбеҳ дода мешаванд. То онгоҳе ки Зардушт бо гӯрканҳои шаҳр вонахӯрд ва дар симои онҳо нақши худро низ мушоҳида накард, дарнаёфт, ки дар чунин аҳвол ӯ низ аз гӯрканҳо фарқе надорад. Образи рафиқи мурдаи Зардушт ин ҷустуҷӯи пайраву тарафдори ақидавӣ дар байни мардум аст. Баъд аз ин Зардушт аз мардум ва гӯрканҳо дур мешавад ва ба самти ҷангал (танҳоӣ) меравад. Зардушти сахт гурусна ба кулбаи дарвеши пире дар роҳи ҷангал ворид мешавад, ки ӯро меҳмондорӣ мекунад. Нитше гуруснагиро ба маънои норасоии ҳикмату донише медонад, ки ҳеч рабте ба мардум надорад. Инсоне, ки мехоҳад барои мардум ҳикмату дониш орад ва ба онҳо ҳақиқатро намояд, ба чунин ҳолати “гуруснагӣ” меафтад. Чун табъи мардум хирадро намепазирад, маҷбур аст ба онҳо ҷаҳлро чун хирад баён кунад. Кулбаи дарвеши пир рамзи ҳақиқатест, ки бояд берунтар аз арзишҳои сохтаи мардум бо номи фарҳангу тамаддун ҷустуҷӯ намуд.

Бо тасвири образҳое чун қаҳрамони мурда ва гӯрканҳои шаҳр Нитше мехоҳад гуфтан, ки ҳар нафаре аз арзишҳои кӯҳнаву шахшудаи таърихӣ ва фарҳангии мардум ҳимоят кард, ба гӯрканҳо монанд аст. Ҳар касе мехоҳад дар байни мардум тарафдору пайрав пайдо кунад, як замоне қаҳрамон аст, ки ба беҳуда қурбон мешавад ва оқибат ба дасти гӯрканҳо меафтад. Дар ин марҳила Нитше, ки худро дар образи Зардушт тасвир мекунад, ба маърифате мерасад, ки набояд дар байни мардум монд ва қурбони арзишҳои мурдаи онҳо гардид. Аз ин рӯ, ба ҷангал бармегардад ва муддате он ҷо танҳову хомӯш мемонад.

Бори дуюм Нитше мехоҳад шогирдону пайравоне аз аҳли фаҳм дошта бошад, ки бо онҳо қаробату дӯстии маънавӣ

барқарор намояд. Чунин кӯшишҳои файласуфро мо дар фаъолияти эҷодӣ ва зиндагии шахсиаш мушоҳида мекунем, ки мавриди баҳси дигар аст. Аммо бо ин “бозгашт” низ Нитше худро комёб намебинад ва боз маҷбур мешавад, ба “ҷангал” баргардад. Чунонки ишорат кардем, ҷангал ин ҷо ба маънои танҳоӣ ва хомӯшӣ аст, ки шахси эҷодкор ба тааммулу бознигарии саргузашти ҳаётӣ ва эҷодии худ мепардозад ва роҳи бозгашт ба ҷомеаро ҷустуҷӯ мекунад. Чун Зардушт бори сеюм ба “ғор” (танҳоӣ) бармегардад, дар хоб кӯдакеро мебинад, ки ойина дар даст пеши ӯ истодааст. Дар ойина Зардушт ба ҷои худ devro мебинад. Ҳамин гуна, ӯ шаб хуфт ва саҳар бо кашфи ҳақиқати нав бедор шуд: баъд аз ин қарор кард, ки барояш ҳамсафаре дошта бошад, вале на мурда. Ҳамсафарҳое, ки мехоҳанд пайрави ман бошанд, на мисли ин мурда, ки онҳоро аз паси худ бикашам. Набояд ба мардум ҳақиқатро гӯям, балки бо ҳамсафар бояд суҳбат ва радду бадал кард. Аз ин рӯ, Нитше номи дуюми “Чунин гуфт Зардушт”-ро “Китобе барои ҳама ва барои ҳеч кас” мегузорад. Ӯ мегӯяд:Набояд саги рама бошам, балки боистӣ фардҳоро аз рама ҷудо сохт. Чӯпонҳо худро неку росткор ва маро авбошу роҳзан хоҳанд номид. Яъне то ҳадде нақши гургро бояд бозид. Офаранда ҳамсафарони офарандаро меҷӯяд, на пайравону имондоронро, ки рӯҳи мурда доранд. Онҳоеро меҷӯяд, ки ҳамроҳи ӯ *арзишҳои нав* меофаранд. Онҳоеро меҷӯяд, ки “харобкор”, “авбош” ва ҳатто “гург” номида мешаванд. Туро, аввалин ҳамсафари ман, ки мурдаӣ, ба ҳолат мегузорам. Фақат ҳамин қадар тавонистам, ки туро аз туъмаи гургҳо шудан наҷот диҳам. “Аммо набоядчӯпону гӯркан бошам. Дигар ҳеҷ гоҳ бо мардум суҳбат нахоҳам кард: ин бори охир аст, ки бо мурда суханкардам”. Нитше дар ин ҷо образи мардумро дар мурда тасвир мекунад, ки бо онҳо ҳамкорӣ кардан мисли чӯпонӣ, мурдадорӣ ва гӯрканӣ аст. Рӯзе ин рамаро гург медарад ва фақат чӯпони боинсофтарин онҳоро гӯр хоҳад кард. Дар ин ҷо гург образи донишманде чун Нитше аст, ки арзишҳои фарҳангии мардумро ба чолиш мекашад ва пучию беҳудагии онҳоро ошкор мекунад. Баъд аз ин хоби ғарибӣ худ Зардушт қарор мекунад, ки бояд ба Замин баргашт, вагарна таълимоти ӯро “мардум” ва “шогирдон” ба таври худ тафсир медиҳанд. Ойина ва кӯдак рамзи ростӣё худ таълимоти аслии Нитше ва Дев рамзи таҳрифи

ин таълимот аст. Зардушт бори сеюм ба Замин бо таълимоти худ дар бораи Абаринсон бармегардад.

***Абаринсон чун моҳият ва ҳадафи ҳастӣ***

Абаринсон таълимоти марказии“Чунин гуфт Зардушт” мебошад. Нитше онро моҳияти аслии ҳастӣ ва аз ин рӯ, таълимоти марказии фалсафа меҳисобад. Ин яке аз мафҳумҳое мебошад, ки набояд ба маънои рамзӣ ва образнок фаҳмида шавад. Балки он марҳилаи инкишофи табиӣ-биологӣ ва эволютсионӣ аст. Чунонки маймун барои инсон марҳилаи тайшудаи табиӣ ва аз ин рӯ, мавриди масхараю шарм аст, инсон низ барои Абаринсон марҳилаи сипаришуда ва ба маймун наздиктар аст. Ҳанӯз инсон ба синфи ҳайвонот тааллуқ дорад, аммо Абаринсон дигар ба ин синф рабт надорад. Он мақоми Худоҳоро ишғол мекунад, аз ин рӯ, бо падид омадани ӯ Худоҳо ҳам мемиранд.

Ҳангоме ки Зардушт нахустин бор ба назди мардум меояд, яъне таълимоташро ошкор мекунад, чунин мегӯяд: “Ман ба шумо дар бораи Абаринсон таълим медиҳам. Инсон он чизе (марҳилае) ҳаст, ки бояд пушти сар шавад. Шумо чӣ кардед, ки онро пушти сар кунед? ... Бубинед, ман ба шумо дар бораи Абаринсон меомӯзам!” Сипас, ӯ таълимоти худро ошкор мекунад, ки дар адабиёти фалсафӣ бо консепсияи *шудан*маъруф аст. Дар фалсафаи Нитше он марҳилаи гузариш аз Инсон ба Абаринсон ва дар фалсафаи вуҷудгароӣ ҳолати таҳаввули ботиниро ифода мекунад. Тибқи ин консепсияи Нитше, ҳама мавҷудот барои аз худ боло рафтан мезиянд, аммо мардум, баръакс, ба поён, яъне ба ҳолати ваҳшигӣ мераванд. Болоравӣ ҷараёни куллии шабеҳ ба эволютсия аст. Аммо инсон мехоҳад муқобили ин ҷараён ҳаракат кунад. Дар ин ҷараён инсон аз ҳолати кирм, то ба маймун ва акнун ба инсон расид. Вале ҳанӯз одамоне ҳастанд, ки дар ҳолати кирм ё маймун қарор доранд. Ҳатто хирадмандтаринҳо ҳам омехтаи ҳолати растанӣ ва арвоҳанд.

Дигар ҷиҳати ҷолиби таълимоти Нитше дар бораи Абаринсон ба *Замин*, яъне ба ҷаҳони моддӣ ва ҷисмонӣ маҳдуд кардани фаъолият ва ҳадафи инсон мебошад. Хонандагони ҳушманддармеёбанд, ки дар асар рамзи Замин ба муҳимияти зиндагии инсӯӣ (инҷаҳонӣ, ҷаҳони моддӣ) ишорат мекунад.Дар ҳоле ки инсони имрӯза танаш дар ин ҷаҳон, вале ҳушу ҷонаш дар дигар ҷаҳон аст, ки аз назари Нитше вуҷуд надорад. “Ман

шуморо даъват мекунам, бародарони ман, ки ба Замин вафодор бимонед ва ба онҳое, ки дар бораи умедҳои ухравӣ [зиндагии пас аз марг]мегӯянд, бовар накунед!" Нитше Инсон, аниқтараш Абаринсонро ба дарахт шабоҳат медиҳад, чун дарахт ҳар қадаре бузургтар шуд ва сар ба осмон фарозтар афрохт, ҳамон қадар решааш жарфтар ба зери хок, "ба сӯи тирагӣ ва бадӣ" меравад.Онҳое, ки бо умеди фаротабиӣ зиндагӣ мекунанд, на фақат умри худро барҳадар медиҳанд, балки ба Замин низ зиёни худро мерасонанд. Барои одамон илҳод (инкори Худо) азимтарин гуноҳ аст, вале барои Абармард инкори Замин ё худ инкори зиндагии заминӣ гуноҳи бепӯзиш мебошад. Муъмин (фарқ надорад пайрави кадом динест) худро қурбони ҷаҳони улвӣ мекунад, аммо инсоне, ки дар роҳи Абаринсон шудан аст, бояд худро барои зиндагии заминӣ фидо намояд. Агар барои дин одамият ё худ инсони ахлоқӣ шудан муҳим бошад, ки ба ормонҳои фаротабиӣ созгор аст, барои Абаринсон худи инсон марҳилаи гузариш аст, на ҳадаф.

Хонандаи закӣ дарк мекунад, ки дар "Чунин гуфт Зардушт" образи рангинкамон хеле ҷолиб ва шоирона тасвир ёфта, дар айни замон аз он огоҳона истифода шудааст. Он рамзи пул, марҳила ва давраи гузариш аз Инсон ба Абаринсон мебошад. Саволе пайдо мешавад, ки Нитше чаро маҳз образи рангинкамонро истифода кардааст? Чунки ҳам аз назари зебоишиносӣ тамсилаи зебоӣ аст ва ҳам аз назари зоҳирӣ ҳар ду канораш дар Замин пайвастаанд, бо вуҷуди он ки роҳаш аз осмон убур мекунад. Яъне роҳи Абаринсон шудани Инсон аз пастӣ ба фароз рафтан, вале боз ба Замин баргаштан аст, на роҳе ки диндорон тасаввур мекунанд, ки аз Замин ба Афлок меравад ва ба Замин барнамегардад.

### ***Бознигарии арзишҳои фарҳангӣ***

Нитше *фарҳангро* яке аз монеаҳои асосӣ дар роҳи ба Абаринсон расидан медонад. Одамон ҳар арзишеро, ки боиси осудагии хотир ва сабаби ғуруру такаббури онҳо аз ҳолати мавҷудаашон мегардад, "фарҳанг" меноманд ва онро бо ҳама васила ҳимоя мекунанд. Яке аз арзишҳое, ки барояшон бартар менамояд, вале яке аз мавҷудоти дун аст, Инсон мебошад, ки

онро ба объекти ғуруру ифтихори худ табдил додаанд. Барои онҳо шубҳа кардан ва боварию эътиқод надоштан гӯноҳ аст.

Мафҳуми “арзишгузорӣ” ва ё “бознигарии арзишҳо”, ки Нитше дар “Чунин гуфт Зардушт” ва дигар асарҳояш фаровон истифода мебарад, чорчӯбаи методологии ӯро ташкил медиҳад, ки дар дигар маврид “таборшиносии ахлоқ” ном мениҳад. Арзишгузорӣ ҳамеша ба маънои офаридан, сохтан ва аз сари нав ҷаҳонро тартиб додан аст, ки на фақат фаъолияти эҷодӣ, балки кори амалӣ низ ҳаст. Аз ин рӯ, дар фалсафаи Нитше мафҳуми “ҳунар” ё “санъат” на фақат ба маънои маҳдуди он, яъне мафҳумҳои нав пешниҳод кардан, балки ба маънои васеи он, яъне аз сари нав эҷод кардану сохтани олам фаҳмида мешавад. Ҳамин биниш асоси таълимоти бисёре аз мактабҳои фалсафӣ ва методологие чун Феноменологияро ташкил додааст. Тибқи усули “бознигарии арзишҳо”, бояд ҳама чиз арзишгузории нав шаванд ва барои ба ин мақсад расидан, зарур аст, ки арзишҳои маънавӣ ва ахлоқии гузашта мавриди нақд қарор гиранд ва дар натиҷа, муҳимияти худро дар ҷомеа аз даст диҳанд. Худи Нитше мепазирад, ки “Маро некмардону ахлоқиён харобкори ахлоқ хоҳанд номид: [чун] баррасии ман ғайриахлоқист.”

Ҳамин гуна, Нитше ба хулоса мерасад, ки барои ба даст овардани ҳадаф, ки Абаринсон аст, арзишҳои фарҳангӣ бояд бознигарӣ шаванд. Дар ин сурат, дар байни мардум тарафдор ҷустан бенатиҷа аст, балки танҳоӣ ҳолати беҳтарин фаъолият аст. Дар ҳамин мавриди *танҳоӣ* Нитше образи Уқоб ва Морро тасвир мекунад, ки ба назар беҳтарин корро дар танҳоӣ анҷом медиҳанд. Ӯ аз номи Зардушт мегӯяд: “Инҳо вахшиҳои ман ҳастанд.” (Муҳаққиқони мо бояд ҷустуҷӯ кунанд, ки оё ин суханҳо ба Зардушти таърихӣ, дини зардуштӣ ва ё устураҳои эронии тоисломӣ рабте доштанд ва ё фақат маҳсули ҳунари образофаринии Нитше мебошанд). Яке мағруртарин ва дигаре оқилтарин ҳайвон аст. Сабаби дигари тамсил кардани ин ду ҳайвон дар “Чунин гуфт Зардушт”, роҳнамоӣ ҷӯстан аз ғуруру ақл дар роҳи хатарноки нақду бознигарии арзишҳои фарҳангии мардум мебошад. Бояд хеле баланд парвоз кард, яъне ба арзишҳои фарҳангӣ беалоқа ва бетараф буд ва ҳатто аз онҳо эҳсоси безорӣ дошт ва дар айни замон тамоми печутоби тираи

ҷангал ё худ фарҳанг ва тамаддуни инсониро дид, то онро жарфу дақиқ нақду баррасӣ кард.

Нитше мавзӯи бознигарии арзишҳоро дар образҳои шутур, шер ва кӯдак идома медиҳад. Шутур образи инсоне аст, ки тамоми “бор”, яъне арзишҳои фарҳангиро, ки аз гузаштагон ба мерос мондаанд, содиқона ва итоаткорона қабул карда, бо сабру таҳаммул мекашад. Шер образи инсонест, ки дигар ахлоқӣ нест, яъне дар пайи он нест, ки чӣ гуна бояд буд, балки дар пайи хоҳишҳои худ аст. Аммо шер бояд ба кӯдак табдил ёбад, ки рамзи оғози нав ва кӯшишу хости нав мебошад.

Дар бахшҳои минбаъдаи асар Нитше ба нақду баррасии арзишҳои фарҳангӣ мепардозад, ки ҳар як инсон дар тӯли зиндагии худ барӯрд ва дар аксари маврид ба ҳақиқати онҳо чун ба як тухфа бовар ва итоат мекунад. Ҳар кадоми онҳо ва ё гурӯҳе аз онҳоро Нитше дар ҳар бахши китоб алоҳида бознигарӣ мекунад. Барои сода ва осон кардани роҳнамоии хонанда ба баъзе аз муҳимтарин арзишгузориҳоро таъкид мекунем ва онҳоро вобаста ба робитаи байнияқдигариашон ба гурӯҳҳо ҷудо менамоем. Ин гурӯҳҳои арзишгузорӣ ба таври зеранд: 1) хайрҳо; 2) ҷисм, нафс, зиндагии ғайримоддӣ; 3а) иродаи қудрат, мубориза ва ҷанг, баробарӣ, давлат, рӯҳониёну калисо; 3б) дурӯягӣ, ҳакимон, олимон, шоирон; 3в) мардум, дӯстон, наздикон, оиладорӣ (никоҳу ишқ ва кӯдакдорӣ), зан, ҳикмат ва зиндагӣ; 3г) озодӣ; 4) ҳамдардӣ, абадият ва бемаргӣ. Албатта, хонандагон метавонанд дигар арзишҳо ва арзишгузориҳоро низ мушоҳида кунанд, ки аз ҷиҳати фалсафӣ ва амалӣ муҳим мебошанд. Дар ин баррасии муқаддимавӣ наметавон ҳамаи арзишгузориҳоро баён ва ё аққалан арзишгузориҳои номбаршударо муфассал баррасӣ намуд. Фақат ҳамчун роҳнамо онҳоро мухтасар шарҳ медиҳем ва дар ҳолати зарурат назари шахсии худро низ муайян месозем.

*Некӣ (хайр)-ҳои даҳгона*

Нитше идея ва аслҳои некӣ (хайр)-ро нақду баррасӣ мекунад ва онро ба он мемонад, ки “Некӣ, яъне дар ботлоқ бо дасту пои баста нишастан аст”. Хайр қабули бегуфтугӯи ҳар ахлоқу маънавиётест, ки дигарон таҳмил кардаанд. Мардуми ахлоқӣ ба зарурат ва маҷбурияти ахлоқ ва аз ин рӯ, ба назорату контроли

шадид бовар доранд. Дар асл, Неку Бад наметавонанд чун категорияҳои абадӣ вуҷуд дошта бошанд, балки баробари ҳаракати Инсон ба сӯи Абармард дар ҳар онии воҳид арзиши онҳо низ кӯҳна мешавад ва неку бади нав ба миён меояд. Неку бад ифодакунандаи иродаи онии инсон аст, ки бо тағйири вазъияти ӯ иваз мешаванд. Чунонки худи Нитше ҳам мегӯяд, накду баррасии ахлоқу маънавият аз тарафи ӯ мисли мавҷи баҳр аст, ки нобаҳангом меояд ва сохтмони регии "кӯдакон" (образи одамоне, ки ба ҳақиқату доимияти ахлоқу маънавият бовар кардаанд)-ро дар соҳил мешӯяд. Ба ҷои хайрҳое, ки дигарон таҳмил кардаанд, яъне арзишҳои ахлоқӣ ва маънавие, ки бояд парастида шаванд, Нитше хайрҳои даҳгонаро пешниҳод мекунад, ки барои рушди инсон ба самти Абаринсон мусоидат мекунанд. Ин хайрҳо чунинанд: 1) хоби шабро ҳаром накардан ва барои ин зарур аст тамоми рӯз бедор будан; 2) дар давоми рӯз 10 бор худро сипарӣ кардан; 3) 10 бор бо худ сулҳ бастан; 4) дар давоми рӯз 10 ҳақиқатро барои худ пайдо кардан, то бо шиками гурусна шаб хоб нарафтан; 5) рӯзона 10 бор хандидан.

*Зиндагии онсӯӣ (ухравӣ) ва бознигарии ҷисм ва нафс*

Дар ин замина, яке аз муҳимтарин ҳолатҳое, ки бознигарии арзишҳоро имконпазир месозад ва дилбастагии инсонро аз онҳо дур мекунад, ҳолати шудан аст. "Ман хеле зуд иваз мешавам: имрӯзи ман дирӯзи маро инкор мекунад." Барои инсоне, ки дар ҳолати *шудан* ва ба сӯйи Абаринсон аст, аз ин рӯ, зиндагии онсӯӣ, зиндагии пас аз марг, ки дар эътиқоди динӣ чун охират ва ё зиндагии ухравӣ номида мешавад, маъно надорад. Балки зиндагии онсӯӣ натиҷаи дарду нотавонӣ ва хастагии инсон аст. Хастагӣ маргро қабул мекунад, худоҳо ва охиратро дар тасаввур меофарад, то ки аз ҷаҳду талош ва хостан дар ин ҷаҳон даст кашад. Як намуди хостан ва иродаи қудрат, ки барои бознигарии арзишҳо зарур аст, шубҳа мебошад. Барои ҳамин, барои худогунаҳо шубҳа гуноҳ аст. Гарчанде худи онҳо ба Онсӯӣ бовар надоранд, балки ба ҷисми худ чун чиз-дар-худ менигаранд. Ин ҷо Нитше на фақат рӯҳониён, балки файласуфони метафизике чун Кантро низ дар назар дорад. Онҳо аз мардум талаб мекунанд, ки ба рӯҳ бовар дошта бошанд, вале худашон бештар ба ҷисм пойбанд ва мутмаин ҳастанд. Нитше онҳоро *мубаллиғони марг* меномад. Онҳо ба ҳастии рӯҳоние бо номи "хиради ноб"

бовар кардаанд, ки дар асл вуҷуд надорад ва бар ивази ин хаёл ҷисму нафсро ҳам инкор кардаанд. Ҷисм хиради бузург аст. Дар муқоиса ба ҷисм, рӯҳ хиради кӯчак аст ва афзори ҷисм мебошад. Ҳис ва Ақл низ афзорҳои Ҷисм мебошанд. Моҳияти Ман (Худӣ) дар Ҷисм нуҳуфтааст. Ҷисм ин Худ аст. Онҳое, ки Ҷисмро инкор мекунанд, ба Абармард намерасанд, чун Ҷисм пулест ба сӯи Абармард. Барои ҳамин, Нитше ғаризаҳо ва хоҳишҳои ваҳшии инсонро васф мекунад ва асоси ҳама хайрҳои инсонӣмедонад. Ҷангу рашк, ғазабу нафрат ва таъна низ зарур ҳастанд, то инсонро такмил диҳанд ва ба дараҷаи Абаринсон расонанд. Ин хоҳишҳои табиӣ заруранд, то ки Инсонро сипарӣ кунанд ва ба марҳилаи Абаринсон расонанд.Онҳое, ки бар зидди шаҳват мегӯянд, худашон беҳтарин лаззатро дар зан мебинанд. Аммо ман, мегӯяд Нитше, дар ин кор ҳеч лаззате намебинам ва аз ин рӯ, инкори нафс ҳам барои ман арзише нест.

### *Иродаи қудрат*

Бешубҳа, иродаи қудрат яке аз марказитарин консепсияҳои Фридрих Нитше мебошад, ки дар дигар асарҳояш, бахусус дар “Иродаи қудрат” муфассал баён гардидааст. Дар “Чунин гуфт Зардушт” бахши алоҳидае бо номи “Дар бораи азхудгузарӣ” ин консепсияро баён мекунад. Иродаи қудратро ӯ ҳадафи зиндагӣ ва аз ин рӯ, арзишмандтар аз зиндагӣ қарор медиҳад. Тибқи ин таълимот, ҳамаи мавҷудот, аз он ҷумла инсон дорои майлу хости табиӣ ва ё худ иродаи қудрат мебошад. Тамоми амалҳои инсони фаъол, аз он ҷумла зиндагии рӯзмарра, эҷодиёти ҳунарӣ, фаъолияти сиёсӣ ва рӯҳонии ӯ аз ҳамин ирода сарчашма мегиранд. Инсоне, ки фаъол нест, ҳатман дар зери таъсир ва иродаи инсонҳои қудратманд қарор мегирад.

Аз ин дидгоҳ, Нитше идеяи *баробари*ро рад мекунад. Чун аксарияти одамон завқи тӯдаӣ доранд ва иродаи қудрат ва майл ба сӯи Абаринсон надоранд, баробариро арзиши баланд меҳисобанд. Касе баробариро қабул надорад, ӯро девона меноманд ва ба парасторгоҳ мефиристанд. Ба назари Нитше, ба даст овардани баробарӣ на фақат ғайриимкон (романтикӣ) аст, балки инчунин зараровар ва монеа барои расидан ба ҳадаф, яъне Абаринсон низ мебошад. Ӯ дар бахши “Дар бораи тарантулҳо” онҳоеро, ки баробарии байни одамонро тарғибу ташвиқ мекунанд, ба тарантул ташбеҳ медиҳад. Зоҳиран, сабаби чунин

монандсозӣ таносуб (баробарӣ)-и байни торҳои анкабут мебошад, ки дар назар фиребанда, вале дар асл дом мебошанд. Онҳое, ки баробариро ташвиқ мекунанд, на дар фикри мардум ҳастанд, балки ин идеологияро чун дом, яъне роҳу усули нав барои ба қудрат расидан истифода мебаранд. Баробариро шиор қарор дода, овози мардумро мехаранд ва чун бо ҳимояи онҳо ба қудрат расиданд, дигар боз ба қудратмандони муқаррарие табдил меёбанд, ки нобаробариро бештар тақвият ва ҳимоят мекунанд. Агар ин гурӯҳи қудратталабон ҳам дар мақоми қудратмандони қадим (ҳукуматдорон ва рӯҳониён) мебуданд, ҳеч гоҳ идеяи баробарии иҷтимоӣ ба ёдашон намерасид. Барои образнок тасвир кардани робитаи байни ин ду гурӯҳ, файласуф мегӯяд, ки тарантулҳо тори худро одатан дар тоқи ибодатгоҳҳои рӯҳониён метананд. Ин як далелест, ки Нитше баробариро қабул надорад. Далели дигари напазируфтани баробарии байни одамонро ӯ ба таълимоти худ дар бораи Абаринсон марбут медонад, ки аслан як марҳилаи истисноӣ ва имтиёзнок барои баргузидаҳо мебошад. На ҳамаи одамон то ба ин марҳила рушд мекунанд ва аз ин рӯ, намешавад ҳадафи рушди баргузидаҳоро қурбони идеяи романтикӣ ва популистии баробарии байни одамон кард. Барои ҳамин, Нитше на фақат идеяи баробариро рад мекунад, балки нобаробарӣ ва ҳатто ҷангро барои расидан ба марҳилаи Абаринсон муҳим мешуморад.

Барои ифодаи мақсади худ дар мавриди арзишмандии *мубориза ва ҷанг*, Нитше образи ҷанговарро ба кор мебарад.Ҷанговар ду гуна аст – сарбоз ва солор. Сарбоз нафаре аст, ки барои ҳадаф ва ормони дигаре меҷангад ва худро вақф (қурбон) мекунад, аммо солор касест, ки барои худаш меҷангад. Ин ҷо саволе метавонад пайдо шавад, ки оё Нитше тарафдори ҷанг буд, чун дар асараш бахши алоҳидае бо номи “Дар бораи ҷанг ва ҷанговарон” дорад? Мегӯяд, ман ба кор не, ба ҷанг ва пирӯзӣ даъват мекунам. Аз ин рӯ, ҷавоби яксон ба ин савол ёфтан ғайриимкон аст. Дар ин бахш ӯ ошкоро ҷангро ба маънои рамзӣ истифода мебарад, яъне ҷанги фикрӣ. Солор касест, ки бо худ, яъне бо андешаи худ дар набард аст, бо арзишҳои худ ва умуман бо арзиши ҳамаи чизҳо мубориза мебарад ва онҳоро иваз мекунад. Нитше ба мубориза барои иваз кардани арзиши ҳамаи чизҳо даъват мекунад. Аммо дар дигар мавридҳо ва бахусус дар баъзе осори Нитше чунин яксонии андеша

дида намешавад. Баъзан эҳсос мешавад, ки ӯ тарафдори таълимоти эволютсионизм аст, ки хатти инкишофи инсониро бидуни зиддияту ҷанг тасаввурнопазир мешуморад. Дар худи ҳамин бахши асар мегӯяд, ки аз ишқу меҳрубонӣ ба наздикон дида, бо ҷангу мардонагӣ бештар корҳои бузург анҷом ёфтаанд. Аммо дар охири бахш боз ҳам ба натиҷа мерасем, ки Нитше на ҷангу хунрезии байни одамонро тарғиб мекунад, балки ҷангеро дар назар дорад, ки инсон бо худ мекунад, чун дар натиҷаи он бояд ӯ сипарӣ шавад ва ба Абаринсон табдил ёбад. Образи ҷанговар ба ҳамин хотир аст, ки барои ҳадафи баландтар зиндагии худро кӯтоҳ мекунад, аммо на сарбозе, ки ба хотири ҳадафҳои дигарон қурбон мешавад.

Касе, ки ирода надорад, дар образи сарбоз ифода гардидааст ва он дар назди қудратмандон сари итоат фуруд овардааст. Ин қудратмандон худро дар ҳар шакле зоҳир ва аз номи дину давлат иродаи худро таҳмил мекунанд. Аз он ҷумла *калисо* (тарзи идораи сиёсӣ аз тарафи рӯҳониён ва пешвоёни динӣ) идораи осони мардумро таъмин мекунад, чун он арзиши аз тарафи умум қабулшуда мебошад. Ҳатто муборизтарин ва оташинтарин шахс ҳам аз назди рӯҳониён шамшерашро поён карда мегузарад. Яъне дар пеши иродаи онҳо таслим аст, гарчанде бо андешаи онҳо дар ҷанг ҳам бошад. Калисое, ки онҳо сохтаанд, ғори мухташаме аст, ки дар он на фақат паноҳ мебаранд, балки дигаронро дар зери идораи худ мегиранд. Калисо ҳам як намуди давлат(дорӣ) мебошад, ки назар ба давлат (идораи сиёсии дунявӣ) дурӯятар ва мунофиқтар аст.

*Давлат* низ аз дигар арзишҳоест, ки бояд мавриди нақду баррасӣ ва бознигарӣ қарор гирад. Инро Нитше дар бахши “Дар бораи бути навин” арзёбӣ мекунад. Давлат худро чун Мардум, ирода ва хоҳиши ҳамагонӣ муаррифӣ мекунад, ки дурӯғи маҳз аст. Балки он ифодагари қудрат ва хоҳишҳои гурӯҳи маҳдуд аст, ки ба ин восита ба ҳамагон ҳукумат мекунанд. Асосгузорони он мубаллиғони марг ҳастанд. Давлат он вақте пайдо шуд, ки “одамони нодаркор”дар рӯи замин пур шуданд. Одамони нодаркор ҳамаи онҳое ҳастанд, ки ба қатори мубаллиғони марг (сиёсатмадорон ва рӯҳониён) дохил намешаванд, балки ба онҳо итоат мекунанд. Давлат барои хафа кардан, фардияти онҳоро аз байн бурдан ва ба як тӯдаи беҳису идорапазир табдил додани онҳо хизмат мекунад. Давлат изни Худо дар рӯи замин аст ва

вазифаҳои онро иҷро мекунад. Вазифаи асосии он аз байн бурдани фардияти инсон ва худкушии тадриҷиро ҳамчун зиндагӣ номидан аст. Давлат дуздии ҳунари дигаронро барои онҳо чун “фарҳанг” муаррифӣ мекунад, якдигарро паст задану таҳқир карданро дар рӯзнома ва матбуоти даврӣ ба роҳ мемонад ва инро чун кори дурусту зарурии ҳаррӯза талқин мекунад. Давлат онҳоро ба сарватмандӣ ҳидоят мекунад ва хаёле ба сари онҳо меандозад, ки гӯё хушбахтӣ ва қудрат дар сарват аст. Давлат хушбахтии ниҳоиро дар тоҷи шоҳӣ талаққӣ медиҳад ва аз ин рӯ, ҳаёти бисёриҳоро дар ин роҳ барҳадар медиҳад. Роҳи ягонаи наҷот аз ин бути нав танҳоӣ аст ва ҷо барои танҳоӣ дар Замин бисёр аст. Он ҷое, ки Давлат ҳаст, инсон нест ва пуле ҳам ба сӯи Абаринсон пайдо нест.

Ба ҷуз мубаллиғони марг (сиёсатмадорону рӯҳониён) ва одамони нодаркор (тобеони сиёсату дин), гурӯҳи дигари одамоне ҳастанд, ки *дурӯягӣ* шуғли онҳо аст. Инҳо, пеш аз ҳама, ҳакимон, олимон ва шоирон мебошанд. *Ҳакимоне*, ки даъвои “маърифати ноб” (чунончи, Кант) мекунанд, дурӯя ҳастанд, чун дар зоҳир худро ба Замин (зиндагии моддӣ) беалоқа нишон медиҳанд, вале дар ботини худ бадтар аз ҳамаи лаззатпарастон ҳастанд. Нитше онҳоро ба моҳ, гурба ва марде ташбеҳ медиҳад, ки пинҳонӣ ба суроғи хоҳишҳои нафсонии худ мебароянд. Бо таълимоти худ онҳо аксарияти омро тобеи иродаи қудрати мубаллиғони марг мекунанд. Гурӯҳи дигари ҳакимон онҳое мебошанд, ки арзишҳо ва хурофоти мардумро ҳимоят ва нигоҳдорӣ мекунанд. Дигар гурӯҳе, ки худ аз мубаллиғони марг итоат мекунанд ва дониши онҳо низ барои қудратмандтар шудани мубаллиғон истифода мешавад, *олимон* мебошанд. Қудратмандон дастовардҳои олимонро ба манфиати худ истифода мебаранд, чун олимон худашон иродаи қудрат надоранд. Онҳо мисли соат ҳастанд, ки қудратмандон онро пур мекунанд, то ба манфиати онҳо кор кунанд. Олимон осиёберо мемонанд, ки қудратмандон ба он орди худро мерезанд ва аз он ҳосил мегиранд. Ба ин гурӯҳи хизматгорони марг *шоирон* низ дохил мешаванд, ки аз ҳама бештар дурӯғ мегӯянд ва бутҳои гузаштаро васфу тараннум мекунанд. Нитше мегӯяд, мехостам аз дарёи онҳо моҳии хуберо ба даст орам, вале ҳамеша косахонаи сари як худои қадим ба

шастам меафтод. Онҳо ҳамеша дар пайи шуҳрату ном ҳастанд ва аз ин рӯ, ба мухлисони мирандаи худ ниёз доранд.

Дар ҳама сурат, *мардум* восита ва захираи асосие мебошад, ки сиёсатмадорону рӯҳониён иродаи қудрати худро месанҷанд ва татбиқ мекунанд. Аз ин рӯ, барои Нитше мардум арзиши дигаре аст, ки бояд инсон дар роҳи худ сипарӣ кунад. Дар ин маврид, Нитше образи магасро истифода мебарад ва онро ба онҳое баробар медонад, ки аз байни мардум ва издиҳом баромадан намехоҳанд ва танҳоиро қабул надоранд. Масали "бозор" ин ҳамон мардум аст, ки арзишҳои мурда ва гузаштаро ҳимоя мекунад ва инсонро дар мақоми магас қарор медиҳад. Инсон бояд аз бозор дурӣ ҷӯяд, то дар мақоми магас ва гӯркан қарор нагирад.

Дигар арзишҳои иҷтимоие, ки Нитше бознигарӣ мекунад, *дӯстӣ, меҳр ба наздикон, оиладорӣ, зан* ва монанди инҳо мебошад. Нитше дӯстиро аз нуқтаи назари танҳоӣ ва дарвешӣ арзишгузорӣ мекунад. Барои дарвеш танҳоӣ қаринӣ ва суҳбати ду нафар аст, аз ин рӯ, дӯст барояш шахси сеюм аст. Ин сеюм суҳбати он ду нафарро халал мерасонад. Ёди дӯст хиёнат ба худ аст. Дӯсти беҳтарин он аст, ки душмани беҳтарин ҳам бошад, то ки инсон тавонад дар муқобили ӯ худро такмил диҳад. Ҳамин гуна, ҳузури дӯст бояд ба Абаринсон таҳаввул ёфтани Инсонро мусоидат кунад, на дар меҳрубонӣ ва ҳамдардию пуштибонии ӯ паноҳ бурданро. Аммо ҳолати идеалӣ инсоне дорад, ки ба ғуломӣ хӯ накардааст, дӯст буда наметавонад ва инсоне, ки тамомиёру худком набошад, дӯст дошта наметавонад.Аммо Нитше пурра аз дӯстон даст намекашад, балки ба хотири он аз онҳо дур мешавад, ки онҳо ба худ баргарданд ва танҳо баъди ин боз ба назди онҳо бозмеояд. Ҳамин гуна, меҳр ба наздиконҳам гурез аз худ аст, чун онҳо дигароне мебошанд, ки инсон дар қаробат бо онҳо аз мушкилоти худ дурӣ ва паноҳ меҷӯяд. Ин гуна меҳрро Нитше "ғаразн пинҳон" меномад. Инсон бояд на наздикони худ, балки дури худро, ки Абаринсон аст, дӯст дорад ва барои расидан ба он бикӯшад.Касе, ки ҳанӯз ба марҳилаи Абаринсон нарасидааст ва дар ин роҳ нест, ӯ дар хонадорӣ, кӯдакдорӣ ва ишқварзӣ паноҳ меҷӯяд. Бояд инсон на пойбанди никоҳу хонавода, балки алоқаманди Абаринсон бошад. Зан низ арзише аст, ки бояд бознигарӣ шавад. Зан аз ҳама ҷиҳат муаммо аст ва ин муаммо як ҷавоб дорад, ки бордорӣ номида мешавад.

Аз ин дидгоҳ, мард барои ӯ восита аст. Мард бояд барои ҷанг омодагӣ бигирад ва зан барояш василаи рифоҳу дамгирӣ бошад, на василаи бордоршавии зан. Вагарна он мардро ба бозича табдил медиҳад ва аз худаш бегона мекунад. Барои ҳамин, Нитше мегӯяд:Вақте ба зан наздик мешавӣ, тозиёнаро фаромӯш накун. Манзури Нитше аз он иборат аст, ки зан мафтункунанда аст ва инсонро дар як мақом нигоҳ медорад, аз ин рӯ, ба ҷуз алоқаи ҷинсӣ бо ӯ набояд дигар робита дошт.

Бо раҳо кардани ин банду қайдҳо *озодӣ* муҳим мегардад, аммо дар муқоиса ба ҳадаф, ки Абармард мебошад, озодӣ воситаи расидан ба ин ҳадаф мебошад. Аз ин рӯ, бознигарии ин арзишро Нитше муҳим мешуморад ва дар ин маврид, озодиро чунин таъриф медиҳад: Муҳим *Озодӣ аз чӣ?* нест, балки *Озодӣ барои чӣ?* аст. То он замоне ки инсон ба Озодӣ аз чӣ? арзиш мегузорад, ҳанӯз озод нашудааст ва билохира, худаш аз озодӣ даст мекашад. Озодӣ ва ё худ *танҳоӣ* фақат онгоҳе маъно пайдо мекунад, ки инсон ба сӯи худ равад, яъне худро сипарӣ карда, ба сӯи Абаринсон шудан раҳ паймояд. Дар ин роҳ ҳафт деви ботиние ҳаст, ки бояд онҳоро инсон пушти сар намояд: бидъаткор, ҷодугар, фолбин, аблаҳ, шаккок, гунаҳкор ва бадкор.

*Ҳамдардӣ ва дарди ҷовидонагӣ*

Нитше ҳамдардиро қабул надорад. Ба назари ӯ, ҳамдардӣ наметавонад на фақат бечораеро, ки ба ӯ даст дароз мекунӣ, аз бечорагию бенавоӣ наҷот диҳад, балки инсони тавоноро низ ба бенавоии ӯ шарик кунад. Ин ҷо саволепайдо мешавад, ки Нитше бечораю бенаво гуфта киро дар назар дорад: фақат бенавои фикрӣ, яъне онеро, ки ба арзишҳои дигарон худро мебахшад ва ё бенавоёни моддиро низ?Ӯ дар бахши “Дар бораи ҳамдардҳо” бештар кӯшиш мекунад, ҳолати психологии ҳамдардҳо – бенавоёнеро, ки ҳамдардӣ ва пуштибонии дигаронро қабул мекунанд ва тавоноҳоеро, ки ба бенавоён ҳамдардӣ ва пуштибонӣ мекунанд, баён кунад. Муҳимтарин нуктаи психологии ҳамдардиро Нитше дуруст дарёфтааст, ки бенавоён ҳам аз ҳамдардию пуштибонӣ наёфтан меранҷанд ва ҳам аз ҳамдардию пуштибонӣ ёфтан. Барои муассир кардани назари худ, Нитше мегӯяд, Худо низ аз ҳамдардии худдар нисбати мардум мурдааст. Аммо аз назари равоншиносии бехатарии вуҷудӣ, дар ҳақиқат инсон аз ҳар ду ҳолат меранҷад: ҳам аз ҳамдардию пуштибонӣ

(пуштибонии маънавӣ ва моддӣ) наёфтан ва ҳам аз ҳамдардию пуштибонӣ ёфтан. Чунки дар мавриди наёфтани ҳамдардию пуштибонӣ ӯ худро фаромӯшшуда, рондашуда ва нодаркор меҳисобад ва аз ин рӯ, эҳсоси хатар мекунад. Эҳсоси хатар ӯро водор мекунад, ки аз тавонмандон ранҷад ва дар онҳо душман бубинад, чун онҳо имкони аз хатар эмин кардани ӯро доранд, вале намекунанд. Дар ҳолати ҳамдардӣ ва пуштибонӣ ёфтан ҳам меранҷад, чунки эҳсоси пастию ҳақорат ва сархамию ночизӣ ва вобастагӣ ба тавонмандон пайдо мекунад. Боз ҳам тавонмандон ба душмани ӯ табдил меёбанд, ки ӯро вобаста ва мадюнихуд кардаанд. Аз ин рӯ, бо вуҷуди пуштибонии моддӣ ва маънавӣ ёфтан ҳам хатари вуҷудии ӯ рафъ намегардад. Агар дар мавриди якум хатари вуҷудии як марди камбағал хатари марги фарзандонаш аз гуруснагӣ буд, акнун хатари вуҷудии ӯ тарси хизматгорӣ ва ё сархамии якумрӣ дар назди тавонманд мебошад. Барои ҳамин, дар ҳар ду ҳолат бенаво меранҷад ва нороҳат мешавад. Аммо роҳи ҳалле, ки Нитше пешниҳод мекунад, вазъияти инсонро беҳтар не, балки бадтар мекунад. Роҳи ҳал ба вуҷуд овардани системаи адолати иҷтимоие мебошад, ки ниҳодҳои хоси давлатӣ аз тавонмандон дороии муайянеро бигиранд ва барои бенавоён коргоҳ созанд.

Нитше зиндагиро тараннум мекунад ва онро ба духтарҳо ва рақси онҳо шабоҳат медиҳад. Ӯ зидди марг аст, гарчанде онро ба тарзи худ шарҳ медиҳад. Дар тамоми асар ва хусусан “Дар бораи мубаллиғони марг” назари худро дар ин маврид баён мекунад. Пеш аз ҳама, ӯ зидди онҳое аст, ки зиндагии пас аз маргро қабул доранд ва ба мардум онро таблиғ мекунанд. Мубаллиғони марг онҳое ҳастанд, ки зиндагии фардиро инкор мекунанд ва таваллуди кӯдакро бадбахтӣ мешуморанд. Инсон набояд барои кадом-як зиндагии пасазмарг, ки вуҷуд надорад, балки барои зиндагии заминӣ талош кунад. Дар ин ҷо вижагии назари Нитше аз он иборат аст, ки мегӯяд, касе мурдан мехоҳад ва маргро тарғиб мекунад, бигузор бимирад. Бисёр олиҷаноб мешуд, агар “зиндагии абадӣ” ҳамаи онҳоро ба дом афтонад ва шумораи онҳоро дар рӯи замин кам кунад, мегӯяд ӯ. Мафҳуми “зиндагии абадӣ”-роНитше ба маънои динии он истифода кардааст, ки тибқи он дар Замин ба даст овардани ҷовидонагӣ барои инсон ғайриимкон аст ва фақат дар Онсӯӣ (охират) мумкин мегардад.

Нитше ҳар дуро инкор мекунад, аз он ҷумла зиндагии абадиро дар замин, чун Инсон худаш сипаришаванда ва ба Абаринсон табдилёбанда аст. Оё Нитше барои Абаринсон зиндагии абадӣ мехоҳад, аллакай дигар масъала аст. Ҳадафи ниҳоӣ аз зиндагии заминӣ худи Инсон нест, балки Абармард аст. Яъне инсон бо гузаштанҳо ва сипарӣ карданҳои худ ба Абармард табдил ёбад. Дар мавриди инсон ва бахусус онҳое, ки заифу нотавон ҳастанд ва иродаи қудрат ва майли Абаринсон шудан надоранд, набояд ҳамдардӣ кард. Балки инсон пул ва ё доре аст, ки бояд пушти сар шавад, бимирад, то ки ҳадаф, яъне Абаринсон ба даст ояд. Ба назари ӯ, фақат марги Инсон метавонад моро ба марҳилаи бартари Абаринсон бирасонад. Дар кул, Нитше марги инсонро қабул дорад, на фақат ба он хотир ки он марҳилаи гузариш ба Абаринсон аст, балки инчунин ба худии худ. Аммо инсон бояд на бармаҳал ва на бо таъхир, балки бо "марги озод" ва ё худ "дар вақти худ" бимирад. Ин гуна маргро Нитше инчунин "марги комил" меномад.

Ин ҷо баррасии таълимоти фалсафии Нитшеро дар "Чунин гуфт Зардушт" хотима медиҳем ва ба нақди он намепардозем, чун мавзӯи дигар аст. Фалсафаи Нитшеро аз дидгоҳи *назарияи бехатарии вуҷудӣ* дар мавридҳои дигар нақду баррасӣ кардаем, ки хонандагон метавонанд муроҷиат кунанд. Ҳамчунин, Николай Фёдоров (1828-1903) дар "Фалсафаи кори ҳамагонӣ" фалсафаи Нитшеро аз нуқтаи назари бемаргӣ ва ҷовидонагии инсон баррасӣ мекунад, ки хеле ҷолиб барои омӯзишҳои минбаъда аст.

14 феврали соли 2017<br>Олмон



*Мирзоёров Фирдавс* / *номзади илмҳои филология*

# ЖАНРҲОИ НУТҚ ДАР ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ МОДАРӢ

Мафҳуми «жанрҳои нутқ» дар низоми таълим, аслан чизи нав нест. Дар таълими забони модарӣ ва махсусан, дар таълими маҳорати суханварӣ (риторика) кайҳост, ки ин мафҳумро истифода мебаранд. Мо бо мафҳуми «жанр» дар илми адабиётшиносӣ шинос ҳастем ва шояд барои баъзеҳо истифодаи ин калима дар дарси забон ва боз дар шакли «жанрҳои нутқ» нофаҳмо бошад.

Олимони забоншинос кӯшиш намуда истодаанд, ки матнҳоро ба навъҳои мухталиф ҷудо намуда «аломатҳои жанрофар»-и онҳоро нишон диҳанд. Ин вазифаи мушкил аст, зеро нутқ тағйироти муҳити атрофи моро инъикос мекунад. Дар пеши чашмамон жанрҳои нав ба вуҷуд меоянд. Масалан, корнома (резюме) барои ба кор қабул шудан айни замон дар муносибатҳои корӣ зиёд истифода мешавад. Жанрҳои кӯҳна таҷдид мешаванд ва таҳқиқи онҳо бештар шуда истодаст. Таркиби онҳо (масалан, хабар бо унсурҳои гузориш, очерк бо лаҳзаҳои мусоҳиба) тағйир меёбад.

Чунонки маълум аст бори аввал донишманди Шӯравӣ М.М.Бахтин жанрҳои адабиёти бадеиро аз жанрҳои дар ҳаёт истифодашаванда ҷудо намуд. Махсусан, ӯ ба он таваҷҷуҳ намуд, ки «ҳатто дар суҳбати озод ва ғайриқолабӣ мо нутқамонро дар шакли муайяни қолабҳои жанрӣ ҷой медиҳем».

Ба жанрҳои нутқ мо бояд ҳам луқмаҳои муколамаи маишӣ, ҳикояҳои маишӣ, ҳам амри кӯтоҳи стандартии ҳарбӣ, ҳам фармони муфассал, ҳам қолаби ҳуҷҷатҳои корӣ ва баромадҳои мухталифи публисистиро дохил намоем. Лозим аст, ки ба ин гурӯҳ шаклҳои мухталифи баромадҳои илмиро низ ворид созем.

М.М. Бахтин, инчунин жанрҳои нутқро ба навъҳои «нисбатан устувор, мавзӯӣ, таркибӣ ва услубии баён» ҷудо мекунад. Ба

ибораи дигар, жанри нутқӣ ин шаклҳои гуногуни матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ мебошад, ки дар соҳаҳои мухталифи муошират вуҷуд доранд, аз ҷониби гӯяндагон ва нависандагон тавассути воситаҳои забонии онҳо шинохта мешаванд.

Назарияи маъмули қабулгардидае вуҷуд дорад, ки жанрҳои нутқи бавуҷудоянда бевосита бо ҳодисаҳои мушаххас, ҳолатҳое, ки дар зиндагии мо вомехӯранд, алоқаманданд. Масалан, дар гурӯҳи ношинос жанри «шиносоӣ»-ро татбиқ менамоем; барои он бо асбоби нав кор карданро омӯзем- «дастурамал» лозим аст. Албатта, шиносоӣ вобаста ба ҳолатҳо гуногун шуда метавонад. Шабоҳатан, дастурамал барои шахси калонсол ва кӯдак, шунавандаи омодакардашуда ва омодашуда якхела садо намедиҳад ва монанди ин.

Аз мисолҳои овардашуда маълум мешавад, ки интихоб ва татбиқи мушаххаси ҳолати ба он мувофиқи жанри нутқ натанҳо вазифаҳои комунникативиро инчунин «образи муаллиф» ва «образи адресат»-ро (ба истилоҳи Т.В.Шмелев) муайян менамояд.

Барои муносибати муваффақ чунин унсурҳои ҳолати нутқ, аз қабили: иртибот дар куҷо ба вуқуъ меояд, кай (аз ҷумла он чи қадар метавонад идома ёбад?) ва он чигуна ба вуқуъ меояд? Муҳим аст. Масалан, оҳанги омирона хоси жанрҳои фармон ва талабот буда, жанри ариза бо оҳанги хоҳиш доштанаш фарқ мекунад. Мисоли овардашуда маънои ҳамон унсурро ҳамчун воситаи забонии ба сифати муайянкунандаи жанри аломат баромадкунанда, нишон медиҳад.

Вақти муомила низ ба жанри аз ҷониби муаллиф овардашаванда таъсир мерасонад. Масалан, вақте ки ба баромадкунанда дар конференсия 5 дақиқа ҷудо карда мешавад мо яқинан жанри иттилоотии хабариро мешунавем. Агар барои суханронӣ 15 ё 20 дақиқа ҷудо шуда бошад дар ин ҳолат жанри маърӯзаро мешунавем. Вақте ки иштирокчиёни конференсия дар суҳбатҳои ғайрирасмӣ табодули иттилоот мекунанд, ин иртибот дар жанри суҳбати илмӣ, дар шакли муколама ҷараён мегирад. Ҳамин тариқ ба инобат гирифтани ҳамаи унсурҳои ҳолатҳои нутқ барои интихоб ва татбиқи воқеии жанрҳои нутқ кӯмак мерасонад ва муносибатро бамаврид ва бобарор месозад. Барои равшантар шудани матлаб овардани маълумот дар хусуси баъзе жанрҳоро муҳим ва зарурӣ меҳисобем.

**ХАБАР.** Муҳаққиқони соҳаи журналистика онро яке аз жанрҳои хеле маъмули публитсистӣ арзёбӣ мекунанд. Муҳимтарин хусусияти он ҷавоб гуфтан ба саволҳои чӣ ҳодиса рӯй дод? Кай рӯй дод? Дар куҷо рӯйдод (гоҳо чӣ натиҷа дод?). Хабар ҳамчун жанри публитсистӣ аз воқеаҳои рӯзмарра, характери иҷтимоидошта иборат аст. Аммо хабаре, ки барои хонандаи синфи панҷум пешниҳод мешавад, аз хабари журналист таҳиякарда чӣ фарқ ва бо он чӣ умумият дорад?

Хабаре, ки ба синфи панҷум пешниҳод карда мешавад, жанри шифоҳӣ аст.

**ТАБРИКНОМА**. Забоншиносии муосир бо дар маркази диққат қарор додани «инсони сухангӯ», забони ӯ, тафаккур, фарҳанг, коммуникатсияи нутқи дарбаргирандаи рафтори суханварӣ ва ғайра ба таври назаррас доираи тадқиқотиашро васеъ намуд.

Ба вазъи суханронӣ дар жанри табрикнома ва таманниёт чунин ҳолатҳое, ки хислати ҷавобӣ ба ҳодисаҳои ҳаёти воқеӣ (ид фаро расид, комёбиҳо ба даст омаданд) мебошанд, яъне маълумотҳои амалиёти нутқӣ ҳодисаҳои гузаштаро инъикос мекунанд ва ҳамзамон онҳо ба комёбиҳо дар зиндагии оянда равона гардидаанд. Дар матни табрикнома самимият ба назар мерасад. Ҳамсуҳбатро табрик намудан ин маънои ба ӯ таваҷҷуҳ доштан ва кайфияти ӯро баланд бардоштан аст.

Табрикнома бештар хислати навишторӣ дорад ва нисбат ба калимаи таманниёт мутантан аст. Одатан дар забони тоҷикӣ таманниёт пас аз табрикот зикр карда мешавад: Шуморо бо фарорасии соли нави таҳсил табрик менамоям! Дар таҳсил ба Шумо комёбиҳо таманно дорам!

Таманниёт стандартӣ, умумӣ ва инфиродӣ мешаванд. Таманниёти умумӣ дар ифодаҳои: Хушбахтӣ (барори кор, саломатӣ, комёбӣ) мехоҳам! Ҳамаи хушиҳо (ҳамаи некиҳо, бартириҳо)-ро таманно дорам!

Таманниёти инфиродӣ бо кӯмаки ишорати мушаххас ба таманиёти хосташаванда амалӣ карда мешавад: Таманно дорам, ки имтиҳонро супорӣ (нағз истироҳат намоӣ, зудтар шифо ёбед, иштиҳои таом, роҳи сафед)!

**ЭЪЛОН**. Эълон ҳуҷҷатест, ки дар бораи рӯйдоде ё иқдомоте пешакӣ хабар медиҳад. Ин ҳуҷҷат аз ҷузъҳои зерин иборат аст:

1.Номи ҳуҷҷат

2.Маҳалли баргузории чорабинӣ
3.Санаи рӯз ва вақти баргузории чорабинӣ
4.Мазмуни чорабинӣ
5.Созмондиҳандаи чорабинӣ

**ЭЪЛОНҲОИ КӮЧАГӢ**. Яке аз навъҳои маъмули эълонҳо мебошад. Матни эълонҳои кӯчагӣ дарбаргирандаи нутқи воқеии ҳаёти рӯзмарраи шаҳрвандон, «ҳудуд», ҳолатҳои ҳодисавии инъикосгари «афроди алоҳида» ва равандҳои бавуқӯъ пайвастаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошанд. Эълонҳои кӯчагӣ як навъи «нутқи лаҳзавӣ» дар ҳодисаи мушаххас мебошанд. Ин навъи эълонҳо робитаи иҷтимоии шаҳрвандонро тафсеа дода муносиботи байнифардиро инъикос мекунанд. Аз махсусиятҳои эълони кӯчагӣ шакли иҷроиш, муҳтаво, ҷойи густаришашонро зикр намудан зарар аст.

Эълонҳои кӯчагӣ қисмати муҳими коммуникатсияи шаҳр мебошанд. Муаллифи эълони кӯчагӣ ҳам шахси алоҳида ва ҳам ташкилот, корхона ва муассиса шуда метавонад. Вобаста ба ин аломат (хислати эълондиҳанда) дар миёни эълонҳои зиёд ду гурӯҳро ҷудо кардан мумкин аст:

1) эълонҳои кӯчагии хислати фардидошта («маҳрамона»;

2) эълонҳои кӯчагии хислати иттилоотӣ-таблиғотӣ дошта (оммавӣ)

Адресанти эълонҳои гурӯҳи якум- ашхоси мушаххас ба шаҳрвандон бо хоҳиши кӯмак ё пешниҳоди хизматрасониҳои худ муроҷиат мекунад. Масалан: аз шахси ҳамёни дар дохилаш ҳуҷҷатҳо доштаро пайдо намуда, ҳоҳиш карда мешавад, ки бо телефонии +992904464544 ба ивази тӯҳфа занг занад.

Эълонҳои кӯчагии гурӯҳи дуюм тавасути матни таблиғотиашон мардумро ҷалб мекунанд. Чун қоида муаллифи ин гуна эълонҳо корхонаҳои хусусӣ, созмон ё ширкат буда хизматрасониҳои худро пешниҳод мекунанд, дар хусуси ворридоти моли нав хабар медиҳанд, фаъолияти мағозаи навро эълон менамоянд.

Таснифоти мавзӯии эълонҳои кӯчагӣ ба тарзи зерин аст:
1.Маҳсулоти хӯрокворӣ:

а) гӯшт, маҳсулоти гӯштӣ (гӯшт, рони мурғ, ҳасиб, навъҳои мурғ); баққолӣ (чой, қанд, орд, маҳсулоти макаронӣ, ярма, асал; в) нӯшокиҳо (пиво, арақ, май, оби маъданӣ, афшурда, обҳои газнок); г) маҳсулоти ширӣ (шир, яхмос).

2.Қисмҳои эҳтиётии автомобил (рӯйкаши курсиҳо, обкаши трактор, шишаи пеш барои мотосикл).

3.Техникаи маишӣ, воситаҳои иртибот (компютерҳо, пейҷерҳо, телефонҳои мобилӣ, мошинаҳои ҷомашӯӣ ва дарздӯзӣ, мавҷгирҳо, телевизорҳо, яхдонҳо).

4.Ҳайвонот ва растанӣ (аквариумҳо, калламушҳо, мири мушон, гурба, сагҳо).

5.Асбобҳои беҳдоштӣ, косметика, тиб (кремҳо, атриёт).

6.Мебел (гардероб, гарнитур, рахти хоб, мизи компютерӣ, мизҳои корӣ).

7.Либос (палто, куртка, кулоҳҳо, пойафзол).

8.Амволи ғайриманқул (хона, утоқ, қитъаи замон, сарой).

9.Сантехника (қубурҳо, шлангҳо).

10.Мусиқӣ (гитара, синтезатор).

11.Боғ ва полиз (замин, пору).

12.Кор (машғулият, меҳнат, тиҷорат).

13.Маблағҳо (пул, даромад, фоизҳо, қарз, маош).

14.Раванд, номгӯи амалҳо-хизматрасонӣ (фолбинӣ, иваз намудан, фурӯш, таъмир, рангубор, боркашонӣ).

15.Касбу кор (номгӯи ихтисосҳо аз рӯй машғулият) (дуредгар, табиб, муаллим, электрик).

16.Ҳодисаҳои зиндагии иҷтимоӣ (гирдиҳамоӣ, ҷамъомад, шанбегӣ, вохӯрӣ).

17.Таъмир ва сохтмон (вагон, плинтус, мех).

18.Техникаи маишӣ, воситаҳои алоқа (телефонии мобилӣ, мошинаи ҷомашӯӣ, принтер, мавҷгири телевизионӣ).

Ҳар гурӯҳи молҳои зикршуда махсусияти худро соҳиб аст. Масалан, эълони кӯчагӣ дар хусуси фурӯш, аз ҷумла хона ҳатман дар хусуси макони истиқомат, мавқеи ҷойгиршавӣ, шароит телефон, пешайвон ва дигар маълумотҳоро фарогир аст.

**ЛАТИФА.** Латифа жанри ҳаҷвие мебошад, ки аз қадим миёни мардуми тоҷик мавқеъ дорад. Дар асри миёна ҳам дар байни халқ ба таври шифоҳӣ ва дар адабиёт ба таври хаттӣ эҷод карда шудааст. Намунаи барҷастаи он «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-

ул-ривоёт» - Муҳаммад Авфӣ (асри XIII) ва «Латоиф-ут-тавоиф»-и Мавлона Фахриддин Алии Сафӣ (асри XIV) мебошад.

Хусусияти жанрии латифа дар он аст, ки нақли воқеии асосӣ зуд сар шуда, зуд ба қулла мерасад ва дар он раванди ба қулла расидан ханда ба вуҷуд меояд ва ҳамин ки воқеа авҷ гирифта ба қулла расид, таркиш (хандаи баланд) рӯй медиҳад. Мақсад ҳосил мешавад ва бо ҳамин латифа ҳам ба итмом мерасад. Ҳамаи ин раванд бо суръат рӯй медиҳад.

Ин ҳама дар нақли кӯтоҳ ифода шуда, хусусияти жанрии латифаро ҳамчун ҳаҷви халқӣ баён менамояд. Аз ҳамин ҷиҳат латифа бо ҳикоят шабоҳат мекунад, яъне латифа ба муъҷазнокии худ, сохтори хосаш, тезу суръатнок инкишоф ёфтани мазмуну мундариҷаи худ ҳамчун жанри хурди фолклор дар байни мардум серистеъмол, паҳнгашта ва дӯстдошта мебошад. Ҳам дар замони гузашта, ҳам дар замони ҳозира зуд-зуд аз даҳон ба даҳон гузаранда ва нав-нав эҷодшаванда мебошад

Латифа ҳамон жанре аст, ки бо сабаби хусусияти барҷастаи ҳаҷвӣ доштанаш ҳамеша дар ҳар ҷо аз забони мардум шунидан мумкин аст. Бинобар ин вайро жанри «фаъол» меҳисобанд. «Фаъолӣ»-и ин жанр боз дар он аст, ки бо роҳи хаттӣ ва даҳонӣ ба вуҷуд меояд ва латифаҳои эҷод кардаи мардумро рӯзномаю маҷаллаҳо нашр мекунад.

Муддате мегузарад, ҳамаи онҳо моли халқ мешаванд. Нашр намудани онҳо беҳтар аст нисбат ба он, ки нашр нашуда несту нобуд гарданд.

Латифа кайҳост, ки дар фарҳанги муносибот ҷойгоҳи худро пайдо намудааст. Айни замон на ягон рӯзнома, на ягон маҷалла, на ягон сайти интернетӣ бе ҷойгир намудани латифа дар саҳифаи хуб ба табъ намерасанд. Латифаҳоро ҳамчун иқтибос, барои нишон додани проблемаҳои иҷтимоӣ истифода мебаранд ва дар ниҳоят ба хотири хурсанд намудани ҳамсуҳбат, тағйир додани ҳолат, барқарор намудани муносибот бо шахси дигар, нақл мекунанд. Нақл намудани латифа аз дигар жанрҳои нутқ бо он фарқ дорад, ки шахси нақлкунанда (субъекти жанри нутқ) ҳеҷ вақт барои муаллифи матн шудан кӯшиш намекунад. Вақте инсон ҳазл мекунад, чунин ба назар мерасад, ки вай худаш ин ҳазлро фикр карда баровард. Нақл кардани ҳазли дигар кас офарида маънои онро надорад, ки худат ҳазл мекунӣ.

Дар забоншиносӣ латифа асосан аз нуқтаи назари жанр, навъ, таркиби забонӣ омӯхта мешавад. Аммо ҷанбаи коммуникатии он хеле кам таҳқиқ шудааст.

Латифа дар раванди коммуникатсияи инфиродӣ, яъне зимни муошироти ду ё якчанд инсонҳо дар маросими ғайрирасмӣ татбиқ карда мешавад. Асоси коммуникатсияи инфиродиро усулҳои мухталиф, ҳадафҳо ва вазифаи иштирокдорони он ташкил медиҳад. Ба сифати таҳрикдиҳандаи ин коммуникатсия метавонанд интиқол ва гирифтани иттилооти водорсозандаи шунаванда ба амал, нияти тағйири назари ӯ баромад кунанд.

Латифа ин фазои озодӣ ва кайфият аст ва ҳамзамон муайянкунанда ва таблиғсозандаи олам мебошад. Латифа яке аз падидаҳои дурахшони фарҳанги оммавӣ аст ва яке аз воситаҳои коммуникатсияи байнифардӣ мебошад. Он касе ки дар ҷойи зарурӣ маҳорати нақл намудани ҳадди ақал як латифаро надорад унс гирифтанаш бо одамон дар гурӯҳ мушкил аст. Латифаро нақл карда тавонистан ин маънои робита барқарор карда тавонистан бо ҳамсуҳбат мебошад. Вай инъикоси худи муносиботи мо, хоҳиш ва норасоиҳои зиндагии рӯзмарра ва гуногунрангии он мебошад.

<u>**НОМА**</u>. Дар робитаи миёни муассисаҳо, созмонҳо ва мақомоти гуногун номаҳои расмӣ нақши хеле муҳим доранд.

Номаҳои расмӣ аз лиҳози мазмун ва вазифа чанд навъ мешаванд: номаҳои ташаббусӣ, номаҳои ҷавобӣ, пайвастнома, бахшнома ва ҳоказо

Ҷузъҳои асосии номаҳои расмӣ:

1.Номи вазорат ё кумита
2.Номи муассиса (созмон)
3.Номи бахш ё шуъбаи муассиса (созмон)
4.Нишонӣ
5.Таърих
6.Шумора
7.Номи гирандаи санад
8.Матн
9.Ному насаби муаллифи нома
10.Имзо

<u>**НОМАИ КОРӢ**</u>- ин ҳуҷҷатест барои иртибот кардан, интиқоли иттилоот ба масофаи муайян миёни номанависон, ки метавонанд шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ бошанд.

Номаи корӣ алоқаи дуҷониба (reverse) миёни ирсолкунанда ва қабулкунандаро дар назар дорад, зеро беиртиботи тарафайн ягон санад муомилоти корӣ вуҷуд дошта наметавонад. Иртиботи корӣ дар шароитҳои муайяни иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки мақоми муомилакунандаҳор дар иҷтимоъ ва тиҷорат муайян мекунал, ба амал меояд. Дар навбати худ навъи номаи корӣ аз ин ҳолат вобаста мебошад.

Номаи корӣ масъулияти фардӣ дошта наметавонад, аммо барои ҷонибҳо бояд мушаххас ва фаҳмо бошад. Номаи корӣ ин воситаи таъсир расонидан ба адресате аст, ки натиҷаи ин таъсирро пешгӯӣ мекунад. Таснифоти муайяни номаҳои корӣ мавҷуд нест. Муҳаққиқ Стеблетсова ба сифати асоси таснифоти номаи корӣ меъёри «коммуникативӣ-прагматикӣ (зоҳирӣ)-и вазифаҳои нома» пешниҳод намуда ҳамаи номаҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо менамояд:

1.Нома, ки ҳадафи умумии коммуникативиаш хабар додан оид ба вазъи кор дар ҳолати воқеӣ мебошад. Ба ин гурӯҳ номаҳое вориданд, ки вазифаи коммуникативӣ-прагматикиашон хабаррасонӣ (номаи иттилоотӣ, номаи тасдиқӣ, номаи шаҳодатӣ, номаи ҳамроҳшаванда) мебошанд;

2.Нома, ки ҳадафи умумии коммуникативиаш хабар дар воқеъ тағйир додани ба вазъи кор мебошад. Ба ин гурӯҳ номаҳое вориданд, ки вазифаи коммуникативӣ-прагматикиашон водоркунӣ (номаи пурсиш, номаи дархост, номаи фармоиш) мебошанд;

3.Номаи дарбаргирандаи вазифаҳои коммуникативӣ-прагматикии иттилоотрасонӣ ва водоркунӣ (номаи огоҳӣ, номаи дархост, номаи тарғибӣ, номаи пешниҳот, номаи тавонгирӣ, номаи шикоят, нома бо дархости қабул ба кор);

4.Нома, ки ҳадафи умумии коммуникативиаш барқарор намудани мувофиқат миёни хабар ва вазъи кор дар ҳолати воқеӣ мебошад. Ба ин гурӯҳ номаҳое вориданд, ки вазифаи коммуникативӣ-прагматикиашон баён (нома дар хусуси таъин ба вазифа, нома дар хусуси ба нафақа баромадан, номаи аз кор озод шудан) мебошанд;

5.Нома, ки ҳадафи умумии коммуникативиаш ифодаи ҳолати эҳсосӣ-равонии муаллиф ба вазъи воқеӣ мебошад. Ба ин гурӯҳ номаҳое вориданд, ки вазифаи коммуникативӣ-прагматикиашон баёни оташини нутқ (номаи узрхоҳӣ, номаи сипосгузорӣ, номаи тасаллият) мебошанд;

6.Нома, ки ҳадафи умумии коммуникативиаш ифодаи муносибати муаллиф ба таъсири расида мебошад. Ба ин гурӯҳ номаҳое вориданд, ки вазифаи коммуникативӣ-прагматикиашон эътино кардан (номаи ризоият, номаи инкор) мебошанд;

П.В. Веселов инчунин таснифи гуногунҷанбаи номаҳои кориро меорад. Тибқи ин таснифот ҳамаи номаҳо ба намудҳои зерин ҷудо мешаванд:

1. Муқарраркунанда (номаи огоҳкунӣ, номаи тасдиқкунӣ, номаи огоҳӣ, хабарнома), ки ҷавобро талаб наменамоянд, аммо мақоми ҳуқуқӣ доранд.

2. Ҳамроҳ фиристодашаванда, ки маводи арзиши моддӣ дошта ё дигар ҳуҷҷатҳоро ҳамроҳӣ мекунанд, нақши ярлиқ ва баргчаспҳое, ки ба ҳуҷҷатҳои фиристодашаванда часпонида мешаванд ва далели фиристоданро сабт мекунанд.

Аз рӯйи аломати вазифавӣ номаҳо ба ҷавобталабкунанда ва ҷавоб талабнакунанда ҷудо мешавад. Аз рӯи ҷанбаи мундариҷавӣ онҳо метавонанд якҷанбавӣ (бо як ҳадаф, масалан, огоҳкунӣ, кафолатӣ) ва бисёрҷанба шаванд.

Аз рӯйи сохтор нома метавонад стандартӣ, яъне аз рӯйи қолаби муайян ва ғайристандартӣ, яъне ифодакунандаи бевоситаи ғайриодӣ будани ҳамон лаҳзаи истеҳсолӣ.

Ба назардошти махсусияти услуби номанигорӣ зимни омодасозии нома тавсия карда мешавад:

1.Моҳияти корро бо ҷумлаҳои содаи кӯтоҳ ифода намудан, кӯшиши истифода накардани иборахои сифати феълӣ ва феъли ҳол, аз истифодаи беохири «инчунин» даст кашидан, тартиби калимаро дар ҷумла риоя намудан;

2.Ибораҳои устувор нутқи хаттиро устифода намудан;

3.Истилоҳоти махсусро бо маънои умумиқабулгардидаашон истеъмол намудан ва танҳо дар ҳолате ки корбурди ин истилоҳ комилан зарур аст, калимаҳои куҳнашударо сарфи назар намудан, воҳидҳои нави коргузориро истифода кардан;

4.Моҳияти масъаларо бо оҳанги муътадил ифода кардан. Ба гирандаи нома ишора кардани он ки ӯ номаро бо диққат хонад даркор нест.

5.Лозим нест маҷбур кардани гирандаи мактуб барои ҳалли масъала бо истифодаи калимаҳои «фавран», «бетаъхир», «дар муддати кӯтоҳ» дар матни нома.

**НОМАҲОИ КУШОДА**. Ин навъ номаҳо аз давраҳои хеле қадим маъмуланд. Номаи Тансар намунаи қадимтарини ин навъи номаҳо аст ва аслан, қисмати талаб дар қасидаҳои мадҳӣ низ хусусияти номаи кушодаро дошт. Баъдан бо пайдо шудани матбуоти даврӣ номаҳои кушода боз ҳам маъмултар гардида, шакл ва мазмуни нав гирифтанд. Дар номаҳои кушода асосан ду навъи проблема – проблемаи аҳли ҷомеа ва проблемаи шахси ҷудогона ҳамчун намояндаи гуруҳи махсуси иҷтимоӣ ба миён гузошта мешавад. Номаи кушода садриддин Айнӣ ба Пӯлод Толис, ба забоншинос Додоҷон Тоҷиев, мактуби кушода А. Сатторзода ба шоир М. Қаноат хусусияти иҷтимоӣ – проблемаи аҳли ҷомеаро доранд. Силсилаи номаҳои кушодаи модари Ё. Салимов, номаҳои дӯстони ӯ ба президенти Тоҷикистон хусусияти номаҳои гуруҳҳои махсуси иҷтимоиро доранд.

**НОМАҲОИ ДӮСТОНА.** Мактубҳои дӯстон ба ҳамдигар то солҳои 2000-ум тавассути почта фиристода мешуданд, дар онҳо ҳолу аҳволи ҳамдигар пурсида мешуд, онҳо характери хусусӣ дошта, барои дигарон маълум нест.

**ПАЁМАК (SMS)-ҲО** – ин навъи номаҳои кӯтоҳ бо пайдо шудани телефонҳои мобилӣ маъмул гаштанд. Онҳо аз навъҳои дигари нома бо кӯтоҳи худ фарқ мекунанд, фиристонандаи онҳо фурсати сухани зиёд гуфтан надорад. Ҷумлаҳо кӯтоҳакак, калимаҳо дар шакли мухтасар ифода карда мешаванд. Дар ин навъи номаҳо аз аломатҳо низ истифода мекунанд. Имрӯз навъҳои хеле гуногуни робитаи интернетӣ маъмул мегардад. Паёмакҳоро махсусан тавассути онҳо мефиристанд. Барномазамимаҳои интернетии viber, Wots-app, imo, chi gap махсус барои ҳамин гуна иртибот пешниҳод шудаанд.

Ҳамин тариқ, номаи корӣ вазифаҳои бисёри муҳимеро иҷро мекунад. Вазифаи асосии нома ин иттилотрасонӣ аст.

**ЖАНРИ ТАСВИР**

Жанри тасвирро ба услуби публисистӣ ворид намудан мумкин аст. Аз рӯйи тарзи иншо ва истифодаи калимаҳо жанрҳои тасвир гуногунанд. Масалан, тасвири инсон метаванад сифатҳои зоҳирӣ ва ботиниро дар бар гирад. Чунин намуди тасвир бештар дар адабиёти бадеӣ ба назар мерасад. Хислати қаҳрамонҳо яклухтии портретро фарогир аст. Баъзе муаллифон барои нишон додани дунёи ботинии қаҳрамон тавассути тасвири зоҳирӣ ва баръакс ба воситаи амалҳои қаҳрамон хислати

берунаи онро тасаввур мекунем усулҳои махсус истифода мекунанд. Аммо тасвири инсон метавонад на танҳо дар адабиёти бадеӣ инчунин дар ахбори милитсия низ бошад. Ин тасвир нисбат ба тасвири адабӣ дигар хел аст. Барои ин гуна тасвир чорчӯбаи муайян аз қабили қаду қомати инсон, синну соли вай, ранги чашм ва муйи сар, нишонаҳои махсус муайян карда шудааст.

Тасвири ашё аз инсон фарқ дорад. Ин тасвир хусусиятҳои сифатӣ, андозавӣ, ранг, ҷойгиршавӣ дар фазоро соҳиб аст.

Дар адабиёти бадеӣ ашёҳо метавонанд хислати амиқ дошта бошанд. Агар тасвири ашё дар ҳуҷҷатҳо бошад дар ин ҳолат вай дар жанри расмӣ-коргузорӣ омода карда мешавад.

Зери мафҳуми пейзаж тасвири табиат, муҳити атроф фаҳмида мешавад. Мафҳуми «интерер»-ро дар доираи ҳуҷҷат бо истиқотгоҳро тасвир кардан, дарк намудан осонтар аст. Дар ҳуҷҷатҳои расмӣ тасвири пейзаж ин ҳисобот аст, масалан дар хусуси ҳаҷми замин, шумораи дарахтон.

Муаррифии маҳсулот одатан ин қисми маъракаи таблиғотӣ аст, замоне ки дар бозор моли нав пайдо мешавад ва истеҳсолкунандагону паҳнкунандагони он кӯшиш мекунанд харидоронро ошно намоянд. Чунин муаррифӣ тамоми маълумотро дар хусуси мол, сифат ва моҳияти он дар бар мегирад. Муаррифии мол хислати мусбӣ дошта барои харидории маҳсулот харидорро водор мекунад.

**Адабиёт:**


1. Бахтин М. М. Проблема речевых жанров// Эстетика словесного творчества. – М.: Искусство, 1979. С. 238.
2. Бахтин М. М. Ҳамон асар. С. 241-242.
3. Богин Г. И. Речевой жанр как средство индивидуации// Жанры речи. – Саратов, 1997. С. 18.
4. Ейгер Г. В., Юхт В. Л.К построению текстов// Лингвистика текста. – М.,1974. Қ. 1.
5. Холодович А. А.Типология речи//Историкотипологические исследования.
6. Шмелева Т.В. Модель речевого жанра//Жанры речи. – Саратов, 1997. С. 91–92.
7. Цицерон М.Т. Речи. – М.: Наука, 1993. Т. 1. С. 380. – М., 1977.



*Исомиддин Шарифзода* / *файласуф*

*Таҳиягар ва омодасоз*

# ТАЪРИХИ АНДЕШАИ ХУДОПАРАСТӢ АЗ НИГОҲИ ЯК РАВШАНФИКР[15]

## Муқаддима

Инсон организми ҳушманд ва пуёест, ки муваффақ шудааст бар кордорҳои шигифтангези табиат чира шуда, онҳоро дар хидмати худ даровардааст ва дар ин роҳ то он ҷо пешрафт карда, ки акнун дар остонаи мусофират бар соири сайёраҳои осмонӣ қарор гирифтааст. Аммо мутаассифона, пайваста қурбонии фиреб ва найранги ҳамнавъони худ ва васила бахрадиҳӣ ба онҳо шудааст. Бисёре аз нобоварони таърихи башар барои касби қудрат ва фармонбарӣ бар соири ҳамнавъони хеш бо неруи шамшер ва бо набардҳои ошкоро зиндагии худро дар хатар қарор дода, ё бо неруи физикӣ мувафақ шудаанд бар соири ҳарифони қудратталаби худ пирӯз шуда, онҳоро зери юғи худ даровардаанд ва ё дар ин роҳ ҷон бохтаанд. Вале бархе аз афроди башар барои касби қудрат ва ҳукмронӣ ба ҳамнавъони худ ба ихтирои пораи неруҳои метафизикӣ, хаёлӣ ва删мармузу шигифтовар, ки ба қавли худашон бар ҷаҳони ҳастӣ фармонравоӣ доранд, пардохта ва ба унвони ин ки неруҳои ёд шуда онҳоро баргузидаанд то раҳбарӣ ва иршоди афроди башарро бар уҳда бигирад. Бо фиребу найранг мағзҳои содаи афроди ҳамнавъи худро афсун ва тасхир карда, ба осонӣ ба онҳо фармонравоӣ намуданд.

Пайравони дини Ислом маъмулан боварҳои динии худро аз падару модар ба ирс мебаранд ва чун пайваста онҳоро дар чорчуби эҳсосоти худ нигоҳдорӣ мекунанд, ҳеҷ гоҳ иҷоза намедиҳанд нерӯи хираду донишашон боварҳои обшустаро

[15] Маводи мазкур дар асоси китоби: Масъуди Ансорӣ (дуктур Рӯшангар). Аллоҳу Акбар. Сан Франсиско, 1375ҳ. -375 с. таҳия гардидааст.

арзёбӣ кунад ва аз ин рӯ кӯркӯрона дар саросари умр нерӯи созандаи худро дар роҳи нигоҳдорӣ ва дифоъ аз эътиқодҳои динии меросии худ табоҳ месозанд.

***<u>Худо ва инсон</u>***

Ҳангоме ки мағз дар ҳаёти инсон бо андешаҳои ростин рушанӣ ва шукуфоӣ пайдо кард, дигар ба ақиб бар нахоҳад гашт.

Оливер Вендел Холмс 1809-1894)

<u>Назарияи дин ва мазҳаб фасли 1</u>.

Тамоми мазҳабҳо фаровардa ва дастпарвардаи афроди башар аст.

Наполеон Бонапарт.

Дар суннати Ҳелим 28.01.1817.

**Фасли 1.** Таърифи дин. Вожаи инглисии religion, ки аз решаи лотинӣ religio гирифта шуда, маънии тарсу ваҳшат ва ҳайбатро, ҳамроҳ ба эҳтироме ки инсон дар ҳузури як «шабаҳ» ва ё яке аз Худоён эҳсос мекунад, медиҳад. Соддатарин таърифе, ки аз дин шуда ин аст, ки дин иборат аз эътиқод ба мавҷудоти маънавӣ аст. Бархе аз файласуфон ва пажуҳишгарон, ки худ дорои гароишҳои мазҳабӣ будаанд динро як падидаи осмонӣ, ки аз сӯи Худо ба инсон ирсол ва ё илҳом шудааст, таъриф кардаанд. Ин таъриф наметавонад расо бошад, зеро гурӯҳе аз динҳои бузург ва ҷаҳонгир монанди буддоӣ, ҳиндуӣ ва конфусиусӣ худро динҳои заминӣ дониста, сухане аз вуҷуди Худову ваҳю илҳом ба василаи ӯ ба миён наовардаанд.

Таърифи дигаре ки аз дин кардаанд ин аст, ки дин иборат аз як решаи эътиқододе аст, ки инсон нисбат ба худоён дорад ва барои онҳо сиришти ахлоқӣ қоил аст. Бадеҳӣ аст, ки ин таъриф низ наметавонад барои дин ҷомеу комил бошад, зеро бештари адён ба робита байни инсону худоён, ашхобу шаётин беш аз ривоят ва корбурди усули ахлоқӣ байни афроди башар таваҷҷуҳ ва такя мекунад. Дуруст аст, ки бештаре аз пайравони адён истилоҳи «мазҳабӣ» буданро бо риояти усул ва мавозини ахлоқӣ яке медонанд, вале ҳақиқат он аст, ки бештари адёни рӯйи замин ба риояти усули мазҳабӣ беш аз корбурди арзишҳои ахлоқӣ таваҷҷуҳ кардаанд. Ин теория, яъне ақида бо усул ва мавозини мазҳабӣ ва бартарӣ додани онҳо нисбат ба арзишҳои ахлоқӣ дар фалсафаи ҳикмати илоҳӣ antinomianism номида мешавад.

**Фасли 2**. Сароғози пайдоиши дин ва мазҳаб. Мазҳаб навъи беморӣ ва кирдорест, ки аз роҳи падару модар ба фарзанди онҳо сироят мекунад.

Басе аз нависандагону пажуҳишгарон бовар доранд, ки дину мазҳаб зоидаи нодонӣ ва нотавонии афроди башар дар баробари нерӯҳои табиат будааст. Ин пажуҳишгарон бовар доранд, ки чун афроди башар тавони рубарӯ шудан ва пирӯзӣ ба нерӯҳои сангини табиатро дар худ намедиданд, аз ин рӯ дар садади сохтани ашбоҳу худоёне баромадаанд то ба онҳо паноҳ бибаранд ва аз онҳо дархост кунанд онҳоро дар баробари неруҳои тавонманди табиат ёрӣ ва кӯмак намоянд. Башар дар нахустин бешаҳои зиндагӣ бо кордорҳои ғайри қобили назорати табиат монанди тулӯъ ва ғуруби Хуршед, боду борон, сармову гармо, раъду барқ, оташфишонии вулқуноӣ аз кӯҳҳо, зилзила, беморию марг рӯ ба рӯ шуда, барои ҳифозати худ дар баробари онҳо дар садади ихтирои равишҳое баромадаанд, ки намунаи боризи онҳо пайдоиши дину мазҳаб ва офариниши Худоён будааст. Ҳамон гуна, ки башари пуё барои рафъи ниёзмандиҳои худ ба ихтироъу иктишоф даст задааст, ба ҳамон сон низ барои аз байн бурдани нигарониҳои фикрии худ дар баробари кордорҳои сангини табиат ба офариниши дину мазҳаб ва Худо пардохтааст. Бинобар ин барои ин гурӯҳ аз нависандагон мазҳаб кордоре ҳаст, ки инсон дар баробари сахтиҳои рӯзгор такягоҳи худ қарор медиҳад ва дар паноҳи он эҳсоси оромиш ва тавонмандӣ мекунад. Мафҳуми мухолифи ин назария он аст, ки ҳамчунон ки афроди башар мувафақ мешаванд нерӯҳои табиатро шиносоӣ карда, онҳоро дар хидмати худ дароваранд, ниёзи худро нисбат ба мазҳаб аз даст медиҳанд. Ба ҳамин муносибат аст, ки инсон по ба по дастрасӣ ба дониши бештар аз боварҳои хурофии мазҳабӣ дуртар мешаванд. Фирдавсӣ фармуда:

*Хирадманд к-ин достон бишнавад,*
*Ба дониш гарояд зи дин бигсалад.*

Файласуфони Юнони Қадим дину мазҳабро падидаҳое медонистанд, ки инсон ба василаи он халои нодониҳояшро аз табиат пур мекунад ва худро комилу тавонманд мебинад. Афлотун, Арасту, Гоббс, Руссо, мазҳабро як қарордоди лозиму

ҳаётӣ барои суботу қавоми давлатҳо донистаанд. Нитше мазҳабро падидае медонад, ки инсонро гипноз мекунад ва монанди ҳайвоне, ки зимистонро дар беҳушӣ ва ё гиёҳони минтақаҳои гарм, ки тобистонро дар ҳоли рукуд мегузаронанд, инсон низ барои худ мазҳабе гузиниш мекунад ва дар сояи он худро аз ҳассосиятҳои зиндагӣ озод ва умрашро дар беҳолию беҳушӣ ба сар мекунад.

Вилям Врандид равоншиноси шаҳири олмонӣ низ бовар дорад, ки решаи гароишҳои диниро бояд дар тарсу ваҳшати башар аз кордодҳои фарогири зиндагиаш ҷустуҷӯ намуд. Ба ақидаи ӯ оинҳо ва русуми динии инсонҳои давраҳои пешин ба ростии дархости меҳрубонӣ аз нерӯҳои мармуз ва ғайри қобили контроли табиат будааст. Равоншиноси дигаре бо номи Морт решаи андешаҳои диниро ношӣ аз эҳсосоту авотифи инсонҳои давраҳои пешин ва ба вижа тарсу ваҳшати онҳо аз кордодҳои сангини табиат донистааст. Гурӯҳи дигаре аз файласуфону донишмандон аз ҷумла Карл Маркс бовар дорад, ки мазҳабро афроди тавонманд ба вуҷуд овардаанд то ба василаи он бар тӯдаҳои бенаво ва маҳруми иҷтимои башар фармонравоӣ намоянд. Бархе дигар аз нависандагони рӯзгорони пешин, ки худ ба мазҳаб пойбанд будаанд, бовар доранд ҳамчунон, ки башар мароҳили рушду тавсияро мепаймуд, Худованд, мазҳаб ва усулу мавозини диниро илҳом кард, то дар зиндагии ӯ назму тартиби лозим ба вуҷуд ояд.

Дар садаи 19 мелодӣ ҳангоме ки улуми иҷтимоӣ дар ҳоли густаришу пешрафт буд донишмандони инсоншинос барои кашфи воқеии решаҳои пайдоиши дин ва мазҳаб ба теорияҳои биологии падидаи такомул, ки ба василаи Чарлз Дарвин навоварӣ шуда буд, рӯй оварданд.  Дарвин дар китоби Origin of species (усули анвоъ), ки дар соли 1859 мунташир кард, инсонро шакли такомулёфтаи яке аз анвои гуногуни маймунҳо дониста буд. Донишмандони инсоншиносе, ки дар бораи пайдоиши решаҳои дин пажӯҳиш мекарданд ба ин бовар расидаанд, ки теорияи биологии падидаи такомули Дарвин дар улуми иҷтимоӣ низ метавонад истифода шавад. Бар пояи ин бовар донишмандони инсоншинос барои кашфи пайдоиши мазҳаби нахустин, ки ҳанӯз бар чигунагии вуҷуди зеҳнӣ ва шуурии афроди башар хукумат мекард ба баррасии навиштаҳои

нависандагони бостон монанди Геродот пардохтаанд. Дар натиҷа баррасиҳо ва пажӯҳишҳое, ки донишмандони инсоншинос дар бораи кашфи решаҳои пайдоиши дину мазҳаб анҷом доданд ба назарияҳои зерин даст ёфтаанд.

***А) Назарияи шабаҳпарастӣ (апеtism).*** Эдуард Бенез Тейлор донишманди барҷастаи британиёӣ дар китобе соли 1871 зери унвони Primitive Culture (фарҳанги бадавӣ) таълиф кард, изҳор дошт, ки афроди бадавии башар қодир набуданд руёро аз падидаҳои ростини зиндагӣ тамиз диҳанд ва фикр мекарданд, ки ҳеҷ кас фотеҳ нахоҳад буд ба онҳое ки аз ин дунё рахт бармебананд ба вижа афроди барҷастаи иҷтимоъ ба гунаву шакли дигаре ба зиндагӣ идома медиҳад. Бар пояи назарияи Тейлор афроди бадавии башар бо мушоҳидаи шабаҳҳои мурдагон дар хоб ба ин бовар расиданд, ки рӯҳ ва ё шабаҳи афроде, ки мемиранд пас аз марги бадан ба зиндагӣ идома хоҳанд дод. Тейлор дар пажуҳишҳои худ дар бораи пайдоиши решаи мазҳаб ба ин натиҷа расид, ки афроди бадавии башар ақида доштанд, ки на танҳо афроди инсон балки ҳайвонот, дарахтҳо, сангҳо рӯдхонаҳо, чашмаҳо, кӯҳҳои оташфишон ва ҳатто ҳаво низ дорои рӯҳ ҳастанд. Рӯҳҳои ёдшуда бинобар ақидаи афроди бадавии башар дорои шахсият буданд ва метавонистанд барои афроди башар зараровар ё фоидабахш бошанд. Бинобар ин, онҳо кушиш мекарданд бо дуо ва қурбонӣ кардан дар роҳи ашбоҳи ёдшуда на танҳо зиндагии худро дар баробари озори онҳо бегазанд созанд, балки таваҷҷуҳи онҳоро ба худ низ ҷалб кунанд ва аз кӯмаки онҳо дар ҳалли мушкилоти худ ёрӣ ҷӯянд. Ин равиши шабаҳпарастӣ, ки решаю пояи адёну мазҳабҳои нахустини инсон ба шумор меравад ба тадриҷ густариш пайдо кард ва саранҷом сабаб шуд, ки башар ба ихтирои худоён даст заненд.

Дар соли 1891 усқуфе ба номи Роберт Ҳенри Кодриншен дар бораи пайдоиши дин ва мазҳаб ба ақидае расид, ки ба назарияи шабаҳпарастӣ бисёр наздик мебошад. Ба ин шарҳ, ки ҳангоме Роберт Ҳенри дар ҷазираи Малонезиё ба сар мебурд мушоҳида кард, ки сокинони Малонезиё ақида доштанд, ки табиат дорои нерӯҳои ҳайбатовар, мармуз ва вижаӣ аст, ки онро Моно меномиданд. Кодрингшен бо баррасии муътақидоти насабӣ сокинони Малонезиё ба ин бовар расид, ки куллияи

афроди бадавии башар бо чунин шеваи андешае дар садади сохтану ихтироъ кардани дину мазҳаб баромаданд.

Гурӯҳи дигар аз пажӯҳишгароне, ки дар бораи фарҳанги миллатҳои гуногун пажӯҳиш мекарданд низ дар баррасиҳои худ ба ақидаи шабеҳи Кодрингшен дар бораи нерӯҳои мармузи табиат ва нақши онҳо дар пайдоиши мазҳаб даст ёфтаанд. Бадеҳист, номе ки онҳо барои нерӯҳои табиат ба кор мебурданд бо «моно» тафовут дошт. Ба ин шарҳ, ки шабаҳпарастон муътақид буданд, ки нерӯҳои ғайрии мавҷуд дар табиат дорои шахсият буда, инсон метавонад бо онҳо гуфтугӯ кунад ва онҳоро хушнуд ва ё аз худ биранҷонад. Аммо пажуҳандагоне, ки ба вуҷуди Моно ақида доштанд фикр мекарданд, ки моно дорои шахсият нест ва аз ин ру қурбонӣ кардан барои он лозим набуда, танҳо бояд аз асари зарарҳои он худро барканор нигаҳ дошт. Сокинони Малонизиё дар ҷиҳати барканор нигоҳ доштани худ аз асари зарарҳои моно ба эҷоди назарияи taboo ва ё «фармони таҳрим» пардохтанд. Барои мисол: агар марде бо хоҳараш издивоҷ мекард ва натиҷаи ногуворе бар асари ин издивоҷ ба вуҷуд меомад афроди он тоифа ба ин натиҷа мерасиданд, ки издивоҷи бародару хоҳар ба маслиҳати башар нест ва аз ин рӯ издивоҷи байни бародару хоҳар барои наслҳои баъдии он тоифа мамнуъ мешуд.

Робертсон Смит(1846-1894) дар китоби худ бо номи «Динҳои ақвоми сомӣ» менависад: «Арабҳо пеш аз зуҳури ислом ақида доштанд, ки замин байни девону ҷонварони ваҳшӣ, худоёну афроди инсонӣ тақсим шуда буд. Дар ин шарҳ, ки ашбоҳ ва ҷонварони ваҳшӣ бар биёбонҳо, ҷангалҳое, ки пойи инсон ба он нарасида буд ва низ ба маконҳо ва чарогоҳҳое, ки танҳо инсонҳои ҷасур бидуни тарсу ваҳшат қудрати рафту омад ба онҷоро доштанд, фармонравоӣ мекарданд ва афроди инсон ба нуқоте, ки барои сукунати худ гузиниш карда буданд, нуфуз доштанд. Бо гузашти замон ба тадриҷ афроди инсонӣ муваффақ шудан бо истифода аз нерӯи худоёне, ки худ офарида будаанд, арвоҳи хабисаву девон ва шайтонро аз манотиқи зери истилоашон берун биронанд ва ба онҳо тасаллут ёбанд.

Макс Мюллер (1823-1900) устоди Донишгоҳи Оксфорд дар чоряки охири асри 19, ки тамоми умри худро сарфи пажуҳиш дар бораи пайдоиши решаҳои дину мазҳаб дар Ҳиндустон ва баррасиҳои татбиқӣ дар мавриди динҳову мазҳабҳои гуногун

намуд, барои дину маҳаб дониши вижае бунёдгузорӣ карда, дар ростои назарияи шабаҳпарастӣ дар бораи пайдоиши дину мазҳаб ақидаи дигаре навоварӣ кардааст. Мюллер дар асоси пажуҳишҳое, ки дар бораи пайдоиши дину мазҳаб дар адёни Ҳиндустон анҷом дод, ба ин бовар расид, ки афроди башар нахуст бар асари мушоҳидаи нерӯҳои табиат бар ихтирои дину мазҳаб пардохтаанд. Ин назария бозгӯкунандаи он аст, ки афроди ваҳшии башар нахуст мутаваҷҷеҳи назми фаслҳои сол, мадду ҷазри дарё ва шаклҳои гуногуни моҳ дар натиҷаи мушоҳидаи назми нерӯҳои табиат барои онҳо шахсият фарз кард ва ҳар яки аз онҳо монанди Моҳу Хуршед ва ғайраро ба номҳои муайяне хондаанд. Сипас фаъолиятҳои ҳар яке аз нерӯҳои табиатро ба василаи афсона ё достоне баён намудаанд, ки камкам ташаккули афсона пайдо гардидааст. Барои мисол афсонаи Апаллон ва Дафна дар фарҳанги Юнон намунаҳое аз воқеияти ин назария мебошанд. Апуллон ошиқ ва шефтаи Дафна шуд, вале Дафна аз дасти Апаллон гурехт ва ба шакли як дарахти ғор даромад.

Бо баррасии вожагирии номҳои ёдшудаи боло Мюллер ба ин ақида расид, ки Юнониҳо ба Хуршед номи Поло ва ба фаҷри Хуршед номи Дафна дода буданд. Бинобар ин метавон ба ин натиҷа расид, ки решаи афсонаи Апаллон ва Дафна иборат аз он аст, ки Хуршед тулӯи худро пайравӣ ва дунбол мекардааст. Мюллер ба баррасии вожагирии афсонаҳои фарҳангҳои миллатҳои гуногуни дунё ба ин натиҷа расид, ки афроди нимаваҳшии башар нахуст зери таъсири сахти нерӯҳои табиат қарор мегирифтаанд ва сипас барои онҳо шахсият қоил мешуданд ва ба манзури шарҳи фаъолиятҳои онҳо афсона ба вуҷуд меоварданд ва саранҷом ба ин васила барои худ ба эҷоду ихтирои мазҳабу ибодатгоҳ мепардохтанд.

***<u>Назарияи яктопарастӣ.</u>***

***Назарияи яктопарастӣ***, ки ба гунаи комил бо назарияҳои қаблан зикр шуда дар бораи пайдоиши дину мазҳаб тафовут дорад. Дар ибтидои асри 20 ба василаи як кашиши масеҳӣ бо номи Вилям Генри Шмидт (1871-1954) баён шудааст. Шмидт бисёре аз мазҳабҳои асри имрӯзӣ ва фарҳангҳои вобаста ба онҳоро дар Австралия ва Африка мавриди баррасиву пажуҳиш қарор дод ва ба ин натиҷа расид, ки ҳамаи онҳо муътақид ба

Худое мебошанд, ки дастрасӣ ба ӯ осон ва амалӣ нест. Шмидт муътақид аст дар ҳоле ки мазҳаби аслии афроди бадавии башар шабаҳпарастӣ ва чандхудопарастӣ будааст, дар ҳамон ҳол ҳамеша ин ақида вуҷуд дошта, ки дар болои ҳамаи он худоён як Худои бузург вуҷуд дорад, ки тавонаш аз ҳамаи Худоён бештар аст. Ин Худо дар воқеъ офаринандаи ҷаҳони ҳастӣ буда, падари ҳамаи худоёни кӯчактар ба шумор меравад. Худои бузург пас аз офаридани дунё аз расидагӣ ба умури ҷаҳониён канор гирифт ва акнун ба онҳо тамоси зиёде надораду кори дунё ба василаи худоёни кучактар идора мешавад. Баъзе аз афсонаҳои мазҳабӣ бо он ишорат мекунанд, ки худои бузург рӯзе бозгашт хоҳад кард ва дубора ба фармонравоӣ хоҳад пардохт.

Шмидт бар пояи ақидаи ёдшудаи боло ба ин натиҷа расид, ки иҷтимооти бадавии башар дар ибтидо яктопараст будаанд, вале чун парастиши Худои якто кори осоне набуд аз ин рӯ мазҳаб ба фасод гароид ва оини чандхудопарастӣ ҷонишини яххудоӣ шуд. Баъдҳо адёну мазҳабҳои пешрафтатар ба оини яктопарастӣ гаравиданд.

**Назарияи сеҳру ҷоду**. Байни солҳои 1890 ва 1915 Ҷеймс Ҷорҷ Фрезер (1854-1941) дар навиштае, ки зери унвони “The golden boy" (Писари таллоӣ) дар бораи мазҳаб ва риштаи нигориш даровард. Бар хилофи Кудрингшен ва Шмидт, ки баррасиҳои худро ба пажуҳиш дар бораи мазҳабҳои муҳими мавҷуд вижагӣ дода буданд, ӯ барои кашфу пайдоиши решаҳои дину мазҳаб ва баррасии навиштаҳои инсоншиносҳо миссионерҳо ва нависандагони бостон монанди Герродот пардохт. Фрезер дар натиҷаи пажуҳишҳои худ ба ин ақида расид, ки инсон дар роҳи такомули муътақидоти диниву маънавии худ се марҳиларо паймудааст: марҳилаи нахуст афроди башар барои назорати табиат ба сеҳру ҷоду мутавассил шудаанд. Ҷодугар касе ҳаст, ки бовар дорад ба василаи маншаҳои вижае монанди рақс, маросими ибодат, аъмоли дастаҷамъӣ, варду афсона ва ғайра метавон табиатро водор кард то бар пояе хостаҳои афроди башар амал кунад. Барои мисол: агар афроди башар ба борон ниёз доштанд, ҷодугари қабила бо ҳидояти афроди он ба рақсҳои дастаҷамъиву хондани варду афсун осмонро водор ба боридан мекард.

Афроди инсонии ҷомеаи аввалия бовар доштанд, ки агар маросиму оини ёдшуда ба дурусти анҷом бигирад табиат ночор ба ҳамкорию бозтоби мусбат бар пояи хостҳои онҳо хоҳад шуд. Сипас афроди бадавии башар ба тадриҷ ба ин таҷриба даст ёфтанд, ки табиатро наметавон бо аъмоли дастаҷамъӣ ва варду афсун водор ба ҳамкорию пайравӣ аз хостаҳои худ намуд, аз ин рӯ маросиму оини ёдшударо канор гузоштанд ва марҳилаи дуввум, ки ихтирои мазҳаб буд, рӯй оварданд.

Афроди нахустини башар фикр карданд дину мазҳаб омиле ҳаст, ки ба василаи он метавонад бо нерӯҳои мармузу ношинохтаи табиат пайванд барқарор кунад ва бо лобаву илтимос кордодҳои табиатро водор ба ҳамкорӣ бо худ намояд. Дар ҳоле, ки дар марҳилаи нахуст ҷодугари қабила бо ойину маросими дастаҷамъӣ ва рақсу пойкубӣ кӯшиш мекард осмонро водор ба боридан бикунад. Дар марҳилаи дуввум як рӯҳонии мазҳабӣ бо баргузории намозу дуо ва қурбонӣ кардан барои ҷалби ризояту хушнудии нерӯҳои табиат кӯшиш менамуд, осмонро водор ба боридан бикунад.

Фрезер бовар дорад, ки дар давраҳои пешин дину ҷодугарӣ ва он чи ки сеҳру афсун номида мешавад бо якдигар ҳаммафҳум ва ҷудоинопазир будаанд. Бидуни тардид рӯҳониёни имрӯзиро метавон шакли такомулёфтаи соҳирон, ҷодугарон, афсунгарону тилисмбандони давраҳои пешин ба шумор овард.

Дар марҳилаи сеюм афроди башар бо фаҳму дарки ростини кордодҳои табиӣ ва нерӯҳои он аз дину мазҳаб ба дониш рӯй оварданд. Дар ин марҳила кишоварзӣ, ки ба борон ниёз дорад на ба ҷодугарӣ муттавасил мешавад ва на ба рӯҳони мазҳабӣ паноҳ мебарад, балки барои боровар кардани кишти худ аз авомили пешрафтаи санъату технологӣ ёрӣ меҷӯяд.

***<u>Назарияи роҳатандешӣ</u>.***

Людвиг Фейербах (1804-1872) яке аз барҷастатарин файласуфни саддаи 19, ки Гегелу Маркс ва Зигмунд Фрейд дар андешагириҳои худ аз ӯ илҳом гирифтаанд мӯътақид буд, ки дар асл дар ҷаҳони ҳастӣ Худо ва ё Худоёне вуҷуди хориҷӣ надоранду вожаи “Худо” ба василаи худи инсон офарида шудааст. Фербах ақида дошт, ки Худованд зоидаи тасаввури инсон аст. Инсон дар қолаби Худои фарзиву худсохтаи хеш фурӯ меравад ва бар асари котолизми равонӣ худро комилу тавонманд

эҳсос мекунад. Барои ин ки худованд тавоно ҷилва кунад, инсон бояд дар жарфнои зиллату бадбахтӣ вожгун шавад, то Худоро тавоно бубинад.

Ақидаи Фейербаху Спиноза дар бораи вуҷуди Худо шакли ворунашудаи ақидаи Гегел (1770-1831) дар ин бора мебошад, зеро Гегел муътақид буд, ки Худо лозимаи вуҷуди инсон аст. Агар инсон набошад Худое ҳам вуҷуд нахоҳад буд. Худованд дар инсон ишроқ мекунаду бо вуҷуди ӯ яке мешавад. Инсон бо эътиқод ба Худо зоти ӯро дар худ идғом мекунаду сипас аз ягонагии вуҷуди худ бо зоти Худо хештанро тавоно меёбад ва эҳсосе амнияту оромиш мекунад.

Карл Маркс(1818-1883) ва Зигмунд Фрейд (1856-1939) ҳар яке барои таваҷҷуҳи пайдоиши дину мазҳаб аз ақидаҳои Фейербах илҳом гирифта, назарияҳои хешро ба он афзудаанд. Маркс бовар дошт, ки реша ва густариши дину мазҳабро бояд дар таъриху шароити иқтисодиву иҷтимоии миллатҳо ва кашмакашҳои табақотии байни сарватмандону тиҳидастон ҷустуҷӯ кард. Ақидаи Маркс дар бораи мазҳаб ба гуфтаи машҳури ӯ “мазҳаб тарёки миллатҳост” хулоса шудааст. Маркс муътақид буд, ки мазҳабҳоро шумори ночизе аз афроди сарватманд барои фармонравоӣ ба тиҳидастону ҷилавгирӣ аз инқилоб ба вуҷуд оварданд. Ҳадафи афроди сарватманд, ки маъмулан ҳукумат бар аксарияти афроди мардумро ба ӯҳда мегиранд ва ёрони онҳо яъне кашишон он аст, ки сарвати тӯдаҳоро дар ихтиёри худ дароваранд барои расидан ба ин ҳадаф сарватмандон, фармонравоёну руҳониён бар ихтирои назарияҳои худоён, биҳишту дӯзах мепардозанд ва бад-ин васила барои тӯдаҳои мардум мавъиза мекунанд, ки агар онҳо дар зидагии ин дунё ба тиҳиндастӣ тан бидиҳанд ва фармонбардори ҳукому руҳониён боқӣ бимонанд, дар дунёи ҷовидонии дигар саодатманд хоҳад буд. Афсунҳову дурӯғҳои ёдшуда барои тӯдаҳои тиҳидаст асари тарёк (афюн) хоҳад дошт ва таҳмили ранҷҳову андешаҳои созмони иҷтимоии мавҷудро барои онҳо имконпазир ва роҳат хоҳад кард.

Зигмнунд Фрейд (1856-1939) падари равоншиносии асри ҳозир ва бунёдгузори равонковӣ ба ақидаву андешаҳои Фейербах дар бораи пайдоиши решаҳои мазҳаб ранги равоншиносӣ дод. Фрейд мӯътақид буд, ки дину мазҳаб зоидаи эҳсоси гунохе аст, ки афроди башар аз танаффур нисбат ба

падаронашон доранд. Донишманди ёдшуда бовар дошт, ки афсонаи юнонии Эдип дар афроди башар корбурди росим дорад. Эдип дар мифологияи юнонӣ марде аст, ки дар ҷараёни як ришта рӯйдодҳои драмматикӣ саранҷом падари худро мекушаду бо модараш издивоҷ менамояд. Фрейд ақида дорад, ки дар тамоми афроди мард ё мардина гароиши нохудогоҳи отифии мушобеҳе нисбат ба модарон ва эҳсоси нафрати яксоне нисбат ба падарон вуҷуд дорад. Донишманди ёдшуда бовар дошт, ки афроди мардина дар натиҷаи нафрати нохудогоҳ нисбат ба падар дучори эҳсоси гуноҳ мешавад ва тасаввури вуҷуди падариро, ки ба ӯ номи Худо медиҳанд ва вуҷудашро дар осмон пиндор мекунанд ва дар зеҳни худ меофаринанд. Фрейд мӯътақид буд, ки як инсони солиму оқил таҳаммули андӯҳҳо ва мушкилоти ин дунёро бар вуҷуди Худоён ва ё адёну мазоҳиб бартарӣ медиҳад.

Натиҷаи ҷустор он аст, ки дину мазҳаб поя ва ниҳоди осмониву илоҳӣ надорад, балки усули муътақидоти динӣ сохтаву пардохтаи андешагириҳои башар барои эҳсоси оромиш ва тавонмандӣ дар баробари масоилу мушкилоти зиндагӣ будааст.

**Фасли 3: Назарияи худо ва таҳавулоти он дар давраҳои гуногун.**

Худованд зоидаи тарси инсон аз табиат аст.
Питрониюс Арбитер.

***Таҳаввулоти назарияи Худо пеш аз давраи реносанс (асрҳои миёна)***

Китоби Таврот дар бораи буд ё набуди вуҷуди Худо шарҳу баҳсе ба кор набурдааст, зеро вуҷуди Худоро мусалам надониста ва фарз кардааст, ки вуҷуди Худо воқеӣ аст, ки ниёзе ба шарҳу тавзеҳ надорад. Таврот худоро ғояти некӣ медонаду омӯзиш медиҳад, ки ҳама бояд худои ягонаро бипарастанд. Ӯро дӯст дошта ва аз вай фармонбардорӣ кунанд. Таврот худоро мавҷуди ягонае медонад, ки офаринандаи ҷаҳони ҳастӣ медонад ва аз афроди башар таваққуъ дорад, ки дар рафтору сулуки худ аз мавозими ахлоқӣ пайравӣ кунанд.

Инҷил китоби муқаддаси масеҳиён Худоро рӯҳи холиси ишқ, падари афроди башар ва наҷотдиҳандаи онҳо медонад. Масеҳиён мӯътакиданд, ки худованд ишқу баракати худро ба василаи фарзандаш Исоҳи Масеҳ ба афроди башар мерасонад. Дар масеҳият худованд ҳам дорои шакли инсониву ҳам вуҷуди маънавию илоҳӣ ва худоӣ аст. Католикҳо ва калисоҳои

православии шарқӣ ва бисёре аз протестантҳо ақидаи сулсро (сегона) маркази омӯзишҳои масеҳият медонанд. Онҳо ақида доранд, ки худованд як вуҷуди илоҳӣ ва раббонӣ аст, ки дар се шахсият (падар, писар ва руҳулқудс) зоҳир мешаванд.

Дар садаҳои нахустини мелодӣ масеҳиҳо дар бораи назарияи Худо ба ду гурӯҳи бузург тақсим шуданд. Гурӯҳе барои исботи вуҷуди Худо аз фалсафа, махсусан фалсафаи навафлотунӣ ва хираду дарёфти худ баҳра мегирифтанд. Гурӯҳи дигар, ки саранҷом ақидаи онҳо ба тадриҷ дар кишварҳои паҳнои Медитарона(баҳри миёназамин) аксарият ба даст овард мӯътақид буданд, ки ҷусторҳои фалсафиву хирад ва дирояти инсон барои шиносоии вуҷуди Худованд кофӣ нест. Аз ин рӯ, барои шиносоии вуҷуди Худо ба навиштаҳои китоби муқаддаси мусавиҳо даст овехтанд. Ин гурӯҳ низ барои исботи ақидаи худ барои шиносоии вуҷуди Худо ба фалсафаи афлотун мутаккӣ шуданд. Вале изҳор доштанд, ки хиради Афлотун аз ақидаҳои метофизикии Мусо сарчашма гирифтааст, на аз хиради афроди оддии инсон. Бинобар ин, барои шиносоии вуҷуди Худо бояд аз ваҳю илҳом баҳра гирифт. Натиҷаи ин баҳс он аст, ки дар садаҳои нахустини мелодӣ андешаҳои афроди башар барои шиносоии вуҷуди Худо дар меҳвари навиштаҳои муқаддас давр мезанад.

Пофишории калисо дар ин ақида, ки Исои Масеҳ фарзанди Худо буда, рӯҳи Худо дар ӯ дамида шуда бунёни масеҳиятро аз оғоз сусту бемоя намуд, зеро масеҳиёне, ки ба назарияи таслис (падар, фарзанд, руҳулқудс) ақида доштанд тавонистан ба ин пурсиш посух диҳанд, ки чи гуна мумкин аст вуҷуди худои ягона дар фарзандаш Исо ҳулул кунад ва на аз фартоши маънавию рӯҳонии ӯ бикоҳад ва на ин ки дар шахсияти инсонии Масеҳ тағйире ба вуҷуд оварад. Аз ин рӯ, ақидаи калисо дар бораи вуҷуди Худо аз оғоз ба унвони як чистони мармуз боқӣ монд ва фурузаҳое, ки мусавият ва баҳсҳои фалсафие ба Худо вижагӣ дода буданд, бештар аз ақидаи таслис мавриди таваҷҷӯх қарор гирифт. Барои мисол ақидаи ин ки Худо дорои шахсияти физикӣ ва махсусан, эҳсос мебошад, то ҳудуди қарни 20-ум мардуд шинохта шуда буд.

Масеҳият дар асл аз як гурӯҳи таҷзияталаби тундрави мазҳаби калимӣ (яҳудӣ) ба вуҷуд омад ва то асри 4 мелодӣ аҳамият ва пайравони чандоне надошт. Исоҳи Масеҳ ки худ як калимии мӯъмин буд, кӯшиш кард мӯътақидоди мазҳабии яҳудиёнро ислоҳ кунад ва дар ин ҷиҳат ба онҳо омӯзиш дод, ки

миллати яҳуд танҳо қавми баргузидаи Худо нест ва Худо фақат бар миллати яҳуд тааллуқ надорад, балки ба тамоми афроди башар вобастагӣ дорад. Исоҳи Масеҳ худро як фарди оддӣ медонист ва ҳеҷ гоҳ иддаоҳои улуҳият накард. Вале пайравони ӯ, ки зери нуфузи мӯътақидоти хуршедпарастони мушрик қарор доштанд, ӯро писари Худо номиданд.

Назарияи "Писари Худоро" нахуст сомиҳо, калдониҳо ва бобулиҳои саддаи 18 пеш аз милоди масеҳ дар замони салтанати Ҳамурапӣ ихтироъ карданд. Бад-ин шарҳ, ки сомиҳо, калдониҳо ва бобулиҳо "мардук" Худои худро писари маҳбуби Худои бузург медонистанд ва мӯътақид буданд, ки ӯ назди Худои бузург барои гуноҳкорон шафоат мекунад. Пайравони Исои Масеҳ низ афсонаи Мардухро дар бораи Масеҳ такрор кардаанд ва ӯро писари Худо номиданд.

Сомиҳо, калдуниҳо, бобулиҳо ва шумериҳо мӯътақид буданд, ки худоёни мардухро, ки дорои ду сар буваду аз биниаш оташ хориҷ мешавад маъмур кардаанд, то аждаҳоеро, ки пеш аз офариниши ҷаҳони ҳастӣ вуҷуд доштааст, бикушад. Мардух пас аз куштани аждаҳои ёдшуда аз бадни ӯ замин, дарёҳо ва осмонҳоро офаридааст. Маъбади Мардук бузургтарин маъбаде аст, ки дар таърихи дунё сохта шудааст, ҳангоме, ки Сеничроп оби рудхонаи фуротро рӯи Бобул ҷорӣ кард маъбади Мардук вайрон шуд. Искандари Македонӣ қасд дошт маъбади Мадрукро дуборасозӣ кунад, вале мутаваҷҷеҳ шуд, ки даромади ҳафтсолаи императории ӯ барои ин кор кофӣ нахоҳад буд ва аз ин рӯ аз иҷрои қасди худ инсироф ҳосил кард.

Дар соли 1312 мелодӣ Константини аввал (280-337) императори Рум, ки Константини бузург номида шуда буд дар шабу рӯзе, ки ҷанги Пол Мелвон рӯй дод дар рӯъё мушоҳида кард, ки аз осмон як салиби оташин дида мешавад, ки зери он ба забони юнонӣ навишта шудааст: "Ту бо нерӯи ин аломат дар ҷанг пирӯз хоҳи шуд". Ҳамчунин дар рӯъёи ёдшуда ба Константин тавсия шуд, ки аломати салибро рӯи сари сарбозонаш нақш кунад, агарчи тардиде нест, ки эътибори рӯёи ёдшуда аз афсонае фаротар намеравад, вале ба ҳар рӯй Константин дар он ҷанг рақиби худ Мекентисро шикаст дод ӯро ва писарашро кушт, масеҳиятро дини расмии императори Рум эълон кард ва тақвияти он пардохт. Императории Константин дар Румро метавон нуқтаи атфе дар таърихи Аврупо ба шумор

овард, зеро аз он пас масеҳият ба тадриҷ ба саросари кишварҳои Урупоӣ густариш пайдо кард, то ҷое ки дар ҳоли ҳозир ҷамъияти масеҳиён дар дунё аз соири адён бештар буда, ҳудуди 33 дар сади ҷамъияти дунёро ташкил медиҳад.

Бояд дар назар дошт, ки фалсафаи афлотун дар мӯътақидоти масеҳият нуфузи фаровоне дошт ва боис шуд, ки байни ақида ба вуҷуди Худо ва нерӯи ҳӯш ва хиради инсон робита ва пайванд эҷод шуд. Ин назария, ки гноститсизм номида мешавад ба василаи гурӯҳе аз масеҳиёни првослав низ пазируфта шудааст. Маълум аст, ки огоҳӣ ё дониш ба вуҷуди Худо муҳимтар ва болотар аз эътиқод ба худи ӯст. Дар баробари ин назария ба гуфтае, ки дар боло зикр шуд гурӯҳе низ мӯтақид буданд вуҷуди Худоро бояд бо ваҳю илҳом шинохт. Ин назария, ки номинализм номида мешавад мӯтақид аст, ки Худовандро бо нерӯи ҳушу хирад наметавон дарку шиносоӣ кард. Ин дутоӣ ва ноҳамдунӣ дар бораи чигунагии шиносоии вуҷуди Худо аз қарни 4 то 14 масеҳиятро ба худ машғул дошт ва роҳбарони мазҳабии масеҳӣ барои аз байн бурдани ин ноҳамгунӣ кушиши бисёре ба кор бурданд, вале натиҷае баҳраи онҳо нашуд. Аз дигар тараф, назарияи калисо дар бораи офариниши ҷаҳони ҳастӣ зарбаи дигаре ба корбурди нерӯи хираду дирояти инсон дар шиносоии Худо ворид кард, зеро калисои масеҳият ақида дошт, ки худованд ҷаҳони офаринишро аз ҳеҷ ба вуҷуд овардааст. Мафҳуми мухолифи ин ақида он аст, ки Худованд дар оғоз танҳо буда ва сипас ба гунаи ногаҳонӣ ба фикри офариниши ҷаҳон афтодааст. Бадеҳӣ аст, ки ин тарзи андеша ба гунаи комил ба ақида ба такомули вуҷуди Худо мубоинат дорад, зеро агар далеле барои офариниши ҷаҳони ҳастӣ вуҷуд медошт, чаро Худованд ин амалро ба таъхир андохт. Ҳамчунин офариниши ҷаҳони ҳастӣ ба василаи Худованд ин андешаро ба вуҷуд меовард, ки Худованди яктои комиле, ки ҳеҷ омиле дар тағйири вуҷуду андешаи ӯ муассир нест, дар замони пеш аз офаринишу пас аз офариниши ҷаҳон дучори тағйиру таҳаввул шуда ва чи басо дар замони офариниши ҷаҳон ба огоҳиҳои дастёфтае, ки пеш аз он фоқиди он донишу огоҳиҳо будааст.

Сант Августин (Августини қудсӣ) (354-430) кӯшиш кард ин хурдагирӣ ва интиқод бо вуҷуди худову шиносоии зоту фартоши ӯро ба баҳрабардорӣ аз омили замон посух гӯяд. Бад-ин шарҳ, ки ӯ изҳор дошт, замон як омили мутағайир аст, ки барои мо ба гузашта ҳол ва оянда тақсим мешавад. Вале барои Худованд, ки зоти

абадиву ҷовидонӣ дорад, дорои маъниву мафҳуме нест. Ин тавзеҳе буд, ки тавонист нерӯи хираду мантиқи гурӯҳе аз пайравони масеҳиятро барои муддате беҳаракат нигоҳ дорад. Вале бадеҳӣ аст, ки бунёди назарияи офариниш ва ин ки Худованд осмону заминро дар муддати 6 рӯз офаридааст худ баҳсе буд, ки ҳеҷ гоҳ натавонистааст хирадгароёни ғайриқишрирo ба худ ҷалб кунад.

Дар қарни 13 Томас Икнос (Фомаи Аквинӣ) (1224-1742) яке аз файласуфони бузурги католики асри миёнагӣ бо баҳрагирӣ аз фалсафи Арасту дар бораи рӯҳ ба равиши тозае дар бораи шинохти вуҷуди худо даст ёфт. Бад-ин шарҳ, ки Фома фалсафаи Арасту ва Августинро барои шиносоии вуҷуди Худо таъқиб кард ва изҳор дошт, ки Худовандро бояд ҳам аз роҳи таҷрибаи ҳиссӣ ва ҳам ваҳю илҳом ҳарду шиносоӣ кард. Фалсафаи Фома барои шиносоии вуҷуди Худо, ки илоҳиёти табиӣ номида мешавад бозгӯкунандаи он аст, ки Худованд вуҷуди ягона ва беҳамтое аст, ки ғояти некиву ҳақиқат ва сабаби ҳар гуна ҳаракату ҷунбиш ва тағйиру такоммул дар дунё мебошад. Гурӯҳе аз пажуҳишгарон фалсафаи болоро дар бораи вуҷуди Худо ба боди интиқод гирифтаанд ва изҳор доштаанд, ки хубиву бадӣ дорои зоти ҷудогона ва мушахасе нест. Вуҷуди Худованд болотар аз он аст, ки сабабу ҳаракатҳо рӯйдодҳои табиӣ қарор бигирад. Ин мактаби фалсафӣ, ки фалсафааш ба тарзи фикрии мактаби номинализм яке мебошад, мӯтақид аст, ки дунёи мо ва он чиро, ки мо дар он мебинем аз мушти ном ташкил шуда, ки дар зот дорое вуҷуд нестанд. Ба ҳамин далел афроди башар ба василаи нерӯи дироят ва хиради худ наметавонад иродаи худовандро барои гузиниши тасмимоташ дарк кунад ва ин кор танҳо ба василаи ваҳю илҳом имконпазир хоҳад буд.

Фалсафаи боло дар бораи шиносоии вуҷуди Худо роҳро барои зуҳури мазҳаби протестант ҳамвор кард. Зеро ҷунбиши мазҳабии протестант ақида дошт, ки мағзи башар ба сабаби иртикоби гуноҳ шоистагии худро барои шиносии вуҷуди Худо аз даст медиҳад ва мо фартоши илоҳӣ ва иродаи ӯро ба василаи ваҳю илҳомоти худаш бояд дарк кунем. Ҷунбиши мазҳаби протестант ақида дошт, ки агарчи вуҷуди Худоро ба василаи матнҳои навиштаҳои китоби муқаддас метавон дарк кард вале чун мағзи башар ба сабаби иртикоби гуноҳ ба фасод мегарояд, ҳатто тавони дарки матнҳои навиштаҳои муқаддасро низ

надорад. Магар ин ки Худованд ё Исои Масеҳ ҳақиқати мавҷудотро ба мағзи башар илҳом намоянд.

**Таҳаввулоти назарияи Худо дар давраи ренесанс.**

Дар аснои давраи ренесанс (садаҳои 14 ва 17 мелодӣ) мавҷи тозае аз фалсафаи Афлотун, ки бар пояи фалсафаи Герменевтика устувор шуда буд бар мӯътақидоти мазҳабии ин давра асар гузошт. Бад-ин шарҳ ки бунёдгузорони ин мавҷи тоза барои фурузаи риёзиёт дар механизми рӯйдодҳои ҷаҳонӣ аҳамияти вижае қоил шудаанд ва изҳор доштанд, ки ҳар рӯйдоде дар ҷаҳони мо тобеи нерӯи ҳаракат аст, ки дар ашё вуҷуд дорад ва байни нерӯи ҳаракати ашёву андешаи инсонпайванди мустақим вуҷуд дорад. Ин назарияи фалсафӣ мӯътақид буд, ки Худовандро бояд дар зоту ҷавҳари нерӯ ҷустуҷӯ кард на ин ки ӯро як Фротиши метафизикии болотар аз тавони дарк ба шумор овард.

Фалсафаи мазҳабии «Окинос» ва «Ҳермес» роҳро барои фалсафаи ҷадиде дар бораи вуҷуди Худо дар садаи 17 мелодӣ ҳамвор кард. Муҳимоти ин фалсафа дар он буд, ки дар ин замон фалсафа ва илоҳиёт, ки барои як муддати ҳазор сол дар ғарб бо ҳам даромехта буданд, аз якдигар ҷудо шуданд ва ҳар як роҳи ҷудогонаеро пеш гирифтанд. Метавон гуфт, ки донишу технология дар бистари фалсафаи Ҳермас рушду нумӯ кард. Дар давраи шукуфоии донишу технология Рене Декард (1596-1659) изҳор дошт, ки вуҷуди Худоро аз вуҷуди ҳар омили дигаре дар ҷаҳони офариниш осонтар метавон шинохт. Декард барои шиносоии Худо аз ҷумлаи машҳури «Ман фикр мекунам, бинобар ин вуҷуд дорам» баҳра гирифт. Декард низ монанди Августин низ 12 аср пеш аз ӯ мезист бовар дошт, ки мо дар дунёи ҳараҷу мараҷ бехудо ба сар мебарем ва Худо даруни зеҳнияту огоҳии мо вуҷуд дорад. Фалсафаи Декард барои шиносоии вуҷуди Худо «худдаруннигарӣ» буд Декард бовар дошт баҷои ин ки мо вуҷуди ҷаҳони ҳастиро далели вуҷуди Худо ба шумор оварем, бояд ба шиносоии Худо дар зеҳни худ ва имон ба ӯ ба воқеияти ҷаҳони ҳастӣ пай бибарем.

Бар хилофи Декард, ки вуҷуди Худо ва назми ҷаҳони ҳастиро ба худдаруннигарӣ дар вуҷуди худ ҷустуҷӯ мекард, Исаак Нютон (1642-1727) физикдони машҳури инглис дунёро як системаи механикие донист ва Худоро омили муҳиме аз системаи ёдшуда ба шумор овард.

Бадеҳӣ аст, ки мақомоти мазҳабии калисо ба ақидаи Нютон сахт ба мухолифат бархостанд. Вале тамоми рушанфикрону

андешамандони ин замон аз назарияи Нютон пайравӣ карданду Худоро мавҷуде шинохтанд, ки вазифааш эъҷоди қоидаву қонун барои назми табиату муқаррарот ва равишҳои ахлоқие барои афроди башар мебошад.

Муваффақиятҳое, ки донишмандон, ихтироъкорону кошифон пеш аз садаи 18-ум дар риштаҳои илмӣ ба даст оварда будаанд дар ин замон сабаби рангбохтагии андешаҳои хурофӣ ва нотавонии падидаҳои дарунхолии метафизикӣ гардид. Ҳамчун пешрафтҳо ва дастовардҳои илмӣ санъативу технологӣ ба хусус нововариҳои донишҳои иҷтимоӣ дар ин замон нерӯи савдогарони динӣ ва боварҳои метафизикиро ба андозаи қобили таваҷҷуҳе коҳиш дод.

**Таҳаввулоти назарияи Худо дар саддаи 18**

Дар садаи 18 ин баҳс байни донишмандони ҳикмати илоҳӣ ба вуҷуд омад, ки оё мумкин аст Худованд аз қоидаву муқаррароте, ки барои назми табиат эҷод карда, сар боз занад? Ба иборати дигар, дар ҳоле ки Худованд мавҷуде аст, ки дар болои тамоми коиноти ҳастӣ қарор гирифтааст, оё мумкин аст дар ҷаҳони офариниш сабаби эҷоди рӯйдодҳои ғайритабиие монанди мӯъҷиза бишавад. Масеҳиёни ортодокс барои посух ба пурсиши боло ба матнҳои навиштаҳои муқаддас истинод ҷустанд ва имкони эҷоди мӯъҷизаро илмӣ ва мумкин донистанд, вале масеҳиёни рушанфикре, ки ба вуҷуди Худои якто бовар доштанд, изҳор намуданд, ки қонуну муқарраpоти табиӣ комилу хирадамандона буда, Худованд ҳеҷ гоҳ муқарраpоти ёдшударо зери по нахоҳад гузошт.

Яке дигар аз рӯйдодҳои муҳими таърихии саддаи 18-ум шукуфидани ақидаи шаккокияти мазҳабӣ аст. Ҳамон гуна, ки бо густаришу огоҳии афроди башар муътақидоти мазҳабӣ дар ҷаҳон суст мешавад масеҳият ба мазҳабҳо ва масолики тозае таҷзия мегардад. Ҷангу хунрезӣ байни фирқаҳои мазҳабӣ оғоз мешавад. Ба дунболи ин фарогаштҳо ба гунаи табиӣ шакку тардид дар баробари муътақидоти мазҳабӣ низ фузунӣ меёфт. Гузашта аз ин, по ба пойи пешрафти илмҳои табиӣ дар ҷаҳон, донишмандон изҳор доштанд, ки илмҳои табиӣ худ риштаи мустақилу тавонманде аз дониши башар аст ва барои пешбурди ҳадафҳои худ ниёзе ба ҷусторҳои метафизикию динӣ надорад. Ҷунбиши рушанфикриву бинишмандӣ дар бораи муътақидоти

мазҳабӣ дар саддаи 18-ум то он ҷо пешрафт кард, ки дар поёни ин сада ақида ба вуҷуди Худо як навъ кӯҳнагароии фикрӣ ба шумор мерафт.

Дар соли 1729 Ҷон Меслер як кашиши содаи рустоӣ дар ҳоле, ки ба гуннаи комил вуҷуди Худоро инкор мекард аз дунё рахт барбаст Ҷон Меслер дар хотироти худ, ки ба василаи Волтер (1694-1778) чопу мунташир шуд, навишта буд, ки нотавонии башар дар инсироф аз ақида ба вуҷуди Худо ӯро ба шигифтӣ ва нафрат водоштааст. Меслер дар бахши дигаре аз хотироти худ навишта буд: Ҳақиқати ҳолро бояд дар андешаҳои Нютон ва ин ки дар ин дунё танҳо модда вуҷуд дорад ҷутуҷӯ кард. Мазҳаб василаест, ки сарватмандон барои истисмори бенавоёну тиҳидастон ва нотавон кардани онҳо ба кор мебарад. Масеҳият як сиситемаи метафизикии мазҳабиест, ки муътақид ба боварҳои пучу беҳудаи таслис ва масхи арвоҳ мебошад.

Дар поёни саддаи 18 фалосифае, ки аз ақида ба вуҷуди Худо даст бардошта буданд, ба худ фахру болоиш меварзиданд. Қайд карданист, ки дар ин замон ҳанӯз тазоҳур ба худоношиносӣ (атеизм) кори осоне набуд, вале ба ҳар ҳол ин андешагирӣ барои гурӯҳе аз афроди рушанфикру андешаманд, сабаби ғурури ифтихор ба шумор мерафт. Девид Юм (1711-1776) файласуфи баландмартабаи инглис, ки ақоиди рушанфикронааш то имрӯз бар биниши ростгаро тобиш дорад изҳор дошт, ки барои исботи вуҷуди ҳар чизе хоҳ исботи вуҷуди Худо ва ё ҳар чизи дигаре бояд ба далелу таҷриба мутавассил шуд на ба ваҳю илҳом. Юм дар шарҳи мактаби фикрии худ, ки эмперизм номида шудааст, изҳор дошт барои дарки воқеият ниёзе надорад, ки мо дар варои марзҳои дониш ба кашокаш бипардозем ва барои исботи он чи ки дар он сӯи ҳиссиёти таҷрибии мо қарор дорад ба далоили фалсафӣ мутавассил шавем.

Девид Юм дар китоби «Гуфтугӯҳо дар бораи мазҳаби табиӣ» (Dialogues Concerning Natural Religion) мегӯяд: яке аз далелҳое, ки эътиқодмандон ба вуҷуди Худо бармешуморанд, назму тартиби ҷаҳони офариниш аст. Ин афрод мегӯянд назму тартибе, ки дар ҷаҳони офариниш вуҷуд дорад худ далели исботи вуҷуди Худост, зеро агар Худое дар ин дунё вуҷуд намедошт чи гуна чунин назму тартибе метавонист дар ҷаҳони офариниш вуҷуд дошта бошад. Юм ин далелро барои исботи вуҷуди Худо рад мекунад ва дар баробари он мегӯяд ин дуруст аст, ки назму

тартибе, ки мо дар дастгоҳи офариниш мушоҳида мекунем далолат ба вуҷуди як меъмори хирадманду доно дорад. Вале чи гуна аст, ки чунин меъмори хирадманду доное, ки ба офариниши чунин дастгоҳи муназзаме пардохта натавонистааст онро аз вуҷуди зиштиҳо ву бадкориҳо барканор нигоҳ дорад. Ва нависандаи ин китоб ба ин ақидаи Девид Юм чунин меафзояд: Агар назми дастгоҳи офариниш метавонист далели исботи вуҷуди Худо бошад, пас чаро чунин меъмори хирадманду доное барои зудудани бархе аз беназмиҳои вайронгару хонумонбарандоз монанди зилзила, сел, тӯфон ва ғайра дар ҳисобҳои механикии офариниш чорае наандешидааст. Ба ҳар рӯй, Девид Юм китоби худро соли 1750 ба поён расонид, вале аз чопу интишори он худдорӣ кард, зеро 12 моҳ пеш аз он Денис Дидро (1713-1784) файласуфи номдори фаронсавӣ дар яке аз осори худ зери фарном номае ба нобиноён барои онҳое, ки тавони дидан доранд ҳамон пурсишеро матраҳ ва изҳори ақида карда буд, ки дунёи мо ниёзе ба офаринанда надорад. Мода он гуна, ки Нютон ва протестанҳо фикр кардаанд, як омили сокиту бидуни хосият нест, балки як омили динамикӣ ва пурҳаракат аст, ки тобеи усулҳову муқарраროти худ мебошад. Ин қонуни модда аст, ки бар низоми офариниш фармонравоӣ мекунад, на ирода ва механизми илоҳӣ. Дар дунёи мо ғайр аз модда омили ношинохтаи дигаре вуҷуд надорад. Дидро қадаме аз Спиноза фаротар рафт ва ба ҷои ин ки бигӯяд дар дунёи мо Худо вуҷуд надорад, балки табиат дорои ҳастӣ аст, изҳор дошт дар ҷаҳони мо танҳо табиат вуҷуд дорад, на Худо.

Дидро дар ибрози андешаҳои рушанфикронааш танҳо набуд, балки донишмандони баландпояе монанди Абрам Тренбели ва Ҷон Тербивил Нидхам ба кашфи моддаи муваллӣ даст ёфта буданд, ӯро дар андешаҳояш ёрӣ ва пуштибонӣ мекарданд. Яке аз файласуфони материалист ва шаҳири фаронсавии саддаи 18 ба номи Пол Голбах (1723-1789), ки китоби ӯ бо номи «Китоби муқаддаси материализми худоношиносӣ» машҳур шудааст, менависад: Дар табиат нерӯи онсӯии табиӣ вуҷуд надорад. Балки дунёи мо аз як ришта занҷирҳои бузурги сабабу натиҷавӣ, ки ба таври доимӣ дар якдигар аз сар мегузоранд ба вуҷуд омадааст. Ақида ба вуҷуди Худо як навъ нодурустӣ ва инкори воқеият аст. Динҳо ва мазҳабҳо худоёнро барои он офаридаанд, то башарро дар баробари масоиб ва балоҳои зиндагӣ таскин диҳанд. Ақидаи

Арасту мабнӣ бар ин ки фалсафа натиҷаи як майли шарофатмандона барои кашфи дониш аст, дуруст нест, зеро фалсафа як майлу иштиёқи тарснок барои фирор аз дарду ранҷ аст. Бинобар ин мазҳабро метавон гаҳвораи нодонӣ ва тарс донист. Табиӣ аст, ки як инсони хирадманду равшанбин ҳеҷ гоҳ дар чунин гаҳворае нахоҳад оромид.

**Таҳавуллоти назарияи Худо дар саддаи 19**

Дар садаи 19 оғози садаи 20-ми мелодӣ фалсафаи Иммануэл Кант (1724-1804) файласуфи шаҳири олмонӣ ақидаи мардуми қораи Урупо дар бораи вуҷуди Худоро ба худ ҷалб кард ва ба шиддат зери таъсир қарор дод. Кант тамоми далелҳоеро, ки файласуфону андешамандон то он замон барои исботи вуҷуди Худо ироа дода буданд, рад кард ва баҳси ҷадидеро дар ин замина доман зад. Аз ин рӯ, бе муносибат нест чакидаи фалсафаи Кантро дар бораи вуҷуди Худо баррасӣ намоем. Кант, ки зери нуфузи фалсафаи Девид Юм қарор гирифта буд, тамоми ақидаеро, ки барои исботи вуҷуди Худо то он замон мавриди баҳс қарор гирифта буд ба се даста тақсим кард. 1. Фалсафаи табиати вуҷуди ғайри моддӣ (маънавӣ-онтологӣ). 2. Вуҷуди ҷаҳони офариниш (космология) 3. Вуҷуди физики ҷаҳони ҳастӣ (физикотеологӣ). Кант сипас ҳар яке аз фалсафаҳои ёдшудаи болоро мавриди арзишёбӣ ва интиқод қарор медиҳад. Кант муътақид буд, ки «фалсафа ниҳоди вуҷуди ғайри моддиву маънвӣ» моро ба вуҷуди як нерӯи болотар аз ҳамаи мавҷудот раҳнамун мешавад, ки ӯ Худо мебошад. Фалсафаи «вуҷуди ҷаҳони офариниш» моро ба табиат ва ниҳоди моддию физикии дунё ҳидоят мекунад, ки бидуни вуҷуди як нерӯи бартаре, ки Худост наметавонад вуҷуд дошта бошад. Фалсафаи «вуҷуди физики ҷаҳони ҳастӣ» моро аз назми дастгоҳи офариниш ва чигунагии ҳаракатҳои он огоҳ мекунад, ки бидуни вуҷуди як нерӯи болотар аз инсон эҷоди чунин назму тартибе имконпазир нахоҳад буд. Кант ва фалсафаи маънавият ё вуҷуди ғайримоддии инсон барои шинохти вуҷуди Худо пеш аз ду омили дигар аҳамият медиҳад. Ӯ барои далели сеюм барои исботи вуҷуди Худо яъне фалсафаи вуҷуди метафизикии ҷаҳони ҳастӣ мегӯяд: Он чи ки низоми физикии ҷаҳони ҳастӣ ба мо собит мекунад он аст, ки Худованд барномарезии ҷаҳони ҳастиро бар ӯҳда доштааст, на офариниши онро. Ба ҳар рӯй, Кант ҳеҷ як аз

далелҳои сегонаи болоро барои исботи вуҷуди Худо кофӣ намемонад.

Дар ҳоле, ки Кант ба омили маънавию ғайримоддӣ барои исботи вуҷуди Худо беш аз ду далели дигар аҳамият медиҳад бо ин вуҷуд далели ёдшударо барои исботи вуҷуди Худо рад мекунад. Ин далел шабеҳи назарияи исботи воҷиб-ул-вуҷуд дар ҳикмату иллоҳиёти ислом аст. Ҳикмати иллоҳиёти исломӣ дар ин ҷиҳат мегӯяд: Воҷиб-ул-вуҷуд дар пояи ҳикмати ақлӣ вуҷудаш зарурӣ ва воҷиб аст. Ҳадаф аз исботи воҷиб-ул-вуҷуд дар он аст, ки ин мафҳум дар хориҷ нисдоқи воқеӣ дорад ва сохтаву пардохтаи зеҳни инсон нест.

Кант дар ҷиҳати ради ин далел мегӯяд оё мо бо як фарзи назаривӣ, ки вуҷуди Худо барои ҷаҳони ҳастӣ воҷибу илзомовар аст чи натиҷае мегирем? Оё нузуми вуҷуди Худо барои ҷаҳони ҳастӣ монанди соири авомили нозим дар зиндагии мост? Барои мисол фарзияҳои мантиқиву риёзӣ дорои воқеияти таҷрибашуда буда ва барои зиндагии мо илзомовар ҳастанд, зеро бидуни ин фарзияҳо мо наметавонем ба зиндагии худ идома диҳем. Ҳоло оё лузуми вуҷуди Худо низ монанди лузуми воқеияти ин фарзияҳо мебошад ҳамчунин далелҳову муқаррароти иллату маълул дар зиндагии мо бояд дорои воқеияти физикӣ бошанд, то битавонанд корбурди амалӣ ва воқеӣ дошта бошанд. Ҳоло оё вуҷуди як воқеияти метафизикӣ низ монанди фарзияҳои ёдшуда дар зиндагии мо лузуме доранд, оё ин дуруст аст, ки мо вуҷуди Худоро, ки як омили фарзӣ ва метафизикӣ аст дар радифи вуҷуди як омили физикии монанди вуҷуди Хуршед дар осмон, ки сабаби дида нашудани ситорагон дар рӯз мешавад, қарор диҳем. Кант ба чунин баррасиш посухи манфӣ медиҳаду бовар дорад, ки лузуми вуҷуди Худоро, ки як фарзи метафизикӣ ва ғайри моддӣ аст, наметавон дар радифи лузуми омилҳои физикӣ монанди омили вуҷуди Хуршед дар осмон, ки сабаби дида нашудани ситорагон дар рӯз мешавад қарор дод.

Кант мегӯяд мо ҳеҷ гоҳ наметавонем фарз кунем, ки вуҷуди Худо барои дунёи мо лозим аст, зеро дар чунин фарзе хабарро наметавон аз мубтадо ҷудо сохт. Кант барои тавзеҳи ин матлабу исботи назари худ як сегӯша ва завоиёи онро мисол мезанад. Ӯ мегӯяд: мо ҳеҷ гоҳ наметавонем сегӯшаеро фарз кунем, ки дорои зовия набошад. Ҳангоме, ки мегӯем ҳар сегӯша дорои се зовия аст, се гӯша мубтадо ва се зовия хабари он аст. Ба гунае, ки

медонем ҳеҷ гоҳ се зовияи се гӯшаро, ки хабар фарз аст, наметавон аз мубтадои он, ки сегӯша аст, ҷудо кард. Ҳар гоҳ зовияи сегӯшаро ба забон меорем се зовия лузуми вуҷуди он аст. Вале инкори вуҷуди худи сегӯша ба изофаи завоёи он багунаи комил имконпазир мебошад. Ин фарз дар мантиқ таркибӣ ва ё синтетикӣ номида мешавад ва дар баробари фарзи вуҷуди Худо, ки дорои мубтадо ва хабар нест, таҳлилӣ ё аналитикӣ хонда мешавад, ба кор меравад. Агар мо бигӯем Худо вуҷуд дорад ин гуфтан дорои ҳеҷ хабаре нест. Як сегӯша бидуни завоёи он наметавонад вуҷуд дошта бошад, вале дунёи мо бидуни вуҷуди Худо метавонад воқеияти амалӣ дошта бошад. Бинобар ин ҳамон гуна, фарзи вуҷуди як сегӯшаро метавон рад кард, фарзи вуҷуди Худоро низ метавон инкор намуд.

Кант тамоми далелҳои фалсафии болоро барои исботи вуҷуди Худо рад мекунад ва барои инкор ба ахлоқиёт мутавассил мешаваду ба ҷои ин ки қоидаҳои ахлоқиро аз асли метафизикӣ истихроҷ кунад ахлоқиётро як риштаи мустақил ба шумор меорад ва усули метафизикиро аз мавозини ахлоқӣ мегирад. Ақидаву равиши Кант дар ин бора дар хилофи ақидаҳои Арасту дар бораи ахлоқиёт аст.

Асрасту ақида дошт онҳое, ки сулук ва маниши ахлоқӣ доранд бар он ҷиҳат аст, ки аз кирдори сулуки ахлоқии худ лаззат мебаранд. Кант дар ин бора мегӯяд: Агар шумо нисбат ба бародар ва ҳамсояи худ меҳрубон ҳастед далелаш он аст, ки шумо онҳоро дӯст доред, на ин ки рафтори неки шумо нисбат ба бародар ва ҳамсоятон холӣ аз арзишҳои ахлоқии шумо бошад. Амалу рафтори инсон дорои арзиши ахлоқӣ аст, ки усулу мавозини ахлоқӣ анҷоми онро лозим шумурда бошад, на ин ки инсон барои гирифтани подош ё раҳоӣ аз муҷозот ба анҷоми он амал бипардозад. Кант аз ин баҳс натиҷа мегирад, ки маниши ахлоқӣ як падидаи дарунзотӣ аст ва омилҳои хориҷӣ дар он ҳеҷ гуна таъсире надоранд. Рафтори ахлоқӣ пайваста инсонро водор ба таҳаммули ранҷ мекунаду чун инсон аз ба кор бурдани амали аҳлоқӣ наметавонад дар ин дунё подош бигирад ночор бояд дар дунёи пас аз марг интизори гирифтани подош барои рафтору сулуки ахлоқии худро дошта бошад. Табиӣ аст, ки дар дунёи пас аз марг ба ғайр аз Худованд мавҷуди дигаре наметавонад ба корҳои ахлоқиву некиҳое, ки башар дар зиндагии худ дар ин

дунё анҷом дода подош диҳад. Аз ин рӯ, ахлоқиёт бо вуҷуди Худо пайванди устувор дорад. Кант аз ин баҳси илмӣ, ки ахлоқиётро дар воқеъ болои метафизика қарор медиҳад натиҷа мегирад, ки покдоманӣ дар сурате мумкин хоҳад буд, ки Худо вуҷуд дошта ва инсон вуҷуди Худоро ба расмият бишносад. Ба ин тартиб, Кант арзишҳои ахлоқиро лозимаи ҳақиқати вуҷуди Худоро шарти мусалламии покдоманӣ ва арзишҳои ахлоқӣ ба шумор меоварад.

Дар ҳоле ки Кант ба шарҳи боло кӯшиш мекунад вуҷуди як нерӯи метафизикие ба номи Худоро ба пояи далелҳои гуногуне, ки то замони ӯ ироа шуда буд, рад кунад, вале саранҷом дар банди андешаи хурофии вуҷуди як мавҷуди метафизикии вопасгаро бо номи Худо, ки ҳам зиндагӣ ва ҳам марги инсонро дар контроли худ дорад, боқӣ мемонад. Кант то он ҷо аз нардбони нубушғи фалсафии худ боло меравад, ки ташхис диҳад, на як вуҷуди маънавии нодидаву ноозмудае ба номи Худо метавонад дар ин дунё вуҷуд дошта бошад. На ҷаҳони офариниш метавонад шоҳкори амали як вуҷуди ношинохта ба шумор равад ва на ин ки низоми ҷаҳони ҳастиву чигунагии механизми он метавонад далели вуҷуди Худо бошад. Вале ба назар мерасад, ки наметавонад худро аз бандҳои андешагириҳои суннатии баъзе аз нависандагони пеш аз худ дар бораи назарияи вуҷуди Худо раҳоӣ бахшад ва саранҷом чигунагии сулуки башарро ба вуҷуди Худо пайванд мезанад. Нубуғи Кант то он ҷо, ки лузуми вуҷуди Худоро бо андешае дурусткирдории афроди башар, бидуни интизори дарёфти подош ёддоварӣ аз муҷозот пайванд медиҳад, қобили тамҷид ва ситоиш аст, зеро Кант дар навоварии ин назария хостааст зеҳни афроди башарро аз тазоҳуроти берунӣ ба андешагариҳои дарунӣ раҳнамун кунад ва ба фароди башар бифаҳмонад, ки анҷоми пораи ташрифоти берунӣ монанди вард хондан ва ё зоҳири худро бо мушахассоти вижае монанди ришгузоштану тасбеҳ дар даст гирифтану ба калисо, каниса, масҷид рафтан далели худошиносӣ ва мазҳабӣ будан нест, балки инсоне ки ба вуҷуди Худо бовар дошта, худро мазҳабӣ медонад, бояд нахуст аз лиҳози андешагарӣ худро худошинос ва мазҳабӣ намуда, сипас чигунагии андешагирии мазҳабиашро дар сулуку рафтораш ба кор барад. Он ҷое низ, ки Кант аз андешагирӣ сухан мегӯяд, ҳадафаш андешагирии мазҳабии мусбат аст, на манфӣ. Бад-ин шарҳ, ки ҳангоме ки инсон бо некандешӣ ва

анҷоми сулуки некӯ даст мезанад набояд ин корро барои гирифтани подош ва ё дур шудан аз муҷозот анҷом диҳад, балки ҳадафи ӯ дар андешаву сулуке, ки барои худ бармегӯзинад, бояд андешаҳои мусбату созандаи андеша ва рафтораш бошад, на баҳрагирӣ аз маниши некрӯии худ. Ҳамин аст, далелҳои фалсафии худошиносии Кант то он дараҷа, ки башарро аз аъмолу кирдори тарфандомез берун ба андешагирии мусбат ва созандаи дарунӣ раҳнамуд мекунад, қобили ситоиш аст, вале мутаассифона файласуфи олиқадр мавзӯи вуҷуд ё набуди вуҷуди Худоро иртиботи инсон, чигунагии омилҳои метафизикиро дар ҳамон ростое, ки пайёмбарону дағалкорони мазҳабӣ бо он рафтор кардаанд, раҳо мекунад ва дар ин бора ба рушангарии шоиста намепардозад.

Ҳадафи Имануэл Кант дар баҳси фалсафӣ аз ду андеша хориҷ нест, ё ӯ кӯшиш дорад инсон аз роҳи сулуку рафтораш ба худошиносӣ раҳнамун шавад ё ин ки қасд дорад аз роҳи худошиносӣ андешаву рафтори инсонро пероиш ва ӯро ба кирдору маниши некӯ раҳнамун созад. Ба назар мерасад, ки дар ҳарду ҳол кӯшиши Кант дар худошиносӣ ба ноумедӣ мегарояд, зеро дар фарзи нахуст гӯё Кант ба вижагиҳои ниҳодии башар таваҷҷуҳе намекунад. Кант дар баррасии андешаву сулуки инсон ба ин нукта таваҷҷуҳ надорад, ки каму беш тамоми фалсафаҳо ва нависандагон бовар доранд, ки афроди башар дорои сиришту ниҳоди саркаш мебошад ва ба назари ғаризи суди шахсии худро пайваста болотар аз манофеи ҳамагонии ҳамнавъони худ қарор медиҳад.

Достоевский дар китоби «Қиморбоз» менависад: Ваҳшигарӣ, зургӯӣ ва корбурди қудрати беандоза рӯи як ҳашара барои башар лаззатофарин аст. башар аз назари ниҳодӣ ситамкор буда ва майл дорад шиканҷагарӣ кунад.

Зигмнунд Фрейд аз қавли Тетус Плотус драманависи машҳури Румӣ пеш аз мелод дар китоби «Тамаддун ва норизоиҳои он» менависад: Ҳомо ҳомини лупус- яъне башар барои ҳамнавъи худ ҳукми гургро дорад.

Августин дар бораи табиати башар менависад: Агар ба хотири тарс аз давлат набуд, афроди башар он қадар якдигарро мекуштанд, то насли башар аз байн бардошта шавад.

Никколо Макиавелли низ менависад: Ҳар касе ки хоҳад ба ташкили ҳукумату эҷоди қонун бипардозад, бояд фарз дошта бошад, ки тамоми афроди башар дорои ниҳоди бад буда, ҳар

замоне, ки фурсате ба чанг оваранд ба иртикоби каҷравӣ хоҳанд пардохт.

Макаивелли ҳамчунин менависад: «…Афроди башар танҳо зери фишор ба анҷоми рафтори нек мепардозанд, вале ҳар лаҳзае ки фурсати иртикоби амали накубида бидуни муҷозот ба даст оваранд ин фурсатро барои иртикоби аъмоли зишт аз даст нахоҳанд дод».

Таваҷҷӯҳ ба он чи ки дар бораи вижагиҳои ниҳоду табиати башар шарҳ дода шуд метавон гуфт, ки ниҳоди башар номутмаъинтар аз он аст, ки битавон аз роҳи сулуку рафтор ӯро ба андешаи худошиносӣ раҳнамун кард.

Нуқтаи ҷолиби дигар дар васфи Кант дар бораи худошиносӣ мафҳуми мухолифи фалсафаи ӯ мабнӣ бар шиносоии вуҷуди Худо аз роҳи сулуку андеша бидуни интизори подош аст. Бад-ин фарқ, ки агар фалсафаи Кантро дар ин бора воруна кунем ба ин натиҷа мерасем, ки усулан афроди башар аз назари ниҳодӣ фоқиди далоили худошиносӣ мебошад, зеро агар мо пиндор кунем, ки рафтору киндори инсон ҳангоми некӯ шунида мешавад, ки онро ба муносибати ниҳоди амал анҷом дода, ба интизори подоше дар анҷоми амали нек надошта бошад. Бинобар он чи ки аз қавли чанд тан аз машҳуртарин фалосифаи ҷаҳон овардем камтар инсонеро метавонем бо ин далелҳову чигунагии андешагарӣ пайдо кунем. Бинобар ин афроди инсон дар зот аз фирузаи худошиносӣ бебаҳра ҳастанд. Шояд Кант ҳамин натиҷаро дар баҳси фалсафаи худ ҷо дод ва бо нубуғи фалсафиаш хостааст бигӯяд, ки худошиносӣ кимиёе аст, ки афроди башар аз он сармояи зотӣ ва ниҳодӣ надоранд.

Фарзи дуввуми Кант яъне кӯшиши ӯ барои ислоҳи рафтору сулуки инсон аз роҳи худошиносӣ низ ба ҳамон андозаи фарзи нахуст моро дар водии ноумедӣ саргадон мекунад, зеро аввалан маъруф аст, ки мегӯяд идеологияи инсон пайваста аз равоншиносии ӯ ба вуҷуд меояд. Сонияан ҳангоме ки турфанд-бозони мазҳабӣ худро василаву робитаи байни Худо ва инсон қарор медиҳанду аз қавли Худо ҳазорон гуфтаи ноҳамгун барои башари мазҳабӣ ба арвоҳон меоваранд. Чи гунна башар бо шуур метавонад аз роҳи худошшиносӣ аз пероиши сулуку рафтори худ бипардозад. Ҳангоме ки динмардони католик бо як эътироф тамоми гуноҳон ва каҷравиҳоро аз души башар бармедоранд.

Ба ҳар рӯй чакидаи фалсафаи Кант он аст, ки хираду донишро барои таваҷҷӯҳи вуҷуди Худо наметавон ба кор гирифт, балки

воқеияти вуҷуди Худоро бояд ба василаи усулварзиҳои ахлоқӣ дарк кунанд. Бар пояи фалсафаи Кант инсони бохирад набояд тавақӯъ дошта бошад, ки аз Худо арзишҳои ахлоқӣ илҳом бигирад ва аз ин роҳ ӯро бишносад, балки бояд ба василаи арзишҳои ахлоқии худ вуҷуди Худоро дарк кунад ва ӯро ҳомии онҳое, ки аз арзишҳои ахлоқӣ пайравӣ мекунад, бидонанд.

Бидуни тардид фалсафаи Кант ҷунбиши рӯшангарӣ ва мубориза ба боварҳои хурофиро, то андозае дар садаи 18-ум бе асар намонд. Дуруст аст, ки дар ин садда озодандешони бузурге чун Девид Юм, Волтер, Жан Жак Руссо, Этине Конделак, Ҷулиан Ламетри, Барох Спиноза, Ҷон Толан, Антонии Полинс, Матҳев Тиндел, Бертиронад Рассел ва дигарон бо андешаҳо ва осори рӯшанфикронаи худ ба ҷанг бо боварҳои хурофӣ шитофтанд ва аз боварҳои метофизикии вопасгароёнае, ки ҳазорон сол бар чигунагии андешагирии афроди башар партав афканда буд, парда бардоштаанд, вале решаҳои нодониву ақоиди хурофӣ ончунон дар жарфнои боварҳои тудаҳои мардуми оддӣ сангӣ шуда буд, ки инқилоби рушангаронаи файласуфони озодандеши Аврупоӣ дар раҳоии тудаҳо аз андешаҳои хурофию дарунхолии метофизикӣ асари қотеъе набахшид ва гомҳои пуёе, ки Девид Юм ба соири андешамандони бузург барои раҳоии мардум аз мӯътақидоти хурофии динӣ бардошта буданд, ба василаи Имануэл Кант хунсо ва беасар гардид. Ҳукумдорон ва савдогарони нодониҳои хурофа-андешиҳо дубора ба пойгоҳои пешини худ бозгашт намуданд.

***Таҳаввулоти назарияи Худо дар асри 20***

Садаи 20-ро метавон давраи заволи эътиқодоти хурофии дину мазҳаб ва давраи шукуфидани озодӣ аз тилисми назарияи хиёлии вуҷуди метофизикии Худо номид. Пешрафтҳои илму технология дар ин замон башарро ба худ овард ва сабаб шуд, ки вуҷуду зиндагии худро аз Худо ҷудо кунад. Дар ин давра файласуфону донишмандон ва нависандагони шаҳире аз ҷумла Людвиг Фербах, Карл Маркс, Фридрих Нитше ва Зигмунд Фрейд по ба паҳнаи вуҷуд гузоштанд ва бо осори илмии худ чашмони башарро ба ростиҳо боз карданд ва зеҳну хиради хуфта ва мондаи ӯро то андозае аз банди теории худое, ки вазифааш дар осмон вопасгарон нигоҳ доштани башари рӯи замин аст раҳо ва озод карданд.

Питер Симон де Лаплас (1749-1827) риёзидон ва ситорашиносӣ машҳури фаронсавӣ ба ин натиҷа расид, ки ҷаҳон бар

асари инфиҷори бузурге ки манзумаи шамсиро аз хуршед ҷудо кард ва ба тадриҷ сар шуд ба вуҷуд омад. Замоне Наполеон Бонапарт аз Лаплас пурсиш кард, чи касе нақша ва тарҳи ин таҳаввулро ба вуҷуд овард. Лаплас посух дод: Ин пурсиш ба вуҷуд омадани ҷаҳони ҳастӣ ҳеҷ иртиботе надорад.

Дар солҳои поёнии қарни 19 –ум Фридрих Нитше (1844-1900) файласуфи баландмартабаи олмонӣ ошкоро вуҷуди Худоро инкор кард ва изҳор дошт, Худое ки мо барои ӯ вуҷуд қоим ҳастем дар воқеъ як мавҷуди мурда аст ва афроди башар ба ҷои ин ки худро ғулому бардаи мавҷудоти маъдуму нестандарҷаҳон бикунанд бояд хештанро офаринандаи рӯйдодҳо ва падидаҳои ҷаҳони мо ба шумор оваранд. Башар ба ҷои ин ки худро дар зинаи пастӣ ва хорӣ қарор дода ҳамаи тавонашро ба як мавҷуди маъдум нисбат диҳад, бояд дар пойгоҳи як мавҷуди тавонманд ва фароравон фуруҳмандӣ пайдо кунад ва ончиро ки аз Худои пиндорӣ ва нестандарҷаҳон интизор дорад, худ биофаринанд.

Дар нимаи нахустини садаи 20 Рудолф Штайнер (1861-1925) бунёдгузори фалсафаи иҷтимоӣ, ки зери таъсири фалсафаи Гётте қарор гирифта буд дар соли 1913 нававари андешаи ҷадиде шуд, ки онро «Антро поссофӣ» номид. Штайнер бовар дошт, инсон дорои нерӯи мағзии пӯё аст, ки аз ҳиссиёти ӯ ҷудо ва мустақил аст ва бо баҳрагирӣ аз ин нерӯ андешагарӣ метавонад ба ҳақиқати ғоӣ даст ёбад. Штайнер бар пояи назарияи антропософӣ муътақид буд, ки инсон ба ҷои ин ки нерӯҳои мағзии худро дар роҳи хурофахоҳӣ ва беҳудапарастӣ ба кор барад бояд онҳоро дар роҳи бартарсозии зиндагии худ вижагӣ диҳад.

Мурррис Мерло Понти (1908-1961) аз машҳуртарину муҳимтарин файласуфони экзестентсиолисти фаронсавӣ пас аз ҷанги дуввуми ҷаҳонӣ изҳор дошт: Ҳангоме ки башар ба вуҷуди Худо қоил мешавад лузуме надорад бо ҳушу андешаи худ дар ҷиҳати кашфу нодониҳои худ гом бардорад, зеро замоне, ки инсон Худоро дар андешагирии худ ворид мекунад, Худо худ аз пеш нерӯи ҳуш ва андешаи ӯро нобуд месозад. Чун башар ҳамеша Худоро ниҳоди такомул медонад, аз ин рӯ ҳангоме ки инсон ба Худо мӯътақид мешавад, дигар андешаи расидан ба такомул дар сари ӯ роҳ намеёбад.

Алберт Комю (1913-1960) мегӯяд инсон метавонад зиндагии худро бартару фарорунтар созад, ки нерӯҳои инсониашро ба ҷои талаф кардан дар роҳи пурсиши як Худои пиндорӣ дар роҳи

беҳсозии зиндагии афроди ҳамнавъаш ба кор гирад. Ба таваҷҷӯҳ ба ин ки башар дар замонҳои пешин Худоро ҳалкунандаи тамоми масоилу мушкилоти зиндагии худ фарз мекард. Аз ин рӯ, худро аз рушди фикрию пешрафти фардӣ ва иҷтимоӣ барои рӯ ба рӯ шудан бо мушкилоташ боздошта, вале бо пушти сар гузоштани андешаи хурофию пиндории вуҷуди Худое, ки ҳатто бидуни иродаи ӯ барге аз дарахт ба замин намеафтад ва бидуни хости ӯ ҳеҷ мушкиле ҳал намешавад, замони он фаро расидааст, ки инсон нерӯҳои шигарфи фикрӣ ва низ омили кундогарии худашро дар ҷиҳати беҳсозии зиндагии худу ҳамнавъонаш ба сар барад.

Ҷон Пол Сартр (1905-1980) бунёдгузори мактаби экзестенсиализми Фаронса изҳор дошт назарияи пиндори Худо сурохие дар ҳушу зеҳнияти инсон эҷод мекунад ва ӯро лаҳзае ба худ во намегузорад. Ҷон Пол Сартр то он андоза поии худро дар рӯшанбинӣ боло мегузорад, ки пофишорӣ мекунад: «Ҳатто агар ба фарзи маҳол Худое низ дар дунё вуҷуд дошта бошад, бояд вуҷуди ӯро нодида гирифт то ба кори худ машғул бошад, зеро назарияи вуҷуди Худо ҳамеша сабаби хафқоне андешаи озод будааст. Мазҳабҳои суннатӣ ҳамеша гуфтаанд, инсон ҳангоме ба такомули ростин даст хоҳад ёфт, ки ба Худо имон дошта ва худро бо хостҳои ӯ ҳангом созад. Дар ҳоле ки ба ростӣ бояд гуфт такомули инсон дар ҷудосозии худ аз мавҷуди хиёлии худоӣ аст, ки пайваста ҳадафаш боздоштани инсон аз рушду нумӯ мебошад».

***Ҷунбиши марги Худо***

Дар солҳои 1960 гурӯҳе аз донишмандони радикали илоҳиёти масеҳӣ дар Амрико, ки бештари онҳо протестантҳо буданд, дар бораи эътиқод ва дину Худо ба ибрози ақидаи ҷадиде пардохтанд, ки аз ҳар ҷиҳат наву инқилобӣ буд ва сару садои бисёре дар Амрико ва соири кишварҳои масеҳӣ ба вуҷуд овард. Нуктаи бисёр муҳиме, ки ин мактаби тозаи мазҳабӣ бо номи ҷунбиши марги Худо машҳур шудааст, дар миёни бисёре аз ақидаҳои худ иброз дошта, ки дар дунёи имрӯз ақида ба вуҷуди Худо ғайри мумкин беҳудаву бемаъни буда, беҳзистию комёбии башарро бояд дар дунёи андешагирии ғайримазҳабӣ ҷустуҷӯ кард.

Яке аз машҳуртарин донишмандони мактаби ҷунбиши марги Худо Томас Олтезер аз донишмандони илоҳиёти протестант аст, ки ошкоро мегӯяд Худое, ки динҳои муссавият, масеҳияту ислом аз он сухан рондаанд дар ҳангоми ба салиб кашидани Исоҳи Масеҳ мурда аст ва мо аз он пас дар як дунёи бехудо зиндагӣ

мекунем. Дигар аз донишмандони илоҳиёти масеҳӣ бо номи Пол Вон Бурен (1924-1998) мегӯяд: Арзиши вуҷуди Худо аз мафҳуми луғавии он болотар намеравад, зеро дар дунёи мо бе ҳеҷ ваҷҳ наметавон вуҷуди чунин омилеро ба исбот расонид.

Вилям Ҳемилтон аз донишмандони барҷастаи мактаби ёдшуда низ мегӯяд: Ақида ба набудани вуҷуди Худо ба башар имкон хоҳад дод, ки нисбат ба анҷоми умури худ масъулият эҳсос карда, дунёеро, ки бояд умри худро дар он ба сар овард дӯст дошта, дар беҳбуди он бикӯшад ва аз эҳсоси воҳии вобастагӣ ба вуҷуди як нерӯи мавҳум ба номи Худо дар осмон ва пайравӣ низ аз Исои масеҳ ба унвони модели зиндагии худ даст бардорад.

Габриел Ваҳони яке аз коллонистҳои масеҳӣ низ, ки аз ақидахои радикалии мазҳабӣ баҳрае надошт, изҳор дошт, ки марги Худо ҳам як падидаи мазҳабӣ ва ҳам як рӯйдоди фарҳангӣ аст, зеро ақидаҳову омӯзишҳои афсонаҳои масеҳиҳо дигар дар дунёи ҷадиди илмии мавҷуд харидоре надорад. Ҳомилтон афзудааст, ки башар бояд пиндорҳои иштибоҳиро, ки фарҳанги масеҳият барояш ба вуҷуд оварда, ба зуболадони хурофоти мазҳабӣ вожгун созад ва боварҳои метафизикиашро аз ақида ба вуҷуди Худо пок кунад ва ба ин васила ба арзишҳои инсонии худ фараҳмандии бештар ва волотар мебахшад.

Дар соли 1989 профессор Роналд Франклин Инглҳорт (1934) устоди илмҳои сиёсии донишгоҳи Мичигон дар китоби зери номи «Фарогашти фарҳанг» дар ҷомеаҳои пешрафтаи санъатӣ ба риштаи нигориш даровард, натиҷа гирифт ки вобастагии мардум ва давлатҳои худ дар бисёре аз кишварҳои санъатии ҷаҳон ҷонишини ақидаву имони онҳо нисбат ба вуҷуди Худо шудааст. Инглҳорт пажуҳишҳои худро бар пояи ин ақида, ки инсон ба сабаби эҳсоси адами амният ба вуҷуди Худо ва боварҳои динию метафизкӣ дил мебандад анҷом дода буд. Инглҳорт дар муддати 18 сол пажӯҳиш дар бораи ақидаву имони метафизикии мардум ба садҳо нафар дар беш аз 20 кишвари ҷаҳон гуфтугӯ кардааст ва аз натиҷаи пажуҳишҳои худ ба ин натиҷа расид, ки агарчи ҳанӯз аксарияти қобили таваҷҷуҳе аз афроди башар ба вуҷуди Худо имон доранд, бо ин вуҷуд шумори онҳое, ки рӯз ба рӯз имони худро нисбат ба Худо аз даст медиҳанд дар ҳоли афзудан аст. Инглҳорт бовар дорад, ки далели афзоиши шумори онҳое ки ақидаву имони худро нисбат ба Худо аз даст медиҳанд он аст, ки бисёре аз ҳукуматҳои ҷахон ба вижа ҳукуматҳои Аврупоӣ рӯз ба рӯз дар таъмини амнияти иқтисодии мардум эҷоди рифоҳ ва

осоишу беҳдошти фарҳангии ройгон барои онҳо гомҳои тозае бармедоранд ва ин иқдомот сабаб шудааст, ки мардум ба ҳукуматҳои худ вобастагии бештаре пайдо кунанд ва ҳар андоза, ки вобастагии мардум нисбат ба ҳукуматҳои худ фузунӣ меёбад аз дараҷаи ақидаву имони онҳо нисбат ба Худо коҳиш меёбад. Ба ҳамин муносибат дар кишварҳое, ки ҳукумат мардумро зери чатри ҳимояти худ қарор дода, монанди кишварҳои Донморк, Фаронса, Жопон, Суит, Олмон ва ғайра танҳо 60 дар сади мардум имони худро нисбат ба Худо ҳифз карда бақияи онҳо имону ақидаи худро нисбат ба Худо аз даст додаанд. Вале дар кишварҳое, ки ҳукумат дар таъмини рифоҳу осоиши мардум гомҳои муҳиме бар надошта монанди кишварҳои Амрико, Ирланд, Африқои ҷанубӣ ва Мексика имони мардум ба Худо ҳамчунон тавонманд боқӣ мондааст. Нуктаи ҷолиб дар пажӯҳишҳои Инглҳорт тафовути муҳиме аст, ки байни гароиши содда ба вуҷуди Худо ва ақида ба дину мазҳаб вуҷуд дорад. Натиҷаи пажуҳишҳои донишманди номбурда нишон медиҳад дар ҳоле, ки 60 дар сади ҷопониҳо ба вуҷуди Худо ақида доранд вале танҳо 25 дар сади онҳо мазҳабӣ ҳастанд. Ҳамчунин агарчи Амрико аз назари иқтисодӣ тавондмандтарин кишвари ҷаҳон ба шумор меравад, вале чун ҳукумати ин кишвар мувафақ дар таъмини амнияти иқтисодии мардум нашуда, аз ин рӯ имони мардум нисбат ба Худо ҳанӯз тавонманд боқӣ мондааст.

Кӯшишҳои равшангаронаи донишмандону андешамандони боло сабаб шудааст, ки дар даҳаи поёнии саддаи 20-ум башар эҳсос кунад, ки пиндори хурофии вуҷуди Худо на танҳо ғайри лозим, балки барои пешрафту беҳсозии зиндагии башар зиёновар низ мебошад. Дар замони мо ин ақида ба хубӣ эҳсос мешавад, ки агар Худо ба ростӣ ҳанӯз намурдааст, вале умри зиёде низ дар пеш надорад. Дар ин замон ба хубӣ метавон дарёфт, ки асли хираду мантиқ ҷонишини давраи хурофоту ситоиш мешавад ва ба тадриҷ дӯконҳои пурсуди мазҳабфурӯшоне, ки садҳо тудаҳои мардумро бо нерӯҳои нодидании метафизикӣ афсун мекардаанд, равнақу тавони худро аз даст медиҳад. Бадеҳист, ки ҳанӯз савдогарони динӣ барои наҷоти пешаҳои пурсуди худ даст аз кушиш боз надоштаанд, вале пешрафти донишу хиради пӯё умеди онҳоро барои зинда мондан ба ғуруби завол наздик мекунад ва уфуқи озодандешии башар ва беҳрӯзии ӯ тобону шукуфон мешавад. Ба умеди ин ки дар садае, ки дар пеш дорем иҷтимоиёти инсонӣ аз вуҷуди гурӯҳи

золу ва ангали иҷтимоӣ ба номи рӯҳонӣ охунд, кашишу хохом холию муназзаҳ гардад.

***Дурнамои назарияи Худо дар садаи равон***

Дар солҳое ки дунёи мо ба садаи 21 ворид шудааст фарогашти боварҳои хурофӣ ба омили метафизикӣ ва бавижа Худое, ки инсон ӯро барои он меофаринад, ки боздорандаи андешаҳо ва аъмоли созандааш буда ва аз болои замин мунокиби аъмол ва кирдори бандагонаш бошад ба уфуқи хирадпазир ва пуётаре табдил мегардид. Дар садаҳои 19- ум ва 20-ум ба мувозибати пешрафти донишу техника файласуфону донишмандон кушиш карданд ба мағзҳои афсуншудаи афроди башар нури мантиқу хирадро битобонанд, вале нерӯҳои иртиҷоии мазҳабӣ монеи шукуфидани иқдомоти башардӯстонаи онҳо шуданд. Хушбахтона дар солҳои охири садаи 20 озодандешиву баргаштагӣ аз боварҳои хурофиву мазҳабӣ дигар ойини гурӯҳи ночиз аз донишварону бинишмандони ҷаҳон нест, балки ворастагии инсон аз вопасгарии зеҳнӣ ба василаи боварҳои метафизикӣ, ҳамгироии ҷаҳонӣ ёфтааст. Дар солҳои аввали даҳаи 20-ум бар хилофи боварҳои ҳамагонӣ рӯйдоди инқилоби Марксистӣ дар кишвари Шӯравӣ ва ба дунболи он дар кишварҳои Аврупои Шарқӣ зарбаи корсозе ба ҷунбиши озодандешиву раҳоии афроди башар аз хурофоти динӣ ворид кард. Бадеҳӣ аст, ки ҳама фикр мекарданд, империтории камуннизм бо пайравӣ аз омӯзишҳои рушангаронаи Маркс ва Энгелс дар бораи ақидаҳои мазҳабӣ ва метафизикӣ сабаби рушанбинии мардум ва дур кардани онҳо аз боварҳои хурофиву мазҳабӣ хоҳад шуд. Вале баръакс коммунизм ҳам озодиан-дешагариро маҳдуд кард ва ба таври нохудогоҳ мазҳаби Худоро ба гунаи ғайримустақим тавонманд намуд, зеро мардуми қисмати бузурги кишваҳои ҷаҳон, ки зери таъсири режимҳои камунистӣ ба сар мебурданд, нигоҳдории боварҳои мазҳабиро ба унвони яке аз роҳҳои ғайримустақиму ороми мубориза бо режимҳои камунистӣ ба кор гирифта ва кишварҳои ғарбӣ низ худро дар баробари таблиғоти режимҳои комунистӣ, ки рӯз ба рӯз болҳошонро бар нуқоти бештар аз кишварҳои ҷаҳон мекушуданд нотавон диданд, тавонманд кардани боварҳои мазҳабию метафизикии мардум пардохтанд.

Далели гароиши мардум дар кишварҳои комунистӣ ба ақидахои динӣ он буд, ки режимҳои комунистӣ ҳадафи сиёсати

хориҷии худро ҳамбастагии коргарону заҳматкашони саросари ҷаҳон эълон мекарданд. Вале чун кишварҳои самоядории ғарбӣ барои сиёсати хориҷии худ дар баробари режимҳои комунистӣ дорои идеалогияи хосе набудаанд, аз ин рӯ, мазҳабро ҳадафи сиёсати хориҷии худ қарор  дода, ба тавонманд кардани он машғул шуданд. Аз ин рӯ, бар хилофи он чӣ ки ҳама пидор мекарданд комунизм аз як сӯ сабаби тавонманд кардани мазҳаб чӣ дар кишварҳои комунистӣ ва чӣ хориҷ аз он шуд. Аз тарафи дигар, озодандешагарии мардумро қурбонии зиндамондани худ намуд, вале бо таваҷҷуҳ ба ин ки дар остонаи садаи имрӯз, ки бо фурупошии режимҳои комунистӣ рост омад, дигар кишварҳои ғарбӣ аз авомфиребӣ ба василаи таблиғи нерӯҳои метафизикии Худо ва мазҳаб даст бардоштанд. Дар ин рӯзҳо калисоҳо, канисаҳо ва масҷидҳо ҷазабаи пешини худро аз даст додаанд.

Амвоҷи пурфишору пешрафтаи дониш,технология ва тамаддун дигар ба инсони садаи 21 иҷоза нахоҳад дод, ки бандаву думболарави афсунҳои гурӯҳи ангалҳои мазҳабинамои иҷтимоӣ бошанд.  Ва бидуни тардид тобиши фурузони донишу техналогия яххҳои нодониҳову хурофотро дар ин сада об хоҳад кард. Ва инсонро аз чанги Худое, ки савдогарони мазҳабӣ ӯро барои таъмини  манофеъи худ офаридаанд наҷот хоҳад дод.

Раҳоӣ аз дасти Худои бекораву манфигарое, ки вазифааш сонсури андеша ва контроли аъмолу рафтори инсон дар ҷиҳати ҷоҳталабиҳои худ мебошад ва то кунун лаҳзае ӯро ба худ во нагузошта, инсони асри 21-ро қодир хоҳад кард вақту нерӯи худро ба ҷои парастиши мавҷудоти пиндориву хаёлӣ дар роҳи пешрафту беҳсозии зиндагии худу ҳамнавъонаш борвару пуё созад. Башар то кунун бекор нишастааст то Худо барояш фикр кунад, тасмим бигирад ва зиндагӣ бисозад ва бештари авқот ҳато мусибатҳову балоҳои зиндагии худро иродаву хости Худо дониста ва ба онҳо бо назари мусбат назар афкандааст . Вале умед аст дар садаи равон башар қодир шавад вуҷуди зеҳниашро аз як Худои пиндории бегонае, ки ӯро пайваста дар барзахи вопасгароӣ дар банд нигоҳ доштааст, ҷудо кунад ва бо баҳрагирӣ аз ҳушу зеҳни беинтиҳои худ беҳину шукуфо созад.

## *БОЗЁФТҲОИ ҶАВОНОН*



*Номвар Қурбонов* / *табиатшинос*

# МАКОТИБИ ИЛМИИ ПАСАЗИСТИҚЛОЛИИ ФИЗИКА

Давраи муосири рушди илми физика дар Тоҷикистон ба солҳои 50-уми садаи XX рост меояд, зеро маҳз дар ин давра, дар кишвар як қатор рӯйдодҳои муҳими илмӣ ба вуқуъ пайвастанд. Яъне, таъсиси Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (1951) ва дар зертобеи он кушодашавии Институтҳои астрофизика (1958) ва физикаю техникаи ба номи С.У. Умаров (1964) саҳифаи ҷадидеро дар таърихи илми тоҷик боз карданд. Яке аз марказҳои асосӣ, ки барои пур кардани фазои илмию тадқиқотии ин муассисаҳо мутахассисони ҷавонро омода менамуд, факултети физикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буду ҳаст. Ифтитоҳи факултети фавқ аз санаи таъсисёбии факултети физикаю математика дар соли 1949 ибтидо мегирад. Хатми нахустини донишҷӯёни факултет бошад, ба соли 1954 рост омад (шуморашон 8 нафар буд) ва нахустин декани он пас аз мустақил гардидан (1965), номзади илмҳои физикаю математика, баъдтар д.и.ф.-м., профессор, узви вобастаи АИ ҶТ Ҳакимов Ф.Х. буд.

Пас аз соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон марҳилаи боз ҳам ҷадиди инкишофи илму техника оғоз ёфта, равобити илмӣ бо як қатор кишварҳо хориҷи дуру наздик ба роҳ монда шуданд. Истиқлолият барои олимони кишвари мо шароити хуберо фароҳам овард, ки онҳо дигар дар ҳайъати ИҶШС не, балки ба таври мустақил дар конфронсу симпозиум ва чорабиниҳои илмии минтақавию ҷаҳонӣ ширкат меварзанд. Баъд аз расидан ба истиқлолияти давлатӣ факултети физикаи ДМТ ба руши бесобиқа ноил гардида, дар он якчанд кафедра ва тахассусҳои нави барои пешрафти кишвар зарурӣ таъсис дода шуданд. Мактабҳои илмӣ таҳти сарварии физикони номвари кишвар ба

масоили ҷадиду дақиқ ва ҳалталаби замонавӣ машғул шуда, ба дастовардҳои беназир соҳиб гардиданд, ки ин ҷо оид ба масъалаи меҳварии омӯзиш ва роҳбарону пайравони чанде аз онҳо маълумот хоҳем дод:

*Мактаби илмии Ҳакимов Фотеҳ Холиқович*. Ҳакимов Ф.Х. соли 1959 факултети физикаю математикаи (шуъбаи физикаи) Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) ва соли 1963 шуъбаи аспирантураи факултети физикаи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносовро хатм намудааст. Ӯ соли 1964 дар мавзӯи «*Оид ба хосиятҳои муқимии плазмаи куллан ионишуда дар майдони магнитии диполӣ бо назардошти чархиш*» рисолаи номзадӣ ва соли 1980 дар мавзӯи «*Масъалаҳои назарияи плазмаи турбулентии қавӣ*» рисолаи докториро сарбаландона дифоъ менамояд. Ба Ҳакимов Ф.Х. барои хизматҳои шоён дар ҷодаи таълиму тарбияти насли наврас унвонҳои илмӣ-академии дотсент (1965) ва профессор (1983) эҳдо шуда, ҳамзамон соли 1987 узви вобастаи АИ ҶТ интихоб гардид. Фаъолияти илмии ӯ ба масоили назариявии физикаи плазма ва ноустувории модулатсионии плазмаи релятивӣ дар ҳалли проблемаҳои астрофизикӣ бахшида шудаанд. Аз ҷониби Ҳакимов Ф.Х. пешниҳод гардидани назарияи умумии таъсири мутақобили модулатсионии функсияҳои ғайримувозинатии тақсимоти зарраҳои заряднок, имконияти баназаргирии ғайрихаттии дараҷаҳои баландро фароҳам овард. Ӯ коркарди назарияи умумии таъсири мутақобилаи модулятсионии функсияҳои ғайримувозинатии тақсимоти зарраҳои заряднок, ки барои муттасилаи ба назар гирифтани ғайрихаттихои дараҷаҳои боло имконият фароҳам овард. Ин назария имконияти мавчуд будани солитонҳои баландсуръатро пешгӯӣ кард, ки баъдтар онҳо дар таҷриба мушоҳида шуданд. Коркарди услуб ва бунёди назарияи сарбаста ва аз ҷиҳати физикӣ асоснок кардашудаи таъсири мутақобилаи модулятсиони дар марҳилаи ғайрихаттӣ, ки барои таксимоти заррахо ва лаппишҳои ҳам якченака ва сеченака қабули истифода мешавад. Маҳз дар заминаи ин тадқиқоту пажӯҳишот зери роҳбарии бевоситаи ӯ беш аз 15 рисолаи номзадӣ (Абдуллоев Ҳ.О., Комилов Қ., Ҳакимова М.А., Махсудов Б.И., Холмуродов Х.Т., Маханков А.В., Канашкин С.Б., Кооп М.И., Абдураҳимов Д.Ё., Хачатрян А.Г., Қобилов М.М., Зиёд Р., Равшанова Д.) ва 4 рисолаи докторӣ (Абдуллоев

Ҳ.О., Лисаков Б.С., Холмуродов Х.Т., Муминов Ҳ.Ҳ.) дифоъ кардаанд.

<u>*Мактаби илмии Нарзиев Бозор Нарзиевич*</u>. Нарзиев Б.Н. факултети физикаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро соли 1963 ва аспирантураи Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербургро соли 1968 ба поён расонидааст. Ӯ дар мавзӯи «Спектроскопическое исследование межмолекулярного взаимодействия в водных и неводных растворах ацетонитрила» (1969) рисолаи номзадӣ ва дар мавзӯи «Водородные связи и строение растворов гетероциклических соединений по данным инфракрасной спектроскопии» (1994) рисолаи доктториро бо муваффақият ҳимоя кардааст. Барои саҳми арзишмандаш дар рушди илми физика ба Нарзиев Б.Н. соли 1974 унвони илмӣ-академии дотсентӣ ва соли 2000 профессорӣ дода шуд.

Профессор Нарзиев Б.Н. ягона шахсест, ки дар ҶТ аз солҳои аввали фаъолияти худ сар карда (1970) мактаби илмию таълимӣ оиди «Омӯзиши хосиятҳои оптикӣ ва сохтори моддаҳои конденсӣ - моеъҳо, маҳлулҳо ва ҷисмҳои сахт, ҳодисаҳои оптикии дар ин муҳитҳо ба амал оянда ва қобилиятҳои протондонорию протонакцептории молекулаҳо» ташкил намуда, инкишоф дод. Натиҷаҳои бадастовардааш сазовори қабули мутахассисони соҳаҳои мухталиф (физикаи молекулӣ, спектроскопияи молекулӣ, химияи физикӣ, сохтори модда ва ғайра) гардиданд ва онҳоро дар усулҳои дақиқу сермаълумоти спектроскопияи молекулӣ истифода мебаранд. Ӯ дар ин ҷода ба тайёр кардани мутахассисони соҳибунвон низ аҳамияти махсус додааст. Таҳти роҳнамоии профессор Нарзиев Б.Н. 5 рисолаи номзадӣ (Аббосов Б., Маҳкамбоев Ҷ., Нуруллоев М., Муллоев Н., Исломов З.) ва 1 рисолаи докторӣ (М. Нуруллоев) дифоъ кардаанд. Дар асоси корҳои илмӣ-тадқиқотиаш ӯ бо ҳамроҳии шогирдонаш зиёда аз 300 мақолаву фишурдаҳо интишор карда, дар 14 конфронсҳои байналхалқӣ ва 35 конфронсҳои минтақавӣ умумиттифоқию бо маърӯзаҳои пурмуҳтаво баромад намудааст.

<u>*Мактаби илмии Бобоев Тошбой Бобоевич*</u>. Бобоев Т.Б. соли 1963 факултети физикаю математикаи ДМТ ва соли 1968 аспирантураи Институти физикаю техникаи ба номи А.Ф. Иоффеи АИ ИҶШС - ро хатм кардааст. Ӯ соли 1970 рисолаи номзадӣ ва соли 1992 рисолаи докторӣ дифоъ намуда, соли 1975

сазовори унвони дотсентӣ ва соли 1993 соҳиби унвони профессорӣ мегардад. Бобоев Т.Б. яке аз асосгузорони равияи нави илм - «Вайроншавии фотомеханикии полимерҳо» ба шумор меравад. Ин олими номвар қонунияти вайроншавии фотомеханикии полимерҳоро кашф карда, роҳҳои баланд бадоштани устувории полимерҳоро дар шароити фотомеханикӣ аз нуқтаи назари илмӣ асоснок намудааст. Ҳамзамон, Бобоев Т. машғули тадқиқотҳоест, ки бевосита ба соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ тааллуқ доранд. Масалан, бо мақсади аз гидрогенсулфид ҳимоя кардани конструксияҳои филизӣ гурӯҳи илмии ӯ хамираи сангинеро пешниҳод намуд, ки дар сохтмони метрои шаҳри Тифлис ва лӯлаҳои филизии интиқоли нафти Сургут мариди истифода қарор гирифтанд. Солҳои 80-90-уми асри XX Бобоев Т. тарзи нави ҳосил кардани карбопластикҳоро, ки дар саноати авиатсионӣ ва ракетасозӣ истифода мегарданд, пешниҳод кард ва ин композитҳо мустаҳкамии зиёд дошта, ба таъсироти радиатсия устуворанд. Дар ин самт ӯ мутахассисони зиёдеро табия намуда, зери роҳбариаш Дадоматов Ҳ.Д., Ҷонов Ё.М., Усмонов Ғ.А. ва Истамов Ф.Х. рисолаи номзадӣ ва Шерматов Д. рисолаи докторӣ ҳимоя кардаанд. Илова бар ин, ба қалами Бобоев Т. 1 монография, беш аз 150 мақолаи илмӣ, 3 китоби дарсӣ, 29 васоити таълимӣ тааллуқ дошта, инчунин ӯ соҳиби 9 шаҳодатномаи муаллифии ихтироъ мебошад.

*Мактаби илмии Одинаев Саидмуҳаммад Одинаевич*. Одинаев С.О. факултети физикаи ДМТ-ро соли 1965 ва аспирантураи онро соли 1968 ба итмом мерасонад. Одинаев С. соли 1983 рисолаи номзадӣ ва соли 1994 рисолаи доктириро дифоъ карда, солиёни зиёд як қатор муассисаҳои илмию тадқиқотӣ ва макотиби олиро сарварӣ намудааст. Ӯ мутахассиси варзидаи назарияи статистикии ҳолати моеии моддаҳо ба шумор рафта, тадқиқоти илмӣ ва усулҳои пешниҳод намудааш роҷеъ ба сохтори макроскопии муҳити конденсӣ шӯҳрати ҷаҳонӣ доранд. Одинаев С.О. усули аслии таҳқиқи системаҳои классикиро дар муҳити конденсӣ бо истифода аз муодилаҳои кинетикӣ дар ҳолати мувозинатӣ ва ғайримувозинатӣ такмил додааст. Тадқиқотҳои илмии ӯ ба рушди назариявии молекулӣ-кинетикӣ, ҳодисаҳои интиқолӣ ва инчунин, таҳқиқи хосиятҳои чандирию акустики моеъҳои классикӣ (сода, ионӣ ва магнитӣ), маҳлулҳои молекулавӣ ва электролитӣ ва саҳми равандҳои релаксатсияҳои

сохторӣ дар онҳо бахшида шудаанд. Зери роҳбарии бевоситаи академик Одинаев С.О. 6 рисолаи номзадӣ (Акдодов Д.М., Маҳмадбегов Р., ...) ва 1 рисолаи докторӣ (Комилов Қ.) дифоъ кардаанд.

*Мактаби илмии Туйчиев Шарофиддин Туйчиевич*. Туйчиев Ш.Т. соли 1965 факултети физикаи ДМТ ва соли 1971 аспирантураи Институти пайвастаҳои калонмолекулии АИ ИҶШС (Санкт-Петербург) - ро хатм намудааст. Ӯ рисолаи номзадиро таҳти унвони «Таъсири кашиш дар ташаккули наххои полимерии калонмолекулӣ» соли 1972 ва рисолаи докториро дар мавзӯи «Рафтори деформатсионӣ ва гармии ҷузъҳои сохтори системаҳои полимерии тамоюлӣ» соли 1991 бомуваффақият дифоъ кардааст. Соли 1980 ба гирифтани унвони илмӣ-академии дотсент ва соли 1993 ба профессор шарафёб гардид. Туйчиев Ш.Т. яке аз муаллифони консепсияи нави мураттаби калонмолекулии полимерҳо буда, усулҳои компютерии таҳлил ва корбасти рентгенограммаҳои кунҷҳои хурдро барои ба даст овардани маълумотҳои саҳеҳ оид ба табдилоти сохторӣ дар полимерҳоро пешниҳод кард. Ӯ консепсияи дигари ташаккули равандҳои рақобатӣ-деформатсияи ғайриякҷинсаи ҷузъҳои фибрилҳо ва кӯчиши банйниҳамии онҳоро пешниҳод кард ва меъёрҳои баҳодиҳии инкишофи якҷинсагии раванди микродеформатсиониро дар таҷриба асоснок намуд. Илова бар ин, дар заминаи тадқиқотҳои хосиятҳои гармии моддаҳо ҳодисаи тағйири доимиҳои гармочандирӣ ва гармоифизикии панҷараҳои кристаллии полимерҳои нурборишшударо ошкор сохт.

Профессор ТӯйчиевШ.Т. фаъолияти пурмаҳсули худро ба раванди таълиму тарбияти мутахассисони ҷавон ва тайёр намудани кадрҳои соҳибунвон равона карда, таҳти роҳбариаш 8 рисолаи номзадӣ (Ҳомидов Б., Холиқова С., Маҳмудов И., Шоимов У., Аловиддинов А., Ақназарова Ш., Содиқов Ф., Атиф Таха Фараг) ва 3 рисолаи докторӣ (Абдуллоев Ҳ., Шерматов Д., Рашидов Ҷ.) ҳимоя кардаанд. Ӯ дар заминаи тадқиқоту пажӯҳишҳои чандинсола беш аз 350 мақолаи илмӣ-тадқиқотӣ, 3 монография, 6 васоити таълимӣ ва 6 дастури илмӣ-методӣ навишта, 19 шаҳодатномаи муаллифӣ (патент) ва гувоҳномаҳои ихтироъкориро ба даст овардааст.

*Мактаби илмии Солеҳов Тагоймурод Ҳаитович*. Солеҳов Т.Ҳ. соли 1969 факултети физикаи ДМТ ва соли 1975 аспирантураи ба

Институти физикаю техникаи ба номи С.У. Умарови АИ ҶТ-ро хатм намудааст. Ӯ соли 1986 дар Санкт-Петербург рисолаи номзадӣ ва соли 1998 дар Душанбе рисолаи доктириро бомуваффақият дифоъ мекунад. Ҳамзамон, барои таълиму тарбияти насли ҷавон ва тайёр кардани олимони соҳибунвон унвонҳои илмӣ-академии дотсентӣ (1990) ва профессорӣ (2003) -ро ба даст меорад.

Тадқиқотҳову корҳои илмии профессор Солеҳов Т.Ҳ. бештар ба сохтори назариявии хусусиятҳои спектри пароканиши дукаратаи рӯшноӣ дар назди нуқтаҳои буҳронии моеъҳо, майдони ҳарорати моеъҳо ва ҷисмҳои сахт таҳти таъсири нурҳои лазерӣ, қонунияти деструксияи полимерҳо дар зери нурҳои лазерӣ, оптоакустикаи лазерии моеъҳои кантӣ, классикӣ ва фотоакустикаи ғайрихаттӣ бахшида шудаанд. Ӯ яке аз поягузори равияи ҷадиди физикаи назарӣ - оптоакустикаи моеъҳои абаршоро мебошад. Таҳти роҳбарии бевоситаи профессор Солеҳов Т.Ҳ. 5 рисолаи номзадӣ (Шарифов Ҷ.М., Туйчиев Ҳ.Ш., Одилов О.Ш., Сафоӣ К.Л., Хоҷаев Ю.П.) ва 1 рисолаи докторӣ (Мадвалиев У.) ҳимоя намуда, сазовори рутбаву унвонҳои илмӣ гардиданд. Имрӯзҳо бо маслиҳату роҳнамоии ӯ ду аспиранти дигар пайи омӯзишу тадқиқотҳои илмӣ мебошанд. Ба қалами профессор Солеҳов Т.Ҳ. зиёда аз 300 рисола, барнома, воситаи таълимӣ ва мақолаҳои илмӣ тааллуқ доранд.

*Мактаби илмии Ибодинов Хурсанд Ибодинович*. Хурсанд Ибодинов соли 1964 факултети физикаю математикаи ДДОТ ба номи С. Айниро хатм намуда, давоми солҳои 1965-1969 дар риштаи аспирантура таҳсил кардааст ва аз соли 1967 то соли 1969 дар Институти физикаю техникаи ба номи А.Ф. Иоффеи АИ ИҶШС ба корҳои илмию тадқиқотӣ машғул гардидааст. Ӯ соли 1972 рисолаи номзадӣ ва соли 1998 рисолаи докторӣ дифоъ намуда, соли 1975 сазовори унвони ходими калони илмӣ ва соли 1999 соҳиби унвони профессорӣ мегардад. Профессор Ибодинов Х. яке аз ташаббускорони кушодашавии ихтисос ва кафедраи нав дар ДМТ - астрономия мебошад. Вай соли 1999 профессори кафедраи навтаъсиси астрономия ва солҳои 2002-2004 ва 2012-2014 сарварии кафедраи номбурдаро бар уҳда дошт. Аз соли 2002 то соли 2014 дар вазифаи директори Институти астрофизикаи АИ ҶТ фаъолият кардааст. Айни ҳол мудирии

шуъбаи кометаҳои институти мазкур ва профессории кафедраи астрономияро бар дӯш дорад.

Муҳимтарин дастоварди Х.И. Ибодиновро дар ҳалли проблемаи таҳаввули кометаҳо ва алоқамандии онҳо бо дигар ҷирмҳои Системаи офтобӣ дидан мумкин аст. Зеро ӯ яке аз асосгузорони самти нави астрофизика - астрофизикаи таҷрибавӣ ва муаллифи методҳои нави тадқиқоти кометаҳо мебошад. Методҳо нави ҳалли масъалаи баръакси назарияи механикии шакли кометаҳо ва аз рӯи мушоҳидаҳо ошкор намудани механизми афзалиятноки ҳосилшавии чангро дар кометаҳо пешниҳод кардааст. Ӯ нахсутин маротиба равандҳои мураккаби физикии каметаҳоро таҳқиқ намуда, ба ҷисмҳои астероидшакл табдил ёфтани як қисми каметаҳои кӯтоҳдаврро кашф кардааст. Вобастагии андозаи чангҳои думи кометаҳоро аз масофаи Офтоб ошкор намудааст. Назарияи таҷзияи ҳастаи думи каметаро ҳамчун системаи дутаркиба ва назарияи устувори динамикии қабати минералии сатҳи ядрои кометаро инкишоф дода нишон додааст, ки ду тарзи таҳаввули минбаъдаи ҳастаи кометаҳо ҷой дорад. Ин хулосаҳои илмии Ибодинов Х. соли 2005 ҳангоми парвози киштиҳои кайҳонии «Вега» ва «Ҷотто» ба сӯи кометаи Галлей тасдиқи амалии худро ёфтанд. Профессор Ибодинов Х. муаллифи беш аз 150 асарҳои илмӣ ва 5 дастури таълимию методӣ мебошад. Таҳти сарварии узви вобастаи АИ ҶТ Ибодинов Х. 4 нафар рисолаҳои номзадии хешро дифоъ кардаанд.

Дар ин раванд метавон номи даҳҳо физикони намоёну номвари Тоҷикистонро номбар намуд, ки ҳар яки онҳо дар арсаи илми ҷаҳонӣ саҳми худро гузоштаанд. Илова ба ин мехоҳам қайд намоям, ки олимони тоҷик ба дастовардҳои хеле бузурге ноил гардидаанд ва он аз мадди назари ҷаҳониён дур намемонад. Бинбар ин хостам хизматҳои чанд тан аз ононро рӯи қоғаз орам, зеро дар матбуоти даврӣ дар бораи фаъолияти олимони табиатшиносӣ матолиб ками дар кам нашр мешаванд.



*Қурбониён Меҳрдод* / *табиатшинос*

# ҚУВВАТИ МАҒРИБ АЗ ИЛМУ ФАН АСТ

**Дар 107 соли охир аз миллати яҳуд 184 нафар соҳиби ҷоизаи Нобелӣ шудаанд. Имрӯз аз мусулмонон, ки зиёда аз 1,45 миллиард нафаранд, танҳо чор нафар соҳиби ин ҷоиза гардидаанду халос.**

Инсоният бо такя намудан ба таҷриба, донишҳои илмии далелбунёд, андешаҳои мутобиқи низоми мантиқӣ дар таҳияи манзараи олам тавонист амиқтару бештар табиатро дарк намуда, барои пешбурди тамоми соҳаҳои фаъолияти хеш ин донишҳоро истифода барад, ки яке аз ҳадафҳои асосии илм низ ҳамин аст. Бар асари фаъолиятҳои ҷамъиятӣ ва зеҳнӣ ва ба ҳошия рафтани донишҳои динӣ гузариш ба сатҳҳои нави иқтисодиёт ва технология муяссар гардид. Ҷавҳари асосӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ зеҳни инсон аст ва дар навабати худ маҳсули зеҳн, технологияҳои инноватсионӣ аст.

Пешрафти ҳастии ҷамъиятӣ дар ҳар замону макон ба захираҳои зеҳнии ҷомеа, равшанфикрону зиёиён ва нобиғаҳои илмӣ вобастааст. Вале дар кишварҳое, ки ҷаҳонбинии динӣ аз илмӣ бартарият дорад,  нақши асосиро анъанаву рамзҳо мебозанд ва натанҳо ба арзишҳои дунявӣ эҳтиром гузошта намешавад, балки онҳо қобили қабул нест аммо зери таҳдид қарор мегиранд.

Дар ҷаҳони дини ислом захираи зеҳнӣ ва равшанфикрию зиёӣ имрез коста шудааст ва ҷои онро ба исломисозию тундгароӣ ва хурофот иваз намудааст.  Худ қазоват кунед! Дар ҷаҳон бештар аз 13 миллион нафар яҳудион зиндагонӣ мекунанд ва онҳо, аслан парокандаанд. Ба ин нигоҳ накарда, яҳудиҳо чанд маротиб аз тамоми мусулмонони ҷаҳон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, ба хусус илму технологияи муосир  бартарӣ доранд. Ин ҷо савол

ба миён меояд, ки чаро ин тавр? Ҷавоби савол шояд чунин бошад, ки онҳо аз мусулмонон дида хеле барвақт арзиши вақт ва илмро хуб дарк кардаанд ва наҷоти худро дар пешрафти илм дарёфтаанд.

Дар «Одами аср» ва «Олими муътабартари ҳар замон» - и маҷаллаи «Time», *Алберт Эйнштейн* ва падари равоншиносӣ *Зигмунд Фрейд* дар ҷои авваланд. Боз номи *Карл Маркс, Пол Самуэлсон* ва *Милтон Фридман* низ дарҷ шудааст. Дар поён номи бархе аз шахсиятҳои миллати яҳуд, ки дар тарақққиёти илми ҷаҳонӣ саҳми бештар доранд ва аз маҳсули меҳнаташон мавриди истифодаи тамоми соҳаҳои иҷтимоии инсоният аст. Бо вуҷуди он, ки мусулмонон онҳоро ба куфру бидъат муттаҳам месозанд, аз маҳсули меҳнаташон баҳра мебардоранд. Яҳудиён дар кашфи технологияи нав пешсафанд ва технологияи муосирро бе хизмати онҳо тасаввур карда намешавад. Ба монанди:

*Стенли Мезор- ихтироъкори микрочип.*

*Лео Стсиллард- аввалин такмилдиҳандаи реактори ҳастаӣ (ядроӣ).*

*Чарлз Адлер- чароии раҳнамо.*

*Бено Штраус- пӯлоди зангназананда.*

*Чарлз Гинзбург- видеомагнитофон.*

Дар 105 соли охир аз милати яҳуд, 184 нафар соҳиби ҷоизаи Нобилӣ шудаанд. То ҳол, аз мусулмонон, ки зиёда аз 1,5 миллиард нафаранд, танҳо чор нафар соҳиби ин ҷоиза гардидиданду халос.

Дар маҷаллаи мазкур яҳудиҳое, ки дар самти фаъолияти иқтисодӣ (чӣ давлативу чӣ хусусӣ) дар сатҳи ҷаҳонӣ қарор доранд, оварда шуддааст:

*Ралф Лорен (Polo); Левис Страус (Levis); Говард Шултс (Staқӣucks); Сергей Брин (Google); Майкл Делл (Dell Computeқs); Лари Элисон (Oқacle); Донна Каран (DKNY); Ирв Роббинс (Ӣaskins & Қоӣӣins); Билл Розенберг (Dunkin Donuts);*

Исми Яҳудиёнеро, ки дар муайян кардани тамоили сиёсати байналмилалӣ саҳм доранд, метавон овард:

*Генри Киссинджер* (котиби аввали ИМА); *Аллан Гринспен* (системаи федералии бехатарӣ); *Р. Рейген, Ҷ. Буш, Б. Клинтон* ва *Ҷ. Буши хурдӣ* (президентони ИМА); *Ҷозеф Либерман, Мадлен*

*Олбрайт* (собиқ котибони аввали ИМА); *Каспер Вайнбергер* (собиқ вазири мудофиаи СССР); *Максим Литвинов* (вазири корҳои хориҷаи собиқ СССР); *Девид Маршал* (аввалин вазири Сингапур); *Айзек Айзекс* (собиқ генерал- губернатори Австралия); *Бенҷамин Дизраели* (собиқ сарвазири Англия); *Евгений Примаков* (собиқ сарвазири Федератсияи Россия); *Барри Голдатер, Хорхе Сампайо* (собиқ презденотони Португалия); *Пер Мандес* (собиқ сарвазири Фаронса); *Майкл Говард* (вазири корҳои дохилии Британияи Кабир); *Бруно Крайски* (канслери Австрия); *Роберт Рубин* ( собиқ вазири иқтисодии ИМА).

Яҳудҳо молики машҳуртарин воситаҳои ахбори умум (ВАО) дар ҷаҳон ба ҳисоб мераванд, аз ҷумла:

*Волф Блиттсер* (CNN); *Барбара Уотерс* (АЙС News); *Юджин Мейер, Кетрин Грэхем* (Вашингтон пост); *Генри Грюнвалд* (сармуҳарири маҷаллаи Time); *Ҷозеф Лелийелд* (муҳаррири масъули Ню-Йорк Таймс).

Кӣ машҳуртарин саховатманд (соҳибэҳсон) дар таърихи башар аст? Боз яҳуд, *Ҷорҷ Сорос*! Ӯ 4 млрд доллар амрикоиро барои олимони ҷаҳон ва баланд бардоштани сифати макотиби олӣ ҳадя намудааст. Дар ҷои дуюм низ яҳуд қарор дорад: *Валтер Анненберг* 2 млрд долларро барои сохтани зиёда аз 100 китобхонаи бузург дар мамолики ҷаҳон туҳфа намудааст.

Фаромӯш набояд кард, ки намояндагони миллати яҳуд бузургтарин назарияпардозони илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ мебошанд:

*Алберт Эйнштейн* (физик – теоретик) – яҳуд;

*Зигмунд Фрейд* (равоншинос) – яҳуд;

*Бенджамин Рубин* – ихтироъкори сӯзандоруи эмкунӣ;

*Аарон Бек* –муҳаққиқи бузург дар соҳаи равоншиносии когнитӣ;

*Андрей Шалли* – тадқиқотчии бузург дар самти тарзи кори майнаи инсон ва эндокринология;

*Барух Блумберг* – таҳқиқоти бемориҳои сироятиро гузаронида, ваксина барои гепотит «В» - ро кашф намуд;

*Гертруда Элион* - дору бар зидди хунсафедшавиро ёфт;

*Грегори Пинкус* - кашшофи контратсепти даҳонӣ;

*Иля Мечников* – олим, тадқиқотчии комёб дар силсилаи иммунитет;

*Ҷонас Салк* – ваксина бар зидди фалаҷро коркард намуд;

*Ҷорҷ Уолд* – аввалин таҳқиқотчии биохимияи майнаи сар ва сохти чашми инсон, ки тарзи кори онро фаҳмонида буд;

*Пол Эрлих* – дору бар зидди бемории оташак (сифилис) – ро аввалин маротиба таҳия кард;

*Стенли Коэн* – таҳқиқотчии бузурги эмбриология;

*Уилям Клоффкам* – муҳаққиқи комёб дар самти кори гурда.

Яҳудиён дар бозиҳои олимпӣ низ ιолибанд:

*Марк Шпиттс* – қаҳрамони ҳафткаратаи бозиҳои олимпӣ, яъне дорандаи 7 медали тиллои бозиҳои олимпӣ. *Ленни Крайзенбург, Спиттс Крайзелбург, Боррис Букке* – дорандаи 3 медалии тиллоӣ.

Оё медонед, ки аз ҷумлаи ситораҳои кино ҳунармандони миллаташон яҳуд низ зиёданд?

*Харрисон Форд*; *Ҷорҷ Бенс*; *Тони Кертис*; *Чарлз Бронсон*; *Сандра Баллок*; *Белли Кристалл*; *Вуди Аллен*; *Пол Нюмен*; *Питер Сллерс*; *Дастин Хоффман*; *Майкл Дукгалс*; *Бен Кингсли*; *Кирк Дуглас*; *Голди Он*; *Кэри Грант*; *Уилям Шатнер*; *Ҷерри Люис ва Питер Фалк.*

Фаромӯш накунед, ки аслан, Ҳолливудро яҳудиён ташкил намудаанд ва дар байни филмсозон ва режиссёрони ин ташкилоти бонуфуз яҳудиҳо бисёранд, аз ҷумла:

*Стивен Спилберг*; *Мел Брукс*; *Оливер Стоун*; *Аарон Спеллинг* (Беверли Хиллз 90210); *Нил Саймон* (The Odd Couple); *Эндрю Вайна* (Қетӣо 1/2/3); *Майкл Мен* (Staқsky and Hutch); *Милош Форман* (Onet flue oveқ the Cuckoo s Nest); *Дуглас Фэрбанкс* (The thief of Йaghdad); *Иван Реитман* (Ghostӣusteқs).

Оё медонед, ки Уилям Ҷеймс Сидисро инсони оқилтарини ҷаҳон эътироф намудаанд, аз санҷишҳои тестӣ маълум гардид ки IQ (intelligence quotient – коэфитсиенти инкишофи ақлонӣ ) - и он ба 250-300 баробар аст.

Дар ҷаҳони ислом (57 кишвар, бо зиёда аз 1,4 млрд нафар аҳоли) тақрибан 500 донишгоҳ аст, ки ягонтои инҳо ба қатори 500 донишгоҳи беҳтарини дунё шомил нест. Дар ИМА 5750 ва

дар Ҳиндустон бошад, 8407 донишгоҳ аст, ки 16 – 20 маротиба аз ҷаҳони ислом дида зиёд аст. Вале ба ҷойи донишгоҳҳои пешрафта дар Тоҷикистон 5500 масҷидҳои расмию айрирасмӣ фаъолият мекунанд. Сафи ҳоҷиён низ сол аз сол меафзояд, ки ин боиси ифтихори мо гаштааст. Аммо оддитарин молро аз ҷаҳони ғайриислом ба даст меорем. Сатҳи маърифати мо чунин аст, ки моро бо дасти худамон абарқудратҳо қатл месозанд ва аз тараққиёт боз медоранд. Ва барои анҷом додани ин амал на аз илм, балки аз диндории мо истифода мебаранд. Ҳамин аст яке аз тафовутҳои мо аз яҳуду насронӣ. Худ қазоват кунед?

Дар мамлакатҳое, ки ғайриисломианд, сатҳи миёнаи саводнокӣ 90% аст, ки ин нишондод дар мамлакатҳои мусулмоннишин 40 %-ро ташкил медиҳад. Дар кишварҳое, ки қисми зиёди аҳолиаш насронист, қариб 98 % -и аҳолиаш мактаби миёнаро хатм менамоянд. Барои мусулмонон бошад, ин нишондиҳанда 50 % аст.

Дар мамолике, ки қисми зиёди аҳолиаш мусулмон аст, ба сари ҳар 1000000 (миллион) нафар 230 олими соҳаҳои гуногун рост меояд. Дар ИМА бошад, ба сари ҳар як миллион аҳолӣ 5000 олим рост меояд.

Дар кишварҳое, ки қисми зиёди аҳолиаш насрониҳоянд, тақрибан 40 % - и аҳолиаш донишгоҳро хатм ва ё дар донишгоҳҳо таҳсил намуда истодаанд. Аммо ин нишондод дар мамлакатҳое, ки қисми зиёди аҳолиаш мусулмонона нд, ҳамагӣ ба 4 % рост меояд. Ба ҳисоби миёна дар ҷаҳони ислом ҳамагӣ 0,2 % - и ММД барои бешбурд ва корҳои таҳқиқотии илмӣ ҷудо карда мешавад. Дар ҷомеаи ғайримусулмонӣ ин нишондиҳанда ба ҳисоби миёна 5 % аст. Ин чунин маъно дорад, ки олими насронӣ 25 маротиба бештар аз мо ба илм ɩамхорӣ менамоянд.

Чунин аст имрӯз таносуб миёни ҷаҳони яҳудиву насронӣ ва ислом.

Ба қавли *Аллома Иқбол*:

*Қуввати Маириб на аз чангу рубоб.*
*На зи рақси духтарони беҳиҷоб.*
*На зи сеҳри соҳирони лоларӯст,*
*На зи урёнсоқу не аз қатъи мӯст.*
*Маҳкамии ӯ на аз лодинӣ аст.*
*Не фурӯиаш аз хати лотинӣ аст.*
*Қуввати Маириб аз илму фан аст,*
*В-аз ҳамин оташ чароиаш равшан аст.*
*Ҳикмат аз қатъу буриди ҷома нест,*
*Монеи илму ҳунар аммома нест.*
*Илму фанро, ай ҷавони шухшанг,*
*Маиз мебояд, на малбуси фаранг.*

Ба таваҷҷуҳ ба ин, моро зарур аст,, он аз ҳолати хурофоту таассуби динӣ – мазҳабӣ берун оем ва сарнавишти худро ба дасти худ, бо истифода аз илму дониш ва мантиқ бозсозӣ кунем:



*Дидавар Бекзода* / *Равоншинос*

## ЧАРО ИНСОН ХУДКУШӢ МЕКУНАД?

Худкушӣ яке аз падидаҳои мураккаб ва печидаи иҷтимоӣ мебошад. Аз замонҳои қадим сар карда то имрӯз ин падида дар ҷомеа ба чашм мерасад. Барои муайян кардани омилҳо ва сабабҳои ин мушкилӣ чандин гуруҳи олимон ибрози ақида намудаанд. Аммо то ҳол бисёртаре аз онҳо ба як хулосаи аниқ наомадаанд. Яке сабаби худкуширо дар ҷисми инсон дониста, дигаре дар андеша, зеҳн ва оила меҷӯянд. Мушкилӣ дар ин аст, ки танҳо як гуруҳи инсонҳо худкушӣ намекунанд. Масъалан, кудакон, наврасон, навҷавонон, калонсолон, мардҳо, занҳо, пиронсолон ва ғайра даст ба худкушӣ мезананд. Дар байни ин гуна категорияҳои одамон пайдо намудани омилҳои таҳрикдиҳанда барои худкушӣ кори осон ва оддӣ нест. Чунки хусусиятҳои равонии ҳар гуруҳи ин одамон аз якдигар фарқ мекунанд. Аз руи баъзе тадқиқотҳо чунин ба назар мерасад, ки худкушӣ дар ҳолати ноумедӣ сар мезанад.



Дар ҳолати ноумедӣ худкушӣ кардан ин эътирози одами худкушро нисбат ба ҷомеа нишон медиҳад. Ин садои норозигӣ ё

эътироз барои озодии ботинӣ ва озодии фикриву равонӣ аст. Дар мавқеҳои дигар, барои аз дарди тулонӣ роҳи раҳоӣ наёфтан, одамон даст ба худкушӣ мезананд.



Одамоне низ ҳастанд, ки беморанд, аммо ин бемории онҳо табобатнашаванда аст. Онҳо ба ин дард тоқат накарда, даст ба худкушӣ мезананд.



Дар ҳолатҳои дигар, дида мешавад, ки гуруҳи дигари одамон барои қасос гирифтан даст ба худкушӣ мезананд. Масъалан як кас бо одами дигар муноқишаи шадид дорад. Дар ҳолати қаҳру ғурур ва ғазаб худро мекушад то бо ин рафтораш аз душманаш қасос бигирад.



Ин ҳолатҳо дар ҷомеаҳо ба чашм мерасанд. Агар аз тарафи дигар назар афканем, чунин ба назар мерасад, ки инсонҳои худкуш ба як беморие гирифтор ҳастанд, ки сабаби гирифторшавии бемориашон аз ҳамдигарашон фарқ мекунад. Аз ҳамин сабаб дарёфти ташхиси онҳо мушкилтар мебошад. Сабабҳои дигари худкушӣ ин қашшоқӣ, бекорӣ, аз даст додани одамҳои наздик (мисли ҳамсар, фарзанд...), ва мушкилоти оилавӣ мебошад. Аз руи тадқиқотҳо ва таҷрибаҳо чунин ба назар мерасад, ки одамоне, ки дар хонаводаҳои онҳо авлодан нафароне худкушӣ карда буданд, тамоюлоти худкушона дар онҳо зуд–зуд ба назар мерасад. Дар зиндагии инсон осебҳои ахлоқӣ ва ҷисмоние, ки дар даврони кудакӣ ба инсонрӯй додааст, дар иқдом кардан ба худкушии ӯ таъсиргузор ҳастанд.



Яке аз таъсирҳои манфие, ки дар зиндагии инсон дида мешавад, ин аст, ки инсон аз тарафи ҷомеа изолятсия (дур) карда мешавад. Яъне инсонро ҷомеа дигар қабул намекунад. Ё

инсон ради маърака мешавад. Дар ин ҳолат инсон ба ихтилол ва парешонии равонӣ гирифтор мешавад, ки натиҷаи он депрессия ва афсурдагӣ аст, ки заминае барои худкушӣ шуданаш мумкин аст. Ба назари баъзе аз равоншиносон сабаҳои рафторҳои интиҳорӣ ё худкушона нофаҳмо ва мубҳам ҳастанд. Худкушии мардҳо назар ба занҳо фарқ мекунад. Мардҳо нисбат ба занҳо чаҳор маротиба зиёдтар даст ба худкушӣ мезананд. Рафторҳои худкушона дар зиндагии одамони нафақахур ҳам дида мешавад. Худкушӣ дар одамони нафақахур ё бознишаста дар ҳолатҳои ногаҳонӣ рӯй медиҳад.



Дар ин гуруҳи одамон нишонаҳои худкушӣ кам ба чашм мерасад. Дар ҳалли масъалаи худкушӣ фондҳое мавҷуданд, ки ба ин масъала машғуланд. Аз рӯи баҳогузории Фонди Огоҳӣ оиди Худкушӣ (American Foundation for Suicide Prevention) бештари худкушиҳо дар моҳҳои апрел, июн ва июл сурат мегиранд. Падидаи худкушӣ дар фалсафаи антиқа низ дида шудааст. Аз ин сабаб файласуфони Юнони қадим Афлотун ва Арасту ба масъалаи худкушӣ таваҷҷуҳ намудаанд. Ин файласуфҳо худкуширо маҳкум мекарданд. Гуруҳи дигари файласуфҳо, ки онҳоро стоикҳо яъне равоқиён ном мебурданд, худкуширо ҳамчун озодии олии инсон меҳисобиданд. Дар асрҳои 18 яке аз сабабҳои асосии худкуширо таъсири мутақобилаи фард бо ҷомеа мешумориданд. Дар асрҳои 19 падидаи худкушӣ ҳамчун бемории равонӣ, ахлоқӣ, ҷисмӣ ва иҷтимоӣ шинохта шуд. Дар баъзе мамлакатҳо падидаи худкушӣ ҷои сеюмро дар байни сабабҳои марг мегирад. Масъалан:

Якум: марг дар ҳолати беморӣ муаррифӣ шуда аст.

Дуюм: марг дар ҳолатҳои фалокатбор муаррифӣ шуда аст.

Сеюм: марг дар ҳолати худкушӣ муаррифӣ шуда аст.

Новобаста аз ин ки падидаи худкушӣ дар тамоми ҷаҳон вуҷуд дорад, дар Тоҷикистон вақтҳои охир бисёр ба чашм мерасад. Муайян намудани сабабҳои худкушӣ дар байни инсонҳо кори бисёр душвор аст. Дар ин бобат як чанд назарияҳо вуҷуд доранд. Аммо агар аз назари илми равоншиносӣ назар афканем, инсони худкуш ғарқ дар мушкилоти худ аст.



Ӯ роҳи халосӣ аз мушкилоташро меҷуяд. Дар мавриди охир ки дигар намедонад чи кор кунад, оқибат тасмим мегирад. Аммо тасмими даст ба худкушӣ задан, худ як интихоб ба ҳисоб меравад. Аммо ин интихоби нодуруст аст. Дар ҳама ҳолат интихоби худкушӣ интихоби нодуруст мебошад. Инсон тоби дардро надорад. Инсон ояндаро торик тасаввур мекунад. Роҳи бунбастро дар зиндагии худ эҳсос мекунад. Аммо хушбахтӣ, саодат ва шодиро эҳсос намекунад. Аз ҳамин сабаб даст ба худкушӣ мезанад.



Дар ин ҳолат худкушӣ худ як тасмими нодуруст ва иштибоҳӣ мебошад. Тасмим дар ҳолате, ки мушкилоти худро ҳал карда наметавонад. Аз ин гузашта, одами худкуш мушкилоти худро наметавонад бо одамони дигар дар миён гузорад. Мушкилӣ дар фикри инсон боқӣ мемонад. Ин мушкилӣ ба равони инсон таъсир расонда, майлҳои солими рафторҳои инсонро коҳиш медиҳад. Инсон дар ин ҳолатҳо ба депрессия яъне афсурдагӣ гирифтор шуда, ин ҳолат замина барои худкушӣ мешавад.



Бо як калима метавон гуфт, ки **худкушӣ ин тасмимест аз ноилоҷӣ ва ҳолати равонии бунбастӣ.**

*Иброҳимов Алишер Абдулхоҷаевич* — *х.и., Институти астрофизикаи АИ ҶТ*
*Раҳматуллоева Фирӯза Ҷамшедовна* — *к.и., Институти астрофизикаи АИ ҶТ*

## ТАҚВИМИ МУОСИР ВА ХАТОГИИ ОН

Тақвим – ҳисоби ботартиби вақти дарозмуддат буда, яке аз ихтирои қадимтарини инсоният мебошад. Дар он ҳодисаҳои табиии даврӣ, ки бо қонуниятҳои ҳаракати Замин вобастагӣ дорад, акс ёфтааст: ҳаракати осмони ситоразор (даврзании Замин дар атрофи меҳвари худ) – ***шабонарӯз*** ва ҳаракати Офтоб байни ситораҳо (даврзании Замин дар атрофи Офтоб) – ***солро*** ташкил медиҳанд. Инчунин дар тақвим ивазшавии шакли Моҳ, ивазшавии фаслҳои сол инъикос ёфтаанд.

Тақвиме, ки мо истифода мебарем, тақвими шамсӣ мебошад, яъне дар ҳаракати солонаи Офтоб (аз нуқтаи назари мушоҳид) асос ёфтааст ва агар онро бо даврзании Замин дар атрофи меҳвари худ ифода кунем, ба 365.2422 шабонарӯз баробар мешавад. Ин даврро соли тропикӣ меноманд. Аз вобастагии соли тропикӣ ва шабонарӯз шартҳои асосии тартиб додани тақвим бармеояд:

1. Шабонарӯзхои тақвим бояд адади бутунро ташкил кунанд.
2. Давомоти шабонарӯзхо бо саҳеҳии зиёд ба соли тропикӣ наздик бошад.

Агар шарти якум иҷро нашавад, он гоҳ вақт барои қайд кардани ягон ҳодиса ҳар сол ҳар хел мешавадд. Масъалан, қиёми Офтоб, ё пешвозгирии Соли Нав. Агар шарти дуюм иҷро нашавад, он гоҳ лағжиши таърихи ҳодисаҳои табиат нисбати тақвими ташкилшуда мушоҳида мешавад. Масалан, баробаршави шабонарӯзии баҳориро, ки ҳамчун иди Наврӯз пешвоз мегирем, 21-22 март неву гоҳе феврал, гоҳе ноябр қайд мекардем.

Аз шартҳои тартиб додани тақвим бармеояд, ки дар он хатогӣ вуҷуд дорад. Барои ёфтани андозаи ин хатогӣ бояд бо таърихи ташаккулёбии тақвим шинос шуд.

**Тақвими юнонӣ**

Тақвими қадимтарин дар Юнон тартиб дода шуда буд. Давомнокии он 360 шабонарӯзро ташкил медод. Он аз 12 моҳ, хар моҳ аз се ҳафта, ки онро «декада» номида буданд, ташкил буд. Декада аз 10 шабонарӯз ё аз ду «пентадаи» панҷ шабонарӯза иборат буд. Баъди аниқтар ҳисоб кардани ҳаракати солонаи Офтоб боз панҷ рӯз ба тақвим ҳамчун рӯзҳои ид ҳамроҳ карданд ва тақвим аз 365 шабонарӯз иборат шуд. Хатогии тақвими юнониҳои қадим чунин ҳисоб карда мешавад:

365,2422 – 365 = 0,2422 шабонарӯз дар як сол хатогӣ дорад. Сол то сол ин хатогӣ афзуда, дар чор сол тақрибан як шабонарӯзро ташкил мекунад:

0,2422 + 0,2422 + 0,2422 + 0,2422 = 0,9688

**Тақвими юлианӣ**

Соли 46-ум то мелодӣ Юлий Сезар ислоҳоти тақвимро дохил кард, ки аз тарафи гурӯҳи астрономон бо роҳбарии Созиген таклиф шуда буд. Мувофиқи он соли миёнаи тақвимӣ ба 365 рӯз ва 6 соат баробар аст, яъне се сол 365 шабонарӯзӣ ва соли чорум хатогии дар боло гуфта шударо (0,9688) пайваст карда он солро соли кабиса меномиданд:

$$\frac{365 + 365 + 365 + 366}{4} = 365{,}25$$

Сол аз моҳи Январ сар мешуд, ки номгузорӣ аз тақвими юнониҳо боқӣ мондааст, ки номи қаҳрамонои асотири юнонро истифода бурда буданд:

**Январ** – ба номи яке аз махлуқи дурӯя Янус монда шудааст. Як рӯяш ба пеш ва рӯи дигараш ба қафо нигарон аст. Шояд пайвастагии соли рафта ва соли навро маҳз барои ҳамин қабул карда бошанд;

**Феврал** – аз калимаи «februum» гирифта шуда маънояш «покшавӣ» аст;

**Март** – ба номи худои ҷанг Марс (Миррих) гузошта шудааст;

**Апрел** – шояд аз калимаи «aperire» гирифта шудааст, ки маънояш возшавӣ аст, чунки дар ин моҳ муғчаҳо одатан мешукуфанд;

**Май** – ба номи Мая гузошта шудааст;

**Июнь** – ба номи Юнона гузошта шудааст;

**Июл** – ба номи император Юлий бахшида шудааст;

**Август** – ба номи император Август бахшида шудааст;

**Сентябр** – ҳафтум;

**Октябр** – ҳаштум;

**Ноябр** – нуҳум;

**Декабр** – даҳум;

Моҳҳои Июл ва Август ба тақвими римиҳо дертар пайваст карда шуда буд. Аз ин сабаб номгузории моҳҳои Сентябр (ҳафтум), Октябр (ҳаштум), Ноябр (нуҳум) ва Декабр (даҳум), ки аз ҳиссаи нутқи шуморавӣ гирифта шудааст, ба ду моҳ лағжидааст ва ҳарчанд мувофиқ наоянд ҳам, боқӣ монданд.

Ҳамин тавр, тақвими юлианӣ 12 моҳ, ки аз 365 шабонарӯз ва дар соли қабиса 366 шабонарӯзро соҳиб аст, иборат аст. Лекин давомоти он ҳам аз соли тропикӣ фарқ дорад. Саҳеҳии тақвими юлианиро чунин ҳисоб кардан мумкин аст:

$365.25 - 365.2422 = 0.0078$, ки ин адад хатогии солонаи тақвими юлианӣ бо воҳиди шабонарӯз мебошад. Агар бо дигар воҳидҳои вақт ифода кунем барои тассавур кардан содда мешавад:

0,0078 x 24 = 0,1872 соат;

0,1872 x 60 = 11,232 дақиқа;

11,232 x 60 = 673,92 сония;

Тақрибан 11 дақиқа - назарногир аст, лекин дар муддати тӯлонӣ афзоиши хатогӣ назаррас мешавад:




$$x = \frac{1\text{сол} \times 1\text{ш.р.}}{0{,}0078\text{ш.р.}}$$

Аз рӯи таносуби ташкил дода шуда муайян мегардад, ки тақрибан дар 128 сол хатогии афзудаи тақвими юлианӣ 1 шабонарӯзии зиёдатиро ташкил мекунад.

**Тақвими муосир**

Сабаби қабул кардани тақвими нав - лағжиши эътидоли (барбаршабонарӯзии) баҳорӣ нисбати тақвими юлианӣ буд. Ин тағиротро астраномон Христофор Клавиус ва Луиджи Лилио тайёр карданд. Дар он қоидаи саҳеҳтари соли қабиса қабул карда шуд. Соли тақвимӣ қабиса ҳисобида мешавад, яъне аз 366 шаборӯз иборат аст, агар:

1. адади садсола ба 4 каратӣ бошад (1600, 2000, 2400);
2. адади сол ба 4 каратӣ бошад (2004, 2008, 2012);

ва қабиса ҳисобида намешавад, агар шумораи садсолаҳо ба чор каратӣ набошанд. Масалан: солҳои 2100, 2200, 2300 - мувофиқан 21, 22 ва 23-то садсоларо соҳибанд ва ин ададҳо ба чор каратӣ нестанд. Аз ин сабаб дар ин солҳо феврал 28 шабонарузӣ ҳисоб карда мешавад.

Дар чунин маврид саҳеҳии тақвим зиёдтар мегардад. Дар 400 сол 100 соли ба чор каратӣ дорем ва аз солҳои 100, 200, ва 300 аз сабаби адади садсола (1, 2, 3) ба чор каратӣ набуданаш, рӯзҳои 366-умро ихтисор мекунем. Пас шумораи соли қабиса дар ҳар 400 сол ба 97 баробар мешавад.

Соли миёнаи тақвим григорианӣ чунин ҳисоб карда мешавад:

$$\frac{365 \times 400 + 97}{400} \equiv 365{,}2425$$

Адади ҳосил шуда ҳарчанд ба соли тропикӣ наздиқ бошад, ҳам аз он фарқ дорад:

$$365{,}2425 - 365{,}2422 = 0{,}0003$$

ки ин адад хатогии солонаи тақвими григорианӣ бо воҳиди шабонарӯз мебошад. Агар бо дигар воҳидҳои вақт ифода кунем барои тассавур кардан содда мешавад:

0,0003 x 24 = 0,0072 соат;

0,0072 x 60 = 0,432 дақиқа;

0,432 x 60 = 25,92 сония;

Тақрибан 26 сония дар як сол; нисбати тақвими юлиани тақвими григорианӣ аз ҳисоби тағироти дохил карда шуда хеле саҳеҳ гашт. Акнун ҳисоб мекунем, ки хатогӣ сол то сол афзуда баъди кадом муддат як шабонарӯзро ташкил мекунад?




$$x = \frac{1\,\text{сол} \times 1\,\text{ш.р.}}{0{,}0003\,\text{ш.р.}} = 3333,(3)\text{ш.р.}$$

Аз рӯи таносуби ташкил дода шуда муайян мегардад, ки тақрибан дар 3333 сол хатогии афзудаи тақвими григорианӣ 1 шабонарӯзи зиёдатиро ташкил мекунад.

**Хулоса**

Чи хеле ки маълум гашт, хатоии солонаи тақвими юнонӣ дар як сол тақрибан 11 дақиқа аст, ки он сол то сол афзуда дар 128 сол як шабонарӯзро ташкил мекунад ва он ҳоло ҳам аз тарафи астрономон истифода бурда мешавад. Хатоии тақвими ҷорӣ нисбатан саҳеҳ буда, дар як сол тақрибан 26 сония аст, ки он ҳам афзуда дар 3333 сол як шабонарӯзро ташкил мекунад.

Яъне дар назди инсоният мушкилоти тартиб додани тақвими саҳеҳ ҳоло ҳам вуҷуд дорад. Лоиҳа аз тарафи астрономони муосир пешниҳод карда шуда истодааст. Масъалан астроном Уилям Ҳершел пешниҳод кардааст, ки дар тақвими григорианӣ соли қабиса дар ҳар 4000 сол соқит карда шавад.

Чунин тағиротро тадқиқ мекунем. Агар дар 400 сол 97 соли қабиса бошад, чуноне ки дар боло қайд шудааст, пас дар 4000 сол 970 соли қабиса мешавад. Мувофиқи пешниҳоди Ҳершел миқдори соли қабиса дар 4000 соли тақвимӣ ба 970 – 1 = 969 баробар мешавад. Яъне дар чор ҳазор сол ба ҳар соли 365 шабонарӯз дошта боз 969 шабонарӯзи иловагиро ҷамъ кардан лозим меояд. Дар чунин маврид соли миёнаи тақвимӣ ба:

$$\frac{365 \times 4000 + 969}{4000} \equiv 365{,}24225$$

баробар аст ва хатогии солонаи он **0,00005** (*365,24225 – 365,2422*) шабонарӯз ё **4,32** сония мебошад. Дар ин маврид тақвими чунин тағйирот карда шуда дар **20000** сол як шабонарӯз хатогӣ дорад. Албатта, ин гуна тақвими саҳеҳ дар муддати басо тӯлонӣ аз мушкилии қайд кардашуда инсониятро озод мекунад, вале ҳоло расман қабул карда нашудааст.

## АДАБ ВА ҲУНАР



***Ҷамолиддин Саидзода*** / ***адабиётшинос***

# ШОҲНОМАХОНӢ ВА ШОҲНОМАДОНӢ

*Он чи Куруш карду Доро в-он чи Зардушти меҳин,*
*Зинда гашт аз ҳиммати Фирдавсии сеҳрофарин.*
*Маликушшуаро Баҳор*

Мусаллам аст, ки то асри гузашта адибони миллии мо, аз ҷумла Фирдавсӣ, дар мактабу мадорис мавриди омӯзиш қарор надоштанд, зеро мо аз давлати миллӣ бархӯрдор набудем. Саҳеҳтараш, баъди аз байн рафтани давлати миллии Сомониён рӯҳи миллӣ ба заъф гароида буд ва арзишҳои миллӣ мавриди бемеҳрӣ қарор дошт. Аз ин рӯ, дар тӯли ҳазор соли бедавлатӣ миллати мо фуруду фарозҳои зиёдеро аз сар гузаронид ва ба қавли маъруф, «мурда-мурда зиндагӣ кард», зеро қудрати сиёсӣ ва низомиро, ки асос ва бақои як миллат аст, аз даст дода буд, танҳо бо нерӯи маънавӣ, яъне қалам ба умри худ идома медод, аммо ин қалам дар хидмати қудратмандон ва низомиёни бегона қарор дошт. Лиҳозо, ҳар чи ки эшон мехостанд, ҳамон мешуд. Бесабаб нест, ки дар асрҳои охир дар мактабу мадорис на осори адибони миллии мо, аз ҷумла Рӯдакӣ, Абӯшакур, Носири Хусрав, Мавлавӣ, Саъдӣ, Камол ва дигарон, балки девони Ҳофизу Бедил ва девонҳои туркии Фузулию Навоӣ омӯхта мешуданд. Ба қавли Муҳаммадҷон Шакурӣ, «дар асрҳои охир дар бисёре аз мактабҳои ибтидоии тоҷикӣ (қариб дар ҳамаи шаҳрҳо) мунтахаби «Чор девон»-и узбекии Навоӣ баробари мунтахаби девони Ҳофизу Бедил ва ғазалиёти озарии Фузулӣ китоби дарсӣ қарор ёфта буд». Фақат дар аввали асри гузашта, бо пирӯзии Инқилоби Бухоро (1920) ва ташкилшавии Ҷумҳурии шуравии сотсиалистии мухтор (1924) ва

Ҷумҳурии шуравии сотсиалистии Тоҷикистон (1929), миллати мо имкон пайдо кард, ки бо осори адибони миллии худ, аз ҷумла Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Камол, Саъдӣ ва ғайра ошноӣ пайдо бинамояд. Маҳз дар ҳамин давра осори эшон мавриди чоп қарор гирифт ва бори аввал ба барномаҳои таълими мактабҳои миёнаву олӣ ворид гардид. Ба қавли устод Турсунзода:

*Суруди Рӯдакӣ шуд зинда акнун,*
*Расида авҷи Фирдавсӣ ба гардун.*

Тавре ки гуфтем, миллати бедавлати мо баъди пош хӯрдани давлати миллии Сомониён миллате дар ҳошияе таърих ва кунҷу канори он буд, зеро қудрати сиёсиву низомиро дар даст надошт, танҳо бо қалам фаъолият мекард ва ба ҳаёти худ идома медод, аммо ин қалам дар хидмати бегонагон буд. Бинобар ин, осори шоирон миллии мо дар мактабу мадрасаҳо омӯхта намешуданд, рӯҳи миллӣ заиф ва рӯҳи мазҳабӣ ҷойгузини он гардида буд. Дар системаи таълиму тарбият осоре мавриди омӯзиш қарор дошт, ки ҷанбаи диниву ирфониву тасаввуфӣ доштанд ва шоироне мавриди назари масъулон ва ҷомеа буд, ки аз ин гуна осор намояндагӣ мекарданд. Биноан, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Асадӣ, Фахруддини Гургонӣ, Носири Хусрав ва шоирони дигари мо, ки андешаву орои миллиро тараннум мекарданд, дур аз системаи омӯзиш қарор доштанд ва умуман, дар фазои адабӣ аз ҷою мақому мавқеи чандон волое бархӯрдор набуданд. Аз рӯи гуфтори устод Айнӣ, дар асрҳои охир дар фазои адабиву илмиву таълимии Мовароуннаҳр фақат осори Ҳофиз, Бедил ва девонҳои туркию озарии Фузулию Навоӣ омӯхта мешуданд ва нуфуз доштанд. Дигар адибон, бахусус адибони миллии мо, аз ҷумла Фирдавсӣ, аз мадди назар дур афтода буданд. Ном ва осори Рӯдакӣ-падари шеъри тоҷикӣ-форсӣ дар ин асрҳо умуман шунида намешуд. Ҳамин аст, ки дар «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ, ки беҳтарин санад барои далел овардан дар бораи ҳузуру нуфузи адибон дар фазои Моваруннаҳр дар асрҳои охир маҳсуб мешавад, аз Фирдавсӣ танҳо як маротиба ёд мешавад. Он ҳам дар хонаи Шарифҷон-маҳдум Садри Зиё, ки аз аҳли ашроф ва ҳокимони кишвар буд, на аз фуқаро. Чунончи, ӯ дар ин асари хеш мегӯяд: «Худи Шарифҷон-махдум дар вақтҳои танҳо монданаш бисёр шеър ва асарҳои адабӣ мехонд ва ҷоҳои завқоварашро баланд хонда, ба ман ва Мирзо Абдулвоҳид эзоҳ карда медод. Гоҳо «Шоҳнома» барин баъзе китобҳоро ба мо хонда худ гӯш медод, ҷоҳои ғалатхондаи моро тасҳеҳ мекард ва ҷоҳои мо нафаҳмидагиро эзоҳ медод». Дигар дар ҳеҷ куҷое аз шоҳномахонию шоҳномадонӣ

дар ин муҳит зикре ба амал намеояд, балки дар ҳама ҷо аз бедилхонию бедилшиканӣ сухан дар миён асту бас. Ҳамин гуна ҳузури лаҳзаина ва ҳошиявии бузургтарин шоирони миллии мо, аз ҷумла Фирдавсиро Шафеъии Кадканӣ ҳангоми мутолиаи «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ мушоҳида карда, дар китоби «Шоири оинаҳо», ки ба Бедил ва осори ӯ бахшида шудааст, чунин мегӯяд: «Фирдавсию Мавлавию Ҷомию Камоли Хуҷандию Хусрави Деҳлавӣ ҳам дар гӯшаву канор ҳузур доранд». Дар ҳақиқат, Фирдавсӣ ва дигар шоирони миллии мо (мисли худи миллат) «дар гӯшаву канор», яъне ҳошияи давлати туркию муғулӣ қарор доштанд. Ин ҷо гуфтори шоири фирдавситабору меҳандӯст устод Лоиқ ба ёд меояд, ки сад дар сад андешаҳои моро тасдиқ ва таъйид менамоянд:

*Ҷабри таърих ягон қавм надидаст, ки мо,*
*Заҳри таърих нажоде начашидаст, ки мо…*
*Оҳу афсӯс, ки дар ҳошияи таърихем,*
*Ин ҳама фоҷиаро даҳр надидаст, ки мо.*

Дигар:

*Ситамгарро Сикандар кардаӣ ту,*
*Музахрафро музаффар кардаӣ ту.*
*Валекин бузрукони нобигатро*
*Гадоёни паси дар кардаӣ ту.*

Ногуфта намонад, ки бедилгароӣ дар ду асри охир чунон мардумро аз адабиёту фарҳанги миллӣ дур афканда буд, ки қариб тамоми адибони Мовароуннаҳр дар асорати ӯ афтода буданд ва дар қаламрави гумроҳии эҷодӣ ҳаракат мекарданд. Лиҳозо, дар маҳофил, дар маҷолис, дар макотиб, дар мадорис, дар шаҳру деҳу кӯчаву бозор, масҷиду хонақоҳ, хуллас, дар ҳама ҷои кишвар фақат бедилхонӣ, шарҳу тавзеҳи осор, баҳсу мунозираҳои дардисаровару пучу бемаънӣ ва беохиру бардавоми ӯ сурат мегирифт. Аммо, бадбахтона, дар ин сарзамин, ки яке аз хостгоҳҳои асосӣ ва асили забону адаби тоҷикӣ мебошад, дигар адибону эҷодкорон қариб фаромӯш шуда буданд, бавижа, аз адибони миллӣ касе ёд намекард, бедилгароён чунон дар чоҳи ғафлату бехабарӣ ва таассубу гумроҳӣ ғарқ шуда буданд, ки дигар адаби худу миллати хешро ҳам фаромӯш карда буданд. Мисли он ки дар ин замон аз ҳар тоҷик, агар миллаташро мепурсиданд, худро мусулмон мегуфт, агар аз адабиёту шеъру шоирӣ сухан мерафт, фақат Бедил мегуфтанд ва ба тақлиди ӯ асар эҷод мекарданд, гӯйӣ дигар адибе барои эшон дар олам вуҷуд надошт. Устод Айнӣ гӯяд: «Тақлиди Бедил дар назм ва

наср аз ҳама ҷо зиёдтар дар Осиёи Миёна ривоҷ гирифта то Револютсияи Кабири Октябр давом кард... Аз вақте ки нусхаи дастнависи асарҳои ӯ ба ин сарзамин омад. (Мовароуннаҳр-Ҷ.С.), мунтахаби ғазалиёт ва рубоиёташ ба мактабҳои ибтидоӣ куҳна даромадааст. Дар мактабҳои куҳна баъд аз Қуръон ва дарсҳои динӣ аз адабиёти тоҷикӣ якум Хоҷа Ҳофиз ва дуюм Мирзо Бедилро мехонданд. Мунтахаби девони Бедилро дар мактабҳо бо расми хати худаш-бо хати шикастаи бедилӣ хононда шогирдонро ба хонда тавонистани он гуна хат ҳам водор мекарданд. Албатта, ба талаби хурдсол ёд додани шеърҳои душворфаҳми Бедил як кӯшиши бефоида буд». Ӯ ба ҳамин маънӣ дар ҷойи дигар чунин менависад: «Дар мадрасаҳои Бухорову Самарқанд ва Хуҷанд аз ҳаваскорони бедилдӯст давраҳои алоҳида ташкил карда ва дар атрофи ягон бедилшинос ғун шуда, дар шабҳои таътил бедилхонӣ мекарданд. Дар Ленинобод (Хуҷанди пештара) ҳатто дар чойхонаҳо куллиёт ё девони ғазалиёти Бедил ёфта мешуд, ки босаводони бедилдӯст дар давраи чойнӯшӣ бедилхонӣ мекарданд ва бесаводон ба онҳо гӯш дода ба қадри фаҳмашон фоида мебурданд».8

Хулоса, ба қавли устод Айнӣ, «ҳар аҳлу ноаҳл», донову нодон, хоссу ом, ҳама асири осори Бедил гардида буданд ва гумроҳӣ, таассуб тамоми аҳли ҷомеаро фаро гирифта буд. Яке ӯро пайғамбар, дигаре валӣ, савумин Абӯлмаонӣ, чаҳорумин аз ҳамаи шоирони дунё боло ва ғайра мехонданд. Ҳамин гуна гумроҳии адабӣ буд, ки мутараққитарин адибон низ мақоми аслии ӯро нашинохтанд ва дар баҳо додан ба осори ӯ ба инҳироф роҳ доданд ва даст ба муболиғаю ғулув заданд ва бад-ин тартиб ба адабиёту фарҳангу тамадуни миллии тоҷикӣ осеб расониданд. Ҳатто Аҳмади Дониш, ки аз пештозони ҷараёни мубориза бар зидди тақлиди осори печидаву гунги Бедил дар Мовароуннаҳр шинохта шудааст, низ аз ин иштибоҳ ва маъракаи бедилгароӣ натавонист худро раҳо бисозад ва роҳи дурусти беруншудро ба аҳли эҷод нишон бидиҳад ва мисли намояндагони ҷараёни бозгашти адабии Эрон-Муштоқу Нишоту Висолу Сабову Қоониву Яғмо ва дигарон дар Мовароуннаҳр низ бозгашти адабиро ташкил намояд. Дар ин бора устод Айнӣ дар рисолаи «Мирзо Абдулқодири Бедил» чунин изҳори назар менамояд: «Нависанда ва шоири мутафаккири асри Х1Х Бухоро-Аҳмади Дониш (вафоташ 1897) Бедилро бисёр дӯст медошт ва баъзе чизҳои душворфаҳми ӯро шарҳ мекард. Аммо худ на дар назм ва на дар наср услуби ӯро тақлид намекард ва ҳамсӯҳбатони худро аз тақлид кардани ӯ манъ менамуд ва ба тарзи

ҳазл мегуфт: «Бедил пайғамбар аст, мӯъҷизаро дар ихтиёри пайғамбар гузоштан даркор аст. Шумо валӣ шуда каромат нишон диҳед ҳам мешавад».9 Агар ин гуфтаи Аҳмади Дониш ҳамчун ҳазл ва як навъ киноя (ба муқаллидони Бедил) аз забонаш берун омада бошад, гуфтаи поёни Туғрал, ки аз рӯи таассуб ва гумроҳии эҷодӣ аз қаламаш таровидааст, беадабӣ, таҳқир, хиёнат ба худ, адибону адабиёти тоҷик ва кулли суханварони олам аст, зеро ӯ «аз сухангӯёни олам» (на Рӯдакӣ, на Фирдавсӣ, на Саноӣ, на Аттор, на Низомӣ, на Хоқонӣ, на Саъдӣ, на Мавлавӣ, на Ҳофиз, на Камол, на Ҷомӣ, на Урфӣ, на Назирӣ, на Толиб, на Калим, на Соиб, на Дониш, на Шоҳин, на Айнӣ, на Гомер, на Шекспир, на Балзак, на Гёте, на Гейне, на Гюго, на Стендал, на Байрон, на Будлар, на Пушкин ва на дигарон) касеро ҳамтои ӯ намебинад ва намедонад. Лиҳозо, мегӯяд:

*Баланд аст аз фалак маъвои Бедил,*
*Набошад ҳеҷ касро ҷои Бедил.*
*Надидам аз сухангӯёни олам,*
*Касеро дар ҷаҳон ҳамтои Бедил…*
*Қабои атласи нуҳ чархи гардун*
*Бувад кӯтоҳ бар болои Бедил.*
*Бар рафъат бартар аз кӯҳ аст, Туғрал,*
*Ҷаноби ҳазрати Мирзои Бедил.*

Албатта, ин гумроҳии адабӣ аз бедавлатӣ, содагӣ ва раҳнамоию пуштибонӣ нашудани қувваҳои адабию илмиву эҷодӣ рух додааст, зеро баъди аз байн рафтани давлати миллии Сомониён ва ба тахт нишастани сулолаҳои бегонатабор, аз ҷумла Ғазнавиён, Салҷуқиён, Қарохониён, Темуриён, Шайбониён, Сафавиён, Манғитиён ва ғайра, яъне то аввали асри XX рӯҳи миллӣ ба заъф гароида буд ва миллат роҳи ғуломию гумномию бебандуборӣ мепаймуд. Бинобар ин, адибони миллӣ, хусусан Фирдавсӣ мавриди бемеҳрӣ ва ҳуҷуми ҳокимони бегонатабор ва адибони чоплусу хушомадгӯ ва беҳувият қарор гирифта буд. Сиёсати диниву мазҳабиву қавмӣ ва фазои ирфониву сӯфиёнаи ҳоким дар ҷомеа намегузошт, ки шоирони миллӣ, бавижа, Фирдавсӣ, ки ситоишгари рӯҳи миллӣ буд, дар маърази омӯзиш қарор бигирад, аҳли илму адабу фарҳанг аз ӯ дар китобҳояшон ном баранд ва мисол биёранд. Натиҷаи ҳамин гуна сиёсати сахтгиронаи ҳукуматҳои ғайримиллӣ буд, ки дар осори таърихӣ, илмӣ, адабӣ, аз ҷумла «Зайн-ул-ахбор»-и Гардезӣ, «Таърихи Яманӣ»-и Утбӣ, «Таърихи Байҳақӣ», «Ансоб»-и Самъонӣ, «Ятимат-ут-даҳр»-и Саолибӣ, «Дамият-ул-қаср»-и

Бохарзӣ, «Тарҷумон-ул-балоға»-и Родуёнӣ, «Ҳадиқат-ус-сеҳр»-и Рашиди Ватвот, «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Калила ва Димна»-и Абулмаолии Насруллоҳ, «Сиёсатнома»-и Низомулмулук, «Синдбоднома»-и Заҳирии Самарқандӣ, «Насиҳат-ул-мулук»-и Ғазолӣ ва ғайра, ки дар асрҳои Х1-Х11 иншо шудаанд, ному нишоне аз Фирдавсӣ ва осори ӯ нест, зеро ин адибону олимону муррихон сухан бар муроди ҳокимони бегона мегуфтанд ва қаламашон дар хидмати аҳли шамшеру зару зӯр ва арбоби дину мазҳаб буд. Ба ҳарфи дигар, Ғазнавиёну Салҷуқиёну Қарохониёни истилогар ва бегонатабор, ки аз сиёсати зиддимиллӣ ва исломии Бағдод пуштибонӣ ва пайравӣ мекарданд ва қудрати сиёсиву низомии кишвар дар дасташон қарор дошт, ҳар оина монеи тарғибу ташвиқи афкору орои миллӣ ва густаришу паҳншавии он дар фазои кишвар мегардиданд. Аҳли қалам низ аз тарси ин амирону ҳокимони ҷаббору бегонатабори турк маҷоли муқовимат, дам задан ва бурузи эҳсос ва рӯҳияи миллиро аз даст дода буданд. Ба қавли ростини шоир:

*Ҳошалиллаҳ, турк бонге барзанад,*
*Саг чӣ бошад, шери нар хун қай кунад!*

Бинобар ин, бояд донист ва иқрор шуд, ки шоҳномахонӣ ба маънии томаш дар кишвари мо аз асри гузашта шурӯъ шуд ва Фирдавсию осораш ба барномаҳои таълим ворид гардид. Ҳамзамон, имкони нашри мунтахабу пурраи осори ӯ ба миён омад. Бад-ин маънӣ, «Шоҳнома» борҳо дар кишвари мо чоп шуд ва шароити хуби хондани он барои мардуми кишвар муҳайё гардид. Аммо шоҳномахонӣ ҳанӯз шоҳномадонӣ нест, зеро кам касеро метавон ёфт, ки ин асари бузургҳаҷмро, ки 50-60 ҳазор байтро фаро мегирад, аз ибтидо то интиҳо (пурра) хонда бошад. Дигар, ҳар касе наметавонад ба кунҳи ин асари ҷовидонӣ, ки фарогири маводи зиёд ва мухталиф аст, бирасад. Ба қавли устод Ҷалолиддини Ҳумоӣ, «ҳар касе дархӯри шоҳномадонӣ нест. Шоҳномадонӣ фанни мустақилест, ки сармояи илмиву адабӣ ва завқе кофию вофӣ ва татаббӯи мутамодӣ дар назму насри қадими форсӣ лозим дорад ва дар ин бора шоиста аст, ки ашхоси адиби фозили аҳл корҳои мутафарриқаро канор бигзоранд ва мумаҳҳазу холис як ҷо чандин сол вақти худро сарфи хондану таҳқиқ дар «Шоҳнома» кунанд, то ба забони Фирдавсӣ ва дақоиқи маонии калимоту ибороти ӯ ошно бишаванд ва гуфтаҳои ӯро, ҳамон тавре ки дар зеҳни гӯянда омада ва муроду мақсади худи ӯ будааст, бифаҳманд ва дарк кунанд ва натиҷаи онро ба дигарон ҳам биёмӯзанд ва бифаҳмонанд. Ва

хулоса ин ки шоҳномадон ва фирдавсишинос аз кор дароянд, вагарна аз он даста ашхосе, ки як бор ҳам «Шоҳнома»-ро нахонда ва бо фунуни назму насри адабӣ ва асолиби сухани форсӣ татаббӯъ ва ошноие кофӣ надошта бошанд, коре сохта нест ва ба қавли маъруф, «бо ин дегҳои чӯбӣ ҳалво наметавон хӯрд».

Дар ҳақиқат, ҳақ ба ҷониби устод Ҷалолиддини Ҳумоӣ аст, зеро на ҳар кас имрӯз метавонад ва имкон дорад, ки ин асари бузургҳаҷмро саропо бихонад ва батамом онро бифаҳмад ва дарку маънӣ намояд. Аз ин рӯ, мо бояд дар кишвар шоҳномахониро, ки замоне дар радиову телевизиони тоҷик роҳандозӣ шуда буд, аз нав эҳё намоем ва бад-ин тартиб шоҳномахонону шоҳномадононро таълиму тарбия ва ба воя расонем. Дар ин замина ташкили барномаҳои мухталифи телевизиониву радиоӣ, ки бо қироату тавзеҳу ташреҳи «Шоҳнома» иртибот мегиранд, судманд хоҳад буд. Дар муассисоти илмиву адабӣ курсҳо ва гурӯҳҳои махсуси шоҳномахонӣ созмон бидиҳем. Матбуот, хусусан рӯзномаву маҷаллот, бояд гӯшаи махсуси шоҳномахонӣ дошта бошанд ва намунаҳое аз ин асари бузургро дар он ҷой диҳанд ва пешкаши хонандагон намоянд (мисли ҳафтавори «Миллат», ки муддатҳост ба чопи «Шоҳнома» машғул аст). Гузашта аз ин, шарҳҳои мухталифи «Шоҳнома» ва баргардонҳои насрии бархе аз достонҳои онро дар дастраси хонандагон қарор бидиҳем. Ба вижа, баргардони мақолаҳо аз хатти арабӣ ба кириллиро равнақ бояд бахшид. Албатта, ташкили маркази фирдавсишиносӣ ва нашри маҷаллаи «Фирдавсӣ» низ як амри воҷиб маҳсуб мешавад. Муҳимтар аз ҳама, маълумоти тазкираву китобҳои мухталиф ва мақолоту рисолотеро, ки то имрӯз дар дохил ва хориҷи кишвар оид ба Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ навишта шудааст, ҷамъоварӣ намоем ва дар даҳҳо ҷилд ба нашр расонем. Бавижа, таълими ҳаёту эҷодиёти Фирдавсиро дар мактабҳои миёнаву олӣ тибқи талаботи замони нав ба роҳ монем. Ниҳоят, мо шоҳномахониро бояд аз кӯдакистон ва хонавода шурӯъ намоем, зеро, ба қавли маъруф;

*Ҳар он кас, ки шоҳномахонӣ кунад,*
*Агар зан бувад, қаҳрамонӣ кунад.*

Мутаассифона, имрӯз шавқу рағбати мардум ба китобхонӣ бо сабабҳои айнию зеҳнӣ коста шудааст. Ҷавонон, ағлаб ба маълумоти интернет ва коргирӣ аз компютер, фейсбук ва ғайра иктифо менамоянд. Дигар, коҳилӣ, ғафлат, таассуб ва хурофот бархе аз гурӯҳҳои ҷомеаро ба кӯи бетафовутӣ, яксӯнигарӣ андохтааст. Лиҳозо, кам мутолиа менамоянд, бархеҳо донистани

гузаштаро зарур намешуморанд ва барои эҳёву густариши рӯҳияи миллӣ дар ҷомеа кӯшо нестанд. Ин, албатта, бар зарари эшон аст, зеро канда шудан аз гузашта, дурӣ аз шоҳкорҳои илму адаби пешин, беэътиборӣ, худношиносӣ ва бехабарӣ аз фуруду фарозҳои ниёгони хеш дар гузашта дари худогоҳии миллиро, ки замони истиқлол аз мо талаб менамояд, ҳароина ба рӯямон мебандад. Агар мо бо ҳамин аҳвол ба кори худ идома бидиҳем, чанде мегузарад, ки мо нажоди худ, табори худ, тамаддуни худ, фарҳанги худ, адабиёт ва намояндагони илму адаби хешро фаромӯш менамоем ва пайванди мо бо бобоёни худ, яъне аб ва ҷадди худ гусаста мегардад. Барои он ки ба ин ҳолати ногувор наафтем, бояд ин панди адибро ҳамеша дар зеҳни худ дошта бошем, ки ба мо ҳушдор медиҳад ва мегӯяд:

*Аввал сабақи ту абҷад омад, яъне*
*Бар сирати аб ва ҷадди худ бояд буд.*

Хусусан, рӯ овардан ба «Шоҳнома», ки ҳувияти миллии моро таъмин менамояд, дар замони истиқлол амре ногузир мебошад, зеро ҳадафи Фирдавсӣ аз эҷоди «Шоҳнома» ҳамин буд, ки миллати тоҷик, ки зери султаи арабу турк монда буд, аз таърихи пуршукӯҳ ва пурешбу фарози худ огоҳ шавад, мубориза кунад ва ба озодиву истиқлол бирасад, соҳиби давлати миллӣ ва ҳукмроне аз нажоди озодагон гардад. Албатта, ин орзуи фақат Фирдавсӣ набуд, балки Абӯмуслим, Муқаннаъ, Сунбод, Яъқуби Лайс, Носири Хусрав, Дақиқӣ, Унсурулмаолии Кайковус, Хоқонӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Маҳмуди Торобӣ, Восеъ ва дигарон ҳам буд. Хушбахтона, ин орзуи Фирдавсӣ ва тамоми озодагон пас аз ҳазор сол фақат дар Мовароуннаҳр (он ҳам Бухорои Шарқӣ) ҷомаи амал пӯшид ва халқи мо дар гӯшае аз ватани таърихии худ ва кишвари бузурги ориёиён ба ташкили ҷумҳурии мухтору мустақилу соҳибистиқлол даст ёфт, кишваре, ки ба арзишҳои миллӣ такя мекунад. Аз ҷумла, ҷашнҳои Наврӯз, Меҳргон, Сада ва амсоли инро, ки ниёкони дури мо бо тантанаву шукӯҳи хоссе баргузор мекарданд, бо рангу бори тоза таҷлил менамояд. Дигар, бархе аз расму оин ва ҷашнҳои миллиаш ҷанбаи башардӯстона пайдо менамоянд, яъне мақоми байналмилалӣ мегиранд. Масалан, ҷашни Наврӯз, ки дар замони истиқлол ба ҷашни байналмилалӣ табдил ёфт. Албатта, ин барои мо ифтихори хеле бузург мебошад, зеро мо фарҳангу тамаддуни ҷаҳониро бо арзишҳои миллии худ, ҷашну оинҳои қадимиамон ҳароина ғанӣ месозем. Лиҳозо, дар ин роҳ, яъне шинохтани арзишҳои миллӣ, ҷашну оинҳои қадимии миллатмон низ ба мо, пеш

аз ҳама, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ кумак менамояд ва мавод медиҳад. Бесабаб нест, ки ҳар гоҳ аз Наврӯз, Меҳргон, Сада ва дигар ҷашну оинҳои миллӣ, ки имрӯз, хушбахтона, аз нав эҳё мешаванд, сухан дар миён ояд, аввалтар аз ҳама, мо рӯ ба «Шоҳнома» меорем ва аз маълумоти он суд меҷӯем. Масалан, агар аз мавзӯи Ватан ва ватандӯстӣ сухан равад, боз ҳам ба «Шоҳнома» ва пеш аз ҳама, абёти зери машҳури Фирдавсӣ, ки гимни ватандӯстии миллати мо маҳсуб мешавад ва аксари мардум онро аз ёд медонанд, муроҷиат менамоем:

*Нигаҳ кун бад-ин лашкари номдор,*
*Ҷавонони шоистаи корзор.*
*Зи баҳри бару буму фарзанди хеш,*
*Зану кӯдаки хурду пайванди хеш.*
*Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,*
*Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.*

Албатта, ин ҳама далели он аст, ки «Шоҳнома», бо ҳама мавонеъ, бо ҳама фуруду фарозҳое, ки мардуми мо дар дарозои таърих аз сар гузаронидааст, ҳароина дар зиндагии мо ҳузуру нуфузи хос дорад ва аз мақоми варҷованде бархӯрдор аст, зеро он ҳамеша барои мо (дар ҳар бобе, ки хоҳем) мавод медиҳад ва ҳамчун сармашқи кору фаъолиятамон хидмат менамояд. Маълумоте, ки дар бораи таърихи миллат, худшиносиву худогоҳӣ, ватандӯстӣ, сулҳу оштӣ ва ғайра, аз ин китоб мегирем, дар китобҳои дигар ба нудрат пайдо менамоем. Ҳамин аст, ки мо гаштаву баргашта ба «Шоҳнома» муроҷиат мекунем ва ҳоҷатамонро бароварда месозем. Агарчи мо дар шоҳномашиносӣ, шоҳномахонӣ ва шоҳномадонӣ, яъне истифода аз маводи «Шоҳнома» соҳиби дастовардҳои қобили мулоҳиза мебошем, аммо мо бояд ба ин дастовардҳо ва доштаҳоямон қаноат нанамоем, зеро «Шоҳнома» як укёнуси пур аз ганҷу ҳикмат ва дастуру омӯзаҳои миллию инсонию иҷтимоию сиёсиву ахлоқӣ аст ва он ба мо, пеш аз ҳама, дарси меҳанпарастӣ, хештандорӣ, ҳувият ва худсозӣ медиҳад. Пас мо муваззафем, ки имрӯз «Шоҳнома» бихонем, «Шоҳнома» бидонем ва хондаҳоямону донистаҳоямонро ба дигарон биёмӯзонем. Дар он сурат мо метавонем қарзи фарзандии худро дар пеши Ватан, миллат ва инсонияти тараққипарвари ҷаҳон адо бинамоем ва бо ифтихору боварӣ ва садои баланд рӯ ба Фирдавсӣ биёрем ва аз забони шоир бигӯем:

*Куҷо хуфтаӣ, эй баланд Офтоб?*
*Бурун ою бар фарқи гардун битоб.*
*На андархӯри туст рӯи замин,*

*Зи ҷо хезу бар чашми даврон нишин.*
*Куҷо мондаӣ, эй рӯҳи қудсисиришт,*
*Ба чорум фалак ё ба ҳаштум биҳишт?*
*Ба як гӯша аз гетӣ ороми туст,*
*Ҳама гетӣ канда аз номи туст.*
*Чу оҳанги шеъри ту ояд ба гӯш,*
*Ба тан хуни афсурда ояд ба ҷӯш.*
*Зи «Шаҳнома» гетӣ пуровоза аст,*
*Ҷаҳонро куҳан карду худ тоза аст.*
*Ту гуфтӣ: «Ҷаҳон кардаам чун биҳишт,*
*Аз ин беш тухми сухан кас накишт»...*
*Зи ҷо хезу бингар, к-аз он тухми пок*
*Чӣ гулҳо дамидаст бар тарфи хок.*
*На он гул, ки дар Меҳргон пажмурад,*
*Нахандида бар шох, бодаш барад.*
*На ҷаври хазон дида гулзори ӯ,*
*На бар дасти гулчин шуда хори ӯ.*

**Пайнавиштҳо:**


1.Муҳаммадҷон Шукуров. Пайванди замонҳо ва халқҳо. Душанбе, Ирфон, 1982. -С.55.
2.Мирзо Турсунзода. Шеърҳо, ч.1, Душанбе, Ирфон, 198. -С.190.
3.Садриддин Айнӣ. Осори баргузида, ҷ.1. Душанбе, Ирфон, 1977. -С.35.
4.Шафеъии Кадканӣ.Шоири оинаҳо. Теҳрон, 1368. -С.111.
5.Лоиқ. Фарёди бефарёдрас. Душанбе, Адиб,1997. -С.97.
6.Ҳамон ҷо. -С.183.
7.Садриддин Айнӣ. Куллиёт, ҷ.11, Душанбе, Ирфон,1964. -С.115-117.
8.Ҳамон ҷо. -С.117.
9.Ҳамон ҷо. -С.116.
10.Туғрал. Гиёҳи меҳр. Душанбе, Ирфон,1986. С.185.
11.Маснавии маънавӣ. Теҳрон,2001. -С.523.
12.Фирдавсӣ ва «Шоҳнома». Теҳрон,1370. - С.582.
13.Ҷамолиддин Саидзода. Фирдавсӣ кист ва «Шоҳнома» чист? Душанбе, 2011. -С.16.
14.Фарҳанги забони тоҷикӣ, ҷ.1, Москва,1969. -С.25.
15.Шоҳбайтҳои «Шоҳнома». Душанбе, Адиб, 1990. -С.60
16.Фирдавсӣ ва «Шоҳнома». -С.287.



*Ниёзова Маҳина* — *х.х.и., шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ ҶТ*

## АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО – СОҲИР Ё ДОНИШМАНД ДАР НАҚЛУ РИВОЯТҲОИ МАРДУМӢ

Абӯалӣ ибни Сино яке аз шахсиятҳои машҳурест, ки номи ӯ дар таърих, тамаддун ва илму фарҳанги ҷаҳонӣ ҳамчун инсони нексиришт, донишманд, табиби беҳамто ва ҳакими тавоно сабт гардидааст. Дар шароите ки инсон назди ҳукмдорон ва зӯроварони феодалӣ арзише надошт, Абӯалӣ ибни Сино ҳамчун инсонпарвари бузург ба майдон баромада, бо силоҳи илму дониш бар зидди нотавонбинону мутаассибон мубориза бурдааст. Ӯ ҳамчунин барои сиҳатии тану ҷони одамӣ ва муҳофизати ҳаёти башар дар оянда усули ин муборизаро ба оламиён тавассути таълифоти беназири худ таълим додааст. Аз ин рӯ, корномаҳои ӯ сабаб шудааст, ки дар миёни халқ нисбат ба ин нобиғаи ҷаҳонӣ нақлу ривоятҳои зиёде эҷод гардад. Нақлу ривоятҳое, ки нисбат ба Ибни Сино эҷод гардидаанд, паҳлуҳои гуногуни зиндагӣ ва кору фаъолияти ӯро дар бар мегиранд. Муҳтавои қисмате аз ин нақлу ривояҳоро, ки дар онҳо Сино ҳамчун соҳир ва муъҷизакор фаъолият мекунад, дар бар мегиранд.

Соҳириву ҷодугарӣ як намуди маданияти қадимтарини халқ ба шумор мераванд. Онҳо дар қаъри ҷамъияти ибдидоӣ дар муборизаву муҳорибаҳои пайдарҳами одамон бо ҳодисаву воқеаҳои ногаҳонии хавфовари марбут ба қонунҳои объективӣ ва субъективии табиату ҷамъият, фаҳмишу муомилот ва муносибатҳои одамон бо мавҷудоти рӯи замин ба вуҷуд омада, дар рафти тараққиёти ҷамъият ва қувваҳои истеҳсолкунандаи он ҳамчун як идеологияи ҷамъияти замонҳои гузашта такмилу таҳаввул ёфта, то замони мо омада расидааст [4, 116].

Инчунин сеҳру ҷоду ва оину маросимҳои марбут ба он дар ибтидои пайдоишашон хислати шахсӣ дошта, оҳиста –оҳиста ба гурӯҳӣ ва аз гурӯҳӣ ба ҷамъиятӣ гузаштаанд. Дар тӯли таърих мавқеи инсон дар мавҷудият ва тараққиёти соҳириву ҷодугарӣ

такомул ёфта, пурраву мураккаб мешуд. Нақши ӯ дар байни гурӯҳу ҷамъият ташкилкунанда, донанда ва барандаи оину маросимҳо ба ҳисоб мерафт. Ибтидо дар кадом маврид лозим будани соҳириву ҷодугарӣ ба пайдо шудани фаҳм ва аз рӯи он амал намудани одамони замони ибтидоӣ марбут аст. Пас аз фаҳми шахсӣ шуури гурӯҳӣ ва баъд аз он ҷаҳонбинии ҷамъиятӣ ба вуҷуд омадааст. Соҳириву ҷодугарӣ дар ҳаёт ва машғулияти одамони қадим аҳамияти калон дошт. Аз ин ҷост, ки он дар асотир, афсонаҳо, нақлу ривоятҳо ва адабиёти классикиву муосири тоҷик низ инъикос ёфтааст.

Ба вуҷуд омадани ривоятҳо дар бораи соҳирии Ибни Сино, пеш аз ҳама, ба шахсият ва фаъолияти худи ӯ сахт алоқаманд мебошад. Яъне, азбаски аз қадим табибон бо роҳу усулҳои гуногун, бо истифода аз сеҳру ҷоду ба дармондагон ва ниёзмандони худ кӯмак мерасонидаанд, дар шуури халқи одӣ ин ҳодиса нақш бастааст. Инчунин халқ аз дараҷаи баланди илму дониш ва қобилияти беандозаи Ибни Сино дар ҳайрат афтода буд ва бовар мекард, ки ӯ аз асрори ҳама гуна сеҳру соҳирӣ низ хуб бохабар буда, аз уҳдаи ин гуна корҳо ба осонӣ баромада метавонад.

Дар баробари ривоятҳои табибӣ, шоирӣ, тифлӣ, Ибни Сино дар чанде аз ривоятҳо ба сифати соҳир, муъҷизакор ва ҷодугар низ амал мекунад ва дар ин ҷода ҳам ӯ мисли дигар паҳлуҳои ҳаёту фаъолияташ, ҳамеша комёбу дастболо аст. Масалан, дар ривояти «Абӯалӣ ва корвониён» омадааст:

«*Мегӯянд, ки Абӯалӣ бо корвоне ба роҳ афтод, то аз шаҳре ба шаҳри дигар равад. Чун фаҳмид, ки корвониён ӯро нашинохтанд, шабҳангом, ки корвониён ба хоби хуш буданд, бархост ва зангҳои шутуронро боз кард ва аз нав чунон баст, ки чун бедор шуданд ва ба роҳ афтоданд, аз овои он ҳама корвониён ба хоб рафтанд.*

*Шаби дигар зангҳоро чунон баст, ки ба ҳангоми рафтан аз овои онҳо ҳама ба шӯру шодӣ афтоданд ва дастафшону пойкӯбон шуданд ва хандаҳо сар доданд.*

*Ва шаби дигар чунон баст, ки ҳама андӯҳгин шуданд ва онон, ки дили нозук доштанд, ба гиря афтоданд. Аз ин корҳо ҳама саргардон монда буданд ва чунин мепиндоштанд, ки ин кор кори девҳо ва париҳост. Вале чун баррасӣ карданд, дарёфтанд, ки кори ин мард аст ва донистанд, ки ин мард Бӯалист ва ба ӯ меҳрубониҳо ва фурӯтаниҳо карданд*» [5, 105-113].

Фаъолияти соҳирӣ ва муъҷизакории Абӯалӣ ибни Сино дар ривояти «Сино ва илми симиё» нисбатан васеътар аст ва хусусан, дар се эпизоди асари мазкур ин ҷиҳати фаъолияти Ибни Сино хеле равшан ба назар мерасад. Масалан, агар дар эпизоди якум дар бораи бо истифода аз илми симиё (илми соҳирӣ) аз чӯб сохтани чил нафар ғуломбачча ва бо ёрии онҳо дар маркази шаҳри Бағдод бино кардани як ҳаммоми аҷибу боҳашамат сухан равад, дар эпизоди дуюм тавассути яке аз ғуломбаччаҳо бо роҳи пинҳонӣ ба назди подшоҳи мамлакати Бағдод гирифта овардани духтари соҳибҷамоли мамлакати Сабо маълумот дода мешавад. Муҳтавои эпизоди ба тӯи арӯсии подшоҳи Бағдод ва духтари подшоҳи мамлакати Сабо иртибот мегирад. Матни ин эпизодҳо зайлан зикр мегарданд:

«*…Абӯалӣ дар кӯҳе рафта як дарахтро бурид. Аз як чӯб сурати одамеро сохт, ба вай либос пӯшонда зинда кард. Аз ҳамин хел одам чил нафар гуломбачаи хушрафтори ҳалқабаргӯш ба вуҷуд овард. Ҳамаи онҳо ба якдигар хеле монанд буданд, аммо гап намезаданд.*

*Бо ёрии чил нафар гуломбача дар байни ҳафт рӯз дар маркази шаҳри Багдод як ҳаммоми аҷоиб бино кард. Вай ҳаммом чил гумбази кабуд ва чил равоқ дошт. Дар гумбаз чашмаи оби мусаффо муҳайё, тосҳои нуқраю лӯнгиҳои суф бисьёр буд. Дар ҳар гумбаз як гуломбачаи хушрӯи ҳарирпӯш мутасаддӣ буд. Ба ҳар яки онҳо хизматгоре – ходимчии лӯнгибардоре муқаррар шуда буданд. Чунин ҳаммомро халқи Багдод ҳеҷ надида ва нашунавида буд. Барои ҳамин халқи Багдод ҳаваси дидани ин ҳаммомро карда, гурӯҳ-гурӯҳ шуда ба он ҷо меомаданд.*

*Овозаи ин ҳаммом ба гӯши подшоҳи Багдод расид. Подшоҳ ҳамроҳи вазиру вузаро барои тамошои ҳаммом омад.*

*Ҳаммомро дида подшоҳ дар ҳайрат шуд ва гуфт: «Дар андак вақт барпо кардани ин хел ҳаммоми олимақом ба ақл намегунҷад. Дар ин ҷо ҳикмате ҳаст».*

*Подшоҳ ба боргоҳаш баргашта бо тезӣ Абӯалиро ба назди худ талаб кард. Абӯалӣ ҳам бо тезӣ дар хизмати подшоҳ ҳозир шуд. Бо ҳазор одоб таъзим ва тавозуъ ба ҷо овард.*

*Абӯалиро дар қасри олӣ шинонда, бисёр навозиш ва иззату икром карданд. Аз ҳад зиёд бо зиёфатҳои олӣ хурсанд карданд. Подшоҳ сару пои қиматбаҳо пӯшонида, сарфароз кард.*

*Баъд аз дӯстдорӣ ва иззату икром подшоҳ аз Абӯалӣ воқиаи ҳаммомро савол кард:*

*- Дар байни ҳафт рӯз бино кардани чунин ҳаммоми дилкушоро ақли ҳеҷ ҳикматшиносе намегирад, боис чӣ бошад?*

*Абӯалӣ гуломбачаи ҳамроҳаш рафтаро нишон дода гуфт:*

*- Э подшоҳи олам, султони бокарам, чил нафар ин қабил хизматгор дорам. Онҳо фармоиши маро бо ҷону дил қабул карда, дар муддати ҳафт рӯз ин ҳаммомро батамом бино карданд.*

*Ҳар кадоми ин гуломон чил ҳунарро медонанд. Яке аз ин ҳунарҳо ҳаммом сохтан аст. Ғайр аз ин онҳо боз сию нуҳ ҳунари дигар доранд. Ҳар кадоми онҳо аз ин ҳаммом ҳар ҳафтае як ҳамёнӣ зар даромад мекунад. Боз ҳунаре доранд, ки хоҳ дар ҳаво, хоҳ дар дарьё ҳар қадар кори мушкиле бошад, дар як чашм кушода пӯшидан иҷро мекунанд. Боз як ҳунари онҳо ҳамин аст, ки дар роҳравӣ аз шамол ва паррандаҳо ҳам тездав ҳастанд.*

*Подшоҳ хушҳолу хуррам шуда гуфт:*

*- Э, ҳакими олимақом, ин ҳунарҳоро ба халоиқ нишон дода, манзури назар шудан даркор!*

*Абӯалӣ гуфт:*

*- Шоҳо, умратон дароз бод. Ин хел корҳоро дар байни халқ карда намешавад, барои ин ҷои хилват даркор» …*

Эпизоди дуюм: *«…Подшоҳ барои фаҳмидани илми ҳикмат Абӯалиро дар хилватхонаи худаш гирифта даромад. Ҳамроҳи ҷавони аз чӯб биношуда, се кас буданд, дигар касе набуд. Абӯалӣ гуфт:*

*- Э шаҳриёри олам, чизе ки муддаоятон бошад, изҳор кунанд, ба ҳамон нигоҳ карда кор мекунем.*

*Подшоҳ гуфт:*

*- Э ҳакими ҳикматшинос, ман ба духтари подшоҳи шаҳри Сабо ошиқам. Ба умеди вай борҳо элчӣ – хостгор фиристодам, аммо қабул накард. Охир лашкар кашида, рафта ҷанг кардам, маглуб шудам, илоҷе кунед, ки ҳамон духтарро як бинам.*

*Абӯалӣ нисфи шаб буд, ки дар гӯши гуломи ҳалқабаргӯшаш афсуне хонд. Ғулом ҳамон замон аз назар гоиб шуд. Дар бадали як соат аз дасти духтари подшоҳи шаҳри Сабо дошта гирифта омад.*

*Подшоҳ дидан ҳамоно ба ҷамоли духтар ошиқи шайдо шуда: «Во аҷабо, ин духтар Зулайхои сонӣ будааст-ку» гуфт, сабру қарораш намонд ва ақлу ҳушашро гӯм кард. Вай баъд аз як соат ба ҳуш омад ва ба гуломбача таҳсину офарин хонд».*

*Баъд подшоҳ ба кору ҳикмати нишондодаи Абӯалӣ таҳсин ва офарин кард. Иззати Абӯалиро ба ҷо овард. Подшоҳ фаҳмид, ки ин корҳо ба қуввати илми симиё иҷро карда шудааст…*

*Подшоҳи Багдод ба тахташ баромада, як шаби дароз бо Абӯалӣ суҳбат кард. Вазирон ва аркони давлатро ба назди худ талаб карда, Абӯалиро таъриф карда, гуфт:*

*- Ин ҳакими доно дар байни як соат духтари подшоҳи шаҳри Саборо ба пеши мо овард.*

*Ин суханро аз даҳони подшоҳ шунавида, аркони давлат ҳама ба Абӯалӣ таҳсин ва офарин хонданд. Подшоҳ Абуалиро вазири аъзам таъин кард».*

Эпизоди сеюм: *«…Абӯалӣ бо фармоиши подшоҳи Багдод, ба воситаи қуввати илми симиё як макони хушу хуррам ва як гулистони ҷаннатнишон пайдо кард, ки подшоҳи шаҳри Сабо бо тамоми аскару лашкараш дар он ҷой шуд. Подшоҳи шаҳри Сабо ва аркони давлаташ вай қасри шоҳонаро дида, таҳсин ва офарин карданд.*

*Подшоҳи Багдод дар он бог меҳмонҳоро чил шабу рӯз зиёфат дод. Ҳама шод ва хуррам шуданд.*

*Баъд аз зиёфатҳо подшоҳи шаҳри Сабо орзуи тамошои ҳаммоми ибратнамои Абӯалиро кард. Абӯалӣ аз ҷояш бархост, дасташро алифлом карда, аз подшоҳ барои меҳмонҳоро зиёфат кардан иҷозат гирифт.*

*Абӯалӣ дар роҳи ҳаммо як боги зебое пештар сохта буд, ки меҳмононро ба ҳамон бог даъват кард… Вай меҳмононро се шабу рӯз зиёфат кард ва ба ҳар меҳмон ба худаш муносиб туҳфа дод.*

*Баъд аз ин зиёфатҳо Абӯалӣ, барои он ки подшоҳи шаҳри Сабо духтарашро ба подшоҳи Багдод ба занӣ диҳад, дуое хонд. Дигарон ва ҳукамаю уламо низ ин хоҳиши Абӯалиро ҷонибдорӣ карданд. Подшоҳи шаҳри Сабо низ қабул кард.*

*Дар шаҳри Багдод ба тӯй тайёрӣ дида шаҳрро оинабандӣ карданд. Чор шабонарӯз ба ҳамаи фуқарою фузало тӯю тамошо дода, ба ҳама инъом дода, ҳамаро хурсанд ва хуррам карданд.*

*Баъд аз тӯю хурсандиҳо подшоҳи шаҳри Саборо ба мамлакати худаш гуселонданд. …Подшоҳи Багдод ба Ҳумоюнбону айшу ишрат карда, ба мурод у мақсадаш расид.»* [5, 107].

Аз мисолҳои боло бармеояд, ки Абӯалӣ ибни Сино дар фаъолияти соҳириаш низ инсони асил, соҳибэҳтиром, шахси мардумгаро, софдилу некрой ва ободкор аст. Яъне ӯ дар фаъолияти соҳириаш ҳам дар пайвастани сарнавишти шоҳи Бағдод бо духтари шоҳи шаҳри Сабо нақши асосӣ бозид. Ба назар чунин мерасад, ки дар ин аъмоли Ибни Сино ва бо

подшоҳони ду шаҳр забон ёфтану ба ҳурмату эҳтироми онҳо сазовор гаштани ӯ орзую омоли халқ оид ба инсонҳои накукор ва подшоҳони одилу қадршинос таҷассум гардидаст. Аз ин рӯ, асари мазкурро ба эътибори муҳтавиёти пурғановату судмандаш дар радифи асарҳои беҳтарини оид ба Ибни Сино эҷодшуда метавон ҷой дод.

Чун ин ҷо сухан аз фаъолияти соҳирии Ибни Сино дар миён аст, аз ду ривояти халқӣ, ки яке бо номи «Саргузашти Ибни Сино ва Абӯсолӣ» ва дигаре таҳти унвони «Бӯалӣ» чоп шудааст, ёдовар нашуда наметавонем. Ин ривоятҳо аз он ҷиҳат қобили мулоҳизаанд, ки дар онҳо ҳунари соҳирии Ибни Сино барои соҳибаш ҳамчун воситаи ҳаҷву масхара ва қассосгирӣ хизмат кардааст. Барои тасдиқи ин даъво дар навбати аввал эпизодҳои зерини ривояти «Саргузашти Ибни Сино ва Абӯсолӣ»-ро мисол меорем, ки онҳо дар бораи як ҳодисаи ғамангези ба сари хоҳари Абӯалӣ ибни Сино омада ва ҳаҷву масхара гардидани шахсе, ки боиси сар задании чунин ҳодиса шудааст, нақл мекунад:

*«...Абӯалӣ Сино хоҳарашро ҳамроҳ гирифту ба Юнон рафт. ...Онҳо дар болохонаи як нонвой ҷой гирифтанд. Абӯалӣ Сино ба хоҳараш гуфт:*

*- Хоҳарам, ин ҷойро Юнон мегӯянд, ин шаҳр бисёр илмҳои баду нек дорад. Мабодо, ту тирезаро кушода ба берун нигоҳ накун. То омадани ман тирезаро накушо. Вақте ки ман омадам, ҳардуямон ба тамошо меравем.*

*Ин суханро ба хоҳараш гуфту худаш баромада, шаҳри Юнонро сайр кард. Духтар худ ба худ фикр кард, ки: «Бародарам як гуфтанду монданд-дия, канӣ ин кӯчаро як тамошо кунам ман».*

*Тирезаро кушода ба берун нигаҳ кард, ки як марди мӯйсафед як харро савор шуда, почаҳош кашол, бе узангу омада истодааст. Духтар сарашро аз дарича берун карда буд, ки мӯйсафед дуое хонда пуф кард. Якбора аз ду чаккаи духтар як метрӣ ду шох баромад. Духтари бечора дигар сарашро дарун карда натавонист. «Оббо, гапи бародарам рост будааст»- гуфта ҳайрон шуда истода буд, ки Абӯалӣ Сино омад.*

*Абӯалӣ Сино дид, ки аз ду чаккаи хоҳараш ду шохи якметрӣ баромадааст. Каме хафа шуду ҳеҷ чиз нагуфт, оҳиста ба пеши нонвой фаромад, ба вай гуфт, ки:*

*- Буродар, чӣ қадар орд дорӣ?*

*Гуфт:*

*- Сад ман.*

*Баъд гуфт, ки:*

*- Ту ҳамин ордро то субҳидам нон пӯхта метавонӣ?*

*Нонвой ҳайрон шуд, ба дилаш фикр кард, ки: «Во аҷабо! Ман ҳар рӯз ду хамир мекунам, ҳамон ҳам ба фурӯш нарафта мемонаду ин одам ба ман ин хел мегӯяд». Баъд гуфт:*

*- Буродар, нон мемонад.*

*Гуфт:*

*- Корат набошад. Пагоҳ ҳамчунон кор шавад, ки дар болои нони ту ҷангу ҷидол шавад. Лекин, ба шарте ки аз ҳозир ту ба пухтани нон сар кунӣ. Аммо ба касе ин сиро изҳор накун!*

*- Хуб, - гуфт нонвой ва ба пухтани нон шурӯъ кард.*

*Абӯалӣ Сино як каф хокро аз замин гирифта, дуое хонд ва ба болои шаҳр пошид. Аз ҳамон шаҳр оташ тамоман барҳам хӯрд. Саҳар мардум хестанд, ки дар ҳеҷ ҷой оташ нест, ҳамсоя ба ҳамсоя медавад, оташ нест. Ба ҷои дуру наздик мераванд, оташ нест. Нони гарм дилашон мекашад, дар нонвой оташ нест. Чӣ кор карданашонро нафаҳмида, ҳама дар ҳайрат шуданд. Шахсе аз одамони шаҳр гуфт:*

*- Дар фалон канори шаҳр як нонвойхона кор карда истодааст.*

*Тамоми одамҳо ба ҳамон нонвойхона ҳуҷум карда омаданд ва ҳақиқатан нони онро ҳамчунон тала карданд, ки гуфтан надорад. Нонвой дар дилаш гуфт, ки: «Ин мард аҷаб шахсе будааст, чӣ гапе ки занад, ҳамааш шуда истодааст. Ин чӣ ҳодиса бошад?». Аз бардошта шудани оташ нонвой хабар надорад. Бисёр, ки халқ дар азоб монд, аркони давлат худ ба худ фикр карданд, ки: «Шояд дар шаҳри мо Абӯалӣ Сино ё Абӯсолӣ омада бошад. Чӣ кор кардан даркор? Эълон кардан даркор, ки вай ба пеши подшоҳ биёяд».*

*Подшоҳ эълон кард, ки: «Агар дар шаҳри мо Абӯалӣ Сино ё Абӯсолӣ меҳмон шуда бошанд, ба пеши подшоҳ марҳамат кунанд».*

*Ҳақиқатан, Абӯалӣ Сино ин гапро шунида пеши подшоҳ рафт. Подшоҳ ӯро бо иззату икром пешвоз гирифт, ҳардуяшон шишта суҳбат карданд. Баъди маҷлису суҳбат подшоҳ ба Абӯалӣ Сино гуфт:*

*- Э буродар, шаҳри мо бе оташ монд, охир, ин чӣ хел шуд? Ман фаҳмидам, ки шумо омадеду ҳамин кор рӯй додааст. Ягон гуноҳе аз мо гузашт ё нагузашт, мо намедонем. Мо ҳайрон шуда, шуморо даъват кардем.*

*Абӯалӣ Сино гуфт:*

*- Э буродар, мо ба шаҳри шумо барои сайр омадаем. Хоҳарчае доштем, ба болохона мондему худамон ба тамошои шаҳр рафтем.*

*Ҳамин духтарак сарашро аз тиреза берун кардааст. Кадом шахсе аз фуқарои шумо дуое хондааст ва аз ду чаккаи сари хоҳари ман ду шох баромадааст. Агар бовар накунед, бинед ҳозир дар ҳамон тиреза истодааст.*

*Подшоҳ инро шунида ба халқаш эълон кард, ки шахси ин корро кардагиро ёфта биёранд. Як мӯйсафедро ёфта овopen, гуфтанд, ки:*

- *Ин корро ана ҳамин кас кардааст.*

*Марди мӯйсафед рафт, дуоеро хонда пуф кард, ки шох аз чаккаи духтар бартараф шуд.*

*Подшоҳ гуфт:*

- *Акнун оташро як навъ карда ҷорӣ кунед!*

*Абӯалӣ Сино гуфт:*

- *Оташ аз шаҳр берун, дар болои шолипая хоб аст. Меравем, аз ҳамон ҷой роҳи оташро мекушоем.*

*Муйсафед пеш даромад, подшоҳу Абӯали Сино ва ду вазир аз ақиб беруни шаҳр рафтанд, ки дар як шолипоя як модасаги мурда хоб аст. Абӯалӣ Сино ба подшоҳ гуфт:*

- *Ба муйсафед фармоед, ки ба таги думи модасаг пуф кунад.*

*Муйсафед рафта думи модасагро бардошта, пуф карда буд, ки оташ фаххосзанон баромада, сару рӯи мӯйсафедро сӯзонд, на риш монд, на мӯй. Бо ҳамин дар шаҳр оташ аз нав пайдо шуд. Абӯалӣ Сино қасди хоҳарашро аз муйсафед гирифт…»* [5, 113].

Дар бораи ривояти «Бӯалӣ» ҳаминро гуфтан лозим мешавад, ки дар ин асар ҳам сеҳру ҷоду ба суди Абӯалӣ Сино хизмат кардааст. Яъне Ибни Сино бо истифода аз файзу баракати қувваи сеҳру ҷоду ба муроду мақсад мерасад, ки ҷараёни ин ҳодиса ба қарори зайл аст: Абӯалӣ Сино ба духтари подшоҳ ошиқ мешавад ва бисёр мехоҳад, ки ӯро ба никоҳи худ дарорад. Аммо падари духтар ба ин кор райъ намедиҳад. Ибни Сино дуое хонда подшоҳ, вазирон, қозӣ, мулло ва боз чанд нафар аз наздикони шоҳро ба ҳамдигар часпонда, боиси тамомшо ва хандохандии мардум мегардонад. Ниҳоят бо кумаки пиразани ҷодугаре мефаҳмад, ки сабабгори ин кор Абӯалӣ ибни Сино аст. Навкарон Синоро пайдо карда пеши подшоҳ меоранд. Подшоҳ аз ӯ хоҳиш мекунад, ки барои рафъи ин ҳодиса чорае андешад. *«…Тамоми ҷавмъият аз шоҳ то гадо даст ба домани Бӯалӣ шуданд. Бӯалӣ гуфт:*

- *Ман ба шарте шумоҳоро аз ҳам ҷудо мекунам, ки шоҳ аҳд бикунад, духтарашро дар ҳамин маҷлис ба ман никоҳ кунанд ва то як*

*моҳ хутбае, ки мехонанд, исми маро ҳам биоваранд ва чиҳил рӯз барои ман нақора бизананд ва пушти сиккаи шаби ид исми ман бошад.*

*Подшоҳ дид, ки ҳеҷ чорае надорад, розӣ шуд. Ӯ ҳам вердро хонд ва ҳамаро аз ҳам ҷудо кард.*

*Қозӣ духтарро барои Бӯалӣ никоҳ кард, хатиб исмашро дар хутбаи рӯзи ҷумъа хонд. Навозанда ҳам барояш нақора навохт, заррабошӣ ҳам пушти сикка исми Бӯалиро андохт ва аввал дафъае, ки ду подшоҳ дар як иқлим гунҷид, ҳамин дафъа буд.»*[16] [9, 1954].

Ҳамин тавр, дар теъдоде аз ривоятҳои халқӣ Абӯалӣ ибни Сино ба сифати соҳир, муъҷизакор ва ҷодугар баромад мекунад. Ва, чи хеле ки аз мисолҳои боло пайдост, ӯ дар ин ҷода низ ҳамеша комёбу дастболо мебошад. Қобили пазириш аст, ки ин марди хирад тамоми қувваи фаъолияти соҳириашро низ бештар барои корҳои нек ва ҳадафу ниятҳои судманд ба кор бурдааст, яъне кӯшише ба харҷ додааст, ки бо ин ҳунари худ низ ба мардум нафъе оварад, дар зиндагии хушбахтонаи онҳо саҳме дошта бошад, аз амалҳои некашон пуштибонӣ кунад, онҳоро барои иҷрои вазифаҳои умедбахшу дилхоҳ ҳидоят намояд. Аммо, чунон ки далелҳо собит менамоянд, Ибни Сино, аслан на соҳиру муъҷизакор буду на ҷодугар. Пас, саволе ба миён меояд, ки сабаби дар иддае аз ривоятҳо ба ҳайси соҳир, муъҷизакор ва ҷодугар тасвир ёфтани ӯ дар чӣ бошад? Сабаби ин ҳодиса маълум аст: бо эҳтимоли зиёд метавон гуфт, ки ҳодисаи ба вуҷуд омадани ин қабил ривоятҳо ва дар онҳо ҳамчун соҳир, муъҷизакор ва ҷодугар ба тасвир омадани Шайхурраис низ, пеш аз ҳама, ба шахсият ва фаъолияти беандозаи илмии худи Ибни Сино иртибот мегирад. Бинобар ин мо ҳеҷ гоҳ гӯяндагони ривоятҳои «Сино ва илми симиё», «Саргузашти Ибни Сино ва Абӯсолӣ», «Подоши нонвои меҳменнавоз», «Бӯалӣ» ва амсоли инҳоро маломат карда наметавонем. Баръакс, бояд аз онҳо сипосгузор бошем, ки гӯяндагони ин асарҳо бо эҷоди чунин падидаҳои фолклорию фарҳангии хеш хостаанд доираи фаъолияти Ибни Синоро боз ҳам фарохтар бинанд ва бузургии шахсияташро боз ҳам бузургтар ва барҷастатар пеши назар оваранд. Ба ҳар ҳол, ҳодисаи ба вуҷуд омадани чунин асарҳо ҳеҷ гоҳ тасодуфӣ ва аз аҳамият орӣ нахоҳад буд ва дар байни мардум

[16] Субҳи. Афсонаҳои Бӯалӣ Сино. Китоби аввал. с.1954.

густариш ёфтани онҳо ба ному насаб, шахсият ва мақому манзалати оламгири Ибни Сино осебе намерасонад.

**Адабиёт**


1. Айнӣ С. Шайхурраис Абӯали Сино. Сталинобод-Ленинград, 1941.
2. Алимардонов А. Додолишоев Д. Ибни Сино аз назари мардум. Абороти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон №3 (101) июл сентябр. 1980.- С. 312.
3. Мирзоев А. Ҳикоятҳо оид ба Ибни Сино ва шахсияти ӯ, Сталинобод, 1953. - С. 113.
4. Муродов О. Дар пардаи сеҳру ҷоду. Душанбе, «Ирфон», 1990,-. 116.
5. Обидов Д. Пирони сухан дар қисаҳои куҳан, Мураттиб Д. Обидов. - Душанбе, 2009. - С. 105-113.
6. Обидов Д. Ҳафт пири сухансаро дар нақлу ривоятҳо. Душанбе. 2010, - С. 132.
7. Обидов Д. Ҳакими мумтоз дар қиссаҳои дилнавоз. Душанбе 2005, - С. 50.
8. Обидов Д., Рабиев Ҷ. Ҳакими мумтоз. Нақлу ривоятҳо дар бораи Абӯалӣ ибни Сино. Душанбе: Маориф, 1981.С. 48-54-55.
9. Субҳӣ. Афсонаҳои Бӯалӣ Сино. Китоби аввал.1954.



*Комил Бекзода* / *файласуф*

## ҲАМЁНИ БЕСОҲИБ
## (Ҳикояи фалсафӣ)

Пештар чун ҳикояҳои дигаронро мехондам, меандешидам: "Агар мавзӯъ ҳамин бошаду забону услуб ҳамин, ман ҳам ҳикоя навишта метавонам". Вале дастам пеш намерафт. Сабабашро чунин шарҳ медодам: ҳарчанд забону услуб ва мавзӯъҳои маъмулӣ зиёд дорам, вале ин кифоя нест. Бояд сабр кунам, то ақаллан, мавзӯи ҷолибе пайдо намоям. Ва шабу рӯзу моҳу соле сипарӣ шуд. Ҳеҷ не ки мавзӯи ҷолибе пайдо шавад. Дигар ҳамсолонам маро тавассути рӯзномаву маҷаллаҳо ҳикояборон мекарданд. Ман, баръакс, худро тасалло медодам, ки ҳанӯз мавзӯи ҷолиб пайдо нашудааст. Интизорӣ ва сабр ба дилам зад. Акнун қалам ба даст гирифтам, ки ақаллан, то пайдо шудани мавзӯи ҷолиб ягон ҳикояи маъмулӣ нависам. Ана он ҳикояи маъмулӣ ин аст:

"Баҳори гулрезу гулбези соли 1990 буд. Ва ҳаво атромез ва дар нола мурғи саҳархез. Дар канори боғи истироҳатии шаҳр даҳ-дувоздаҳ нафар ғарқи суҳбат ва машғули базму бозӣ. Бале, ин амалашон аз рӯи инсоф буд: чун рӯзи истироҳат аст, ҳар кас ҳақ дорад, аз неъматҳои зиндагӣ баҳравар гардад... Боғро ҳам барои он обод кардаанд, ки мардум дар мавриди дилхоҳ фурсати фароғатии хешро табъи дил гузаронад...Ва ҷамоаи ҷамъомада афродеанд гуногун: чанд нафар ҷавон бо дилдодаҳои хеш, чанд нафар калонсол бо зану фарзанду набераву абера. Ин гӯшаи боғ, ки онҳо маскан гузидаанд, аз дигар гӯшаҳои боғ хилваттару озодатар аст. Буттагулҳо, алафҳои тару тоза ба ҳусни ин гӯша ҳусн афзуда. Намедонам, ҷамоаро ин ҳама рангомезиҳои баҳори гулрез то куҷо мафтун кардааст, дар кадомин дил ишқ афзуда, аз кадомин дил ғубори нофармони ноумедию бевафоӣ рахт баста. Баҳор?...Бале, баҳор ва наметавонам сурати нотакрори ин фаслро ҳатто аз орази ҷуфти ошиқ бубинам.

Дар паси хараке, байни алафҳо гӯшаи ҳамёне намоён аст. Шояд дина, шояд чанд соат пеш нозанине сармасти висол, дилаш беқарор, онро афтонда бошад.

Ва ҳоло касе болои харак шинад, шояд чашмаш ба ҳамён афтаду худро аз даст диҳад. Шояд не. Ва шояд бар он кӯшад, ки зудтар ҳамёнро бардорад...На! Худоё, чӣ мегӯям?! Шояд он шахс аз ин ҳама худдорӣ кунад. Охир, ӯ ҳам одам аст. Вай ҳам аз он ки атрофиён ӯро хоҳанд дид, андеша мекунад. Шояд ҳамёнро гирифта, ба маъмурияти боғ супорад? Моли ҳаром...Ҳар каси аз назди харак гузашта, ба ҳамён duздида нигоҳ мекунад... Мебинам: донишҷӯи аввалӣ шарикашро аз ин "масъала" огоҳонидааст. Калонсолон аллакай медонанд. Мӯсафеде мекӯшад наберахояшро ба сӯи он харак рафтан намонад. Ҳар кас бо баҳонае аз он гӯша ба ҷое рафтанӣ нест.

Рӯз бегоҳ мешуд. Хуршед охирин нурҳои хешро ғундошта, то субҳ бо оламу одам падруд мегуфт. Гӯшаҳои боғ оҳиста-оҳиста аз одамон холӣ мегашт. Дар боғ танҳо ду донишҷӯ монду як марди зоҳиран нафақахӯр. Ва пасе аз шаб гузашта, вале марди нафақахӯр пушт ба ҳамён гардонда, болои харак нишастааст. Сигарет мекашад, месулфад ва зери лаб ким-кадом сурудеро замзама дорад. Бо як шеваи бепарвоӣ.

Ду донишҷӯ ҳам зери нури хираи чароғи қаҳрабоӣ машғули мутолиаанд. Оқибат яке ба дигаре суоле дод. Суол ба масъалаҳои фишори хун ва асаб дахл дошт...Нафақахӯр бо фаросати пирӣ дарёфт, ки донишҷӯёни институти тиббианд. Ва фавран бо бепарвоии бузургмаобона аз онҳо савол кард:

-Писаронам, шумо дар мактаби духтурӣ мехонед?

-Бале, бобо.

-Офарин, хеле ғайрат кардаед...Бисёр хуб...

Баъди лаҳзае, бо табассуми сохта, бо лаҳне истеҳзоомез илова намуд:

-Маро мебахшед, писаронам. Ман илми шуморо нахондаам ва чизе намедонам. Вале шунидаам, ки зери нури хира хондан ба чашм зарар дорад.

Донишҷӯён аз ин савол чизе нафаҳмиданд. То мӯсафед аз чизе гумонбар нашавад, донишҷӯи аввалӣ канда-канда гуфт:

-Дуруст, бобо, дуруст...Ҳамин хел аст. Шумо рост мегӯед... Чароғи хира ба чашм зарар дорад...

Дигарӣ оғоз намуд:

-Бобо, мо аслан китоб хонданӣ набудему...Як дӯстамонро интизорем. Ӯ ваъда карда буд, ки дар ҳамин ҷо вомехӯрем ва моро ба хонаи як хешаш ба меҳмонӣ мебарад. Вале чӣ шуд, то ҳол аз ӯ дараке нест. Шояд биёяд. Мӯсафед аз ин хушҳол шуд. Охир ҷавонон ҳамёнро надидаанд!

Ва садои радиои боғ баланд шуд: "Вақти истироҳати имрӯза ба охир расид ва аз истироҳаткунандагони гиромӣ хоҳиш карда мешавад, ки боғро тарк кунанд!"

Донишҷӯён аз ҷо бархоста, бо пирамард бо хайру маъзур рӯй оварданд. То аз ду ҷониб  хайру маъзур ба анҷом расид, ки милитсионери навбатдор ҳозир шуд. Ва ҳамагон боғро тарк карданд".

Ҳикояро то ҳамин ҷо навишта, дигар надонистам, чӣ нависам ва онро чӣ тавр ба анҷом расонам. Охир, ин навиштаам ибтидо буду бас. Давом ва ҳалли масъала дар пеш аст. Вале ҳунари нависандагии ман бо ҳамин тамом шуд. Ростӣ, ҳикоянависӣ кори осон набудааст. Беҳуда ҳикоянависонро тамасхур мекардаам. Худам дар як ҳодисаи оддӣ дар монда, намедонам, онро чӣ тавр ба субут расонам. Офарин, ба онҳое, ки ҳама бандубасти ҳикояро фикр карда меёбанд ва бо пайдарҳамӣ, мавзунӣ, латофат ва фасоҳат дилҳоро тасхир мекунанд.

Аз беҳунарӣ ва беҳавсалагии хеш аламам омад. Ҳикояро дар ҳамин шакл зери бағал карда, роҳи хонаи як рафиқи нависандаамро пеш гирифтам. Ва меандешидам: "Чаро ин ҳама саросемагӣ...Ягон роҳи ҳалро барои ҳикоя ёфтан мумкин буд...Масалан, ана мебинӣ, нафаре аз онҳо барои гирифтани ҳамён меояд: ду донишҷӯ ё нафақахӯр? Ё мӯйсафеди наберадор...ё...ё...".

"Умуман, кӯшиш кардан даркор буд"-мегуфтам дар дил. То ба ин хулоса расидам, ки хешро дар назди дари дӯсти нависандаам дидам. Дарро кӯфтам. Дӯстам баромад. Бо чеҳраи кушода, ки хоси ҳар як нависанда аст, маро пешвоз гирифт. Баъди аҳволпурсӣ "Ягон чизи нав овардагӣ барин?" гуфта,  сӯям табассуми маънидор намуд. Бо аломати тасдиқ сар ҷунбонидам ва дастхати ҳикояи нотамомро наздаш гузоштам.

Дӯстам баъди хондани сарлавҳаи ҳикоя: "Мебахшед, як дақиқа! гуфта,  назди рафи китобҳош рафту ду папкаи бузургро ҷудо карда овард. Яке моломоли суратҳо буд. Шахсиятҳои машҳур аксбардорӣ шуда буданд. Ва дар папкаи дуюм порчаҳое

аз рӯзнома ва маҷаллаҳое буд, ки ҳикояҳои дар моҳҳои охир нашркардаашро гузошта буд. Ман ба тамошои суратҳо шурӯъ намудаму дӯстам ба хондани ҳикояи ман...

Медидам, ки дӯстам гоҳ-гоҳ табассум карда, бошиддат пешониашро молиш медиҳад...Баъдтар донистам, ки аз рӯи сидқ ва ба хотири дӯстӣ ҳикояи нотамомро чаҳор бор аз нав хондааст. Ҳисси гунаҳгорӣ вуҷудамро фаро гирифт...Аз меҳмони нохонда шуданам, хиҷолат кашидам... Вале худро ба даст гирифта, бо як шуҷоъатмандии сохтакорона сӯяш нигаристаму пурсидам: "Хайр, чизе фаҳмидӣ, дӯстам?" Бо чеҳраи хаста оҳ кашид:

-Борҳо таъкид карда будам, ки ҷӯраҷон, мавзӯъро ёфтан басанда нест.

Онро ҳазм кардан лозим. Оре,...

Пасон илова намуд:

–Дар сурате, ки мавзӯи ин ҳикояат...намедонам чӣ гӯям...Хайр, аз он ҳикоя бофтан мумкин...Дар ҳикоя проблема нест. Бисёр соддалавҳона. Як фикр бикун, ҳамёне афтида мондааст...Охир, ягон кас онро мебардорад. Чӣ фарқ ки он насиби кӣ мешавад. Хуллас, чизи ибратомӯзе ёфтан имкон надорад...Саропо бемантиқ аст ҳикоя. Бекаллае ҳамёнашро гум кардааст ва бекаллаи дигаре онро аз худ мекунад, вассалом. Ана, ҳалли ниҳоии ҳикоя!...

Дар роҳ ҳамаи ин саргузашти чандлаҳзаиниро пеши хотир оварда, фикран, баҳс мекардам...Аввал бо худ шарт бастам, ки ба ин ҳодиса то имкон дорад аз рӯи инсоф назар афканам. Яъне, оё мавзӯи ҳикояи нотамомам содалавҳона аст?

Ҳодисоти зиндагӣ аз ҳамин майда–чӯдаҳо иборатанд. Охир, ҷанги якуму дуюми ҷаҳон ҳар рӯзу ҳар сол такрор намешавад-ку?

Ҷангро ба хотир овардаму ҳама шарту қайди инсоф ва ҳаққоният аз байн рафт. Худро аз даст додам. Акнун ҳамаи иборaву ҷумла, нуқтаю мӯлнуқтаҳои он ҳикоя ба назарам олиҷаноб ва ҳақиқӣ менамуданд..Ҷаҳони ботиниам аз хурдтарин имконият кӯшиш мекард, ки ба фоидаи хеш далелу бурҳони мусбӣ пайдо кунад. Акнун дӯсти нависандаам дар назарам аз Аҳримане беш набуд. Ман аз мавқеи Ҳурмузд баромад мекардам...Баъди радду бадалҳои зиёде каму беш аз аспи ҷаҳл фаромадаму боз худро тасалло додан гирифтам: Ҳеҷ гап

не...Ҳамааш мегузарад...Вақташ ояд, ҳикоя худ ба худ ислоҳ мешавад...Ҳаминаш барори кор шуд, ки дӯсти нависандаамро бо хушӣ тарк кардам, вагарна кӣ медонад аз пушти ин фикрҳои молихулиё, имкон дошт як дӯсти хубро аз даст додан...Бояд худро ба даст гирам...Айби худам, охир...Айби сатҳиназарӣ ва камтаҷрибагӣ...Ин ҳодиса бароям бояд дарси ибрат шавад...Ва хайрияту боз хайрият, ки дӯсти нависандаамро наранҷонидам!... Мавҷуди аҷибест одамӣ! Айбу нуқсони хешро ҳамеша дар дигарон мебинад! Охир, кӣ маро маҷбур кардааст, ки ҳикоя нависам? Аз рӯи касбу ихтисосам ҳам касе аз ман чунин чизеро интизор нест. Танҳо ғурур ва худписандӣ буд, ки маро ба ин пайраҳаи ношинос овард ва қариб маро гумроҳ кунад...Акнун ҳамаашро бас кардам. Баъди ба нависандагии хеш хайру хуш кардан, ба мавқеи шахси бетараф гузаштам. Он чӣ ба мушоҳида расид, бояд мавриди таҳлил ва тафсир қарор гирад. Боз баргаштам ба мавзӯи ҳикоя ва андешидам: "Дуруст аст, ки ман истеъдод надорам...Бояд эътироф кунам, ки услуби навиштаҳои ман он қадар ҳамвор нест...Қонуну қоидаҳои нависандагиро низ ба андозаи кофӣ аз худ накардаам...Бо вуҷуди ин, дар ман идея ва андешае мегуфтагӣ пайдо шуд...Хостам, онро бигӯям... Ақаллан, дар рӯзгори навсозӣ ва ошкорбаёнӣ... Акнун гуноҳи ман чист, ки нависанда нестам. Хайр, шояд айб дар он буд, ки сухани мегуфтагиамро дар шакли муносиб натавонистам баён кунам. Аз ин сабаб ба ин каҷфаҳмиҳо роҳ додам. Шояд он ҳодисаро дар шакли мақола ё публисистика гуфтан лозим буд, на дар шакли ҳикоя. Ба ҳар ҳол, ба гуфти мунаққидон, дар мутобиқати шаклу мазмун иштибоҳе рух додааст. Вагарна як мавзӯи одӣ ва ба гуфти дӯсти нависандаам, "як мавзӯи содалавҳона"–ро то ин андоза мураккаб ва печон кардан зарурате надошт.

Ана ҳамин мавзӯи одиро хостам, ки дар шакли ҳикоя пешниҳод кунам, вале аз уҳдааш набаромадам. Аз рӯи тасаввуроти содалавҳонаи худ, гумон доштам, хонандаи фозил хоҳад фаҳмид, ки ҳамон ҳамёни зормонда образи акнун кашфшудаи зиндагии ҷовидонаи инсон аст ва баъзе миллатҳо аз ҳақиқӣ будани он огоҳ шудаанд. Вале намехоҳанд, дигарон аз он

огоҳ шаванд. Ва бо баҳонаҳои пуч ҳар миллат мехоҳад миллати дигарро бифиребад, то саҳнаро барои худ холӣ кунад.

Дар ҳикояи нотамом ҳар шахси он гурӯҳ намояндаи ин ё он миллият буд. Дилдодагон ва кӯдакон, ки аз будани ҳамён хабаре надоштанд, ба фикрам, образи халқиятҳои ҷавон ва зудбоварро ифода мекарданд, ки онҳо ба кори дунё аз рӯи сидқ ва дарёдилӣ муносибат мекунанд...Ҳамён бошад, образи фиребандаест... Шояд он холӣ бошад ё пур аз пул. Яъне, ғояи бо роҳи илмӣ аз нав зинда кардани одамон шояд амалӣ гардад ё нагардад...Вале, қатъи назар аз ҳамаи ин бахилӣ, тангназарӣ, кӯрдилӣ ва ноҷавонмардии одамӣ ба андозаест, ки ба хотири ҳамон як гумони бепоя (ҳамён) аз намояндагони миллатҳои дигар безорӣ меҷӯяд ва дар роҳи пурхатари тақдир ӯро бо худ шарик намегирад...Ба андешаи ман шахсони аз ҳамён огоҳшуда, мебоист дар якҷоягӣ ҳақиқати онро ошкор мекарданд...”

Бо ҳамин андешаҳо ба хона расидам. Баъди тағйири либос дар охирин саҳифаи дастнависи “Ҳикояи нотамом” таърихи рӯз ва имзоямро гузоштаму онро ба кӯҳнасандуқе, ки ба он номи “Архиви шахсӣ” додаам, партофтам...Ман куҷову нависандагӣ куҷо?!

## ОБУНА БА МАҶАЛЛАИ «ИЛМ ВА ҶОМЕА»

Хонандагони мухтарам!

Соли 2016 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон як маҷаллаи дигари илмию оммавӣ бо номи "Илм ва Ҷомеа" арзи ҳастӣ кард. Ҳадаф аз он нашри мақолаю маводҳои илмии олимону донишмандони тоҷик, бозтоби дастовардҳои илмии ҷаҳониён, ошкор кардани мушкилоти ҷаҳони муосир ва аз ин роҳ, ба донишомӯзӣ ҷалб намудани ҷавонон ва мусоидат кардан ба ҳалли мушкилоти мубрами Тоҷикистон, минтақа ва ҷаҳон ба шумор меравад.

Бо ин мақсад, ҳайати таҳририяи маҷаллаи "Илм ва Ҷомеа" Шумо – хонандагони гиромии ин маҷалларо даъват мекунад, ки ба он обуна шавед. Шумо метавонед ба маҷалла фардӣ, гурӯҳӣ ва ё аз ҳисоби ташкилоту муассисаи худ обуна шавед. Нархи солонаи маҷалла бидуни хизматрасонии почтавӣ **109 сомонию 68 дирам** мебошад.

**Индекси обуна**: 77759
**Нишонӣ**: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
**Сомонаи мо:** www.ravshanfikr.tj
**Телефон**: 221-53-97, 98-558-47-10
**E-mail**: ilm-jomea@ravshanfikr.tj

**Суратҳисоби Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

РМА (ИНН): 010009529
Суратҳисоб (р\сч): 20204972712010100002
БИК (МФО): 350101800
Ҳисоби бонкӣ (к\сч) 22402972000002

Сарраёсати хазинадории маркзии
Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Ба матбаа супорида шуд 29.03.2017*
*Барои нашр имзо шуд 31.03.2017*
*Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопӣ 19,8. Андоза 70x100$^{1}/_{8}$.*
*Адади нашр 150 нусха. Супориши №30.*

*ҶСК «Чопхонаи Дониш»*
*ш. Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ 121, бинои 2*

*www.ravshanfikr.tj*